**МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ**

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Бахшида ба 25-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ**
**ва 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# СУЛҲ ВА АМНИЯТ

## ДАР СУХАНРОНИҲОИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

**Душанбе – 2022**



**Сулҳ ва амният дар суханрониҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе, 2021. – 319 саҳ.**

**Мураттибон: Муҳаммадзода П., Додихудоев Х., Ҳидоятзода К., Баротов И., Маҳмадсаидзода А.М., Сатторӣ Қ.**

**Дар ин маҷмӯа суханҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба мавзуи сулҳу ваҳдат ва амнияти миллӣ гирдоварӣ шудааст. Маҷмӯа ба ифтихори ҷашни 25-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.**

## Солҳои 1992-2001

Ман ба хонадони Шумо сулҳ меорам ва то охирин фирории иҷборӣ ба Ватан бар нагардад, осуда нахоҳам буд!.. Ман барои амну амонии халқу Ватани азизам ҳозирам ҷони худро қурбон кунам!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман ба ҳар яки шумо дар давраи барои Ватан хеле душвор мурочиат карда, ба ақлу заковати шумо, ки ворисони фарзандони барӯманди миллати тоҷик ҳастед, бовар мекунам. Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гул-гулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сиёсати сулҳҷӯёнаи роҳбарияти давлати Тоҷикистон ва татбиқи пурраи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, инчунин, ба Ватан баргардонидани гурезаҳо аз ҷумлаи дастовардҳои нодир дар ҷаҳони сиёсат мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Халқи шарифи Тоҷикистон имрӯз хуб медонад, ки оромию ободии кишвар, зиндагии осуда ва амнияти мардум аз ҳар шаҳрванди миллатдӯсту ватанпарвар вобаста аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Чунин саҳифаи заррин барои миллати тоҷик рӯзи ба имзо расидани Созишномаи умумӣ дар бораи барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин санади таърихӣ, ки 27 июни соли 1997 дар Маскав ба имзо расид, маҳз пайғоми ҷонбахше аз фаросии сулҳи деринтизор буд. Дар он ормони халқи мо бо каломи ширини Сулҳ ва Ваҳдат таҷассум ёфта, дар як муддати кӯтоҳ ҷомаи амал пӯшидани ин орзу гувоҳи тинати поку сулҳпарвар, фарҳанги сиёсӣ ва заковати баланди мардуми тоҷик аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Халқе, ки бар асари найрангу фитнаангезин душманони дохилию хориҷӣ гирифтори ҷанги хонумонсӯз гардид, фарзандонашро талаф дод, ранҷ кашид, азоби раҳдурии Ватанро чашид, ба қадри сулҳу салоҳ мерасад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу субот ва ризоияти миллӣ ба халқи тоҷик ба осонӣ муяссар нашудааст. Барои расидан ба ин рӯзи фирӯз моро лозим омад, ки роҳи тӯлонии ноҳамворро тай намоем, мамониатҳои сангинро аз миён бардорем ва мушкилоти гаронро паси сар кунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳақиқат ин аст: омили асосии расидан ба сулҳ дар Тоҷикистон аз ниҳод ва замири халқи тоҷик бархоста, ба тафаккури созандаву иродаи шикастнопазир, фитрати баланду дӯстнавозии азалии ин мардум вобаста аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз оғоз то анҷоми даргириҳо ҳар як фарди миллатдӯсту бедордили тоҷик дар қалби хеш фақат як орзу мепарварид: сулҳу салоҳ ва бо ин васила ба ҳам овардани миллату раҳоии давлати миллӣ аз парокандагӣ ва шикасти ногузир.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин аст, ки мо бо ифтихор ва сарфарозӣ мегӯем: ҳарчанд ки душманони миллат оташи ҷангро дар кишвари мо барангехтанд, халқи баору номус, ватандӯст ва сулҳпарвари тоҷик тавонист, ки дар муддати кӯтоҳ забонаҳои оташи ҷангро хомӯш кунад, Ватанро аз вартаи ҳалокат наҷот бахшад, гурезаҳои сарсонро баргардонад ва ба ободонии мамлакат камар бандад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо аз ин беандоза фахр мекунем, ба халқи хеш таҳният мегӯем, вале дар айни замон бояд як чизро ҳаргиз фаромӯш накунем: сулҳ неъмати бебаҳотарин аст ва ҳифзу пойдории он вазифаи ҳаётан муҳим ва қарзи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири густариши минбаъдаи фазои сулҳ ва тарғиби ғояи сулҳу оромӣ "Дар бораи соли байналмилалии фарҳанги сулҳ" қарор қабул кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барқарор шудани сулҳу субот ва ризоияти миллӣ дар сарзамини мо истиқлолияти Тоҷикистонро боз ҳам устувор гардонд, нури умед ба дили мардум роҳ ёфт, Ҳукумати ҷумҳурӣ имконият пайдо кард, ки татбиқи Барномаи иқтисодиро густариш диҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳосил шудани созиш ва эътимоди тарафайн, барқарор гардидани сулҳу субот барои дар муддати нисбатан кӯтоҳ гузаронидани як қатор чорабиниҳои муҳими сиёсӣ шароити мусоид фароҳам оварданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба имзо расидани Созишномаи умумӣ дар бораи барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон аҳамияти бузурги байналмилалӣ низ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Агар Эъломия ба Тоҷикистон ба таври расмӣ истиқлол ва соҳибихтиёрӣ ато карда бошад, пас Созишнома сулҳу суботро дар сарзамини мо таъмин сохт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Пойдории сулҳу субот, осудагию осоиши мардум ва амнияти кишвар неъмати пурқимат ва омилҳои асосии рушду нумӯи мамлакат ва ояндаи дурахшони Ватан мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман умедворам, ки ин суннатҳои арзандаи ниёгон имрӯз ҳам идома ёфта, дар таҳкими сулҳу дӯстӣ ва рафоқату бародарии мардуми кишварамон мусоидат мекунанд. Аммо ин ҳадафи бузург бе пуштибонии сулҳу субот, бе ҳамдилию ҳаммаромию муттаҳидӣ, бе меҳнати бардавоми ҳалолу эҷодкорона ба даст намеояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бояд тазаккур дод, ки дар ин марҳала неруҳои гуногуни сиёсӣ дар Тоҷикистон пурра дарк намуданд, ки сулҳ ва истиқлол бузургтарин дастовардҳои миллат ҳастанд ва дар баробари ин ду неъмати бебаҳо манфиатҳои маҳдуди ҳизбӣ, гурӯҳӣ ва ғайра мақоми дувумдараҷа доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бузургтарин масъалае, ки имрӯз дар назди аҳли башар меистад, ҳифзи сулҳ ва пешгирии ҷангҳои офатбор дар саросари ҷаҳон мебошад. Беҳуда нест, ки бо ташаббуси Созмони Милали Муттаҳид соли 2000-ум "Соли фарҳанги сулҳ"  эълон шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба масъалаи Афғонистон ҳамчун масъалаи сулҳу суботи минтақа ва ҷаҳон муносибат бояд кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хушбахтона, мо дар кишвари худ барои сулҳи пойдор ва ҳаёти осоиштаи ҷомеа заминаи боэътимод гузошта тавонистем, вале агар мо хоҳем, ки мамлакати мо ҳамвора тараққӣ карда, ба сафи давлатҳои пешқадами дунё ворид гардад, наслҳои ояндаамон зиндагии сазовор дошта бошанд ва аз падарону модарони худ ба некӣ ёд кунанд, бояд ҳаргиз ба халалдор шудани сулҳу субот роҳ надиҳем ва бақову пойдории давлати миллиро пайваста таъмин намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фарҳанги сулҳ қутбнамои роҳи бунёдкоронаи истиқлоли миллии мо гардида, ҳамчун падидаи тоза ва ибратомӯзи ҳаллу фасли мунокишаҳои сиёсӣ, сиёсати сулҳҷӯёнаи давлати моро дар арсаи ҷаҳонӣ вусъат мебахшад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фарҳанги сулҳ эътибору нуфузи байналмилалии тоҷиконро болотар бурда, пойдории истиқлоли Тоҷикистонро аз нигоҳи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ таъмин менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фарҳанги сулҳ пойдевори воқеии ҳалли муқовиматҳо, расидан ба сулҳу ваҳдат ва ризоияти миллӣ дар мамлакати мо гардид, ки назирашро ягон халку миллат надида буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар оянда низ сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба пуштибонии сулҳу ваҳдат, эҳёи мероси таърихию фарҳангӣ ва ба манфиати бунёди ҷомеаи дунявӣ ва демократӣ истифода кардани дастовардҳои он идома хоҳад ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон раванди бебозгашти сулҳу салоҳ, ваҳдати миллӣ ва якдиливу ҳамқисматии тамоми сокинони мамлакатро идома дода, минбаъд ҳам ба арзишҳои маънавие такя мекунад, ки пояҳои ҷомеаи ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявиро таҳким бахшанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар айни ҳол бояд гуфт, ки ҷанги тӯлонии Афғонистон ба сулҳу осоиш, амнияти миллӣ ва истиқлоли на танҳо Тоҷикистон, балки тамоми мамлакатҳои минтақаҳои Осиёи Марказӣ хатари бештар пайдо мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Пеши роҳи оташи ин ҷанги харобиоварро маҳз бо ҳамкорию дастгирии муштараки ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ, давлатҳои манфиатдор ва неруҳои сулҳпарвар метавон гирифт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо тамоми кӯшишро ба он равона месозем, ки сулҳи деринтизор дар Тоҷикистон ҳаргиз халалдор нагардад ва ба хотири пос доштани истиқлолияти миллӣ дар миёни неруҳои гуногуни сиёсӣ фазои якдигарфаҳмӣ таъмин бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз ҳамаи сокинони мамлакат, сарфи назар аз мансубияти милливу эътиқоди динӣ, ба ҳамин ақидаанд, ки Тоҷикистон Ватани умумӣ ва ягонаи тамоми шаҳрвандони он мебошад, дӯст доштану амнияти сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии онро таъмин кардан, вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд ба шумор меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ҳамин муддат барои ҳаллу фасли масъалаҳои мухталиф, баргардонидани гурезаҳо, танзими муносибатҳои иҷтимоии шаҳрвандону гурӯҳҳои сиёсӣ, ҳифзи сарҳад ва таъмини амнияти давлат, ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, такмилу таҳкими асосҳои қонунгузории мамлакат корҳои зиёде анҷом дода шуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Конститутсия дар бобати фароҳам овардани сулҳи комил ва ризоияти миллӣ дар саросари мамлакат нақши асосӣ бозид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Садоқат ба ғояҳои олии башардӯстона, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҷомеаи озод, ҳифз ва ҳимояи истиқлоли сиёсиву иқтисодии давлат, таъмини ҳаёти осоишта ва шоистаи шаҳрвандон, волоияти қонун дар ҷомеа, дарки масъулият дар назди наслҳои имрӯзу оянда, пешбурди сиёсати сулҳҷӯёна аз эҳтироми истиқлоли сиёсӣ ва тамомияти арзии дигар давлатҳои ҷаҳон принсипҳое мебошанд, ки бо иродаи тамоми мардуми Тоҷикистон дар Конститутсия таҷассум ёфтаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо дар ҷумҳурӣ сулҳу субот ва устувории вазъи сиёсиро таъмин намудем, вале ҳолати ноороми минтақа, хусусан ҷанги дохилии Давлати Исломии Афғонистон, ки вақтҳои охир ниҳоят пуршиддат шудааст, давлатҳои ҳамсоя, аз ҷумла Тоҷикистонро сахт ба ташвиш овардааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба манфиати ҳамаи мост, ки туҳмату буҳтон ва ахбори ғаразнок доир ба вазъи Тоҷикистон хотима ёбад ва бо кӯшиши якҷоя, чунонки Шартномаи амнияти дастҷамъӣ тақозо мекунад, пеши роҳи офати азим–маводи мухаддир, қочоқи силоҳ ва терроризми байналмилалӣ гирифта шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Яъне дар ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, ки моҳияти давлату давлатдории мост, волоияти қонун таҳкурсии ба низом даровардани тартиботи ҷамъиятӣ таъмини риояи меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ, рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва дар маҷмӯъ, сарчашмаи амнияти миллату давлат ва пешрафти ҷомеа мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Давлат дар бобати таҳкими қонуният, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, пеш аз ҳама, ҷинояткории муташаккил, терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, хулоса таъмини амнияти миллӣ пайваста тадбирҳои мушаххас меандешад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хушбатхона, заковати азалии миллати тоҷик боло гирифт, ваҳдату ягонагӣ ва сулху осоиш дар сарзамини мо ҳукмфармо гашт ва ин хатар то андозае аз байн бардошта шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳаёт собит месозад, ки такя намудан ба халқ ва ба асос гирифтани майлу иродаи мардуми заҳматкаш оқибат ба пирӯзӣ мебарад. Мақсаду мароми халқи мо, ки сулҳу салоҳ ва ваҳдату ҳамдигарбахшӣбуд, ҳама гуна кӯшиши ҷудоиандозӣ оқибат шикаст хӯрд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дастоварди муҳимтарини мо сулҳу оромӣ ва ризоияти ҷомеа мебошад, ки ба хотири ҳимояи он хурду калони кишвар масъулият доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҷрибаи нодири Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи дар мамлакат фароҳам овардани фазои сулҳу оштӣ ва баргардонидани фирориён ҳамчун усули бесобиқа дар давлатдорӣ аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ва бисёр мамлакатҳои ҷаҳон мавриди омӯзиш ва истифода қарор гирифтааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳадафҳои барномавии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки ду сол муқаддам ба имзо расида буд, зина ба зина дар ҳаёт татбиқ гардиданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Халқ худаш роҳи сулҳро интихоб кард ва ин роҳ чун қутбнамо моро ба сӯйи созандагӣ ва бунёдкориҳо ҳидоят намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Акнун, ки насими сулҳу дӯстӣ дар саросари кишвар мевазад, саъю талош ба хотири ободии Ватан, пешрафти иқтисодӣ ва таъмини сатҳи лозимаи зиндагии мурдуми Тоҷикистони азиз вазифаи фарзандии мову шумост.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо айни ҳол дар Тоҷикистон ҳадафи асосиамон–истиқрори сулҳ ва созгории миллиро ба даст овардем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи ин дигаргуниҳо дар маҷмӯъ, таносуби кувваҳоро дар олам тағйир дода, дар назди кишварҳои ҷаҳон, сарфи назар аз фарқи низоми сиёсию иҷтимоӣ ва сатҳи тараққиёташон, зарурати ҳамдигарфаҳмӣ, ҷустуҷӯйи роҳҳои муштараки ҳалли масъалаҳои умумибашарӣ ва таъмини сулҳи ҷаҳониро ба вуҷуд меоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фароҳам омадани шароит, пеш аз ҳама, дар ваҳдату ҳамбастагии мардум ва сулҳу суботи сарзамин таҷассум мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барои дар асри нав ва умуман ҳеҷ гоҳ такрор нашудани чунин давраи мудҳиш ва ба яке аз кишварҳои мутаммадини ҷаҳон табдил додани Ватани азизамон бояд сулҳу ваҳдати имрӯзаи мардуми худро ба таври абади пойдору устувор гардонем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҷрибаи беназир ва нодири Тоҷикистон дар роҳи истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ аз ҷониби ташкилотҳои бонуфузи дунё, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид эътироф ва пуштибонӣ ёфта, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид "Соли байналмилалии фарҳанги сулҳ" эълон шудани соли 2000, ба таҷрибаи сулҳофарии Тоҷикистон ва фарҳанги бунёдкорию созандаи халқи тоҷик то рафт таваҷҷуҳ зоҳир намудани созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои хориҷӣ нишонаи афзудани обрӯю эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эътирофи саҳми миллати мо ба хазинаи маънавии умумибашарӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Акнун, ки сулҳ чун подоши азму талоши зиёд ва самараи нияти неки халқи тоҷик дар кишвари мо устувор гардид, бояд боз ҳам азму талош намоем, то Ватанро ободгардонем ва ба насли ояндаамон кишвари озоду мутараққӣ ва мутамаддинро ба мерос гузорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ торафт бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудани сармоягузорони хориҷӣ, ҳамкории ниҳодҳои бонуфузи молиявии ҷаҳон, ки торафт густариш меёбанд, далели таҳким ёфтани сулҳу субот дар ҷомеаи мо, эътирофи ислоҳоти иқтисодии мо ва афзудани эътимоди кишварҳои хориҷӣ ба давлати мост.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Робитаҳои дӯстона ва ҳамкории судманди дуҷониба бо дигар кишварҳои дунё, ки сарфи назар аз сохти сиёсиву низоми иҷтимоии онҳо бояд анҷом гиранд, кафолати сулҳу субот дар ҳар як мамлакат мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо истифодаи тамоми роҳу усулҳо арзиши сулҳ ва ғояи ҳифзи сулҳро дар шуури мардум ҷой бояд кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тамоми давлатҳои пешқадами дунё имрӯз саъю кӯшиш мекунанд, ки давлаташон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи мустаҳкам дошта бошад ва халқҳояшон осудаю ором ва дар сулҳу амонӣ зиндагӣ кунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо имрӯз бо қаноатмандии бузург гуфта метавонем, ки бо фаро расидани сулҳу амонӣ дар сарзамини ҳамешабаҳори мо якдилию ҳамдигарфаҳмӣ ва дӯстию ваҳдат сол аз сол густариш ва таҳким меёбад

Эмомалӣ Раҳмон

***

Занони тоҷик, ки бо тамоми вуҷуди поки хеш оташи сӯзанда ва дарди ҷонкоҳи ҷангро эҳсос намуданд, на фақат дар Тоҷикистон, балки дар саросари ҷаҳон ҳамеша тарафдорони пойдории сулҳ мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Кӯшиши якҷоя бахри мақсадҳои умумӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, беҳбудии рӯзгор, таъмини саодати наслҳои оянда, ҳиссагузор будан дар сулҳи рӯйи замин ва кишвари худ моро ба мурод мерасонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Модари тоҷик ҳамеша толиби сулҳ аст, аз ин рӯ, ман бовар дорам, ки ӯ барои пойдории сулҳ ва эҳёи Тоҷикистон мудом саҳм мегирад ва ҳидоятгари корҳои нек ба наврасону ҷавонон мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз шукри он мекунем, ки сулҳу амният дар мамлакат пойдор аст, ваҳдати миллӣ ва фазои боварию эътимоди кулли шаҳрвандони Тоҷикистон торафт таҳким меёбад, ҳисси худшиносӣ, ватандӯстӣ ва ифтихори миллии мардум боло меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бузургтарин дастоварди мо дар ин даҳ соли истиқлол, бешубҳа, барқарор кардани сулҳи комил ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Пас аз музокироти тӯлонии Ҳукумат ва собиқ Иттиҳоди мухолифин, ки қариб чил моҳ идома ёфта, 21 маротиба гуфтушунидҳои расмӣ баргузор гардиданд, муяссар шуд, ки 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расонида шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар тӯли солҳои нооромии гузашта дар Тоҷикистон чандин намояндагон ва кормандони созмону ташкилотҳои байналмилалӣ, ки ба раванди сулҳи тоҷикон кумак мерасониданд, ба гаравгон гирифта шуданд ва чанд нафари дигар ба ҳалокат расиданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар истиқрори сулҳ ва таъмини ризоияти миллӣ аъзои Комиссияи оштии миллӣ, созмону иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, олимон, адибон, рӯзноманигорон ва тамоми шаҳрвандони ватандӯсту бонангу номуси ҷумҳурӣ нақши хеле равшан гузоштанд, ки ман имрӯз ба ҳамаи онҳо миннатдории худро баён менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҷрибаи сулҳи Тоҷикистон аз ҷониби созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва аксари кишварҳои ҷаҳон ҳамчун таҷрибаи нодир пазируфта шуда, фарҳанги сулҳи ҷаҳонро хеле ғанӣ гардонид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Агар гӯем, ки ниҳодани хиштҳои нахустини фарҳанги сулҳ дар миёни тарафҳои мухолиф аз рӯзҳои аввалини ба сари қудрат омадани Ҳукумати конститутсионӣ оғоз ёфт, хато намекунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо сулҳро дастгирию пуштибонӣ мекардему эҳсос менамудем, ки бо роҳи нав пеш меравем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҷрибаи сулҳофарии тоҷикон нишон дод, ки агар тарафҳои даргир манфиатҳои олии Ватану миллатро ба мадди аввал гузоранд, монеаҳо дар роҳи ҳамдигарфаҳмӣ ба зудӣ аз байн мераванд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу салоҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон дар замоне ҳосил шуд, ки тарафҳои муқобил, сарфи назар аз кӯшишҳои ҷудоиандозии баъзе доираҳо ва бадхоҳони миллати тоҷик дар хориҷи кишвар, як нуктаи асосиро дарк намуданд: агар ҷанг идома ёбад, генофонди миллати тоҷик нест мешавад, ки оқибати он заволи ҳам давлату ҳам миллати тоҷик хоҳад буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз дарки ҳамин масъулият барои тақдири Ватан ва миллат ба Ҳукумат ва собиқ оппозитсияи мусаллаҳи тоҷик имконият дод, ки онҳо дасти ҳам бигиранд ва сулҳи деринтизорро ба сарзамини хеш оранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шояд дар саросари ҷаҳон "Соли байналмилалии фарҳанги сулҳ" эълон намудани соли вопасини асри XX аз сулҳи беназири миёни тоҷикон сарчашма гирад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Пас худ аз худ суоле ба миён меояд, ки мафҳуми фарҳанги сулҳ чист, он кадом ҳадафҳоро фаро мегирад ва барои мо чӣ сабақҳои тоза медиҳад?

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фарҳанги сулҳ, ба назари ман, шакли оқилона, дурандешона ва судбахши муносибати миёни давлатҳои ин ё он минтақа, робитаи

мусолиҳатомези пешвоёни халқ, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсию мазҳабӣ дар доираи меъёрҳои қонунгузории дохилидавлатӣ ва умумибашарӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фарҳанги сулҳ–иродаи нек, майлу хоҳиши самимона, кӯшиши ҳалли проблемаҳои мавҷуда ва ихтилофу низоъҳои сарзада дар сари мизи музокирот аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фарҳанги сулҳ–аз тариқи сулҳу созиш ҳал намудани мушкилоти пешомада бо роҳи осоишта бе зӯроварию таҳдид, бе истифодаи силоҳ ва ҷангу хунрезӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фарҳанги сулҳ – пеш аз ҳама, ба вуҷуд овардани фазои эътимоди байниҳамдигарӣ, эҳтироми рақиб, бо сабру таҳаммул омӯхтану дар мизони ақлу фаросат баркашидани афкору андешаҳои ӯ, гузашт карда тавонистан ба хотири пешомади нек ва манфиати ҷомеа мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фарҳанги сулҳ – роҳи муросою сулҳу созиш дар асоси қонуну асноди амалкунанда, бо роҳу тадбирҳои расмию ғайрирасмӣ аз миён бурдани ихтилофу даргириҳо буда, аз сиёсатмадорону сарварони давлатҳо маданияти баланд, дасту дили пок ва инсофу адолатро тақозо мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ва ниҳоят, фарҳанги сулҳ – муттаҳид намудани имконияту иқтидори давлатҳои олам ба хотири таъмини сулҳу амният ва бехатарии сокинони сайёра мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мактаби фарҳанги сулҳи тоҷикон бо ҳама бурду бохтҳояш барои мо як мактаби бузурги ҳаёт, як сабақи нотакрори давлату давлатдорӣ гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати сулҳу ваҳдат ва ризоияти миллӣ мо нақшаҳои азими созандагӣ ва бунёдкориҳоро пеш гирифта, қисме аз онҳоро амалӣ намудем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин рӯзи фараҳбахши 10-солагии Истиқлоли давлатӣ бо ифтихор мегӯем, ки ҳоло дар Тоҷикистони мо сулҳи комил ва ваҳдати миллӣ ҳукмрон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо чунин мешуморем, ки Федератсияи Россия кафили сулҳу оромӣ на танҳо дар Осиёи Марказӣ, балки дар тамоми дунё мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми озодихоҳи афғон набояд ба осиёби бозиҳои сиёсии дигарон об резанд. Онҳо барои расидан ба мусолиҳаи миллӣ метавонанд таҷрибаи сулҳи Тоҷикистонро омӯзанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар тӯли солҳои Истиқлоли давлатӣ мақомоти амнияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ташаккул ва такмил ёфта, дар ҷараёни барқарорсозии сулҳ, пойдор намудани сохти далатдории мо ва таъмини амнияти миллӣ нақши муҳим бозиданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарки ин масъалаҳо, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ҷустуҷӯйи роҳҳои истиқрори сулҳ вазифаи таҳаввулоти иқтисодиро дар асоси принсипҳои бозорӣ ҳаллу фасл намуд, зеро танҳо ба ҳамин восита ҷумҳуриро аз буҳрони амиқ бароварда, оқибатҳои муқовимати шаҳрвандӣ ва офатҳои табиии дар Тоҷикистон рӯйдодаро бартараф намудан мумкин буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Масъулияти аҳли илму фарҳанг барои оромишу осоиш, ваҳдату ягонагӣ, пойдории сулҳ ва тарбияи наслҳои ҷавон дар рӯҳияи худшиносии миллию ватандӯстӣ нисбат ба ҳама қишрҳои дигари ҷомеа ниҳоят калон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ниҳоли сулҳе, ки бо дасгирии халқ ва талошҳои пайгиронаи фарзандони бошарафу фидоии миллат шинонда будем, сабзид, реша давонд ва чун дарахти тавонои ваҳдату дӯстӣ ба камол расид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати сулҳу ваҳдат ва осоиши кишвар мо ба марҳилаи нави зиндагӣ—марҳилаи созандагию бунёдкорӣ қадам гузоштем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Кор ба ҷое расида буд, ки доир намудани иҷлосияи Шӯрои Олӣ дар шаҳри Душанбе ғайриимкон гардид. Зеро ҳеҷ кас кафолати амнияти вакилонро дода наметавонист.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар таъкид менамоям, ки идома ёфтани ҷанг дар Афғонистон ба амнияти на фақат Тоҷикистон, балки минтақаи Осиёи Марказӣ ва дунё хатар дорад. Яъне то замоне, ки дар тамоми қаламрави ин кишвар оромӣ таъмин нашавад, дар бораи осоишу амнияти минтақа сухан рондан маънӣ надорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон ҳанӯз чанд сол пеш ташкили минтақаи амниятро дар атрофи Афғонистон ҳамчун яке аз роҳҳои пешгирии қочоқи маводи мухаддир аз минбари Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод карда буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар равандҳои глобалии асри XXI, ки дар саросари дунё идома доранд, нигоҳ доштани симои хоси фарҳангӣ ва дастовардҳои маънавӣ аҳамияти рӯзафзун пайдо мекунад. Аз ин лиҳоз, амнияти фарҳангии мамлакат аз аминияти миллӣ ва давлатӣ мақоми камтар надорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар чунин лаҳзаҳои фараҳбахшу гуворо, ки аз баракати истиқлолият ва сулҳу ваҳдати миллӣ сар то сари кишвари азизи моро фаро гирифтааст, беихтиёр ҳисси ифтихори миллии ҳар як фарди ватандӯст боло мегирад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Албатта, ҷойи ифтихор аст, ки мо, тоҷикон, баъди ҳазор соли заволи давлати Сомониёни бузург бори дигар ба давлату давлатдории миллии хеш мушарраф гардидем ва имрӯз 10-солагии ин дастоварди нодиру тақдирсозро дар фазои сулҳу оромӣ, ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмии комил ҷашн мегирем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Парламенти нав барои таҳкими дастовардҳои сулҳ ва торафт беҳтар шудани вазъи умумии сиёсӣ дар кишвар фаъолона мусоидат карда истодааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳатто ворид шудани сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисоди кишвар низ аз таъмини кафолати ҳуқуқу манфиатҳо ва амнияти онҳо вобастагӣ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо боварии том метавон гуфт, ки ин мақомот ва сохторҳо волоияти қонунро дар ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва оромиву амнияти кишварро таъмин мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хулоса, дар соли равон масъалаҳои боз ҳам мустаҳкам намудани муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳон мутақобилан судманд, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, ҳимояи манфиатҳои конунии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Тоҷикистон дар хориҷа, таъмини амнияти мамлакат аз таҳдидҳои эҳтимолии беруна аз ҷумлаи вазифаҳои асосии сиёсати хориҷии давлати мо хоҳанд буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарки ин ҳақиқат, мо тамоми қувваи худро ба он сарф кардем, ки омили асосию таъминкунандаи пешрафти ҷомеа – сулҳу оромӣ ба даст ояд ва бо ин таҷрибаи ҳалли масъалаҳои дохилиамон бори дигар исбот намудем, ки ба ҳама гуна пешравиҳо қодир ҳастем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

## Соли 2002

Ҳодисаҳое, ки соли равон рӯй доданд ва тамоми ҷаҳонро ба таҳлука оварданд, бори дигар собит намуданд, ки таъмини сулҳу суботи сайёра ва ҳалли проблемаҳои трансмиллӣ танҳо дар шароити ҳамкории тамоми кишварҳои дунё имконпазир аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигзор Соли нав барои ҳар як хонаводаи кишварамон соли нек ва бофайзу баракат, соли хушию хурсандӣ ва сулҳу амонии ҳамешагӣ дар Тоҷикистони азизамон гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Роҳи ягонаи раҳоӣ аз вартаи даҳшатноки ҷанг, сарфи назар аз мансубияти нажодӣ, миллӣ, забонӣ ва мазҳабию идеологӣ, зери парчами сулҳ муттаҳид шудани халқҳои сайёра аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо, тоҷикон, аз таҷрибаи талхи таърихии оғози солҳои навадуми асри гузашта ба хулосае омадем, ки сулҳу оромӣ ва суботи ҷомеа алтернатива надорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ва қиматтарин сабақе, ки аз ин мактаб бардоштем, зарурати таъмини сулҳу ваҳдат ва ризоияти миллӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз ба шарофати пеш гирифтани роҳи осоиштаи ҳалли мухолифати мусаллаҳона ва танҳо бо роҳи музокирот кушодани гиреҳи мушкилоти мавҷуда фарҳанги сулҳи тоҷикон тавлид ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хушбахтона, имрӯз халқи тоҷик ба шарофати сулҳ ва ваҳдати миллӣ ба дастовардҳои арзандаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ноил гашта, дар ҷодаи бунёдкорӣ ва созандагӣ қадамҳои устувор мегузорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Раванди инкишофи зиндагӣ ҷомеаи башариро маҷбур месозад, ки дер ё зуд ба низоъҳои мусаллаҳона ва мухолифатҳои низомӣ хотима бахшида, ҳамаи имкониятҳоро барои кашфиётҳои тоза ва таҳкими сулҳу суботи сайёра сафарбар намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо итминони комил дорем, ки фарҳанги сулҳ дар асри ҷадид мақому нуфузи оламгир пайдо намуда, бо пуштибонии кулли инсоният ва неруҳои адолатпарвар мавқеи ҷангҷӯёну зӯроваронро танг хоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ва фарҳанги сулҳ ҳамчун модели беҳтарини наҷоти инсоният дар тамоми сайёра густариш хоҳад ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо ҳамин ниятҳои нек шумо – пирони корозмуда, собиқадорони ҷангу меҳнат ва тамоми мардуми соҳибфарҳанги тоҷикро ба ифтихори Ғалабаи бузурги инсоният бар фашизм табрику таҳният гуфта, ба ҳамаатон тани сиҳат, рӯзгори осуда ва сулҳу осоиши ҳамешагӣ орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Умед аст конфронси шумо, ки ба панҷсолагии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон бахшида шудааст, на танҳо натиҷаҳои ҷараёни истиқрори сулҳро дар мамлакати мо баррасӣ менамояд, балки фикру андеша ва мулоҳизаҳои дигари барои Афғонистон ва мамлакатҳои дигари мубталои муноқиша гардидаи ҷаҳон судмандро баён хоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тавре қайд кардам, халқи мамлакати мо имрӯзҳо ба таҷлили яке аз ҷашнҳои пуршукӯҳи Тоҷикистони соҳибихтиёр–панҷсолагии имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар мамлакат тайёрӣ мебинад. Ба ҳамагон маълум аст, ки созишномаи мазкур 27 июни соли 1997 ба имзо расида буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман воқеаҳои тӯли солҳои гузашта рухдодаро пеши назар оварда, чунин хулоса мебарорам, ки роҳи сулҳу осоиш ҳар қадар душвор набошад, дар баробари ин ҷидду ҷаҳди самимона ба сулҳ ва омодагии тарафҳои муқобил ба сарфи назар кардан аз манфиатҳои сиёсӣ ва шахсии худ ба нафъи оромию осудагӣ ва ваҳдати Ватан дар муборизаи мо, муборизаи онҳое, ки тақдири сулҳ ба дасти онҳо супурда шуда буд, қувваи асосии пешбаранда буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман ҳамчун марди сиёсат, ки бо ҳукми тақдир, талаби замон ва бо иродаи халқ дар айни ҷӯшу хурӯши муқовимат, вақте ки тарафҳои муқобил ҳар рӯз аз ҳамдигар торафт бештар дур мешуданд, роҳбарии давлати мустақили Тоҷикистонро ба зимма гирифта, ба ғайр аз барқарор сохтани сулҳу созгорӣ дар ватани хеш вазифаи дигари олиро намедидам ва тайёр будам, ки барои ин тамоми корҳои заруриро кунам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бинобар ин сароғози ҷараёни истиқрори сулҳро, ки баъдан соли 1993 давом дода шуд, воқеаи таърихии ҳаёти мардуми мо, яъне Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ дар шаҳри Хуҷанд шуморидан зарур аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Муваффақияти бузургтарини бадастовардаи мо ҳамин аст, ки ваҳдати миллати тоҷик ва якпорчагии қаламрави Тоҷикистонро ҳифз карда тавонистем ва бо кумаки фаъолонаи ҷомеаи ҷаҳон ба мо муяссар гашт, ки ба ҷанги дохилӣ хотима дода, сулҳу созгорӣ ва адолатро дар мамлакат барқарор созем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз онҳоеро ёдовар нашуда наметавонам, ки ҳаёти худро барои истиқрори сулҳу осоиш дар мамлакатамон қурбон карданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар байни муборизони фидокори сулҳ на танҳо тоҷикон, балки намояндагони мамлакатҳои дигар низ буданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин ҷо дар бораи ҷанбаҳои алоҳидаи ҷараёни истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон сухан ронда, қайд карданиам, ки муваффақияти он аз бисёр ҷиҳат ба мавҷудияти силсилаи омилҳо вобаста мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин омилҳо вобаста ба ҷидду ҷаҳди самимонаи бисёр мамлакатҳо ва созмонҳои байналхалқӣ барои мусоидат ба рафъи муноқиша бо роҳҳои мусолиматомез ҷараёни истиқрори сулҳро дар Тоҷикистон хеле осонтар гардонданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ташкили қувваҳои дастаҷамъии посдори сулҳи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар ҳайати ҷузъу томҳои низомии Русия, Қазоқистон, Қиргизистон ва Ӯзбекистон, миёнаравиҳои фаъолонаю самарабахши Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амнияту ҳамкории Аврупо, Созмони конфронси исломӣ, Кумитаи байналхалқии Салиби Сурх, кумакҳои башардӯстонаи бисёр мамлакатҳо ва созмонҳои байналхалқию ғайриҳукуматӣ барои бартараф сохтани муноқишаи тоҷикон нақши муҳим бозиданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вазъияти дигари муҳиме, ки ба ҷараёни истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон таъсир расонд, ҳамин буд, ки Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Туркманистон имкон доданд, ки дар қаламрави онҳо давраҳои навбатии гуфтушуниди тарафҳои ба ҳам муқобили тоҷик гузаронида шаванд, зеро бо сабабҳои гуногун дар худи Тоҷикистон гузаронидани чунин гуфтушунидҳо имкон надошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман аз фурсати мусоид, инчунин, ҳузури намояндагони бисёр мамлакатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ истифода бурда, аз номи халқи Тоҷикистон ба давлатҳо, созмонҳои байналхалқӣ ва ҳамаи онҳое, ки дар истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар мамлакати мо саҳм гузоштанд, миннатдории самимӣ баён мекунам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар бисёр ҷамъомадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ҷамъомадҳое, ки дар доираи Созмони Милали Муттаҳид баргузор гардиданд, бисёр олимони муътабар на як бору ду бор таъкид карданд, ки таҷрибаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар мамлакати мо барои истифода дар минтақаҳои дигари сайёра, чи барои иштирокчиёни муноқиша ва чи барои кӯшишҳо ва

тадбирҳои миёнаравию эҷоди сулҳ, ҳамчун қоидаи умумӣ хизмат карда метавонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз, баъди гузаштани панҷ сол аз ҷараёни гуфтушунид ва марҳалаи минбаъдаи барқарор сохтани хоҷагии халқи мамлакат дар давраи баъди муноқиша таҷрибаи истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон ҳам аз нуқтаи назари қобилияти тарафҳо дар бобати ёфтани роҳҳои умумии ҳалли проблемаҳои мураккабтарин ва қатъияти онҳо дар бобати амалӣ сохтани паймонҳои бадастомада ва ҳам дар бобати муваффақият пайдо кардани амалиёти эҷоди сулҳи Созмони Милали Муттаҳид таҷрибаи беҳамто шуморида мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман ин ҷо, пеш аз ҳама, қайд карданиам, ки омили муҳимтарини ҷараёни истиқрори сулҳ хоҳиш ва азми қатъии тарафҳои ба ҳам муқобили тоҷик буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ақидаи мо, Созмони Милали Муттаҳид дар ҷараёни муноқишаи тоҷикон таҷрибаи нав андӯхт, ки аз амалиёти классикии эҷоди сулҳи он ба куллӣ фарқ мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Масалан, қувваҳои дастаҷамъии посдори сулҳи мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳамчун яке аз омилҳои таъминкунандаи вазъияти мӯътадил ваколати махсуси Созмони Милали Муттаҳид надошта бошанд ҳам, бо вуҷуди ин, ҳамкории намунавии онҳо бо Созмони Милали Муттаҳид, яъне низоми мукаммали таъмини амният ва шарики минтақавии он ҳамеша аз тарафи Шӯрои амнияти СММ таъкид ва ба таври самарабахш дастгирӣ карда мешуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ҷараёни истиқрори сулҳ дар мамлакати мо ҷидду ҷаҳди созмонҳои гуногун танҳо бо мақсади истиқрори сулҳу осоиш муттаҳид ва ҳамоҳанг гардонда шуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳаминро ҳам таъкид кардан лозим аст, ки истиқрори сулҳ ба фаъолонатар ва самарабахштар гузаронидани ислоҳот мусоидат кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бисёр сиёсатмадорони афғон ва ҳатто шаҳрвандони қатории ин мамлакат "Таҷрибаи истиқрори сулҳ ва бунёди ҳаёти осоиштаро дар

Тоҷикистон" ҳамчун мисоли мусбат арзёбӣ намуда, умедворанд, ки мисли мо дар мамлакаташон сулҳ ва ҳаёти осоиштаро барқарор хоҳанд кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ақидаи ман, сулҳ ва ҳаёти осоишта дар минтақаи мо ба нақшаҳои қувваҳои харобкор муқобил гузошта шудааст, ки вазъияти минтақаҳои гуногуни Осиёи Марказиро давра ба давра муташанниҷ месозанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи ин, ба ақидаи мо, воситаҳое мебошанд, ки тавассути онҳо сулҳро дар Афғонистон барқарор намуда, онро обод сохтан имконпазир мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ақидаи мо, истиқрори сулҳ дар ин мамлакат танҳо дар мавриди расондани кумакҳои самарабахш ва муассир бо мақсади тараққиёти иқтисодиёти Афғонистон муваффақият пайдо карда метавонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар робита махсус қайд карданиам, ки яке аз манбаъҳои асосии терроризми байналмилалӣ, моҷароҷӯйӣ ва ҷинояти муташаккилона, ки имрӯз ба сулҳу осоиши тамоми мамлакатҳои ҷаҳон таҳдид менамоянд, шароити бади зиндагӣ, қашшоқӣ ва гадоӣ дар баъзе мамлакатҳо ва минтақаҳои ҷаҳон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

То рӯзе, ки давлатҳои мутараққӣ тамоми хавфи чунин фарқро пурра дарк намуда, баислоҳи он кӯшиш ба харҷ надиҳанд, дар бораи таъмини сулҳу суботи саросари ҷаҳон сухан рондан душвор аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар хотимаи суханрониам қайд карданиам, ки таҷрибаи истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон аз нуқтаи назари муқаррар намудани роҳу усулҳои нав, муносибатҳои сифатан нави сохторҳои ба ҳамдигар марбут диққатҷалбкунанда мебошад, ки дар ҷараёни истиқрори сулҳ истифода карда, вазифаю имкониятҳои нав ба зиммаи онҳо гузошта мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Санаи 27 июн, бешубҳа, дар таърихи мамлакати мо ҳамчун санае сабт хоҳад ёфт, ки фоҷиаи аз сар гузарондаи мо, зарурати ҳамеша ҳифз намудани сулҳу осоиш ва таҳкими Ваҳдати миллӣ ва Истиқлолияти мамлакатро хотиррасон месозад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман ба ҳамаи иштирокчиёни конфронс хушбахтӣ ва дар кори заҳматталабу хайрхоҳонаашон муваффақият орзу менамоям, ки, бешубҳа, барои ба даст овардани ҳадафи муҳимтарини имрӯзаи башарият, яъне таъмини сулҳу суботи саросари ҷаҳон мусоидат менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Қабл аз анҷоми суханронии худ ба муассисаи Созмони Милали Муттаҳид, ки номи рамзии он Донишгоҳи сулҳи СММ мебошад ва аз ҷумлаи ташаббускорону ташкилкунандагони асосии конфронс ба шумор меравад, изҳори сипоси самимона менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Санаи 27-уми июни соли 1997, яъне рӯзи имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ, ба таърихи сарзамини мо ҳамчун санаи пирӯзии ақли солим ва хиради сулҳхоҳии миллатамон дохил гардид, ки имсол панҷсолагии онро дар фазои ваҳдати комил ва оромиву самимият таҷлил кардем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин робита мехоҳам бори дигар таъкид намоям: нуқтаи назаре ҳаст, ки сулҳи тоҷикон гӯё хизмати ин ё он шахс, гурӯҳ ё доираҳои муайяни сиёсӣ бошад. Лекин ман барқарор гардидани сулҳро дар Тоҷикистон хизмати таърихӣ ва қаҳрамонии беназири хурду бузурги халқи тоҷик медонам, ки сиёсати сулҳҷӯёнаи давлати худро дастгирӣ намуда, дар татбиқи амалии он бо дили гарм ва иродаи қавӣ заҳмат кашиданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман аз ҷасорату самимияти иштирокчиёни Анҷумани муассисон бо миннатдорӣ ёдоварӣ мекунам, зеро онҳо дар шароити ниҳоят душвор дар пойтахти Тоҷикистон ҷамъ шуда, ҳарфи сулҳу бародарӣ мегуфтанд, оромиву осоиши Тоҷикистон ва ҳамдилии тоҷиконро орзу мекарданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бинобар ин, таъкид менамоям, ки Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон, сарфи назар аз он ки номаш ба иттиҳоди халқу миллатҳои ҳамтабор далолат мекунад, ба тамоми арзишҳои писандидаи умумибашарӣ арҷ гузошта, дар роҳи амалигардонии озодӣ, демократия, адолати иҷтимоӣ ва сулҳ бояд фаъолона талош варзад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ин рӯ, мо минбаъд низ бояд кӯшиш намоем, ки дар таҳкими сулҳи ҷаҳон саҳми арзанда гузорем. Зеро таърихан миллати мо бо ҳамин андешаву

амалаш машҳур буд, ба мулкеву кишваре дастдарозӣ надошт, яъне вуҷуди миллати мо аз гили сулҳ сиришта шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Пандҳои бузургони мо – Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Мавлавӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Бедил, Аҳмади Дониш, Айнӣ, Турсунзода ва дигарон дар саросари олам ба нафъи сулҳ, адолат ва ғояҳои гуманистӣ хизмат менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо такя ба хислати сулҳҷӯёна ва хиради сулҳофарини халқамон ман борҳо аз минбари Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмону анҷуманҳои бонуфузи байналмилалӣ ҷомеаи ҷаҳониро даъват карда будам, ки дар ҳалли мусолиматомези қазияи Афғонистон амалан иқдом намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон аз рӯйи имконияти худ коалитсияи зиддитеррористиро дастгирӣ карда, бо ҳамаи кишварҳое, ки ба анҷоми неки ин мубориза ва барқарор шудани сулҳу осоиш дар Афғонистон манфиатдоранд, ҳамкорӣ менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Раванди глобализатсия имрӯз ҳамаи халқу кишварҳоро маҷбур месозад, ки ба хотири таъмини амнияти аҳли башар, пешгирӣ кардани равияву ҷараёнҳои хатарнок ва хулоса наҷоти сайёра тадбирҳои дастҷамъона андешанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон аз ҷониби худ омода аст бо тамоми давлатҳо ва созмону ташкилотҳое, ки мақсадашон ҳамкорӣ ба хотири пешрафт, муборизаи одилона барои таъмини амният дар ҳамаи кишварҳо ва густариши робитаҳои дӯстона байни халқҳои гуногунзабону гуногуннажоди олам мебошад, ҳамкорӣ намояд ва дар ҳалли проблемаҳои мухталиф ҳам дар сатҳи минтақа ва ҳам дар миқёси ҷаҳон саҳми арзанда дошта бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо аз нахустин рӯзҳои ҳамчун субъекти муносибатҳои байналмилалӣ эътироф гардидани давлати соҳибистиқлоли худ эълон карда будем, ки сулҳ ва ҳамкорӣ асоси сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ташкили "минтақаи амният" дар атрофи Афғонистон аз ҷумлаи тадбирҳои пешниҳодкардаи мо мебошад, ки ҳанӯз соли 1998 аз минбари

Созмони Милали Муттаҳид садо дода буд. Зимни ин даъватҳо дар баробари назардошти рафъи буҳрони Афғонистон ва қатъи ҷанги хонумонсӯз дар ин кишвар моро масъалаи барқарор намудани амният дар минтақа ба ташвиш меовард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Расо як сол пеш дар ҳамин толор ва дар ҳамин рӯз ба ифтихори даҳсолагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон таъкид карда будам, ки идома ёфтани ҷанг дар Афғонистон ба амнияти нафақат Тоҷикистон, балки минтақаи Осиёи Марказӣ ва дунё хатар дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Яъне то замоне, ки дар тамоми қаламрави ин кишвар оромӣ таъмин нашавад, дар бораи осоишу амнияти минтақа ва ҷаҳон сухан рондан маънӣ надорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фоҷиаи 11 сентябри соли 2001-ум қалби ҷаҳониёнро ба ларза овард, чунки террористони байналхалқӣ бо ин амали даҳшатангези худ на фақат ба мардуми Амрико, балки инчунин ба ҷомеаи башар зарба заданд, ба арзишҳои умумишабарӣ ва гузашта аз ин, ба амнияти сайёра дастдарозӣ карданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фоҷиаи 11 сентябр ҷомеаи ҷаҳониро водор кард, ки бар зидди терроризми байналхалқӣ муттаҳид шавад, дарк намояд, ки терроризм ва экстремизм ба зоти худ падидаҳои сирф миллӣ ва ё минтақавӣ нестанд, балки метавонанд дар ҳар гӯшаи дунё ба амнияти сокинони сайёра таҳдид намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳарчанд кӣ маҷлиси имрӯзаи мо рӯҳияи идона дорад, лекин лозим мешуморам як ҳақиқати талхро баён намоям: бо вуҷуди ин ки мо чандин сол инҷониб дар сафи пеши муборизаи зидди терроризм ва экстремизм қарор дорем ва барои таъмини амнияти сарҳадоти ҷанубии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил талош меварзем, вале аз касофати чунин таблиғоти заҳролуд шаҳрвандони мо дар баъзе кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳар рӯз ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мешаванд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Башарият набояд сабабҳои сар задани ду ҷанги даҳшатноки ҷаҳониро дар асри бистум фаромӯш намояд, балки ба хотири осоишу амнияти сайёра, зиндагии ороми наслҳои ояндаи инсоният бояд тадбирҳои бетаъхир андешад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати сиёсати пешгирифтаамон дар мамлакат сулҳу субот ва ваҳдати комил таъмин гардид, ки имрӯз таҳким ва ҳифзи онҳо қарзи шаҳрвандии ҳар фарди ҷомеа ба шумор меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ёд овардани ин санаи муҳими таърихӣ, ки воқеан оғози аз вартаи ҳалокатбори ҷанги гражданӣ раҳо ёфтан ва тадриҷан ба остонаи сулҳу ваҳдат, ризоияти миллӣ ва созандагию бунёдкорӣ расидани миллати мо гардид, қарзи инсонии ҳар фарди солимфикри ҷомеа мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин ҷо наметавонам бори дигар аз бузургию хиради азалии халқи соҳибфарҳангамон ёдовар нашавам, ки бо вуҷуди ҳамаи камбудиҳои фаъолияти парламенти ҳамонвақта ҳамчун неруи асосии таърих бори дигар дар худ қувва ёфт, то ин ки вакилони хешро дар як ҷо сарҷамъ кунад ва онҳоро ба амалӣ гардонидани иродаи хеш, яъне барқарор намудани сулҳу амонӣ дар мамлакат, таъмини амнияти мардум, ризоияти ҷомеа ва зиндагии осуда дар саросари кишвар ҳидоят намояд. Мо бояд ин хизмати таърихии халқамонро ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳарчанд ки то сулҳу субот ва оромӣ дар кишвар ҳанӯз дур буд, вале ба эҳтироми иштирокчиёни он иҷлосияи таърихӣ сидқан бояд гӯям, ки онҳо сарфи назар аз ҳамаи мушкилот чун фарзандони асили миллати хеш андозаи хатари ба сари мамлакат омада ва зарурати ба хотири наҷоти миллату давлат манфиатҳои олии Ватанро аз манфиатҳои худ авло гузоштанро дарк намуда буданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон рӯйдоди воқеан таърихӣ мебошад, зеро маҳз дар ҳамин иҷлосия тақдири ояндаи давлати миллии тоҷикон тарҳрезӣ гардид ва ба сӯйи ҳадафҳои бузурги умумимиллӣ - сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ қадами нахустин гузошта шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз аз ин рӯ, мо корро аз гузоштани заминаи ибтидоӣ ва асосҳои ғоявии сулҳи миёни тоҷикон, консепсияи сиёсати оштии миллӣ оғоз кардем, ки тадбирҳои нигоҳ доштани якпорчагию тақсимнопазирии марзҳои Тоҷикистон, пуштибонии истиқлолияти миллӣ ва рукнҳои давлатдории ягона ҳадафҳои бунёдии он ба шумор мерафтанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ҳамин замина масъалаҳои қатъ намудани амалиётҳои низомӣ, ба эътидол овардани вазъи ҷамъиятию сиёсӣ, дар шакли музокироти сулҳхоҳона ҳаллу фасл намудани ихтилофу зиддияти тарафҳо, бесилоҳ ва пароканда кардани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, ба Ватан ва ҷойи зисти доимиашон баргардонидани фирориёнро ҳамчун масъалаҳое эълон кардем, ки бояд бетаъхир ва дар навбати аввал ҳал карда мешуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Роҳбарони ситодҳо ва фармондеҳони сохторҳову қувваҳои низомии ҳарду тарафро дар толори иҷлосия ҷамъ овардан ва дар назди Парчами Тоҷикистон савганди садоқат ёд кардани онҳо, ҳарчанд ки иқдоми хеле хатарнок буд, аз ҷумлаи қадамҳои аввалини мо дар роҳи сулҳ ба шумор меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба хотири пойдории уҳдадориҳои оташбас ва супоридани силоҳи оташфишон "Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар минтақаҳои мухолифати мусаллаҳона ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд", қонун қабул кардем, ки моҳиятан барои фароҳам овардани сулҳ ва ваҳдати миллӣ қадамҳои нахустин ба шумор мерафт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо имрӯз вазифаи худ медонем, ки ба созмону ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ, пеш аз ҳама Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкории Аврупо, давлатҳои кафил, инчунин институтҳои байналхалқии молиявӣ барои кумакашон дар ҷараёни музокироти сулҳ ва барқарорсозии баъди низоъ бори дигар изҳори миннатдорӣ намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Чор санади муҳимтарине, ки дар он айём қабул карда шуданд ва аз тарафи халқ пуштибонии ҳамаҷониба ёфтанд, яъне Қонун дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод намудани шахсони дар минтақаҳои мухолифати мусаллаҳона ҷиноят содиркарда, Қонун дар бобати ҳифзи гурезаҳо ва ба ҷойи зисти доимиашон баргардонидани онҳо, инчунин муроҷиатнома ба аҳзоби сиёсӣ, ҳаракату созмонҳо ва тамоми шаҳрвандони ҷумҳурӣ, рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии халқи Тоҷикистон эълон намудани 26 ноябри соли 1992 нахустин асноди қонунӣ ва меъёрие буданд, ки мардумро ба тантанаи сулҳ ва таъмини оромӣ умедвор месохтанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Чунон ки тамоми шумо огоҳӣ доред, расидан ба сулҳу субот, ноил шудан ба ваҳдату ҳамдигарфаҳмии ҷомеа чандон кори осон набуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Баръакс, роҳи сулҳ роҳи басо душвор, пурмонеа ва ноҳамвор буда, аз ҳарду тараф мухолифони зиёде дошт. Вале сарчашмаи ғизодиҳанда ва қувватбахши ғояи сулҳ, яъне хурду бузурги мардуми кишвар ва ақли солими ҷомеа сабаб шуд, ки мо роҳи ягона ва дурусти таъмини суботи кишвар - роҳи музокироти сиёсиро аз ҷангу мухолифати мусаллаҳона, ки оқибаташ боз ҳам фоҷиаи миллат буд, болотар шуморидем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба хотири таъмини ҳарчи зудтари сулҳу оромӣ дар шароите, ки ҳеҷ кас кафолати амнияти Роҳбари давлатро дода наметавонист, ба минтақаҳои ноороми кишвар, ба Кобул, Хосдеҳ ва дигар ҷойҳо сафарҳои зиёд анҷом додем. Чунки ғайр аз сулҳ роҳи дигар набуд ва мо бояд бо кадом баҳое, ки набошад, сулҳро ба ҳар хонадони Тоҷикистон меовардем. Дар давоми 40 моҳе, ки раванди гуфтушунид идома ёфт, намояндагони ҷонибҳои мухолиф зиёда аз 21 маротиба дар шаҳрҳои дуру наздики хориҷа вохӯриҳо гузаронида, зиёда аз 36 ҳуҷҷати расмӣ қабул карданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар натиҷа фазои мусоиди сулҳ бо дастгирӣ ва пуштибонии ҳамаҷонибаи тамоми хурду бузурги Тоҷикистон, заковату хиради азалӣ, сабру таҳаммул ва қудрати якдигарбахшии ҳамватанони мо фароҳам омад ва ниҳоят рӯзи 27 июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо истифода аз фурсат мехоҳам имрӯз бори дигар саҳми арзандаи собиқ Иттиҳоди мухолифини тоҷик ва роҳбарияти он, аъзоёни Комиссияи Оштии Миллӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва умуман намояндагони ҳамаи қувваҳои солимфикри ҷомеаро дар пирӯзии ғояи сулҳ дар Тоҷикистон махсусан хотирнишон созам ва ба ҳамаи онҳо изҳори ташаккур намоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Боиси ифтихор аст, ки фарҳанги сулҳи тоҷикон дар таҷрибаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун падидаи нодир эътироф шуда, аз ҷониби созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамчунин бояд гуфт, ки дар таъмини сулҳу ваҳдат Аҳдномаи ризоияти ҷомеа нақши муассир бозид. Аҳднома, ки 9 марти соли 1996 ба он Президенти мамлакат ва роҳбарони ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, ҷамъиятҳои фарҳангӣ, ташкилотҳои эҷодӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ имзо гузоштанд, таҷассумгари хоҳишу мароми аксари мардуми кишвар буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати сулҳу салоҳ ва ризоияти миллӣ барқарор намудани фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи қонун ва дар ҳаёти ҷомеа ҷорӣ намудани гуногунандешии сиёсӣ имконпазир гашт, интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон ва маҷлисҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ бо риояи ҳуқуқҳои баробари ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ба амал бароварда шуд

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор парчами истиқлолият ва сулҳу ваҳдат раҳнамою ҳидоятгари мо ба сӯйи ояндаи нек ва зиндагии осоишта бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Беҳтарин ва бузургтарин дастоварди таърихи навини миллати куҳанбунёд ва соҳибфарҳанги тоҷик сулҳ ва истиқлолият аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бисёр шаҳрвандон, аз ҷумла зиёиён аз бими ҷон шаҳрро тарк карда буданд, чунки ҳеҷ кас амният ва ҳуқуқи онҳоро ҳифз карда наметавонист.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Худшиносии воқеии миллӣ тақозо мекунад, ки мо аз рӯйи ченаки замон танҳо ба гузашта не, балки ба оянда ҳам назар карда, ҳадафҳои худро ҳадди ақал барои панҷоҳ-шаст соли оянда дақиқан пешбинӣ намоем, ба сатҳи нави фарҳанги сиёсӣ расиданро таъмин кунем, моҳияти ҳама гуна ҷудоиандозию душмансозиҳоро бо фаросату зиракии сиёсӣ дарк намоем ва маҳз бо ҳамин роҳ рукнҳои давлатдориро устувор ва истиқлолияту амнияти Ватани азизи худро ҳифз карда тавонем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Чорум масъалае, ки ҳамчунин ҳалли бетаъхирро тақозо мекард, таъсис додани артиши миллӣ ва кувваҳои сарҳадӣ ба хотири пурзур кардани ҳифзи сарҳади давлатии Тоҷикистон, таъмини амнияти давлатӣ ва пуштибонии дастовардҳои истиқлолият буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо имрӯз вазифаи худ медонем, ки ба созмону ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ, пеш аз ҳама Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкории Аврупо, давлатҳои кафил, инчунин институтҳои байналхалқии молиявӣ барои кумакашон дар ҷараёни музокироти сулҳ ва барқарорсозии баъди низоъ бори дигар изҳори миннатдорӣ намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати сулҳу ваҳдат ва суботи сиёсӣ мо ба марҳилаи нави зиндагӣ - давраи созандагию бунёдкорӣ қадам гузоштем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо дар давоми даҳ соли истиқлолияти давлатии худ таваҷҷӯҳи аҳли оламро ҳамеша ба ҳалли мусолиматомези қазияи Афғонистон ҷалб мекардем, зеро вазъияти мураккаби ин кишвари ҳамсоя оромии Тоҷикистонро халалдор мекард ва водор месохт, ки воситаву имкониятҳои бе ин ҳам маҳдуди худро бештар барои таъмини амнияти кишварамон сафарбар намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарки амиқи манфиатҳои миллии худ ва вазъи воқеии Афғонистон мо ҳалли қазияи ин кишварро дар дастгирии неруҳое медидем, ки метавонистанд такягоҳи сулҳу суботи минтақа бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамчунин, бо мақсади ҳукмфармо гаштани сулҳу амнияти пойдор дар Афғонистон мо бояд ба ин кишвар кумаку дастгирии худро дареғ надорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо аз таҷрибаи худ медонем, ки роҳи сулҳ ҳамвор нест ва тай кардани он сабру таҳаммул ва хиради бузургро тақозо мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин кор нақши Созмони Милали Муттаҳид дар ҳамоҳангсозӣ ва сарпарастии кӯшишҳои давлатҳои ҳамсоя ва маҷмӯаи шаш ҷамъи ду дар бобати истиқрори сулҳ дар Афғонистон бояд ҳалкунанда бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барои ин бояд механизмҳои умумии татбиқу густариши фарҳанги сулҳ дар арсаи байналмилалӣ зимни ба инобат гирифтани манфиатҳои миллӣ ва умумибашарӣ эҷод шаванд. Умуман, дар асри нав масъулият ва вазифаҳои

Созмони Милали Муттаҳид, ки мақоми асосии ҳифзи сулҳ ва амнияти миёни кишварҳо дар арсаи байналмилалӣ мебошад, бояд чандин баробар афзояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Инсоният дар асри нав бояд на душман, балки дӯст ҷӯяд ва бо истифода аз неруҳои зеҳнии хеш наслхоро ба пуштибонию дастгирии сиёсати фарҳанги сулҳ омода созад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Муносибат бо Федератсияи Россия ҳамчун омили муҳими амният дар минтақа ва шарики боэътимоди Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии кишвари мо мавқеи муҳим дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Моҳи феврали соли ҷорӣ Тоҷикистон ба Барномаи ташкилоти НАТО таҳти унвони "Ҳамкорӣ ба хотири сулҳ" ҳамроҳ шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар тамоми ҷаҳони ислом хурду калон ҳангоми дидор ба якдигар бо хитобаи "Ассалому алайкум" муроҷиат менамоянд. Маънии ин хитоба чунин аст, ки "Ман ба шумо сулҳ ва офият мехоҳам". Худи ҳамин аз он шаҳодат медиҳад, ки дини ислом ба зоти худ сулҳпарвар ва инсондӯст мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

## Соли 2003

Махсусан, ҷашни иҷлосияи таърихии XVI ба маъракаи арзёбии корҳои дар давоми даҳ сол анҷомдодаамон дар бобати таҳкими пояҳои давлатдорӣ, таъмини сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, густариши ислоҳоти ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ, ба ҷамъбасти марҳилаи пурмасъулият ва пурифтихори таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол табдил ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо шукронаи он мекунем, ки соли навро дар фазои сулҳу суботи комил, ваҳдати миллӣ, рӯҳияи созандагӣ ва шодмонию рӯҳбаландӣ, бо орзуву ниятҳои нек пешвоз мегирем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз мо аз он ифтихорманд ва дилпур ҳастем, ки аз шарофати сулҳу салоҳ ва ваҳдати миллӣ дар давоми чанд соли охир ҳисси худшиносию

ҳувияти миллӣ, ифтихори ватандорию ватанпарастӣ, пос доштани мероси таърихию арзишҳои фарҳангӣ ва дарки масъулияти шаҳрвандии халқи тоҷик хеле пеш рафта, ҳамаи ин дастовардҳо моро зина ба зина сӯйи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ пеш мебаранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Роҳи ягонаи наҷот аз ин вартаи ҳалокат роҳи муросою созиш, ба ҳам омадани қувваҳои мухолиф ва сулҳу суботи устувор буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таъкид кардан бамаврид аст, ки барои пирӯзии сулҳ дар Тоҷикистон пеш аз ҳама хизмати таърихии худи миллати тоҷик, ки хоку гилаш аз сулҳпарварию инсондӯстӣ сиришта шудааст, басо бузург мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Баъд аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ барои мо, тоҷикон, сулҳ маъниҳои навро касб намудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин пеш аз ҳама, аз ҷониби ҳизбҳо ва созмонҳои мухталифи сиёсӣ, ходимони давлатию ҷамъиятӣ ва дар маҷмӯъ аз ҷониби кулли шаҳрвандон дарк шудани як масъалаи ниҳоят ҷиддӣ аст, яъне ба хотири сулҳу субот ва ҳифзи тамомияти арзии мамлакат эътироф намудани волоияти манфиатҳои умумимиллӣ нисбат ба манфиатҳои маҳдуди ҳизбӣ, гурӯҳӣ ва монанди инҳо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ҳар сурат таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон таваҷҷӯҳи аҳли башарро ба худ ҷалб кардааст ва бо назардошти шароити мушаххаси таърихӣ аз он дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон баҳрабардорӣ мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолият ба мо имконият дод, ки ғояи ваҳдатро парчами миллат кунем ва ба бунёди кохи ваҳдати воқеӣ ва ҷовидонаи миллат шурӯъ намоем. Ин чунин маънӣ дорад, ки мо истиқлолият, сулҳ ва ваҳдати миллиро баробар қадр кунем. Онҳоро чун муқаддасоти олӣ ҳифз намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ваҳдату ягонагӣ ва пойдории сулҳу созиш эътимодноктарин роҳи наҷот аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Умедворам, ки дар фазои сулҳу ваҳдат ва меҳнати осудаҳолона мову шуморо рӯзҳои боз ҳам неку пурфайз дар пеш аст. Ва халқ беҳуда намегӯяд, ки аз паси сулҳ тинҷию осудагӣ, серию пурӣ ва ободию пешравӣ фаро мерасад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар миқёси ҷаҳон бехатарии об ва захираҳои он маънои сулҳ, пешравӣ ва суботро дар кишварҳо дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамкорӣ оид ба танзим ва истифодаи обҳои байналмилалӣ метавонад василаи мушаххаси таҳкими сулҳ, боварӣ ва рушд дар минтақа гардад. Ба назари мо, обро ҳамчун сарвати бебаҳо ва стратегӣ арзёбӣ намуда, масъулиятро барои ҳифзи он ба манфиати наслҳои имрӯза ва оянда ҳамаи давлатҳои ҷаҳон бояд баробар ба уҳда дошта бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ташаббусҳои мо доир ба ташкили минтақаи амният дар атрофи Афғонистон, таҳия ва қабули Консепсияи ягонаи коалитсияи мубориза бар зидди маводи мухаддир, ки дар амалияи ҷаҳонӣ собиқа надорад, исботи садоқати мо дар пешгирии хатарҳои нави башарӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳи тоҷикон, ки барои ҳифз ва таъмини сулҳи минтақа ва ҳатто ҷаҳон аҳамияти бузург дорад, дар таърихи беш аз панҷоҳсолаи Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун таҷриба ё модели нодир эътироф гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ва сад шукр, ки имрӯз сулҳу амният дар мамлакат пойдор аст, фазои боварию эътимоди кулли шаҳрвандони Тоҷикистон таҳким меёбад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳалли ин ва дигар мушкилоти мавҷудаи минтақа ба раванди ҳамгироии минтақавӣ, таъмини амнияти иқтисодиву иҷтимоӣ ва густариши робитаҳои солими давлатҳои Осиёи Марказӣ мусоидат хоҳад намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ба таърихи деринаи халқи мо ҳамчун пирӯзии ақлу заковати миллати тамаддунсозу бофарҳанги тоҷик ворид шуда, сиёсати сулҳҷӯёнаи давлат ва Ҳукумат аз ҷониби халқ дастгирӣ ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зеро роҳи мушкил, пурхатар ва душвори расидан ба сулҳу ризоияти миллӣ барои ҳамаи мо сабақ дод, ки ягон неъмати дигари олам аз истиқлолияту озодӣ, давлати соҳибихтиёри миллӣ ва Ватани муқаддаси аҷдодӣ болотар нест.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо аз идомаи нооромиҳои дохилӣ дар Ироқ ва кишвари ҳамсояамон Афғонистон мисли тамоми инсонияти сулҳдӯсту тараққихоҳ дар ташвиш ҳастем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Парчами ваҳдати миллӣ ва сулҳу осоиши пойдор фазои боварию эътимодро ба оянда афзуда, ҳисси худшиносӣ, асолати ватандустӣ ва ифтихори миллии мардумро боло мебарад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор аз файзу баракати истиқлол парчами ваҳдати миллӣ рохнамо ва оини миллати сулҳпарвари тоҷик ҳидояттари мо сӯйи фардои пурсаодат бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо ифтихор аз халқи сулҳдӯсту меҳнатпарвар ва боистеъдоди тоҷик ман имрӯз ба маълумоти шумо – намояндагони мамлакатҳои тамоми ҷаҳон мерасонам, ки мо аз озмоишҳои вазнинтарин сарбаландона баромада тавонистем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳ дар мамлакати мо вақте ҳукмрон гардид, ки баъди гирудорҳои сиёсӣ ва муқовимати мусаллаҳона мардум аҳамияти созгории миллиро ҳамчун ҳадафи олии ҷомеа дарк намуд ва онро на танҳо кӯшиши зинда мондану наҷот ёфтан, балки боварию эътимод ба хусусияти миллии бунёдкорона муттаҳид гардонда буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тасаввуриояндаи Тоҷикистон ҳамчун давлати мутараққии демократӣ ва ободи дунявӣ аз он ҷиҳат оқилонатар буд, ки дар болои таҳкурсии мустаҳками ҷомеаи шаҳрвандӣ бунёд карда мешуд. Ҷаноби Кофи Аннан зимни сафараш ба Тоҷикистон, соли гузашта, шоҳиди натиҷаҳои фаъолияти посдории сулҳи СММ ва дигаргуниҳои бузург дар рӯҳияи одамон гардид, ки баояндаи фарзандони худ ва мамлакати худ боварии комил доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Инсоният бояд дарк намояд, ки ислом ба ҳеҷ ваҷҳ дини зӯроварӣ нест, балки мисли динҳои дигари ҷаҳонӣ одамонро ба раҳму шафқат, ҳамдардӣ ва сулҳу созгорӣ даъват менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мақсади мо дар Осиёи Марказӣ бунёд кардани минтақаи сулҳу субот, мувозинат ва шукуфоӣ мебошад. Тоҷикистон ҳамин масъаларо қатъан муҳим мешуморад, ки Осиёи Марказӣ бояд аз аслиҳаи қатли ом озод бошад, бинобар ин мо пешниҳоди бунёди минтақаи бе аслиҳаи ядроиро дар Осиёи Марказӣ дастгирӣ менамоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамзамон мо бори дигар қотеъона даъват менамоем, ки таваҷҷӯҳро ба эҳтиёҷоти ин мамлакат суст накарда, дигаргуниҳои мусбати онро бештар дастгирӣ карда, онҳоро тақвият бахшем ва хусусияти бозгаштнопазирии ҷараёни истиқрори сулҳро дар ин сарзамин таъмин карда, тадбирҳои қатъ намудани истеҳсоли маводи нашъадорро дар Афғонистон вусъат бахшем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар масъалаи таъмини сулҳу амнияти байналхалқӣ - ин ба назар гирифтани пешгирии муноқишаҳои мусаллаҳонаи чи дохилӣ ва чи байнидавлатӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷиддият ва доманаи васеи проблемаҳои вобаста ба маводи нашъадор ва хариду фурӯши ғайриқонунии онҳо дар бораи хавфи умумиҷаҳонии он шаҳодат медиҳад, ки ба амният ва суботи вазъияти саросари ҷаҳон таҳдид менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Агар тағйироти соли 1999 барқарории сулҳу суботро дар кишвар ҳукми қонунӣ бахшида бошанд, пас тағйиру иловаҳое, ки 22 июни соли ҷорӣ ворид карда шуданд, бо густариши минбаъдаи раванди демократикунонии ҳаёти ҷомеа марбутанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар Рӯзи Конститутсияро ба шумо муборак гуфта, ба ҳар хонадон шодию фараҳ ва сулҳу сафо орзумандам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ислом моҳиятан чун як дини маърифату ахлоқ бо ҷавҳари адолат ва асли башардӯстӣ, сулҳпарварӣ ва оини покию накӯхоҳӣ барои беш аз як миллиарду сесад миллион пайравони худ сарчашмаи эътиқод, имон ва раҳоиш мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бинобар ин, вазифаи имониву инсонии ҳар як фарди бонангу номуси миллат ва мусулмони равшанфикр имрӯз ва ҳамеша ин аст, ки баробари адои рисолати динӣ қарзи муқаддаси шаҳрвандиашро низ ба ҷо орад ва ҳамаи кӯшишу талоши худро ба сӯйи инкишофу пешрафт ва ободиву оромии Ватан, ҳифзи истиқлолияти миллӣ ва таҳкими дастовардҳои он, пеш аз ҳама сулҳу субот, ки бузургтарин комёбии мост, равона созад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз, ки мову шумо иди саиди Фитрро дар фазои сулҳу оромӣ ва амнияту осоиш истиқбол мегирем, тамоми олам моро чун миллате мешиносад, ки силоҳро ба замин гузошта, ихтилофҳои мавҷударо дар як муддати кӯтоҳ аз тариқи музокирот, якдигарфаҳмӣ, ҳамгироӣ ва ҳамкорӣ ҳал намудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҷрибаи фарҳанги сулҳи тоҷиконро имрӯз тамоми ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва сиёсатмадорону сиёсатшиносон, олимону ҷомеашиносони бисёр кишварҳои олам чун яке аз дастовардҳои таърихӣ ва нодири асри XX эътироф карда, онро ҳамаҷониба меомӯзанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Муҳимтар аз ҳама, дарки аҳамият ва зарурати ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, пеш аз ҳама ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ, ҳисси худогоҳиву худшиносӣ, эҳсоси гарми ватандориву ватанпарастӣ ва ифтихори миллӣ дар байни тамоми табақаҳои ҷомеа қувват гирифт ва таҳким ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Чунки дар ҷаҳони пурҳаводис ва ниҳоят мураккаби имрӯза танҳо миллате худро аз таркишу зарбаҳои фалокатбори сиёсиву иҷтимоии асри нав ҳифз карда метавонад, ки худогоҳу худшинос бошад, ба қадри неъмати истиқлолияту озодӣ, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ расида тавонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вале мутаассифона, ҳанӯз ҳам расонаҳои хабарии ҳангомаҷӯ дар хориҷа бо фармоиши доираҳои муайян, ки сулҳу субот дар кишвари мо ба манфиати онҳо нест, дар инъикоси вазъияти Тоҷикистон ба таҳрифкорӣ роҳ медиҳанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин робита мехоҳам ҳамчунин хотирнишон созам, ки моҳи июли соли гузашта ба муносибати панҷсолагии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллии Тоҷикистон дар пойтахти кишвари мо - шаҳри Душанбе доир ба таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон ва истифодаи он дар нуқтаҳои доғи ҷаҳон конфронси байналмилалӣ баргузор гардида буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз ба ҳама равшан аст, ки ба амнияти ҷаҳон беш аз ҳама муқовимати тамаддунҳо хатар дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин чунин маънӣ дорад, ки мо ҳаргиз бояд зиракии сиёсиро аз даст надиҳем, истиқлолияти Ватанамон ва дастовардҳои онро азиз донему ҳифзу амнияташро ҳамеша таъмин намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Агар робитаҳои анъанавии мо бо Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амнияту ҳамкории Аврупо, Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ (ЭКО), Созмони конфронси исломӣ ва дигарҳо вусъати тозае гирифта бошанд, иштироки Тоҷикистон дар фаъолияти Шӯрои ҳамкориҳои Аврупою Атлантика ва Барномаи НАТО "Ҳамкорӣ бахри сулҳ" дар раванди вусъати равобити хориҷии кишвар падидаи тозае буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман инро дар радифи истиқлолият, сулҳ, вахдат ва ризоияти миллӣ аз бузургтарин дастовардҳои даҳсолаи охир дар таърихи миллати куҳанбунёди хеш медонам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ҷонибдори сулҳу суботи комил ва рушди иқтисодии кишвари ҳамҷавор мебошем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ин рӯ, мо тамоми кӯшишҳои мудохиларо ба корҳои дохилии Афғонистон қатъиян маҳкум намуда, мехоҳем, ки раванди сулҳ дар заминаи аз тарафи ҳамаи ҷонибҳои афғонӣ пазируфташуда идома ёбад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мавқеи мо дар ин бобат аз он иборат аст, ки ҳамкориҳоямон ҷавобгӯйи талаботи замони ҳозира бошанд, зеро тавре ки дар боло гуфта шуд, дар айёми глобализатсия маҳз пешравии иқтисодӣ, чи дар минтақа ва чи дар кишварҳои алоҳида, кафили сулҳу субот шуда метавонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар тӯли чанд соли охир дар натиҷаи барқарории сулҳу оромӣ дар ҷумҳурӣ ташаббускории шаҳрвандон афзоиш ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо нағз медонем, ки ривоҷи босуръати иқтисодиёт ба омили муҳими дигар - сулҳу субот дар кишвар ва минтақа зич алоқаманд аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мафҳуми сулҳ барои мо - тоҷикон маънии махсус касб намудааст ва дар бораи аҳамияти таърихӣ, сиёсӣ, миллӣ ва фарҳангии он бисёр сухан рондан мумкин аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳ ин интихоби озод аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ибораи дигар, кувваҳои сиёсие, ки мақсад ва ҳадафҳои муайян доранд, ба умеде ба сулҳ рӯ меоранд, ки он барои фаъолияти озод ва расидан ба ҳадафҳои стратегиашон шароит ба вуҷуд меорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маънии асосии сулҳ дар он аст, ки қувваҳои гуногуни сиёсӣ ба ақида ва мавқеи якдигар ҳисси эҳтиром дошта бошанд. Ин шарти асосии фарҳанги сулҳ мебошад, ки имрӯз бе он ҷомеаи мутамаддинро тасаввур кардан амри маҳол аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо тамоми иқдом, тамоми кӯшиш, тамоми ҳаракатро, ки ба ҳифзи сулҳу субот, ба таҳким ва побарҷоии онҳо нигаронида шудаанд, бояд ҳамчун кӯшиши эҳёи миллати куҳанбунёди тоҷик, таҳкими пояҳои давлату давлатдории навини тоҷикон маънидод кунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

## Соли 2004

Вале комёбии аз ҳама бузурги мо сулҳу суботи ҷомеа, ваҳдати миллӣ ва сарҷамъии миллатамон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд шукр гӯем, ки ба чунин рӯзгори орому осуда расидаем ва сулҳу субот, ваҳдати миллиро ҳамчун дастоварди азизтарини халқамои ба монанди гавҳараки чашм эҳтиёт кунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бинобар ин мақому мартаба ва масъулияти Вазорати маориф, Академияи илмҳо, мактабҳои олӣ ва муассисаҳои таълимӣ дар тарбияи ворисони арзандаю соҳибмаърифат, ки дар оянда амнияти миллӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии мамлакатро пуштибонӣ хоҳанд кард, хеле бузург аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бистуҳафтуми июни ҳар сол дар саросари Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо яке аз ҷашнҳои бузург ва таърихии миллатамон - Рӯзи ваҳдати миллӣ ва ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ таҷлил карда мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ба аҳли ҷаҳон, созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, кишварҳои дӯст ва ҳаммарз исбот кардем, ки ба идеяи ваҳдати миллӣ, сулҳу субот содиқ ҳастем ва манфиатҳои милливу давлатии худро ҳамеша дар мадди аввал қарор медиҳем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

То имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ мо роҳи ниҳоят вазнин ва пурпечутоби музокиротро тай намудем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин раванд ҳадафи асосии мо таъмини сулҳу оромӣ, ваҳдати миллӣ, ҳарчи зудтар ба Ватан баргардонидани гурезаҳо ва сарҷамъ намудани миллат буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар баробари чунин талошҳо дар дохил ва хориҷи кишвар шахсоне ҳам буданд, ки ба натиҷаи мусбати ин музокирот ва ҳалли масъалаҳои давлатии Тоҷикистон бо шакку шубҳа менигаристанд ва кӯшишҳои моро барои ноил шудан ба сулҳу ваҳдат танҳо бозии сиёсӣ мепиндоштанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ғайр аз ин, як гурӯҳ душманону хоинони миллати тоҷик низ буданд, ки рӯирост бар зидди раванди сулҳ ва суботи ҷомеа монеаҳои зиёд эҷод менамуданд, ба оғози фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, баргаштани гурезаҳо сахт муқобилият мекарданд ва ҳатто баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ҳам чандин маротиба бо ҳидояту дастгирии хоҷагони хориҷии худ даст ба табаддулоти низомӣ заданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо истифода аз фурсат мехоҳам дар назди миллати куҳанбунёду соҳибтамаддун ва сулҳпарвари тоҷик, ки барои барқарории сулҳу оромӣ хизмати бузург ва беназири таърихӣ кард, сари таъзим фуруд орам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ҳамаи шахсоне, ки аз ҳарду ҷониб дар гурӯҳҳои кории музокирот заҳмат кашиданд, миннатдории бепоён изҳор менамоям. Инчунин аз ҳамаи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва кишварҳое, ки дар раванди сулҳи тоҷикон саҳми беғаразона гузоштанд, сипосгузорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз аз касе пӯшида нест, ки ҷанги шаҳрвандӣ аслан таҳмилӣ буд. Дар бораи сабабҳо ва омилҳои сар задани он, инчунин раванди музокирот ва таъмини сулҳу субот ҳам дар кишвар ва ҳам берун аз он китобҳо ва мақолаҳои зиёде ба табъ расидаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ҷараёни музокирот мо аз ҳарду ҷониб зарурати ваҳдат ва сулҳи пойдорро дарк намуда, ба ҷойи тиру камон дасти дӯстиро ба ҳам додем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо имрӯз метавонем гӯем, ки хирад ва заковати фитрии миллатамон, ки моҳиятан сулҳпарвар ва сулҳдӯст аст, омили асосӣ ва бузургтарини сулҳу ваҳдати миллӣ гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имзои Созишномаи умумӣ истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон барои амалӣ гаштани чандин накшаҳо заминаи хуб ба вуҷуд овард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз рӯзи ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар таърихи сиёсии Тоҷикистон марҳилаи сифатан нав оғоз гардид. Фаро расидани сулҳу субот ва қадамҳои нахустин дар роҳи ваҳдати миллӣ барои таҳкими пояҳои давлати ҷавони мо шароит фароҳам овард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати сулҳу оромӣ дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишварамон таҳаввулоти ҷиддӣ ба миён омаданд, яъне сулҳ ба мо имкон дод, ки дар ҳамаи соҳаҳои зиндагӣ қадамҳои устувор гузорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳаёти баъди солҳои мухолифати мусаллаҳона нишон дод, ки барои ҷомеа аз сулҳу оромӣ неъмати азизтар ва бузургтаре вуҷуд надорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз ҳар як фарди бонангу номуси ҷомеа возеҳ дарк кардааст, ки агар дар мамлакат сулху субот хукмфармо бошад, ҳамаи масъалаву мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ тадриҷан ҳалли худро меёбанд ва танҳо дар ҳамин сурат мо метавонем бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро, ки бо иродаи мардуми Тоҷикистон ҳамчун ҳадафи ниҳоии худ қарор додаем, идома диҳем ва барои шаҳрвандони мамлакат шароити сазовори зиндагиро муҳайё намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хусусан дар шароити ҳассоси имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, торафт мураккаб шудани авзои сиёсиву иқтисодии ҷаҳон ва печида гардидани раванду тамоюлҳои глобализатсионӣ ҳифзи сулҳу суботи ҷомеа ва таҳкими ваҳдати миллӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муқаддаси ҳар фарди бонангу номуси миллат ба шумор меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу суботе, ки дар натиҷаи имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти ҷомеа дар Тоҷикистон фароҳам оварда шуд, дастоварди бузург ва муқаддаси миллати мо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фаромӯш кардаанд, ки чанд сол қабл аз ин на танҳо аз баёни ошкорои фикри худ, ҳатто аз гаштугузор дар кӯча ва нишастан дар хонаҳои хеш тарсу ҳарос доштанд. Аз ин рӯ, аз сулҳу суботе, ки ҳоло ҳукмфармо гардидааст, бояд шукрона кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи камбудиву норасоиҳоро Ҳукумат хуб медонад ва пайваста дар андешаи рафъи онҳо мебошад. Вале бартараф кардани онҳо пеш аз ҳама сулҳу оромӣ, ваҳдат ва сабру таҳаммул мехоҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Яке аз дастовардҳои мо озодии виҷдон аст, ки шакли муҳими демократия маҳсуб меёбад ва дар ҷомеа торафт таҳким ёфта истодааст. Ин бешубҳа аз натиҷаҳои намоёни раванди сулҳ дар Тоҷикистон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар давраи низои дохилӣ шахсон ва гурӯҳҳое буданд, ки ба ҷойи ҷустуҷӯи роҳҳои сулҳу субот баръакс худтаҳқиркунӣ ва худкушии миллати моро талқин мекарданд. Раванди сулҳу субот ба таҳкими истиқлолияти кишвар заминаи боэътимод гузошта, миллатамонро аз худкушиву худтаҳқиркунӣ раҳо намуд ва ҳисси ифтихори миллиро боз ҳам баланд бардошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таърихро инкор кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, аз таърихи навини мо раванди сулҳу суботро низ сарфи назар карда намешавад. Зеро маҳз сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ барои эҳёи миллат заминаи мусоид ба вуҷуд овард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ҳамчунин шарти ҳатмӣ ва асоси боэътимоди рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёт мебошад, зеро меҳнати созандаву пурсамар танҳо дар шароити оромии ҷомеа имкон дошта метавонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи мо хуб дар ёд дорем, ки иқтисодиёти Тоҷикистон аз оғози низои дохилӣ то соли расидан ба Созишномаи умумии истиқрори сулҳ босуръат рӯ ба таназзул ниҳода буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Натиҷаҳои сулҳу субот тадриҷан дар эҳёи иқтисодиёти кишвар инъикос ёфтанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Умед дорем, ки бо таҳкими дастовардҳоямон, пеш аз ҳама дар самти сулҳу оромӣ ва суботи иқтисодӣ дар ояндаи наздик дараҷаи аз имрӯза беҳтари зиндагии мардуми Тоҷикистони азизамонро таъмин мекунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарназардошти ин, аҳамияти сулҳу субот ва ваҳдати миллиро бояд аз хурд то бузург ҳама ба хубӣ эхсос, кадр ва ҳифз намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ин рӯ, дар роҳи пешгирифтаи мо ҳоло мушкилоти зиёд мавҷуданд ва барои бартараф намудани онҳо ба ҳар як фарзанди бонангу номуси миллат зарур аст, ки хамеша пуштибони сулҳу ваҳдати миллӣ ва суботи сиёсии мамлакат бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳоло аксарияти давлатҳои демократӣ, созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ дастовардҳои Тоҷикистонро дар роҳи барқарор кардани сулҳу субот ва фароҳам овардани имкониятҳо барои ҷомеаи шаҳрвандӣ, озодии сухан, гуногунандешии сиёсӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор медиҳанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ба раванди таҳкими истиқлолият, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ суръат бахшида, дар роҳи пешгирифтаи хеш қадамҳои устувор гузоштаем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Натиҷаи татбиқи сиёсати мазкур дар он зоҳир мегардад, ки аксарияти мардуми Тоҷикистон онро дастгирӣ мекунад, зеро мақсаду мароми мо сулҳу суботи ҷомеа, баланд бардоштани сатҳи зиндагии халқ ва густариши худшиносиву ифтихори миллӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар чунин шароит масъулият ва вазифаи Созмони Милали Муттаҳид, ки мақоми асосии ҳифзи сулҳ ва амнияти кишварҳо мебошад, бояд якчанд маротиба афзун гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Инсоният дар асри нав бояд дар бобати тарғиб ва густариши арзишҳои умумибашарӣ, пеш аз ҳама фарҳанги сулҳ талош намояд ва бо истифодаи

неруи зеҳнии худ насли нави одамонро дар рӯҳияи эҳтиром ва дастгирии сиёсати фарҳанги сулҳ ба камол расонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зеро маҳз тавассути ваҳдат ва сулҳу суботи ҷомеа мо ба тамоми ҳадафҳои худ расида, бо неруи созандагию бунёдкорӣ Тоҷикистони азизи худро дар қатори кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ҷой дода метавонем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор аз шарофати сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ҳар хонаводаи тоҷик ҳамеша дар амон бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар чунин шароит масъулият ва вазифаи Созмони Милали Муттаҳид, ки мақоми асосии ҳифзи сулҳ ва амнияти кишварҳо мебошад, бояд якчанд маротиба афзун гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз баракати сулҳу субот мо тавонистем, ки мақомот ва сохторҳои фалаҷшудаи ҳокимияти давлатиро аз марказ то маҳалҳо барқарор кунем, дар як муддати кӯтоҳ зиёда аз як миллион нафар гурезаҳоро ба ҷойи зисти доимиашон баргардонем, ки таърих чунин корро кам дар ёд дорад ва ба обод кардани харобаҳои ҷанг оғоз намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо қарори ЮНЕСКО ба нахустин ҷоизаи "Шаҳри сулҳ" дар қитъаи Осиё ва Уқёнуси Ором мушарраф гардидани пойтахти мамлакатамон - шаҳри Душанбе ҳамаи моро ифтихори бузург мебахшад ва дар айни замон ба густариши талошҳоямон дар ин роҳ ҳидоят менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо метавонем имрӯз низ ҷиҳатҳои мусбат ва созандаи ин таҷрибаи таърихиро ба нафъи суботу амният ва ҳамкории судманди минтақавӣ истифода барем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ғояҳои ватандӯстӣ, худогоҳиву худшиносӣ, эҳтироми анъанаву суннатҳои фарҳанги миллӣ ҳама якҷоя қисми таркибии сиёсати мо оид ба таъмини амният ва давлатдории миллӣ мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин санади муқаддас, ки бо дарназардошти ирода ва манфиатҳои аксари мутлақи мардуми кишвар ва роҳи рушди ояндаи давлатамон таҳия ва

пазируфта шудааст, сохти давлатдорӣ ва низоми ҳаёти ҷомеаи нави Тоҷикистонро муайян намуда, ба сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дар мамлакатамон асоси боэътимод гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тағйиру иловаҳое, ки соли 1999 мутобиқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба Конститутсия ворид гардиданд, воситаи муҳими ризоият, созиш, ваҳдат ва суботи ҷомеа гаштанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Албатта, ҳамаи ин ба шарофати сулҳу салоҳ, ваҳдати миллӣ ва суботи ҷомеа, фаъолияти озоди иқтисодӣ, рушди соҳибкорӣ, таъмини баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, пеш аз ҳама моликияти хусусӣ муяссар мегардад, ки дар Конститутсия кафолат дода шудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар баробари ин ҳангоми таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нав санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, бахусус он ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқи инсонро танзим менамоянд, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Қарордоди байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, Қарордоди байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи гражданӣ ва сиёсӣ, Эъломияи Париж ва санадҳои Маҷлиси машваратӣ оид ба амнияту ҳамкорӣ дар Аврупо мавриди омӯзиш қарор ёфтанд ва муқарраротӣ онҳо ба инобат гирифта шуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар Қонуни асосӣ аввалин маротиба ҳуқуқҳои фитрӣ ва табиии инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳаёт, саломатӣ, қадр, номус, амният, озодӣ ва дигар ҳуқуқҳои он ба таври возеҳ муқаррар гардидаанд, ки ин хусусият Конститутсияи моро дар радифи Қонунҳои асосии кишварҳои пешрафта қарор медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Давлат ҳамчун созмони сиёсӣ масъули таъмини амнияти ҷомеа ва фард, намояндаи тамоми ҷамъият, ифодакунандаи арзишҳои умумибашарие мебошад, ки онҳо дар Конститутсия ифода ёфтаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ҷое, ки масъалаҳои ҳифзи манфиатҳои истиқлолият ва амнияти давлат пеш меояд, дин бояд дар хидмати онҳо қарор гирад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Инкишофи ояндаи чунин ихтилофот метавонад сабаби ноороми ва носуботии ҷомеа шавад ва амнияти ҷамъиятӣ ва миллиро зери хатар гузорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар шароити кунунии ҷаҳони муосир ба мо пеш аз ҳама зарур аст, ки шаҳрвандони мамлакати худро аз хатару тахдидҳои глобалӣ, яъне терроризму экстремизм ва маводи мухаддир ҳифз карда, амнияти воқеӣ ва шароити мусоиди зиндагии онҳоро таъмин намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зеро чунин амалҳо хусусиятҳои зиддиконститутсиониву зиддидемократӣ дошта, оромӣ ва суботи ҷомеаро халаддор мекунанд ва ба амнияту озодии инсон тахдид менамоянд. Бинобар ин, таъсиси чунин созмонҳо ва амалҳои экстремистӣ дар тамоми давлатҳои демократӣ ва ҷаҳони мутамаддин манъ карда шудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Баъди фоҷиаи маълуми 11 сентябри соли 2001-ум масъалаҳои бехатарӣ, амнияти давлатӣ ва суботи ҷомеа дар ҷаҳон ба ҷойи аввал баромаданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар баробари ин, муҳофизати Ватан, таъмини амнияти миллӣ, оромиву суботи ҷомеа ва бехатарии марзҳои давлатӣ муҳимтарин вазифаи Ҳукумат ва шаҳрвандони Тоҷикистон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамчунин исбот намудем, ки пойтахти кишварамон на маҳалли иғвою дасиса, моҷарову задухӯрд, балки маркази воқеӣ ва мустаҳками ваҳдат ва ризоияти миллӣ, намунаи барҷастаи амният, фарҳанги сулҳ ва ҳаёти дунявӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Давраи навини давлатсозию давлатдории халқамон ба мо расидан ба қадру қимати истиқлолият ва давлати миллиро омӯзонда, имкон дод, ки саросари ҷаҳон тоҷикон ва Тоҷикистонро шиносанд, ба таърихи қадимӣ, мероси бой, оини сиёсатмадорию сулҳпарастӣ, башардӯстию фарҳангпарварии онҳо эҳтиром гузоранд ва таҷрибаи нодири сулҳофарии моро омӯзанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз Душанбе шаҳри сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ гардидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Саҳми бузурги онро дар таҳкими сулҳи комили Тоҷикистон ба инобат гирифта, моҳи августи соли ҷорӣ ЮНЕСКО тибқи қарори худ шаҳри Душанберо бо Ҷоизаи якуми «Шаҳри Сулҳ» дар минтақаи Осиёву Уқёнуси

Ором дар солҳои 2002-2003-юм қадр намуд, ки воқеан ин мукофот боиси ифтихори ҳар сокини пойтахт ва шаҳрвандони Тоҷикистон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу оромӣ ва суботи устувори мавҷудаи кишварамон, аз ҷумла пойтахтро ба таври абадӣ чун гавҳараки чашм эҳтиёт ва нигоҳ дорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу созиш ва оромии ҷомеа барои мо пояи асосии сиёсат ва таъмини амнияти ҷамъиятӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Амнияти ҷамъиятӣ пеш аз ҳама маънои ба вуҷуд омадани ҷомеаеро дорад, ки сатҳи фарҳанг ва амали қонунҳо ба дараҷае расидааст, ки дигар касе ё гурӯҳе наметавонад кору зиндагии ороми шаҳрвандонро халалдор намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Боварии комил дорем, ки тамоми сокинони шаҳри Душанбе – аз хурд то бузург бо дарки моҳият ва рисолати таърихии пойтахт дар рушду такомули давлати Тоҷикистон бо ҳисси баланди ифтихори ватандӯстиву ватанпарварӣ, бузургдошти оини давлатдорӣ, таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, барои бунёдсозӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамеша кӯшишу талош менамоянд ва намунаи ибрат мегарданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имони комил дорам, ки боғшаҳри кишварамон рисолати муттаҳидсозии миллатро идома дода, ба маркази ҳамешагии сулҳу ваҳдат, илму фарҳанги тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон табдил хоҳад ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Қабл аз ҳама ба мо зарур буд, ки амниятро дар шаҳри Душанбе ҷорӣ намуда, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатиро ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва ҳам дар сатҳи шаҳрдории пойтахт таъмин созем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу созиш ва оромии ҷомеа барои мо пояи асосии сиёсат ва таъмини амнияти ҷамъиятӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Амнияти ҷамъиятӣ пеш аз ҳама маънои ба вуҷуд омадани ҷомеаеро дорад, ки сатҳи фарҳанг ва амали қонунҳо ба дараҷае расидааст, ки дигар

касе ё гурӯҳе наметавонад кору зиндагии ороми шаҳрвандонро халалдор намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Яке аз рукнҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии мо маҳз ба таъмин намудани амнияти ҷомеа нигаронида шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ҳар як марҳалаи муҳими тараққиёти Тоҷикистон амри зарурӣ буда, ба рафъи иллатҳои содиршавии ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳо, мубориза бар зидди онҳо ва дар маҷмӯъ таъмини амнияту оромии давлат ва ҷомеа мусоидат менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар марҳилаи имрӯзаи ҳаёти ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки бархӯрди манфиатҳои давлатҳои абарқудрат, глобализатсияи проблемаҳо ва хатарҳои муосир шиддат ёфтаанд, амнияти бисёр кишварҳо таҳти таҳдидҳои гуногун қарор гирифтааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба амнияти миллии ҳар давлат пеш аз ҳама қувваҳои моҷароҷӯву тахрибкори берунӣ таҳдид доранд, ки Тоҷикистон дар таърихи навини худ оқибатҳои фоҷиабори дахолати онҳоро аз сар гузарондааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба гурӯҳи таҳдидҳои дохилӣ экстремизм, ҷиноятҳои муташаккилона, коррупсия, нашъаҷаллобӣ ва дигар зухуроти ба ин монанд шомиланд, ки метавонанд амнияти давлат ва ҷомеаи моро халалдор созанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мақомоти мазкур имрӯз барои таъмини волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва амнияти давлату ҷомеа қодир буда, ҷиҳати амалӣ намудани ваколатҳои конститутсионии худ ҳамаи имкониятҳои заруриро дар ихтиёр доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Албатта, дар роҳи таъмини амнияти давлат ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, инчунин таҳкими дастовардҳои истиқлолият корҳои муҳим анҷом дода шудаанд, ки дар онҳо саҳми шумо – кормандони тамоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, амният, судҳо ва ҳамаи сохторҳои низомӣ бузург аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бояд зикр намуд, ки Ҳукумати Тоҷикистон ба масъалаҳои маблағгузории соҳаҳои мудофиа, амният, ҳифзи сарҳади давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ диққати махсус медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мубориза бар зидди чунин зуҳуроти манфии иҷтимоист, ки бе муваффақият дар ин самтҳо амнияти давлат ва ҷомеаро таъмин кардан ниҳоят мушкил аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Онҳо бояд муҳофизони боэътимоди амнияти давлату миллат ва манфиатҳои мардум бошанд, на ин ки мисли баъзе хизматчиёни ҳарбии собиқ Гвардияи Президент кӯшиши халал расонидан ба оромии мардум ва амнияти давлат намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз, ки волоияти қонун ва пойдории адолати иҷтимоӣ меҳвари асосии ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии мо гардидааст, кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти низомӣ бояд дар таъмини амнияти шаҳрвандон ва амнияти давлат тамоми имконияту воситаҳоро истифода намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми Тоҷикистон хуб медонад, ки шумо – кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии мамлакат дар барқарор намудани сулҳ, ваҳдати миллӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон, таҳкими истиқлолият ва амнияти давлат роҳи душворро паси сар карда, бар ивази хизмату заҳматҳои шабонарӯзӣ ва муборизаву ҷоннисориҳои худ оромиву суботи имрӯзаро таъмин намудаед.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шумо такягоҳи боэътимоди давлат, кафили амнияти ҷомеа ва миллат ҳастед.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Боз ҳам мустаҳкам шудани пояҳои давлатдорӣ, таҳкими сулҳу ваҳдат, густариши равандҳои демократӣ, болоравии эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ва афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва қисми даромади буҷети давлатӣ, инчунин устувор нигоҳ доштани қурби пули миллӣ дастовардҳои асосии ин давра ба шумор мераванд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо фарҳанги сулҳ ва ваҳдати бадастовардаамонро қадр ва ҳифз менамоем. Зеро сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ барои ҷомеаи мо дастоварди бузург ва зиёда аз ин, заминаи тамоми таҳаввулоти демократӣ мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бунёди давлати нави тоҷикон, ки барои халқамон бесобиқа аст, кори танҳо Президент, Ҳукумат ва Маҷлиси Олӣ нест, балки вазифаи асосии тамоми ҷомеа мебошад. Ҳадафҳои муҳимтаринн ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мардуми тоҷик фарҳанги ягонагӣ, фарҳанги сулҳу субот ва созандагӣ, таҳаммул ва инсондӯстӣ, фарҳанги таъмини волоияти қонун, эҳтирому риояи ҳуқуқҳои инсон ва хулоса фарҳанги демократия мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо вуҷуди он, ки қонуни амалкунандаи интихоботи Парламенти Тоҷикистон дар натиҷаи фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва бо иштироки бевоситаи намояндагони созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкории Аврупо, давлатҳои нозири сулҳи тоҷикон ва ҳизбҳоӣ сиёсӣ таҳия шуда буд, таҷрибаи панҷсолаи амали қонуни интихобот ва дигаргуниҳои сиёсии дар ҷомеа бавуқӯъомада имрӯз зарурати такмили онро пеш овардаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми Тоҷикистон нақши бузургу таърихии Россияро дар истиқрори сулҳу субот дар кишвар фаромӯш нахоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд ҳикмати бузурги зиндагиро фаромӯш насозем, ки сиёсатмадорон меоянду мераванд, ягон шахс то абад маснадеро соҳибӣ нахоҳад кард, вале мардумони мо чун ҳамсоягони нек, ки тӯли асрҳо робитаҳои наздик доштанд, бояд дар фазоӣ сулҳу оромӣ, дӯстӣ ва дар шароити озоди рафтуомад, додугирифти бемамониати молу маҳсулот ва неруи корӣ, яъне шаффофияти марзҳо зиндагӣ намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ақидаи мо, танҳо Афғонистони ягона, демократӣ ва сулҳпарвар имкони раҳоиро аз буҳрони ҳозира дошта метавонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вобаста ба робитаҳои хориҷии Тоҷикистон бори дигар хотирнишон месозам, ки сиёсати давлати мо сиёсати сулҳ ва ҳамкорӣ мебошад ва ба пешрафти бомароми кишвар, эҳтироми меъёрҳо ва муқаррароти асноди байналмилалӣ ва иҷрои содиқонаи уҳдадориҳои байналмилалии кишвар ва

дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мақому манзалати шоиста пайдо кардани Тоҷикистон равона карда шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вале аз миёни ҳама корҳои анҷомдода ва комёбиҳои бадастовардаамон дар ин давра мехоҳам оромии ҷомеа, сулҳу суботи сиёсӣ ва сарҷамъии мардумамонро махсус таъкид намоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ дар ҳақиқат неъмати бузург аст ва ба қадри он расидан барои ҳар як шахси бонангу номус ва худшиносу худогоҳи миллат фарз мебошад. Зеро он мақсадҳои бузурги созандагиро, ки доир ба ободии ояндаи Ватан, таҳкими иқтидори иқтисодии мамлакат ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии халқамон пеш гирифтаем, танҳо дар сурате амалӣ карда метавонем, ки ҳамаи мо, сарфи назар аз мансубияти ҳизбӣ ва мавқеи иҷтимоӣ, сулҳу оромии кишварро чун муқаддасоти миллӣ эҳтиром ва ҳифз намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар раванди пурталотуми асри нав ва вазъи ноороми ҷаҳон, ки чаҳор самти онро муқовимату мухолифатҳои сиёсиву иқтисодӣ фаро гирифтаанд, ба андешаи ман, ҳадафе волотар аз амнияту оромӣ ва сулҳу субот дар кишвари мо нест.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ислоҳоти сохтории мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ аз масъалаҳои муҳиму зарурӣ мебошад, зеро таъмини суботи сиёсӣ, амнияту оромии ҷомеа, татбиқи якхелаи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги сиёсию ҳуқуқии мардум, амалӣ гардонидани барномаҳои иҷтимоию иқтисодии давлат ва дар маҷмӯъ таъмини пешрафти ҷомеа аз фаъолияти дурусту оқилонаи мақомоти мазкур вобастагии бевосита дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мақсад аз он иборат аст, ки бар зидди қочоқгарони маводи мухаддир, силоҳ ва сарҳадшиканон, алалхусус қувваҳои амнияти кишварамонро халалдорсозанда, боэътимод мубориза бурда шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хулоса, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд пурра ба таъмини воқеии волоияти қонун, амният ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон равона гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

Бо вуҷуди он, ки қонуни амалкунандаи интихоботи Парламенти Тоҷикистон дар натиҷаи фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва бо иштироки бевоситаи намояндагони созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкории Аврупо, давлатҳои нозири сулҳи тоҷикон ва ҳизбҳои сиёсӣ таҳия шуда буд, таҷрибаи панҷсолаи амали қонуни интихобот ва дигаргуниҳои сиёсии дар ҷомеа бавуқӯъомада имрӯз зарурати такмили онро пеш овардаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бинобар ин, вазифаҳои асосии сиёсати хориҷии мо аз фароҳам овардани шароити мусоиди берунӣ барои пешбурдиислоҳоти иқтисодӣ, таъмини рушди устувори кишвар, таҳким ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳифзи тамомияти арзӣ ва амнияти кишвар ва мустаҳкам кардани мақоми сазовори Тоҷикистон дар арсаи байналмилали иборат мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Соли гузашта дар кишвари мо ҷаласаи Сарони кишварҳои узви Созмони амнияти дастаҷамъӣ ва Иттиҳоди иқтисодии Аврупою Осиё доир гардид, ки ин намунаи пайванди узвии масъалаҳои муҳими амнияти имрӯза бо ҳадафҳои рушди иқтисодӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Соли гузашта муносибатҳои мо бо кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ба мисли Штатҳои Муттаҳидаи Амрико, Фаронса, Ҷопон ва Швейтсария боз ҳам мустаҳкам шуданд. Имрӯз бо ин давлатҳо дар соҳаҳои гуногун ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондаем, ки мақсад аз он таъмини заминаӣ рушди устувори иқтисодии кишвар ва амнияти давлат мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

*******

Ин қувваҳо дар кишвари мо тибқи созишномае, ки соли 1993 ба муддати 10 сол баста шуда буд, фаъолият доранд ва онҳо дар ин муддат дар ҳифзи сарҳадоти мо, таъмини амнияти кишвар ва минтақа нақши муҳим бозиданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барои амният ва пешрафти натанҳо кишвари мо, балки тамоми минтақа вазъияти Афғонистон таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва амнияти кишвар масъалаи таҳкими фазои ҳамкорӣ бо ташкилоту созмонҳои бонуфузи ҷаҳон аз ҷумлаи ҳадафҳои аввалиндараҷа мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Вазифаи таъмини амнияти кишвар ва минтақа барои мо ҳаётан муҳим аст ва дар ин самт густариши робитаҳо бо Созмони амнияту ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони ҳамкориҳои Шанхай, Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (НАТО), қабл аз ҳама, барои баланд бардоштани иқтидори мудофиавии Тоҷикистон мувофиқи мақсад аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар раванди пурталотуми асри нав ва вазъи ноороми ҷаҳон, ки чаҳор самти онро муқовимату мухолифатҳои сиёсиву иқтисодӣ фаро гирифтаанд, ба андешаи ман ҳадафе волотар аз амнияту оромӣ ва сулҳу субот дар кишвари мо нест.

Эмомалӣ Раҳмон

***

**Соли 2005**

Рӯҳияи мардум вобаста ба хавфу таҳдидҳои дорои хусусияти дохилӣ бояд дар асоси принсипҳои устувор, ки истиқлолияти давлатӣ, сулҳу субот, амният ва эътимод ба ояндаи некро дар бар мегирад, дастгирӣ ва таҳким ёбад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Рушди ҳамаҷонибаи соҳаи маориф ва тандурустӣ омили асосии пешрафти ҷомеа, баланд шудани сатҳи дониш, маърифат ва солимии мардум мебошад. Бе ноил шудан ба ин ҳадафҳо мо наметавонем дар радифи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ҷой ёфта, амнияти ҷомеа ва арзишҳои фарҳангии худро пуштибонӣ намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамзамон, фазои сиёсии ҷаҳон ва низоми муносибатҳои байналмилалӣ дучори таҳаввулоти ҷиддӣ гардида, имрӯз моро водор менамояд, ки неруи худро беш аз пеш ба ҳифзи дастовардҳои истиқлол, таҳкими давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии Ватани азизи хеш сафарбар намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз замони пайдоиши ислом то имрӯз мардуми мусулмони кишвари мо ва умуман, аксари мардуми мусулмони Осиёи Марказӣ дар мазҳаби Имом Ҳанифа содиқ буданду ҳастанд ва он ҳар яки моро ба роҳи рост, адолатпарварӣ, инсоф, муҳаббат ва садоқат нисбат ба ҳамдигар ва сулҳу субот даъват менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Маҳз вазифаи таърихӣ ва қарзи имониву муқаддаси шумо–ҷавонон ҳамчун гавҳараки чашм эҳтиёт кардани сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, оромию осудагии ҷомеа ва амнияти миллату давлат аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор, ҷавонон парчами Ваҳдати миллӣ, сулҳу амнияти пойдор ва азму иродаи созандагию бунёдкориҳоро баланд афрохта, дар сафи пеши созандагони тақдири Ватан қадам гузоранд!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шумо–ҷавонон бояд бо набзи ҳаёт ва асри нав ҳамқадам бошед, талаботи замонро пайваста эҳсос намоед, аз дастовардҳои илму техникаи муосир қафо намонед, аз таҷрибаи пешбурди иқтисоду идоракунӣ воқиф гардед, манфиати миллату амнияти давлати соҳибистиқлоли худро дар раванди пурталотуми бархӯрдҳои ҷаҳонӣ ҳимоя карда тавонед.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин гарави ободии Ватану осудагии кишвар, шарти муҳими оромиву амонии мамлакат, омили асосии беҳшавии зиндагии наслҳои имрӯзу оянда ва пойдории амнияти ҷомеа ва рушду шукуфоии Тоҷикистони азизу соҳибистиқлоли мо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тарзи ҳаёти солим ва масъулияти тарбияи ҷавонон барои пойдории амнияти ҷомеа шароити мусоид фароҳам оварда, моро водор месозад, ки нисбат ба ҳаёти ҷавонон ва наврасон бетараф набошем ва дар рушду такомули ҷисмонию маънавии онҳо саҳми муносиб гузорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз дар ҳамин сурат мо аз амнияти давлату миллат ва рушду ободии Ватани азизи худ дар оянда хотирҷамъ буда метавонем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фаромӯш набояд кард, ки танҳо шахси воқеан ватандӯст метавонад дилсӯзона ва бо тамоми ҳастӣ ҳифзи амният ва ободии Ватани худро таъмин созад

Эмомалӣ Раҳмон

***

Асоси тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангии ҷавононро ғояи таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, таъмини амнияти давлату миллат, ҳифзи тамомияти арзӣ ва манфиатҳои умумимиллӣ ташкил медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷавонон муҳофизони боэътимоди Ватан, амнияти давлату миллат, сарчашмаи ташаббусҳо ва манбаи асосии кадрҳо ҳастанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Устод Рӯдакӣ асрҳо боз чун тараннумгари накукорию адолат, дӯстию рафоқат, сулҳу субот ва муҳаббати миёни одамон шуҳрат ёфта, бо унвонҳои волои Одамушшуаро, Султони мулки сухан, Соҳибқирони шоирон, Маликушшуаро, Сардафтари шеъри ноби тоҷику форс ёд мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар Рӯзи Ваҳдати миллӣ ифтитоҳ гардидани ҳайкали устод Рӯдакӣ дар ноҳияе, ки номи ӯро дорад, рамзи ризоияту ҳамбастагӣ, тинҷию оромӣ, пойдории сулҳу субот ва ваҳдати миллии моро ифода месозад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо истифода аз фурсат ҳамаи шумо, ҳозирини гиромӣ ва тамоми мардуми Тоҷикистонро ба муносибати Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва кушодашавии муҷассамаи устод Рӯдакӣ табрик намуда, бароятон саломатию хушбахтӣ, сулҳу сафо, тинҷию амонӣ ва файзу баракат орзумандам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар Рӯзи ваҳдати миллӣ кушода шудани ҳайкали устод Рӯдакӣ боз як нишони воқеии азму иродаи сулҳпарварӣ, ватандӯстӣ, созандагию бунёдкории сокинони ноҳия ва мардуми кишвар мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ҳашт сол боз 27-уми июнро, ки дар ин рӯз Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расида, Рӯзи Ваҳдати миллӣ эълон шудааст, ҳамчун санаи фархундаи таърихӣ таҷлил менамоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин ҷашн рамзи баҳамоӣ, сарҷамъӣ, иттиҳоду ягонагӣ ва ваҳдати миллӣ буда, пирӯзии фарҳанги сулҳ ва ақлу заковати солими миллати солору хирадманд ва сулҳпарвари тоҷикро бори дигар собит месозад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фарҳанги сулҳ беҳтарин неъмат ва волотарин дастоварди миллати тоҷик мебошад, ки рисолати инсондӯстию фарҳангпарвариро дар тӯли асрҳо пуштибонӣ намудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Имрӯз аз фарҳанги сулҳ ва рисолати сулҳпарварӣ натанҳо ояндаи кишвари мо, балки тақдири ояндаи ҷомеаи башарӣ вобастааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо, тоҷикон, ки таърихан миллати фарҳангиву сулҳпарвар ҳастем, ҳаёти осоишта, зиндагии озоду ором ва меҳнати созандаю бунёдкоронаро мақсаду мароми доимии худ қарор дода, ба сӯйи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тарзи зиндагии дунявӣ пеш меравем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фарҳанги сулҳи тоҷикон ва сулҳу суботи имрӯзаи Тоҷикистон ифодагари орзуву ормон ва нияту мақсадҳои наҷиби мардуми шарифи кишварамон буда, он чун дастоварди истиқлоли мо дар арсаи ҷаҳонӣ шуҳрат ёфтааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҷрибаи сулҳофарии тоҷиконро тамоми созмонҳои байналмилалӣ ҳамчун падидаи нодири ҳаёт эътироф карда, дар кишварҳои гирифтори муқовимати шаҳрвандӣ дар ҷаҳон мавриди омӯзишу истифода қарор медиҳанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Онҳо барқасди нақшаҳои душманони миллати тоҷик аз мухолифати мусаллаҳона даст кашида, аз тариқи музокироти осоишта ва гуфтушунидҳои сиёсӣ роҳи расидан ба сулҳу осоиш, ризоияти тарафайн ва ваҳдати миллиро пеш гирифтанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ пеш аз ҳама дар натиҷаи сиёсати роҳбарияти давлатро дастгирӣ намудани тамоми халқи Тоҷикистон, сабру таҳаммули тарафҳои мухолиф ва кумаки давлатҳои кафил ва созмонҳои байналмилалӣ фароҳам омад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба сулҳу субот, ҳамдигарфаҳмию ризоият ва ваҳдати миллӣ расидани халқи мо шаҳодати пирӯзии ақли солим буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Махсусан дар он рӯзҳои вазнин ба эътидол овардани вазъияти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва ба Ватан баргардонидани гурезаҳо фазои эътимоду бовариро афзуда, сулҳи деринтизори тоҷикон оқибат 27 июни соли 1997 фаро расид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Роҳи сулҳ барои мо роҳи наҷоти миллат ва давлати соҳибистиқлоли тоҷикон буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ба остонаи сулҳ бо ранҷу азобҳо, заҳмату машаққатҳо, табодули афкори тарафайн, музокироти тӯлонӣ ва баҳсҳои дурудароз расида, оқибат осоишу амнияти кишварро таъмин намудем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми мо оқибатҳои ҷанги харобиоварро саривақт дарк намуда, бо эътимоди қавӣ барои нигоҳ доштани давлати соҳибистиқлол, тамомияти арзӣ, ваҳдати миллӣ ва мустаҳкам шудани рукнҳои давлатдорӣ роҳи сулҳ ва сулҳофариро пазируфтанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз касе пӯшида нест, ки дар ҷараёни музокирот душманони миллати мо чи дар дохил ва чи дар хориҷи кишвар анҷоми неки сулҳи тоҷиконро намехостанд ва муқобили бозгаштани гурезаҳо ба Ватан буданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Лекин мо ба азму иродаи сулҳпарваронаи халқ ва неруҳои солимфикри ҷомеа такя намуда, оқибат ба мақсад расидем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу осоиш ва ваҳдати миллӣ барои мо қутбнамое гардид, ки дар заминаи он мо ба марҳилаи нави зиндагӣ - барқарорсозӣ ва ободонии Ватани азизамон рӯ овардем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз сулҳу оромии ҷомеа ба мо имкон дод, ки иқтисодиёти кишварро аз бӯҳрони шадид раҳоӣ бахшида, ба амалӣ сохтани истиқлолияти озуқаворию энергетикӣ, густариши шабакаҳои коммуникатсионӣ ва рушди мунтазами ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ноил гардем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз тарғибу талқини ғояҳои сулҳу амният, тинҷию осудагӣ, ватандӯстию ватанпарастӣ, худогоҳию худшиносӣ, ҳисси ифтихори миллӣ ва омӯхтани таъриху фарҳанги миллат вазифаи ҷониву имонии ҳар фарди ҷомеа мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо фарҳанги сулҳ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро қадр ва ҳифз менамоем. Зеро сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ барои ҷомеаи мо дастоварди бузурги таърихӣ ва зиёда аз ин заминаи асосии дигаргунсозиҳои демократӣ мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин иморати мӯҳташам фарҳанги сулҳро меҳвари асосии пешравӣ қарор дода, дар худ таърихи пурифтихори гузашта, арзишҳои умумимиллию умумибашарӣ ва ояндаи неки мардумро инъикос намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мову шумо бояд Ватани худро дӯст дорем, ба қадру қимати Ватану ватандорӣ бирасем ва ҳамеша шукронаи сулҳу амнияти кишвар ва ваҳдати миллиро намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор ваҳдати миллӣ ва сулҳу амният ҳамеша пойдор бошад ва аз хонаю хонадони ҳар кадоми шумо асло файзу баракат ва аз дастурхонатон фаровонӣ канда нагардад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор дар сарзамини куҳанбунёди тоҷикон бо дастгириву мадади рӯҳи гузаштагони бузурги миллатамон, пеш аз ҳама Шоҳ Исмоили Сомонӣ ва устод Рӯдакӣ сулҳу ваҳдат, тинҷию амонӣ, файзу баракат ва хушбахтию осудаҳолӣ абадӣ ҳукмрон бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар шароити имрӯза ҳадафи стратегии мо эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, таъмини волоияти қонун ва амнияти ҷомеа, пуштибонии дастовардҳои истиқлолият, ҳимояи манфиатҳои умумимиллӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бешубҳа, огоҳии хуб аз таърихи фарҳанги куҳан на танҳо ифтихори миллиро ба замона созгор месозад, балки ба таҳкими робитаи тамаддунҳо ва халқҳои гуногун дар шароити мураккаби дунёи муосир мусоидат карда, ба густариши сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ заминаи воқеӣ мегузорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Гузашта аз ин, омӯзиши таърих ва таҷрибаи дар тӯли асрҳо андӯхтаи миллатамон ба мо барои бунёд кардани давлати пешрафта, тараққихоҳ ва сулҳдӯст, инчунин таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, ҳифзи дастовардҳои

истиқлолият, пеш аз ҳама ваҳдати миллӣ, сулҳу суботи сиёсӣ ва дар қалби мардум баланд бардоштани эҳсоси гарми ватандориву ватандӯстӣ ва худогоҳиву худшиносии миллӣ мисли обу ҳаво зарур аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ба шарофати истиқлолият ғояи таҳкими ваҳдати миллӣ, таъмини сулҳу субот ва тарғиби худогоҳиву худшиносиро ба пояи сиёсати давлатӣ бардоштаем ва ин роҳро идома хоҳем дод.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҷрибаи сулҳофарии мо собит сохт, ки ғояҳои ваҳдату башардӯстӣ ва фарҳангсозиву ватанпарастӣ муҳимтарин унсури андешаи миллии тоҷикон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Доираҳои сиёсии кишварҳои ҷаҳон ба назар намегиранд, ки пояи маънавии ислом сулҳу амният буда, ин оини пок ҳама гуна амалҳои террористиро маҳкум менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон дар сиёсати худ ба густариши принсипҳои демократия такя намуда, таҳкими сулҳу субот ва устувории вазъи сиёсиро омили муҳими бунёди давлати демократӣ меҳисобад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷомеаи Тоҷикистон ҳоло бояд имкониятҳои имрӯзаро воқеъбинона арзёбӣ намояд ва дар заминаи ризоияту ваҳдати миллӣ, сулҳу осоиш ва таъмини амният тадриҷан пеш равад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати сулҳу субот ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ пешрафти тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ба миён омад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Манбаъ ва асосҳои бунёдии ваҳдати миллӣ ва таҳкими давлатдорӣ дар Тоҷикистон аз муттаҳидии халқ ва пойдории сулҳу субот, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву ватанпарварии мардум, худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ, тақвият бахшидан ба мақоми давлат ҳамчун ҳомӣ ва кафили ҳифзи манфиатҳои халқ, афзоиши неруи иқтисодии кишвар ва нуфузу эътибори байналмилалии он иборатанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Муҳимаш ин, ки мо барои зиндагии осудаю хушҳолонаи оянда заминаи устувор, азму иродаи созандагӣ, ваҳдати миллӣ ва фазои сулҳу осоиш ба вуҷуд оварда тавонистем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бовар дорам, ки дар тӯли ин чордаҳ соли озодии иродаву ихтиёр ҳамаи фарзандони бонангу номуси миллат рисолату асолати ин санаи сарнавиштсозу фархундаро дарк намуда, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, пуштибонии амнияти миллию давлатӣ, таҳкими сулҳу ваҳдат ва суботи сиёсӣ, таъмини рушди тадриҷии иқтисодиёт ва ҳадафҳои стратегии созандагӣ, тараққиёти бомароми Ватани азиз ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандиро аз муқаддастарину волотарин вазифаҳои худ медонанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигзор сулҳи мо то абад поянда бошад ва сарчашмаи ифтихору сарбаландии наслҳои оянда гардад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барои эмин мондан аз ин хатар тафаккури солими миллиро инкишоф додан, дар муқобили ҳар гуна таҳдидҳои ҷаҳонӣ арзишҳои миллии худро ҳифз кардан, ваҳдати миллиро таҳким бахшидан, амнияту оромии кишварро таъмин намудан, сатҳи огоҳии мардум, хусусан ҷавононро баланд бардоштан аз ҷумлаи корҳои доимӣ ва заҳматталаби сиёсиву фарҳангии ҳамаи мо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарназардошти чунин омилҳо мо имрӯз бояд ба се масъала таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намоем: якум - таъмини амнияти милливу давлатӣ, дуюм - суботи сиёсӣ ва сеюм - рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар шароити ҳозира масъалаи таъмини амнияти милливу давлатӣ аҳамияти аввалиндараҷа ва бағоят муҳим пайдо намудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хатарҳои мавҷуда бевосита ба пояҳои давлатдорӣ ва истиқлолияти давлатӣ таҳдид менамоянд. Аз ин рӯ, мо бояд пешгирии ин амалҳои номатлубро ҳамеша дар мадди назар дошта бошем ва барои таъмини амнияти давлат тадбирҳои мушаххас андешем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Терроризм, экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир бо ифротгароии сиёсиву динӣ ва ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ иртиботи ногусастанӣ дошта, ба амнияту оромии на танҳо кишварҳои алоҳида, балки тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ хатар доранд. Аз ин рӯ, мо бо таъмини амнияти давлати худ ва ҳифзи дастовардҳои истиқлолият ба оромӣ ва суботи аҳли башар мусоидат менамоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Воқеан, сарфаҳм нарафтан ба роҳу равиши дигаргуниҳои ҳаёти ҷомеа, ҷараёнҳои гуногуни сиёсӣ ва надонистани қонунҳо омилҳои асосии ҳуқуқвайронкунӣ дар ҷомеа мегарданд, ки онҳо дар навбати худ метавонанд ба амнияти давлату миллат таҳдид намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар чунин шароит муколамаи фарҳангҳо, мубодила ва ғанӣ гардонидани онҳо бо таҷрибаи дар давоми ҳазорсолаҳо андӯхтаи инсоният шарти асосии густариши минбаъда ва манбаи таъмини тавозуни зиндагӣ ва сулҳи саросари ҷаҳон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳадафи ин ҳамкорӣ муҳайё сохтани шароит барои сулҳи ҷаҳонӣ, шукуфоӣ, ободӣ, бақои табиат, барҳам додани чунин зуҳуроти шармандаовари ҳазорсолаи сеюм, аз ҷумла қашшоқӣ, бенавоӣ, пешгирии фалокатҳои экологӣ, рафъи мушкилоти демографӣ, мубориза ба муқобили терроризм, ифротгароӣ, моҷароҷӯӣ, зӯроварӣ, нафрат ва таҳаммулнопазирӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд тамоми тадбирҳоро андешем, ки мулоқоти ҳозираи сарони давлатҳои узви СММ дар саҳифаи таърих ҳамчун марҳалаи сарнавиштсози вусъати ҳамкории байналмилалӣ ба манфиати сулҳ ва рушд, ҳамчун намунаи имкониятҳои истифодашуда сабт карда шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар баробари ин бояд ба назар гирифт, ки ҷалби фаъолонаи мамлакатҳои ҳамсояи Афғонистон ба тараққиёти иқтисодии он, ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои минтақавӣ дар масъалаи барқарор сохтани иқтисодиёти ин мамлакат дар давраи баъди ҷанг шарти асосии муваффақияти тадбирҳои дар ин ҷо андешидашаванда бо мақсади истиқрори сулҳу субот мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сарони давлату ҳукуматҳои узви СММ 5 сол пеш дар ҳамин толор садоқати хешро ба арзишҳои сулх, озодӣ ва баробарӣ баён намуда, вазифадор шуда буданд, ки барои барҳам додани қашшоқӣ ва таъмини рушду пешрафт дар саросари ҷаҳон тадбирҳо андешанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Итминони комил дорам, ки мардуми шарифи кишвар, дар ин рӯзи саид аз мактаби олии одамият сабақи амалӣ гирифта, барои сулҳу оромӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ободиву шукуфоии Ватани азизамон кӯшиш менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сониян, моҳият ва мӯҳтавои ин санад, ки аз тариқи раъйпурсии умумӣ қабул гардид, барои ҳамдигарфаҳмии мардум ва таъмини сулҳу суботи кишварамон асоси мустаҳкам гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Конститутсия давлати моро масъул сохтааст, ки сиёсати сулҳу дӯстиро амалан татбиқ намуда, истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром намояд ва муносибатҳои хориҷии худро дар асоси меъёрҳои аз тарафи умум қабулшудаи байналмилалӣ ба роҳ монад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо ташаббуси Тоҷикистон эълон шудани даҳсолаи амалиёти "Об барои ҳаёт", тасвиби тақрибан ҳамаи конвенсияҳои байналмилалӣ дар бораи таъмини сулҳу амнияти байналхалқӣ, мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, эътироф намудан ва амалан татбиқ кардани асноди мӯътабари байналмилалии танзимкунандаи ҳуқуқи инсон, риояи мораторий оид ба иҷрои ҳукми қатл, фаъолияти густурда дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкории Аврупо, Созмони Конфронси Исломӣ, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони ҳамкории иқтисодии Аврупо ва Осиё, дигар ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ гувоҳи равшани мақоми созанда ва шоистаи кишвари мо дар ҷаҳони мураккабу ҳассоси оғози асри XXI мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳар як иқдоми мо ба хотири таҳкими сулҳу суботи минтақа ва ҷаҳон, густариши минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд, таҳкими дастовардҳои истиқлолияти давлатиамон ва ниҳоят ободиву шукуфоии Тоҷикистони азизамон равона шудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар ҳамаи шумо - ҳамватанони азизро ба муносибати ёздаҳумин солгарди Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки сароғози давлату давлатдории навини мо ва номаи бахти миллатамон мебошад, табрик гуфта, ба ҳар хонадон сулҳу оромӣ, хушбахтӣ ва ободӣ орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Падидаи мусбати дигар ин аст, ки фалсафаи сулҳпарваронаву аз насл ба насл гузарандаи миллати тоҷик имрӯз низ баёнгари ғояҳои инсондӯстона буда, он равияву андешаҳоеро, ки афкори бадбинии инсонҳоро таблиғ менамоянд, арзиши ҳаёти инсониро нодида мегиранд, эҳсоси адовату кинаро, ки ба рӯҳи фарҳанги миллӣ ва тарзи ҳаёти мардум таъсири манфӣ мегузорад, инкор мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарназардошти ин, ки анъанаҳои мо бо воқеияти муосири ҷомеаи демократӣ - гуногунандешӣ, таҳаммул, мавҷудият ва фаъолияти институти бисёрҳизбӣ, эҳтироми ҳуқуқи инсон, озодии виҷдон ва сухан бой гардидаанд, бо итминони комил гуфта метавонем, ки Тоҷикистон бо роҳи дуруст равона аст ва асоси онро суботи сиёсӣ, сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ ташкил медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳадафи аслӣ ва стратегии сиёсати хориҷии мо татбиқи амалии манфиатҳои олии давлат ва миллат, қабл аз ҳама таъмини амният, суботи сиёсиву иқтисодӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди босуръат ва таҳкими иқтидори дохилии кишвар аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин амр тақозо менамояд, ки ҳам давлатҳои минтақа ва ҳам давлатҳои бузург сиёсати ниҳоят санҷида, созанда ва созгор бо суботу амнияти минтақа ва ҷаҳонро амалӣ намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳадафи асосӣ ва стратегии кӯшишҳои мо таъмини амнияти миллӣ, сулҳу субот, муттаҳидии миллат, рушду инкишофи анъанаву суннатҳои нек ва фарҳанги миллӣ, пешрафти иқтисодии Тоҷикистон ва бо ҳамин роҳ баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз барои ҳамин, мову шумо, ки қабл аз дигарон ин гуна буҳрони сиёсӣ ва ҳамаи даҳшатҳои ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронидем ва қадри сулҳу суботро хуб медонем, сидқан хостори аз ҷониби худи мардуми бародари Қирғизистон ба эътидол овардани вазъият ва таъмини рушди минбаъдаи мусолиматомези он кишвар мебошем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо такмил ва таҳкими ин созмонро барои сулҳу субот ва ҳамкории судманди минтақавӣ муҳим медонем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ширкати фаъоли Афғонистон дар созмонҳои минтақавӣ аз ҷумла, Созмони ҳамкории Осиёи Марказӣ ва Бунёди байналмилалии наҷоти Арал ва умуман ҳамкории васеи минтақавии он ба нафъи ин кишвар ва суботу амнияти минтақа аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барои боз ҳам беҳтар намудани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ бо мақсади тақвияти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, таъмини амнияти миллӣ, инчунин таҳкими иқтидори мудофиавии мамлакат ба сифати дастуру барнома 4-уми январи соли 2005-ум Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки дар он татбиқи чорабиниҳои мушаххаси зарурӣ пешбинӣ шудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарназардошти ин ҳақиқати бебаҳси таърих кишварҳои мусулмон ва созмонҳои гуногуни байналмилалии исломӣ, қабл аз ҳама, Созмони конфронси исломӣ вазифадоранд, ки дар ин марҳалаи нозук ва ҳассос барои таъмини шароити мусоиди ҳамкорӣ, пешрафти иқтисодӣ ва боло бурдани сатҳи зиндагии мардум, ҳифзи эътибор ва симои воқеии ислом, пешгирии рӯҳияи зидди ислом ва мусулмонон, таблиғ ва ташвиқи фарҳанги сулҳ иқдомоти зарурии амалӣ намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳадафи асосӣ ва стратегии кӯшишҳои мо таъмини амнияти миллӣ, сулҳу субот, муттаҳидии миллат, рушду инкишофи анъанаву суннатҳои нек ва фарҳанги миллӣ, пешрафти иқтисодии Тоҷикистон ва бо ҳамин роҳ баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамкории мо бо ин созмон дар доираи Барномаи "Ҳамкорӣ ба хотири сулҳ" ва амалиёти байналмилалии зиддитеррористӣ густариш хоҳад ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин низом ҷавобгӯи манфиатҳои олии ҳамаи халқҳо ва кишварҳо, амният ва суботи ҷаҳонӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо давлатҳои мутараққии Ғарб ва қабл аз ҳама бо Штатҳои Муттаҳидаи Амрико равобити мо сол то сол густариши тоза ёфта, самти ҳамкориҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, гуманитарӣ, сарҳадӣ ва амниятро фаро мегиранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман албатта, қабл аз ҳама, Қирғизистони ҳамсоя ва ҳамсарҳадро дар назар дорам, ки дар он ҷо бархӯрди манфиатҳои неруҳои сиёсии мухталиф ба нооромӣ ва воқеаҳои драматикии рӯзҳои охир оварда расониданд. Ҳамаи ин натанҳо ба вазъи дохилии Қирғизистон, балки ба амнияту суботи ҳамаи минтақаи Осиёи Марказӣ бетаъсир нахоҳад монд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бояд зикр кард, ки дар натиҷаи кӯшишҳои пайваста ва созандаи Россия, Чин ва давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ Созмони Ҳамкории Шанхай дар муддати хеле кӯтоҳ ба созмони бонуфузи дорои механизмҳои муҳими мубориза алайҳи таҳдидҳои нави глобалӣ, таъмини суботу амният ва густариши ҳамкориҳои судманд табдил ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо пайвандҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва маънавии Тоҷикистон ва Эронро мероси бузург ва арзишманди таърихӣ дониста, таҳкими онҳоро ба нафъи ду кишвар ва суботу амнияти минтақа медонем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо равандҳои имрӯзаи яке аз ҳамсояҳои наздики худ Афғонистонро асосан мусбат арзёбӣ менамоем ва эътимод дорем, ки онҳо ба таъмини тадриҷии амнияту суботи саросарӣ, ташкили сохторҳои зарурии идора ва назорати иҷтимоӣ, инчунин тақвияти рӯҳияи созандагӣ мусоидат хоҳанд намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зимнан, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо бояд барои татбиқи ҳадафҳои аслӣ ва бузурги худ - таъмини амният ва фазои мусоиди ҳамкории иқтисодӣ пайваста талош намояд ва фаъолияти мутавозин ва созанда дошта бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба мо имрӯз муяссар гардид, ки суботу оромӣ, тартибу низом, амнияти мардум ва давлатро таъмин намуда, институтҳои давлатро мустаҳкам намоем, ки ин омили муайянкунанда дар роҳи пешрафти ҷомеа мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

## Соли 2006

Бояд зикр кард, ки омили асосии ин дастоварду комёбиҳо, пеш аз ҳама дарки арзишҳои муқаддаси истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ, худогоҳиву худшиносӣ, ҳуввияти миллӣ, эҳсоси гарми ватандориву ватанпарастӣ ва қарзу масъулияти шаҳрвандӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Боиси қаноатмандист, ки дар солҳои соҳибихтиёрии Тоҷикистон фарзандони бонангу номуси миллат моҳияти истиқлолиятро дарк намуда, ҳифзи амнияти милливу давлатӣ, таҳкими сулҳу ваҳдат ва суботи сиёсӣ, таъмини рушди устувори иқтисодиёт ва ҳадафҳои стратегии созандагӣ, тараққиёти бомароми Ватани азиз ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандиро аз муқаддастарину волотарин вазифаҳои худ медонанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба муносибати ид шумо - ҳозирини арҷманд ва ҳамаи модарон, занону духтарони иззатманди Тоҷикистонро самимона табрик мегӯям ва ба ҳар яки шумо пеш аз ҳама сулҳу амонӣ, саломативу хушбахтӣ, саодати рӯзгор, хонадони ободу осуда ва тамоми хушиҳои зиндагиро орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо вуҷуди ин, занону модарони Тоҷикистон дар он лаҳзаҳои бениҳоят ҳассос оқилона рафтор карда, барои аз парокандагӣ эмин нигоҳ доштани миллати тоҷик, расидан ба ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот хизмати шоиста карданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Яъне дар барқарор намудани сулҳ ва таҳкими ваҳдати миллии тоҷикон, ки имрӯз аз ҷониби бисёр кишварҳо ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ҳамчун таҷрибаи нодир пазируфта шудааст, ҳиссаи модарон, занон, хоҳарон ва духтарони мо ниҳоят бузург аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мақсад аз таҷлили ҷашнҳои мазкур, ки аз иштироки фаъолонаи шумо - занон бештар ҳусну шаҳомат мегиранд, густариши ҳисси ифтихор ва ҳуввияти миллӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот, истиқлолияти давлатӣ, тақвияти худогоҳиву худшиносӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, инчунин вусъат додани корҳои созандагӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шуморо бори дигар бо арафаи фарорасии Наврӯзи Аҷам ва рӯзи байналмилалии занон самимона табрик гуфта, бароятон сиҳатмандиву рӯзгори обод, бахту саодати пойдор ва сулҳу амонӣ орзу мекунам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Гузашта аз ин, Наврӯз беҳтарин нишонаи ваҳдати инсону табиат буда, аз ғояҳои ҷовидонаи сулҳу сафо,ростиву накӯкорӣ, зебоипарастиву инсондӯстӣ ва созандагиву бунёдкорӣ сарчашма мегирад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати сулҳу суботи сиёсии мамлакат, ки дар роҳи пойдории давлат ва муттаҳид гардидани миллат муҳимтарин дастоварди ҷомеаи мо ба ҳисоб меравад, нишондиҳандаҳои иқтисодӣ рӯз аз рӯз афзуда истодаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Одамонро ба ғарбию шарқӣ, сафедпӯсту сиёҳпӯст, осиёиву аврупоӣ, мусулмону масеҳӣ ҷудо накунем ва арзишҳои ҳама гуна тамаддунро чун дастоварди тамаддуни томи башарӣ ва оину фарҳанги дигарон, дар сулҳу созиш ва мусолиҳаву муросо зистану пеш рафтан роҳиояндаи инсоният аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман ҳам дар қатори шумо орзу мекунам, ки давлатамон поянда, хонадонамон обод, ватанамон сарсабз, миллатамон сарбаланд, мардумамон тинҷу осуда бошанд, аз шарофати Наврӯзи хуҷастапай дар муҳити сулҳу осоиш ва файзу баракати ҳамешагӣ умр ба сар баранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Диёри тоҷикон дар замони начандон тӯлонии таҳкими Истиқлолият ба кишвари сулҳу ваҳдат, ҳамфикриву ҳамбастагии аҳли ҷомеа табдил ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз шарофати сулҳу осоиш ва ваҳдати миллӣ имрӯз дар мамлакати мо сохтмони бузургтарин иншоотҳои энергетикиву коммуникатсионӣ оғоз гардидаанд, ки фардо барои қонеъ гардонидани ниёзҳои аҳли ҷомеа мусоидат хоҳанд кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шумо маълум аст, ки СҲШ дар бобати мустаҳкамтар сохтани боварӣ ба ҳамдигар, ҳусни ҳамҷаворӣ, сулҳу амният дар минтақа нақши хеле муҳим бозид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз қаламрави доманадори Аврупою Осиё, инчунин саҳнаи сиёсии ҷаҳонро бе Созмони ҳамкории Шанхай тасаввур кардан душвор аст, ки дар бобати таъмини сулҳу субот, таҳкими ҳамкорӣ, ҳусни тафоҳум ва боварии мутақобала дар минтақа ва тамоми ҷаҳон торафт бештар саҳм мегузорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таъмини сулҳу суботи минтақа вазифаи муҳимтарини давлатҳои аъзои Созмон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Афзун гардонидани кӯшишҳои минбаъдаи мо бо мақсади таъмини якҷояи амният боз ҳам бештар вусъат додани ҳамкории мақомоти корҳои хориҷӣ, муҳофизи қонун , хадамоти махсус ва мудофиаи давлатҳои аъзо , муқаррар намудани тадбирҳо ва воситаҳои вокуниши фаврии СҲШ нисбати воқеаҳои ғайричашмдошт дар минтақаро пешбинӣ менамояд, ки сулҳу субот ва амнияти минтақаро зери хатар мегузоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Созмони ҳамкории Шанхай дар ин муддат омили муҳими ҳаёти байналхалқӣ ва ташкилоти муттасил инкишофёбандаи байналхалқӣ гардида, худро ҳамчун воситаи самарабахш , ояндадор, муҳим ва зарури ҳамкорӣ нишон дод. Ҳамаи ин ба мустаҳкам намудани муҳити боварӣ ва ошкорбаёнӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ, ҷустуҷӯи амалии роҳу воситаҳои қобили қабули ҳалли проблемаҳои амнияти минтақа мусоидат мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Узвияти СҲШ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон кушодани самтҳои нави самарабахши ҳамкории ҳамаҷонибаю доманадорро, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои амният ва ҳамкорӣ ифода менамояд, ки ба қавли дӯстони чиноии мо "пояҳои " Созмон мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аҳамияти проблемаҳои таъмини вазъияти босубот ва амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ ва тамоми қаламрави Созмон дар назди таҳдидҳо ва зуҳуроти нави замони имрӯза торафт бештар мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар масъалаи таъмини амният бе ҳамкории мақсадноку самарабахш дар соҳаи иқтисодиёт коре кардан имконнопазир аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамаи шумо - ҳозирини арҷмандро ба ифтихори ҷашни бузурги Ваҳдати миллӣ, яъне рӯзи ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти ҷомеа, ки нӯҳ сол қабл аз ин миллатамонро аз вартаи парокандагӣ ва Ватанамонро аз хатари нобудӣ раҳо дода, дар таърихи мо - тоҷикон санади тақдирсоз гардид, самимона табрик мегӯям!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо қабул шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти ҷомеа дар Тоҷикистон, ки ибтидои солҳои 90-ум гирифтори даҳшати ҷанги шаҳрвандӣ гардида буд, сулҳу суботи саросарӣ фароҳам омад ва ин рӯйдоди бузург ба марҳилаи созандагиву бунёдкориҳои азим дар сарзамини аҷдодиамон оғоз бахшид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо гузашти солҳо мо аҳамияти таърихии ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз, қимати сулҳу субот ва ваҳдати миллиро бештар дарк ва қадр менамоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати сулҳу субот ва ваҳдат, ки бо хираду заковати азалии миллатамон, иродаи кулли мардуми тоҷик, инчунин мадади беғаразонаи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва кишварҳои миёнарав муяссар гардид, мо тавонистем, ки дар баробари эҳёи давлатдории тоҷикон, таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон нуфузу эътибори онро дар арсаи байналмилалӣ ба сатҳи бесобиқа баланд бардорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин робита мехоҳам махсус таъкид намоям, ки сулҳу субот, ризоияти ҷомеа ва ваҳдати миллӣ хизмати бениҳоят бузургу таърихии халқи азизи Тоҷикистон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ва чунон ки борҳо таъкид кардаам, мо бояд сулҳу суботи ҷомеаро ҳамеша мисли гавҳараки чашм ва неъмати азизтарин эҳтиёт ва ҳифз намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тамоми ҳадафҳои мо вобаста ба ободии Ватан танҳо дар сурати ваҳдати воқеӣ ва сулҳу суботи устувор амалӣ мегарданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти ҷомеа Ҳукумати кишвар бо мақсади бартараф намудани оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ лоиҳаи барқарорсозии баъди низоъро таҳия ва қабул карда, бо истифода аз сармоягузории хориҷӣ, ки зиёда аз 37 миллион сомониро ташкил медод, дар давоми солҳои 1998-2000-ум дар 5 ноҳия 317 иншоотро таъмир ва аз нав бунёд намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар айни замон мардуми кишварамон бо шукронаи сулҳу амнияти саросарӣ, ки воқеан сарчашмаи тамоми пешрафту осудагиҳои ҳаёти инсон аст, ба таҷлили 15-умин солгарди истиқлолияти давлатӣ, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб ва Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон омодагӣ мебинад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Баръакс пайравони худро ҳамеша ба парҳезгорӣ аз амалҳои номатлубу зиддиинсонӣ ҳидоят карда, сулҳпарвариро рисолати бузурги имонии ҳар як мусулмон мешуморад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар қатори онҳо, тавре ки борҳо таъкид намудаем, сулҳофарии мо - тоҷиконро баъзе кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ таҷрибаи нодир арзёбӣ карда, барои ҳалли низоъҳо ҳамчун дастур пешниҳод менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барои ин, бояд ҳар як шахси ватанпарвару сулҳхоҳ дар замири худ эҳсоси наҷиби ваҳдатро парвариш ва барои таҳкими он ҳамчун арзиши нодир ва азизи миллӣ кӯшишу талош намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор сарзамини Тоҷикистон, ки воқеан биҳишти рӯйи заминро мемонад, сарзамини сулҳу суботи абадӣ бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Масъалаи таъмини амнияти милливу давлатӣ, нигоҳ доштани оромии авзои ҷомеа, пойдории сулҳу субот ва таҳкими истиқлолияту ҳифзи дастовардҳои он як қисми таркибии сиёсати давлатии мо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Солҳои охир дар ҷаҳон як силсила тамоюлоти хатарнок, аз қабили таҳдиди терроризми байналмилалӣ, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ ва фаъолияти гурӯҳҳои ҷинояткори трансмиллӣ қувват мегиранд, ки онҳо метавонанд ба оромиву суботи минтақа ва амнияти давлатии кишварҳои алоҳида таъсири ногувор расонанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ин рӯ, мову шумо бояд якҷоя хатари вусъатёбии ин амалҳои номатлубро пешгирӣ намоем, барои бақои тақдири миллат, таъмини ваҳдати миллӣ ва амнияти давлат, пойдории сулҳу субот ва оромии ҷомеа тадбирҳои мушаххас андешем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бовар дорам, ки дар остони 15-солагии истиқлолият ҳамаи фарзандони бонангу номуси миллати мо рисолату асолати давлатдории миллӣ ва қарзи муқаддаси шаҳрвандиашонро дарк намуда, барои ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, пуштибонии амнияти милливу давлатӣ, таҳкими сулҳу ваҳдат ва суботи сиёсӣ, таъмини рушди иқтисодиёт ва пешрафти Ватани азиз нерую дониши худро дареғ намедоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо сиёсати пойдории сулҳу субот, ризоияти ҷомеа ва ваҳдати миллиро, ки давлати тоҷикро аз нобудшавию миллатро аз парокандагӣ наҷот бахшид, яке аз дастовардҳои бузурги даврони истиқлолият мешуморем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Эътимоди комил дорам, ки ибтидои қарни ҳазорсолаи сеюм барои мо шоҳроҳи таҳкими истиқлолияти кишвар, пойдории сулҳу субот, рушду нумӯи давлатдории миллӣ ва ҷодаи воқеии кишвари соҳибистиқлоли мо ба сӯи ояндаи неку осуда, зиндагии сарбаландона ва давлатҳои мутамаддини ҷаҳонӣ хоҳад шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар ҳамаи шумо - ҳамватанони азизро ба муносибати дувоздаҳумин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ибтидои давлату давлатдории навини мо мебошад, табрик гуфта, ба ҳар хонадон сулҳу оромӣ, хушбахтӣ ва ободӣ орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин росто мо чунин меҳисобем, ки таъмини низоми босуботи амният ва ҳамкорӣ дар Осиё - ин қитъаи бузургтарини ҷаҳон бояд ҳадафи бузурги муштараки давлатҳои Осиё бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми шарифи Тоҷикистон дар фазои озоду демократӣ Президенти мамлакатро ба таври умумихалқӣ интихоб карда, ба ҷаҳониён ҷонибдории худро аз раванди сиёсати ваҳдати миллӣ, пойдории сулҳу субот, марҳилаи пайгиронаи созандагӣ ва бунёди ҷомеаи мутамаддини демократӣ собит намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман ҳанӯз ноябри соли 1992 дар иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон савганд ёд карда будам, ки тамоми неруву ғайрат ва зиёда аз ин, ҳастиамро барои ояндаи неки Ватан, пойдории сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азизам сарф мекунам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар чунин шароити ниҳоят вазнин ва ҳассос эҷоди стратегияи сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки бо дастгирии ҳамаҷонибаи халқи Тоҷикистон ва мусоидати хайрхоҳонаи кишварҳои олам ва ҷомеаи байналмилалӣ муваффақона татбиқ шуда, минбаъд ҳамчун таҷрибаи нодир эътироф гардид, миллати моро аз парокандагӣ ва кишвари азизамонро аз вартаи нобудӣ наҷот бахшид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бинобар ин, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва ризоияти иҷтимоӣ барои мо дастовардҳои арзишманд ва муқаддас мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин лаҳзаҳои фараҳбахш мехоҳам бори дигар таъкид намоям, ки таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ пеш аз ҳама хизмати бузурги мардуми солору сарбаланд ва хирадманди тоҷик мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз азму иродаи қавӣ ва ҷонибдории беғазаронаи шумо буд, ки мо дар тӯли понздаҳ соли истиқлолият на танҳо оташи ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандиро хомӯш кардем, балки сарҷамъии миллатро таъмин намуда, пойдевори давлату давлатдории мустақилро гузоштем ва бо дарки масъулияти таърихӣ сулҳу ризоият ва ваҳдати шикастнопазири миллиро фароҳам оварда, дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мақоми шоиста пайдо кардем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Понздаҳ соли таърихи навини давлат ва миллати мо давраи пурфоҷиа, солҳои ҳалли масъалаи будан ё набудани давлати Тоҷикистон, таъмини сулҳу субот, ризоият ва ваҳдати миллӣ, марҳилаи омодасозии заминаҳои гузариш аз як низоми сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ ба низоми комилан

нав, хулоса солҳои гузоштани таҳкурсии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, давлатдории навини тоҷикон ва мустаҳкам намудани пояҳои он буданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мехоҳам қабл аз ҳама сатҳи баланди равобити сиёсиро таъкид намоям, ки омили муҳими рушди ҳамкории стратегии сиёсӣ, амниятӣ, ҳарбӣ ва иттилоотии дуҷониба ва дар чаҳорчӯби Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастҷамъӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Роҳи мо ба сӯи чунин низом аз баргузории Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки оғози наҷоти миллати мо аз вартаи парокандагӣ ва гузоштани аввалин хишти бинои сулҳ дар сарзамини куҳанбунёди тоҷикон буд, ибтидо мегирад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шарикии мо дар мубориза бар зидди терроризм, қочоқи маводи нашъаовар ва хатарҳои дигари ҷаҳонӣ барои амният ва суботи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ арзишманд аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хусусан, ҳамкориҳои марзӣ ва амниятии мо имкони тақвияти неруҳои моро дар ин ҷода фароҳам оварданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон аз соли 1992 аксари конвенсияҳои байналмилалиро оид ба ҳуқуқи инсон, таъмини сулҳу амният, мубориза бар зидди терроризм, ҷиноятҳои трансмиллӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир эътироф карда, ба тасвиб расонидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ҳамкории созандаи сиёсиву иқтисодии ду кишварро омили муҳими таҳкими амният ва фазои мусоиди ҳамкорӣ дар минтақа, инчунин тақвияти суботи байналмилалӣ медонем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ҳамин лиҳоз, мо вобаста ба имкониятҳои мавҷудаи моддиву молиявӣ ҳадафҳои тақдирсози стратегӣ-истиқлолияти энергетикӣ, истиқлолияти озуқаворӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини пешрафти мунтазами иқтисодиёт, сиёсати пайгиронаи иҷтимоӣ, таҳкими амнияту оромии мамлакат ва ҷомеаи шаҳрвандиро пеш гирифта, мехоҳем Ватани

азизу муқаддаси худ - Тоҷикистонро ба сафи кишварҳои пешрафтаи олам расонем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Арзиши муқаддасу таърихӣ ва омили муҳимтарини ҳамаи дастовардҳои миллати мо баъди истиқлолияти давлатӣ, бешубҳа, ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ мебошад. Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон роҳи рушду такомули минбаъдаи кишварро равшан сохт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин маврид бояд зикр кард, ки дар натиҷаи талоши фаъол ва созандаи Россия, Хитой ва дигар кишварҳои аъзо Созмони Ҳамкории Шанхай ба созмони бонуфуз ва дорои механизмҳои муассири мубориза бо хатарҳои ҷиддии ҷаҳонӣ, таъмини суботу амният ва ҳамкории васеи минтақавӣ табдил гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ бе мавҷудияти низоми дақиқан муайяншудаи мустақилу беғаразии судӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии содиқ ба халқу Ватан, омодаи ҳифзи амнияти миллату давлат, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъминкунандаи қонунияту тартибот дар ҷомеа аз имкон берун аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сиёсати хориҷии мо идомаи мантиқии стратегияи комплексӣ ва бисёрҷабҳаи давлат ва сохторҳои дахлдори он дар тӯли солҳои истиқлолияти кишвар буд, ки таъмини манфиатҳои миллӣ, пеш аз ҳама озодӣ, истиқлол, амният, субот, шароити мусоиди пешрафту тараққӣ ва рушди Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили низоми навини робитаҳои байналмилалӣ ҳадафи марказӣ ва усулии он мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар он соҳаҳо ва арсаҳои гуногуни ҳамкории минтақавӣ муфассал баррасӣ гардида, зарурати рафъи монеаҳои эҷодшуда, таъмини "марзҳои дорои симои инсонӣ", ҳамкорӣ ва ҳамдастии ҳамаҷонибаи кишварҳои минтақа, тақвияти амният ва субот, мусоидати васеътар ва созандаи ҷомеаи байналмилалӣ дуруст таъкид шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Нақши созандаи сулҳу ваҳдат махсусан дар самти таҳким ва такмили рукнҳои давлатдорӣ, ки амалан заминаҳои зарурии ҳифзи истиқлолияти

миллӣ, тамомияти арзии кишвар, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин мекунанд, возеҳ зоҳир гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ба мо муяссар шуд, ки соли 1999 бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Тоҷикистон парламенти касбии думаҷлисаро ташкил диҳем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо шикасти низоми ифротӣ, таъмини тадриҷии суботу амният ва хусусан эҳёи сохторҳои зарурии ин кишвари ҷафодида заминаи мусоиди равобити ҳамаҷониба фароҳам гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо вуҷуди ин, ҳамкории мо дар мубориза бо қочоқи маводи мухаддир, таъмини амнияти босуботи марзӣ, ташвиқи фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ва сохторҳои иҷтимоиву фарҳангӣ ва хусусан татбиқи ҳадафманди барномаҳои иқтисодии пешниҳоднамудаи мо ба сатҳи баланд ва муосир ниёзманд аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Яке аз дастовардҳои беназири мо дар ин роҳ ба имзо расидани Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон ва таъсиси Шӯрои ҷамъиятӣ мебошад, ки барои ваҳдати миллати тоҷик, таҳкими сулҳу субот ва мавқеи ягона пайдо намудани неруҳои сиёсиву ҷамъиятии мамлакат мусоидат намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд бо маданияти баланди сиёсии худ исбот намоем, ки ҳама гуна маъракаи сиёсӣ дар кишварамон, аз ҷумла интихоботи дарпешистодаи Президент дар сатҳи баланд баргузор гардад ва ҳамчун омили муттаҳидкунандаи миллат ба ваҳдати миллӣ ва таҳкими минбаъдаи сулҳу субот мусоидат намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин ҷаҳони пур аз тазоду рақобатҳои шадиди глобалӣ тақдири имрӯзуояндаи худро дар даст доштан, истиқлолияти комилу давлатдории миллиро ҳифз намудан, амнияти мамлакату оромии ҷомеаро таъмин кардан ва манфиатҳои миллатро пуштибонӣ карда тавонистан аз мову шумо иҷрои корҳои бузургу барномаҳои стратегиро барои даҳсолаҳои дигар тақозо мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

## Соли 2007

***

Ба якдигар баробар омадани ин ду ид фоли неку пешомади хайр аст ва аз расидани хушбахтиву саодати дучанд барои мардуми хайрхоҳ, сулҳдӯст ва фарҳангпарвари мо башорат медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамзамон бо ин, ҳамаи мо бояд дар хотир дошта бошем, ки пешрафти минбаъдаи Тоҷикистон аз сулҳу ваҳдати поянда, оромиву суботи устувори ҷомеа, сатҳи худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ҳисси ватандӯстиву ватанпарастии ҳар шахси бонангу номуси Ватан вобаста аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зеро дар ҳама давру замон занон бо хислати наҷиби тарбиятгарии худ ҳамеша ҷомеаро ба пос доштани арзишҳои умумибашарӣ, сулҳу субот, ваҳдат, дӯст доштани Ватан, инчунин ба кору амалҳои неку созанда талқин мекарданд ва имрӯз низ ин рисолатро онҳо ба зимма доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ба мақсадҳои олии худ - таҳкими дастовардҳои истиқлолияти кишвар, таъмини рушду нумӯи давлатдории миллӣ, амнияти давлат ва миллат, пойдории сулҳу субот, пешрафти иқтисодиёту татбиқи ҳадафҳои марҳилаи созандагӣ, беҳбудии зиндагии мардум ва ҳалли даҳҳо масъалаҳои дигари ҳаётӣ танҳо аз ҳамин роҳ расида метавонем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо аз доир намудани ин гуна маъракаҳо ҳамчунин умед дорем, ки раванди таҳкими ваҳдати миллӣ, болоравии эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ, пойдории сулҳу субот ва ободониву созандагӣ вусъату қувваи тоза мегирад ва торафт нируманд мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имсол низ гузаронидани ҷашну маъракаҳои бузурги фарҳангиву сиёсиро дар нақша дорем, аз ҷумла моҳи июн даҳсолагии имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро ҷашн хоҳем гирифт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дастгирии ин созишнома ва пуштибонии сулҳу ваҳдат чун роҳи ягонаи наҷоти миллату давлат пеш аз ҳама хизмати бузургу қаҳрамононаи кулли мардуми шарифи Тоҷикистон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо фурӯзон кардани оташ дилу нияти худро равшанӣ мебахшиданд ва рӯзгорашонро бо ростиву накӯкорӣ, сулҳу сафо, озодагиву зебоипарастӣ ва инсондӯстиву созандагӣ ороста медоштанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз фурсате расидааст, ки мову шумо барои рушди устувори иқтисодиёт, ободии мамлакат, амнияти пойдор, зиндагии шоиста ва ҷомеаи тараққикардаю мутамаддин ҳамарӯза софдилона ва фидокорона меҳнат намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Махсусан таҳкими амнияти миллӣ, тадриҷан баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва идомаи бунёдкориҳо маҳз аз нигоҳ доштани ваҳдати миллӣ ва пойдории сулҳу субот вобаста аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шуҳрати устод Мирзо Турсунзода, ки бо ашъори дилпазир, афкори ватандӯстона ва тарғиби сулҳу амонӣ Тоҷикистонро ба ҷаҳониён муаррифӣ кардааст, дар асри гузашта басо баланд гашта буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин рӯзи пурфайзи таърихӣ ормони чандинсолаи халқи азияткашидаи тоҷик ба воқеият табдил ёфт, яъне дар шаҳри Москва Созишномаи умумӣ дар бораи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид ва бо ҳамин ба ҷанги бародаркуши миёни фарзандони як миллат хотима гузошта шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Созишномаи сулҳ барои сарзамини аҷдодии мо суботу оромии воқеиро таъмин кард, ваҳдати миллиро ба вуҷуд овард ва зиндагиеро фароҳам сохт, ки онро ҳар фарди покдилу некхоҳи мамлакат дер боз интизор буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати ҳамин сулҳу субот буд, ки мо тавонистем қувваҳои мухталифи сиёсиро ба ҳам оварда, пояҳои истиқлолияти давлатиамонро таҳким бахшем ва бо нияти нек, имони комил ва иродаи қавӣ ба бунёди давлатдориву давлатсозии навини худ оғоз намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати ҳамин сулҳу субот ва хиради азалии халқамон буд, ки мо хатари аз байн рафтани Ватани азизамон–Тоҷикистони тозаистиқлол ва пароканда гаштани миллати куҳанбунёдамонро пешгирӣ кардам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ва маҳз ба шарофати ҳамин сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мо тавонистем барои аз буҳрони шадиди иқтисодиву иҷтимоӣ раҳо додани кишвар заминаи устувор гузорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо аз ҳамон рӯзҳои аввали Иҷлосияи 16-ум пуштибонии халқи азизамонро аз роҳи интихобкардаамон, ки таъмини сулҳу субот ва муттаҳидии миллат, ҳифзи якпорчагии Ватани азизамон буд, эҳсос намудем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ва муҳимтар аз ҳама, баъди имзои Созишномаи истиқрори сулҳ шароити мусоид ва кафолати воқеӣ ба вуҷуд омад, ки қариб як миллион нафар гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардонем, хонаву дарашонро obод созем ва пайвастани онҳоро ба зиндагии орому осоишта таъмин намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳоло мардум ба фардои рӯзгори худ ваояндаи Ватан дилпурона ва бо эътимоди қавӣ нигоҳ мекунанд. Зеро боз ҳам аз баракати сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дар саросари кишвар имкон фароҳам омад, ки ба сохтмони як силсила иншооти азим оғоз бахшем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳоло метавонем бо ифтихор гӯем, ки сулҳу суботи тоҷикон боиси дар арсаи байналмилалӣ боло рафтани обрӯйи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва таҳкими нуфузу мавқеи он дар миёни ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид: имрӯз башарият илова бар ин, ки таҷрибаи сулҳи моро мавриди дастгирӣ, омӯзиш ва истифода қарор додааст, инчунин, дигар иқдомоти башардӯстонаи давлати тоҷиконро низ доир ба ҳалли проблемаҳои мубрами минтақа ва ҷаҳон бо гармӣ истиқбол ва пуштибонӣ мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ҳамеша дар бораи аҳамияти ин даҳ соли тақдирсоз, мақому манзалати сулҳу субот ва Ваҳдати миллӣ андеша мекунем, сабаб ва оқибатҳои харобиовари низоъи таҳмилии дохилӣ ва мухолифати мусаллаҳонаро таҳлил менамоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ғайр аз ин, ҳар ду ҷониб дақиқу мушаххас медонист, ки оқибати ҳама гуна ҷанг муросо ва сулҳ аст ва ҷангу зӯроварӣ ҳеҷ гоҳ инсонҳоро ба мурод намерасонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳ барои пешбурди корҳои давлатдорӣ ва таҳкими пояҳои он чун обу ҳаво зарур буд. Бо дарки ин ҳақиқат ва масъулият дар назди мардум ва ояндаи давлату ҷомеа мо музокиротро оғоз кардем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар он рӯзҳои ҳалкунандаи тақдири миллату давлат шахсон ва қувваҳое низ буданд, ки ба тақозои ғаразҳои сиёсии худ мегуфтанд: агар мо бо мухолифин сари музокирот нишинем, эътибори Ҳукумат ва роҳбарияти он паст мегардад. Лекин мо ҳама гуна эҳсосоти сиёсиву ғаразҳои гурӯҳиро як сӯ гузошта, танҳо бо дарназардошти манфиатҳои умумимиллӣ ба гуфтушуниди сулҳ оғоз кардем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар робита бо ин, бояд гӯям, ки ба сулҳи миёни тоҷикон, пеш аз ҳама, худи мо – тоҷикон манфиатдор будем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Баъди бисту як вохӯриву музокирот, ки қариб чор сол дар Москваю Кобул, Теҳрону Алмаато, Бишкеку Ашқобод ва дигар маҳаллу мавзеъҳо гузаронида шуданд, оқибат даври ниҳоиро дар Москва доир карда, ба санади тақдирсоз ва ҳаётбахши сулҳ имзо гузоштем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар бораи аҳамият ва нақши муҳими Созишномаи сулҳи тоҷикон барои мардуми тоҷик ва умуман дар таҷрибаи ҷаҳонӣ падидаи нодир будани он, муҳаққиқону муфассирон андешаҳои зиёде гуфтаанд, роҳбарони давлатҳо ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ онро тавсиф кардаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Доир ба аҳамияти Созишномаи сулҳ ман дар як суханронии худ гуфта будам ва дар ин рӯзи муборак мехоҳам бори дигар такрор намоям, ки қадру манзалати санади сулҳи мо баробар бо Эъломияи истиқлолияти мост.Бинобар ин, сулҳ барои мардуми мо баробари истиқлолият муқаддас ва бебаҳост. Бо имзои Созишномаи сулҳ мо ба ҷанги даҳшатбори дохилӣ хотима бахшидем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо собит карда тавонистем, ки миллати мутамаддин ҳастем ва ҳамчун кишваре, ки аз рӯзҳои мудҳиш ва сахт гузаштааст, хоҳони сулҳем ва ҳамеша ҷонибдори онем, ки дар тамоми нуктаҳои доғи ҷаҳон проблемаҳо танҳо бо роҳи музокироти сиёсӣ ҳаллу фасл карда шаванд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо имзои санади сулҳ мо, пеш аз ҳама, давлат ва миллатамонро наҷот додем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар раванди татбиқи тадбирҳои пешбиникардаи Созишномаи сулҳ яқин гашт, ки барои таҳкими ваҳдати миллӣ ва амалӣ гардонидани ормонҳои сулҳу субот ҳамаи неруҳои ватандӯсту ватанпарвар, ҳизбҳои сиёсиву иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ ба ҳам муттаҳид карда шаванд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз бо итминон метавонем гӯем, ки ҳам Шӯрои ҷамъиятӣ ва ҳам Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон барои амалӣ намудани ҳадафҳои сулҳу ваҳдати миллӣ нақши арзанда бозиданд. Вале бояд махсус таъкид намоям, ки оштии миллӣ ва сулҳу субот хизмати бузурги қаҳрамононаи халқи хирадманд, сулҳдӯст ва ободгари тоҷик аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар кори хайри сулҳи тоҷикон роҳбари собиқ Иттиҳоди неруҳои мухолифини тоҷик Сайид Абдуллоҳи Нурӣ (рӯҳашон шод бод) ва ҳамсафони наздики ӯ саҳми арзанда доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар татбиқи санади сулҳ инчунин собиқ Комиссияи оштии миллӣ, ки ба ҳайати он намояндагони ҳар ду ҷониб шомил буданд, нақши муассир ва созандаро иҷро кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Комиссияи оштии миллӣ ҳамчун механизми татбиққунандаи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти ҷомеа дар муддати бештар аз дуюним сол кори хеле мушкил ва муҳимро иҷро кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вақте ки дар бораи аҳамияти сулҳи тоҷикон сухан меронем, бояд гуфт, ки барои ноил шудан ба он мо ҳамаи омилҳои дохиливу хориҷиро дар маҷмӯъ ба эътибор гирифтем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз фикр мекунем, ки агар ин сулҳи моҳияти ҳаётидоштаи мо ҷомаи амал намепӯшид, ҷои шубҳа набуд, ки қувваҳои ифротиву террористӣ ва ҷудоихоҳи минтақа ба ҳам меомаданд ва барои амнияти пеш аз ҳама минтақа ва тамоми ҷаҳон хатари ҷиддӣ эҷод мекарданд. Аз ин ҷиҳат низ сулҳи Тоҷикистон барои ҷомеаи ҷаҳонӣ беназир ва нодир ба шумор меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд ифтихор дошта бошем, ки миллати тоҷик таърихан ва табиатан сулҳдӯст, фарҳангпарвар ва созанда мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳдӯстии мо дар тӯли тамоми таърихи чандинҳазорсолаамон нишондиҳандаи ақлу хирад ва сабру таҳаммули халқамон аст, ки ин ҳам далели қотеи фарҳанги қадима ва суннатҳои созандагии мост.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз ҳамин фазилатҳои неки азалӣ ва ифтихори миллӣ аст, ки мардуми моро ба ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамдигарбахшӣ ва сулҳу оштӣ ҳидоят намуда, имрӯз роҳи моро ба сӯйи созандагиву бунёдкорӣ, ободонии ватан, ҳифзи дастовардҳои истиқлол ва таҳкими онҳо равшан мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ин лиҳоз, вазифаи ҷониву имонии ҳар як шаҳрванди равшандилу солимфикр ва бонангу номуси Тоҷикистон аст, ки сулҳу субот ва ваҳдати миллии ба қимати ниҳоят гарон бадастомадаро чун гавҳараки чашм эҳтиёт кунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Инчунин, вазифаи муқаддаси мост, ки сулҳу субот ва ваҳдати миллиамонро ҳамеша таблиғу ташвиқ намоем, ба насли ҷавон фаҳмонем, ки он дар кадом шароит, бо чӣ мушкилот ва бо чӣ гуна қурбониҳо ба даст омадааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барои Ватани азизамон–Тоҷикистони соҳибистиқлол сулҳу суботи абадӣ ва фазои орому пешрафт орзумандам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Поянда ва ҷовидон бод иттиҳоди миллати куҳанбунёд, сулҳдӯст ва фарҳангпарвари тоҷик!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тавре ки борҳо изҳор дошта будам, вазъи сиёсиву амниятӣ дар пойтахт чунон хатарнок буд, ки ҳатто ба гузаронидани иҷлосияи парламент имкон намедод.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Соли равон барои Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо бо як силсила ҷашнҳои муҳим–10-солагии ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, 16-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, 800-солагии зодрӯзи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ баракат ва ҷилои тоза пайдо кардааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Боиси таассуф аст, ки ҳатто дар чунин шароит андешаи неку созандаи ҳамзистии осоишта, ҳамкории мусолиматомези низомҳои мухталиф ба хотири сулҳу амнияти сайёра, кӯшиши бо усулҳои сиёсӣ ҳал намудани мухолифатҳои мавҷуда ва дигар мушкилоти инсоният дар оғози асри нав аз ҷониби баъзе доираҳо нодида гирифта мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ақидаи мо, танҳо бо ҳамин роҳ сулҳу суботро дар миқёси минтақаҳои алоҳида ва умуман сайёра ҳифз намуда, барои рушди инсоният ва рӯзгори осудаи он шароит фароҳам овардан мумкин аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ин хотир пайдо кардани роҳҳои нави ҳамкориву ҳамгироии кишварҳову минтақаҳо, робитаву гуфтугӯи тамаддунҳо, пуштибонии сулҳу оромӣ, фароҳам овардани фазои эътимоду боварӣ, даст кашидан аз зиддиятҳои қавмиву мазҳабӣ ва тамаддуну фарҳангҳои мухталиф бояд мазмуни аслии равандҳо, асоси ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои умумибашарӣ гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо дар раванди таҳкими сулҳу субот ва давлатсозиву давлатдории навини худ баҳрабардорӣ аз арзишҳои волои таърихиву фарҳангӣ, таблиғи ҳувияти милливу ифтихори ватандорӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва ба шоҳроҳи созандагиву ободонии сарзамини аҷдодӣ раҳнамоӣ кардан ва сафарбар намудани мардумро воқеан ҳам дар маркази сиёсати давлатӣ қарор додем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ва чунонки имрӯз мебинем, мафҳумҳои истиқлол ва озодӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, тамомияти арзӣ, ободии Ватан ва созандагӣ на танҳо ҳамчун ғояҳои умумимиллӣ пазируфта шудаанд, балки ба ҳайси қутбнамо дар тафаккури мардумамон ҷой гирифтаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар ҳамаи шумо–ҳамватанони азиз ва меҳмонони гиромиро ба ифтихори 16-умин солгарди Истиқлоли давлатӣ ва 800-солагии зодрӯзи Мавлонои бузург табрик гуфта, бароятон сулҳу субот, саломативу хонаободӣ ва пирӯзию сарбаландӣ орзумандам!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар миёни давлатҳои гуногуни сайёра мусобиқаи мусаллаҳшавӣ авҷ гирифта истодааст, ки чунин раванд метавонад на танҳо амнияти кишвар ё минтақаҳои алоҳида, балки оромии тамоми инсониятро зери хатари ҷиддӣ гузорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Итминони комил дорам, ки ҳар як фарди огоҳу бедордил ва бонангу номус дар ин рӯзи мубораку хуҷаста ҳамеша сабақҳои мактаби одамияти гузаштагони бузургамонро дар ёд дошта, барои сулҳу суботи ҷовидонаи сарзамини аҷдодӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, ободиву шукуфоии Ватани азизамон–Тоҷикистони соҳибистиқлол ва осудагии ҳар хонаводаи меҳмоннавози тоҷик кӯшиш менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ибораи дигар, Конститутсия барои аз байн бурдани хавфе, ки ба истиқлоли давлатӣ, тамомияти арзии кишвар ва гузашта аз ин, ба ягонагии миллат таҳдид мекард, шароити зарурии ҳуқуқӣ муҳайё намуда, роҳи сулҳу суботи боэътимодро барои мардуми Тоҷикистон боз намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии онрӯза–Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи амнияти миллӣ, дигар сохторҳои қудративу низомӣ ва ҳатто мақомоти прокуратура ва судҳо амалан фалаҷ гардида, қобилияти таъмин кардани тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти давлату ҷомеа ва риояи қонунро аз даст дода буданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бинобар ин, масъалаи таъмини амнияти намояндагони мардумӣ ва кори мӯътадили иҷлосияро ягон сохтор ва мақомоти давлатӣ кафолат дода наметавонист.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар натиҷаи татбиқи ин тадбирҳо дар кишвар сулҳу оромӣ, амният ва қонунияту тартиботи қавӣ ҷорӣ гашта, ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки арзиши олӣ мебошанд, таъмин карда шуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин имконият фароҳам овард, ки гурӯҳҳои мухталифи сиёсӣ тадриҷан мақомоти давлатиро дар саросари кишвар ҳамчун қувваи ягонаи танзимкунандаи ҳаёти ҷомеа, воситаи таъминкунандаи сулҳу субот, амнияти давлат ва шаҳрвандони кишвар эътироф намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бо санадҳои дар Иҷлосия қабулшуда ва мавқеи усулии худ собит сохтем, ки мақсадҳои Тоҷикистон доир ба таъмини амнияти минтақа ва ҷаҳон, пешгирии фаъолияти гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ, ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ ва мубориза бар зидди онҳо ҳамчун хатарҳои нави глобалӣ бо ҳадафҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла кишварҳои Аврупову Осиё комилан мутобиқат доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вале дар давоми солҳои зиёд Тоҷикистон садди роҳи онҳо шуда, барои таъмини амнияти давлатҳои минтақа ва ҷаҳон сарфи назар аз хисороти зиёди ҷониву молии худ нақши кишвари буфериро иҷро намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷомеаи ҷаҳонӣ бори дигар бовар ҳосил намуд, ки Тоҷикистон метавонад минбаъд низ дар таъмини амнияти қитъаҳои Аврупову Осиё ва сулҳи ҷаҳон шарики боэътимод бошад, чунки мо ҳанӯз соли 1998 дар Иҷлосияи 20-уми махсуси Созмони Милали Муттаҳид ба ҷомеаи мутамаддин дар бораи хатару оқибатҳои сангини тавсеаи зуҳуроти терроризм ҳушдор дода, ташкили "минтақаи амнияти гирдогирди Афғонистон"-ро пешниҳод карда будем, яъне чандин сол муқаддам аз ҳаводиси фоҷиабори 11 сентябри соли 2001 мо дар асоси таҷрибаи талхи худ аз табиати нафратангези терроризм бохабар будем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Понздаҳ сол пеш,  дар айёме, ки масъалаи бақои давлату давлатдории тоҷикон ва ҳамчун миллати воҳид вуҷуд доштани мардуми мо таҳти хатари воқеӣ қарор гирифта буд, маҳз дар ҳамин қасри бошукӯҳи таърихӣ, ки бо номи Арбоб маъруф аст ва имрӯзҳо ба бунёди он панҷоҳ сол пур мешавад, Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид ва дар ҷараёни он самтҳои асосии сиёсати сулҳу оштӣ, ваҳдати миллӣ, таъмини суботи ҷомеа ва давлатсозиву давлатдорӣ тарҳрезӣ карда шуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бояд хотирнишон сохт, ки дар он рӯзҳо Шӯрои Олӣ ягона сохторе буд, ки дар байни мардум то андозае нуфузашро нигоҳ дошта, метавонист барои ҷустуҷӯи роҳҳои барқарор кардани сулҳу салоҳ ва ором намудани вазъи сиёсии мамлакат кӯшиш намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ва бо такя ба ақлу заковати халқамон, ки ворисони миллати хирадманди тоҷик мебошанд, савганд ёд кардам, ки то вақте дил дар синаам метапад, ҳастиамро ба Ватан ва мардуми худ мебахшам, тамоми қуввату ғайрат ва донишу таҷрибаамро барои дар хар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, ба хотири шукуфоии Ватани азизам садоқатмандона заҳмат мекашам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вале чунонки борҳо таъкид кардаам, сиёсати сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, ки дар ин иҷлосия тарҳрезӣ гардид, пеш аз ҳама, натиҷаи майлу иродаи гарму самимона ва хизмати таърихиву қаҳрамононаи халқамон буда, фақат аз баракати дастгириву пуштибонии мардуми сулҳдӯст, хирадманд ва солору сарбаланди тоҷик амалӣ гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба хотири таҳкими сулҳу субот ва ваҳдату ризоияти ҷомеа дар ин давра ёздаҳ санади авф қабул гардид, ки онҳо ба зиёда аз 60 ҳазор нафар айбдоршавандаю судшаванда ва маҳбусон татбиқ гардиданд. Чунки бе истиқрори сулҳ ҳалли самарабахши масъалаҳое, ки дар назди давлату ҷомеа меистоданд, ғайри имкон буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Иҷлосия бо мақсади таъмини сулҳу оштӣ ва ба ҳам овардани мардуми пошхӯрда "Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд", қонун қабул кард. Яъне ин аввалин санади авфи гуноҳи шахсоне буд, ки дар муқовиматҳои сиёсӣ ва мусаллаҳона иштирок доштанд. Ҳамчунин, Қонун "Дар бораи Рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кардани 26 ноябри соли 1992" қабул гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳадафи ягонаи ин қонунҳо, ки дар роҳи душвору заҳматталаби оштии миллӣ ва сулҳи тоҷикон аввалин санадҳои ҳуқуқӣ буданд, қабл аз ҳама, қатъи хунрезӣ ва муқовимати мусаллаҳона, сипас фароҳам овардани шароити мусоид ва заминаи ҳуқуқӣ барои сарҷамъ кардани мардуми кишвар ва таъмини сулҳу субот дар Тоҷикистон буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар раванди таъмини сулҳу субот, ки нишонаи равшани ризоияти саросарии ҷомеа ва ваҳдату ягонагӣ мебошад, ба вусъати худогоҳиву худшиносӣ, ифтихору ҳувияти миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва муттаҳидӣ даъват кардани мардум нақши муассир дошт, ки ин кори бузург низ аз Иҷлосияи таърихии 16-ум ибтидо гирифт ва дар ҳамин замина минбаъд ташаккули андешаи созанда ва муосири миллии мо тадриҷан шурӯъ гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин робита, чунонки медонед, яке аз муваффақтарин таҷрибаҳои нодири истиқрори сулҳ будани масъалаи ҳаллу фасли низоъи Тоҷикистон такрор ба такрор аз ҷониби созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ таъкид шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фаромӯш набояд кард, ки дар баробари зина ба зина таъмин кардани сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дар ин муддат мо бунёди давлати мустақили Тоҷикистонро гузоштем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бинобар ин, дастовардҳои истиқлолияти давлатиро ҳамчун гавҳари қиматбаҳо эҳтиёт кунем, ба қадри Ватани озоду мустақил, сулҳу оромӣ расем, ваҳдати миллиро таҳким бахшем ва дар баробари ин, наслҳои навро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва худогоҳиву худшиносӣ тарбия кунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шубҳае нест, ки ҳар фарди бонангу номуси миллат бо бардоштани сабақи таърихӣ аз ҳодисоти гузаштаи халқамон шукронаи сулҳу суботи сарзаминро ба ҷой оварда, неъмати бебаҳои тақдир–истиқлоли давлатиро қадр хоҳад кард ва барои таҳкими дастовардҳои он, ободиву осудагии ҳар хонадон ва ҳар як гӯшаи Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми содиқона, софдилона ва ватандӯстонаи худро хоҳад гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар охир бори дигар ҳамаи ҳамватанони азизро бо рӯзи саиди 15-солагии Иҷлосияи сарнавиштсоз табрик гуфта, орзу менамоям, ки дар сарзамини аҷдодиамон–Тоҷикистони азиз офтоби сулҳу сафо ҳамеша дурахшон ва аз нуру зиёи он замири ҳар як фарди Ватан ҷойгоҳи ҳамешабаҳори ваҳдати миллӣ, ободиву осудагӣ ва хушбахтии ҷовидонӣ бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сайругашти идонае, ки имрӯз дар ҳамаи майдону гулгаштҳои пойтахти зебои мамлакатамон–шаҳри Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳои кишвари соҳибистиқлоламон доир мегарданд, натиҷаи оромиву сулҳу суботи сарзаминамон мебошад, ки таҳкурсӣ ва асосҳои мустаҳками чунин рӯзу рӯзгори осуда понздаҳ сол пеш дар шаҳри бостонии Хуҷанд гузошта шуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ин маънӣ, санаи 16 ноябри соли 1992 дар таърихи навини мо ибтидои ҷустуҷӯи роҳҳои бартарафсозии бенизомӣ дар ҳаёти ҷомеа ва дар навбати аввал қатъи хунрезӣ, эълони оташбас, баргардонидани гурезаҳову фирориёни иҷборӣ, фароҳам овардани шароити муътадил барои кору зиндагии онҳо ва муҳимтар аз ҳама таъмин кардани сулҳу субот аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Борҳо таъкид кардаам ва ҳоло мехоҳам бо сипосу миннатдорӣ хотирнишон созам, ки сиёсати сулҳу субот ва Ваҳдати миллӣ, ки дар ин иҷлосия тарҳрезӣ гардид, пеш аз ҳама натиҷаи орзуву ормони самимона, майлу иродаи гарми халқамон ва хизмати таърихии ӯ буда, танҳо аз баракати дастгириву пуштибонии мардуми сулҳдӯст, хирадманд ва солору сарбаланди тоҷик амалӣ гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сад шукронаи истиқлол ва хиради азалии мардуми фарҳангиву сулҳдӯсти тоҷик, ки имрӯз дар саросари кишвар сулҳу субот, амният ва ваҳдати миллӣ барқарор аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шукронаи ин рӯзҳои орому осуда ба даргоҳи Худованди Таъоло дуо мекунем, ки дар хонадони ҳар яке аз ҳамватанони мо оромиву осоиш, хайру баракат ва дар кишвари азизамон сулҳу субот, ҳамдигарфаҳмиву ҳамрайъӣ ва ваҳдати миллии ҷовидонӣ пойдор бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар доираи ҷашн мо бо мардуми заҳматкаш ва сарбаланди вилоят вохӯриҳои сершумор доштем, инчунин дар маросими ба истифода супоридани корхонаи нави сементбарорӣ, бинои нави маркази бемориҳои дил, ки онҳо низ натиҷаи сулҳу суботи кишвар мебошанд, иштирок кардем ва аз як мактаб-интернати кӯдакони бемор ва аз оилаҳои камбизоат дидан кардем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маъракаҳои бузурги сиёсиву фарҳангии соли гузашта, пеш аз ҳама 15-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ ва 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб собит намуданд, ки барои мардуми шарифи кишвар сулҳу субот, Ваҳдати миллӣ ва оромиву пешрафти ҷомеа арзишҳои муқаддас ва азизанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон чун кишвари ҷонибдори чунин ҳамгироӣ боварии комил дорад, ки амният ва суботи минтақа, рушди устувори иқтисодии Осиёи Марказӣ, рафъи мушкилоти давраи гузариш ва дар маҷмӯъ, таъмини истиқлолияти сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои мо метавонад танҳо аз тариқи ҳамкории фаъол, муассир ва пурсамари минтақавӣ амалӣ гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Низоми навини равобити байналмилалӣ имрӯз ҷиддан тақозо дорад, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол муҳимтарин ҳадафҳои миллии худ, яъне таъмини истиқлолу озодӣ, ҳифзи амнияту суботи сиёсӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва рушди устувори кишварро дар асоси стратегияи фарогир ва санҷида амалӣ намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Чун сухан дар бораи равобити мо бо кишварҳои минтақа меравад, бояд таъкид кард, ки мо ҷонибдори содиқи ҳамкориҳои минтақавӣ ҷиҳати боло бурдани сатҳи зиндагии халқҳоямон ва таъмини амнияту осудагӣ ва суботи минтақа ҳастем

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз азму иродаи қавӣ, ҷонибдории самимона ва меҳнати ҳалолу бунёдкоронаи мардуми шарифи Тоҷикистон буд, ки мову шумо пойдевори давлату давлатдории мустақилро гузоштем, сулҳу ризоият ва ваҳдати шикастнопазири миллиро фароҳам овардем, ба шоҳроҳи рушди муътадил ва устувори иқтисодӣ ворид шудем, раванди бебозгашти ободониву созандагиро пеш гирифтем, ба сӯи ҷомеаи боадолати шаҳрвандӣ, пешрафти рӯзафзуни илму маориф ва фарҳангу маънавиёт рӯ овардем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ин амну амониро таҷзия ва тақсим намекунем, балки чунин мешуморем, ки оромии ҳар як кишвар василаи амнияти ҳамсояи ӯст ва дар ин замина бо эътилофи байналмилалии зиддитеррористӣ, ки ҳадафи асосии он мубориза бар зидди хатару таҳдидҳои муосир дар минтақа аст, ҳамкории созанда дорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз сад шукри сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, истиқлолияти комил ва соҳибдавлатӣ, ки Тоҷикистони азизи мо дар марҳалаи сифатан нави рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ қарор дорад ва ба кишвари дорои низоми муосири муносибатҳои бозаргонӣ, иқтисоди миллии рушдёбанда ва фазои мусоид барои нақшаҳои бузурги пешрафту созандагӣ табдил ёфтааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор парчами истиқлол ва сулҳу ваҳдат раҳнамову ҳидоятгари мо ба сӯйи ояндаи нек ва зиндагии осоиштаву осудаҳолона бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

## Соли 2008

***

Ба ҷомеаи ҷаҳонӣ собит гашт, ки дар мо на иддаои беасос ва судҷӯйии яклаҳзаина афзалият доранд, балки мароми давлати тоҷикон фақат сулҳу субот, ҳамсоягии нек ва бунёдкорист, кӯшиши дар миёни кишварҳои пешрафтаи олам ишғол намудани ҷойи сазовор аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин замина таҷлили бошукӯҳи ҷашнҳои бузурги миллӣ – 16- солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон, 800-солагии зодрӯзи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва 15-солагии Иҷлосияи 16-уми таърихии Шӯрои Олӣ бешубҳа, ба ташаккули ҳисси ватандориву худшиносии мардум ва таҳкими минбаъдаи сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва амалӣ гардидани ҳадафҳои неки бунёдкориву созандагии Тоҷикистони соҳибистиқлол такони нав мебахшанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷиҳати иҷрои Қарори Ҳукумати Тоҷикистон "Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2006 ва вазифаҳо барои соли 2007" мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии кишвар соли гузашта тадбирҳои судманд андешида, ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд ва ин имконият дод, ки вазъи мудофиавӣ, амният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар мамлакат мӯътадил нигоҳ дошта шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хизматчиёни ҳарбии сохторҳои низомӣ ва ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат дар таъмини сулҳу суботи устувор, амнияти давлат ва мардум, таҳкими ваҳдати миллӣ, ки пешрафту тараққиёти кишварамон бевосита аз онҳо вобаста мебошад, нақши барҷаста ва бузург доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз таъсисёбии артиш вақти зиёде нагузашта, ба дӯши он якҷоя бо дигар мақомоту сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ вазифаи басо бузург ва масъулияти ниҳоят муҳим – таъмин кардани субот ва амнияти кишвар вогузор гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар шароити кунунии ҷаҳони муосир, ки дар он хатарҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, табиӣ ва техногенӣ рӯз то рӯз густариш меёбанд, ҳифзи Ватан ва таъмини амнияти давлату миллат аҳамияти торафт бузург касб мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Қувваҳои Мусаллаҳ бояд ҳомиёни воқеии кишвар ва амнияти мардум бошанд ва ҳамчун неруи тавонои мудофиавӣ ташаккулу такомул ёфта, халқу давлатро боэътимод созанд, ки марзу буми кишвар таҳти муҳофизати ҳушёронаи онҳо қарор дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мехоҳам бо ифтихор аз давлату давлатдории миллати тамаддунсози худ ва бо шукргузорӣ аз сулҳу суботи устувор понздаҳумин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи кишварро ба ҳамаи шумо–ҳозирини муҳтарам ва тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон самимона табрик гӯям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Даст ба дуо мебардорам, ки Худованди мутаъол сарзамини офтобии Тоҷикистон ва халқи азизи моро аз марҳамати худ бенасиб нагардонад, марзу буми Ватанамонро аз офатҳои харобиовар эмин нигоҳ дорад, сулҳу амониву ваҳдати миллӣ ҷовидон монад ва файзу баракати худро барои ҳамаи бандаҳояш арзонӣ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин наврӯзгоҳи идонае, ки ҳоло дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ороста шудааст, натиҷаи оромиву сулҳу суботи сарзаминамон ва ваҳдати миллатамон аст, ки таҳкурсии мустаҳками он шонздаҳ сол қабл дар шаҳри бостонии Хуҷанд гузошта шуда буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳоло бо нияти пойдории ҷовидонии сулҳу субот ҳамчун омили муҳимтарини рушду пешрафти Ватани азизамон пешниҳод менамоям, ки боғи имрӯз асосгузоштаамон Боғи Ваҳдат номгузорӣ шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар баробари ин Рӯзи Ғалаба моро ҳушдор медиҳад, ки сулҳу амният, тинҷию осудагӣ неъмати бебаҳоянд ва мо барои ҳифзи онҳо бояд ҳамеша омода бошем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вобаста ба пешгирии қонуншиканиҳо мехоҳам таваҷҷӯҳи шуморо ҳоло ба масъалае ҷалб намоям, ки он на танҳо ба амнияти иқтисодии мамлакат, балки ба амнияти миллӣ низ таҳдид мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Солҳои охир аз баракати сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дар арафаи таҷлили ҷашнҳои бузурги давлативу миллӣ баргузор гардидани мулоқоту машваратҳои судманд ва маросимҳои мардумӣ, ба истифода додани иншооту биноҳои навбунёд дар гӯшаҳои гуногуни кишвари азизамон ҳукми анъанаи некро пайдо кардааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ин рӯ, ҷавонони кишвар бояд рисолати таърихии хешро дар назди хотираи ниёгони гузашта, ҷомеаи имрӯза ва наслҳои оянда амиқ дарк намуда, тамоми неруи ҷисмониву ақлонии худро ба хотири таҳкими давлату давлатдорӣ, ҳифзи дастовардҳои даврони истиқлол, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва рушди минбаъдаи иҷтимоиву иқтисодии сарзамини аҷдодиямон сафарбар созанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ғояҳои аслии дини мубини ислом ва тамоми дину мазҳабҳои дигар бар асоси тафаккури инсондӯстона, таҳаммулгароӣ, ҳамзистиву бародарӣ ва ҳифзи сулҳу суботи ҷомеа бунёд ёфтаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳадаф аз таҷлили ҷашнҳои мазкур пеш аз ҳама баланд бардоштани сатҳи худшиносиву худогоҳӣ, ифтихор ва ҳувияти миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот, инчунин вусъат додани корҳои созандагӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шумо бояд амиқ дарк намоед, ки вазифаи асоситон дар марҳалаи кунунӣ пеш аз ҳама омӯзиши илму дониш, азхуд намудани воситаҳои

техникии замонавӣ ва дастовардҳои технологияи муосир, таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳифзи пойдории сулҳу амнияти сарзамин, хизмати содиқона ба Ватан ва тарбия ёфтан дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ иборат мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Чунон ки дар оғози сухан зикр кардам, мо ҳар сол дар даҳаи охири моҳи июн Рӯзи ваҳдати миллиро ҷашн мегирем ва шумо медонед, ки барои ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон чи қадар ҷонбозиву фидокорӣ зарур буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳи мо дар ҷаҳони муосир аз ҷониби коршиносон ва мутахассисони ҷомеашиноси сатҳи ҷаҳонӣ ҳамчун яке аз намунаҳои нодиртарин эътироф шуда, имрӯз дар минтақаҳои доғи ҷаҳонӣ истифода мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ин рӯ, қарзи имонӣ ва вазифаи ҷониву шаҳрвандии шумо - ҷавонон пеш аз ҳама ҳифзи сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, амнияту осудагӣ ва дар маҷмӯъ ҳифзи дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар шуморо ба муносибати Рӯзи ваҳдати миллӣ ва ифтитоҳи бинои Маркази ҷавонон самимона табрику таҳният гуфта, бароятон сулҳу сафо, хонадони обод ва барори кор орзумандам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин амр кафолат медиҳад, ки оромиву осоиши мардум ва суботу амнияти ҷомеа таъмин гардида, ба беҳтар шудани вазъи зиндагии натанҳо наслҳои ҷавони имрӯза, балки наслҳои оянда мусоидат намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Инчунин ба ҳамаи кормандону муҳандисони ватанӣ ва онҳое, ки дар бунёди иншооти мазкур саҳми арзандаи худро гузоштанд, изҳори сипос намуда, ҳамаи онҳоро ба муносибати Рӯзи ваҳдати миллӣ табрик мегӯям ва бароящон хонаи ободу осуда, сулҳу амонӣ ва хушбахтиву пирӯзиҳо орзумандам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шумо, ҳозирини муҳтарам,  хуб дар ёд доред, ки мо ба хотири таъмини суботи устувор ва амнияти халқу кишвари худ ҳанӯз дар солҳои ноороми корро қабл аз ҳама аз халъи силоҳ оғоз карда, бар зидди ҷинояткорӣ ва қонуншиканиҳо муборизаи беамонро ба роҳ монда будем. Вале дар натиҷаи

дуруст ва амиқан дарк накардани ин талаботи қатъии давлат дар минтақаи Кӯлоб сатҳи содиршавии ҷиноятҳои вазнин боло рафта, ба суботи ҷомеа, амнияти мардум ва давлат таъсири манфӣ расонида истодааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо боварӣ метавон гуфт, ки мардуми мо дигар ҳаргиз роҳ намедиҳад, ки сулҳу субот, Ваҳдати миллӣ ва амнияти давлатамон халалдор гардад. Чунки сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ бо аҳамияти бузурги худ аллакай ба арзишҳои муқаддаси давлату миллатамон табдил ёфтаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар марҳалаи кунунии рушди Тоҷикистон тарғибу ташвиқи ғояҳои созандаи сулҳу амният, оромиву осудагӣ, эҳсоси гарми ватандорӣ, худшиносӣ ва омӯзишу пос доштани таъриху фарҳанги пурғановати миллӣ, инчунин дастовардҳои беҳтарини тамаддуни башарӣ вазифаи ҷонӣ ва қарзи шаҳрвандии ҳар фарди бонангу номус дар назди Ватан–Модар аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз ба шарофати Рӯзи Ваҳдати миллӣ, яъне ҷашни пирӯзии хиради азалӣ ва фарҳанги сулҳи тоҷикон мо боз ба дидори якдигар расидем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ин рӯ, ҳамаи шумо, ҳозирини гиромӣ, сокинони сарбаланду меҳмоннавози шаҳри Кӯлоб ва кулли мардуми шарифи Тоҷикистонро ба муносибати рӯзи сулҳу ваҳдати миллати куҳанбунёдамон табрику таҳният гуфта, бароятон рӯзгори осуда ва саодату хушбахтӣ орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ваҳдати миллие, ки мо ёздаҳ сол пеш ба шарофати хиради азалӣ, фитрати сулҳхоҳӣ ва азму иродаи қавии миллати тамаддунофари худ ба даст оварда, дар мамлакат сулҳу суботро барқарор кардем, барои ҳар як сокини Тоҷикистон ниҳоят бузург ва таърихӣ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз аз баракати истиқлол, ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи сартосарӣ мо барои рушди устувори тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ заминаи мустаҳкам гузоштем ва созандагиву бунёдкориҳои азимро дар Тоҷикистони азизамон зина ба зина таъмин карда истодаем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бояд зикр кард, ки ҳамаи орзуву ният ва мақсадҳои созандаи мардуми шарифи кишварамон дар фарҳанги сулҳи тоҷикон ва суботи кунунии Тоҷикистон ифода ёфтаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ҳар кадоми мову шумо тақозо мегардад, ки пеш аз ҳама. Ватани азизи худро дӯст дорем ва барои таҳкими сулҳу суботи пойдор, ваҳдати шикастнопазири миллӣ ва дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ кӯшишу талош намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо набояд фаромӯш созем, ки сулҳу ваҳдат миллати моро аз парокандагӣ наҷот дода, давлати тозаистиқлоли тоҷиконро аз нобудшавӣ эмин нигоҳ дошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман бо итминони комил гуфта метавонам, ки мо ҳоло кохи муҳташами сулҳу ваҳдати Тоҷикистонро бунёд кардаем ва он то абад пойдору устувор боқӣ хоҳад монд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барои ҳифз ва таҳкими ин бинои сулҳу амонӣ аз ҳар як фарди бонангу номус, худогоҳу худшинос ва ватандӯсту ватанпараст талаб карда мешавад, ки бо ақлу хиради солим, донишу таҷриба, азму иродаи қавӣ ва меҳнати созандаву бунёдкорона дар ободу зебо гардонидани сарзамини аҷдодиямон саҳмгузор бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигзор, сарзамини куҳанбунёди моро машъали сулҳу сафо то абад нурафшон созад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хушбахтона, мо сари вақт барои ислоҳи ин иштибоҳи даҳшатноки миллаткуш тадбирҳо андешида, баъди музокироти сангину тӯлонии зиёда аз чорсола оқибат бо имзои санади тақдирсоз, яъне Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон раванди оштии миллӣ, ваҳдати саросарии мардуми худ ва сулҳу суботро барқарор намудем, ки имрӯз аз он айём ёздаҳ сол сипарӣ мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Халқи тоҷик аз азал соҳиби андеша ва ҳувияти баланди милливу эҳсоси ватанпарастӣ буда, роҳи ҳамдигарфаҳмӣ ва сулҳу созишро интихоб намудани он нишонаи барҷастаи хирад ва таҳаммулпазирии миллати куҳанбунёди мо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз андеша ва ҳувияти миллӣ мардуми соҳибфарҳангу тамаддунсози тоҷикро водор сохт, ки сулҳу ваҳдатро барқарор карда, якпорчагии марзу буми кишварро ҳифз намояд ва миллатро аз парокандагӣ эмин дошта, барои рушди давлати соҳибихтиёри худ шароити мусоид фароҳам оварад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бояд зикр кард, ки аз баракати сулҳу суботи устувор ва ваҳдати комили миллӣ имрӯз дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, аз ҷумла шаҳри Қӯрғонтеппа на танҳо аз харобиҳои он даврони ноором осоре боқӣ намондааст, балки дар натиҷаи заҳмати сарҷамъонаву ватандӯстонаи мардум ва вусъат ёфтани созандагиву бунёдкорӣ нисбат ба солҳои пешин хеле ободу зеботар шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар шароити кунунии ҷаҳони муосир, ки фазои сиёсии он ва низоми муносибатҳои байналмилалӣ бошиддат тағйир меёбад, аз ҳар фарди бонангу номуси мамлакат, бахусус ҷавонон тақозо мегардад, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, неруи ҷисмониву зеҳнии худро беш аз пеш ба ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, таҳкими пояҳои давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии Ватани азизамон равона созанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигзор, сулҳу ваҳдат мақсаду мароми зиндагии тамоми фарзандони Ватани азизамон гардад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Варзиш қисми муҳими фарҳанги умумибашарӣ ва қосиди сулҳу амонӣ буда, ба таҳкими саломатӣ ва инкишофи қобилияти ҷисмониву маънавии инсон, хусусан ҷавонон мусоидат мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар навбати худ тамоми сокинони ноҳия, яъне аз хурд то бузург, ки қадру манзалати Ватани аҷдодиамонро азиз медонанд, бояд, пеш аз ҳама, дастоварди бузургтарини истиқлоли давлатиамон – Ваҳдати миллиро ҳамчун неъмати бебаҳо пос доранд, ба қадру қимати давлати озоду мустақил, обу хоки сарзамини аҷдодӣ ва сулҳу суботи Ватани азизамон–Тоҷикистон расанд ва ба хотири боз ҳам ободу шукуфо гардидани он саъю кӯшиш намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тамоми кӯшишҳои Ҳукумат ба он равона шудаанд, ки мо ба ҳадафи ниҳоии худ–аз тариқи таҳкими сулҳу ваҳдат ва рушди устувори иқтисодӣ ба таъмини зиндагии сазовори мардум ноил гардем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд, пеш аз ҳама, аз истиқлоли Тоҷикистони азизамон, давлату давлатдории миллиамон ва сулҳу суботи устувори кишварамон шукрона карда, ҳамеша барои ҳифз ва пойдории абадии онҳо кӯшишу талош намоем, зеро ҳамаи дастовардҳо ба мо танҳо ба шарофати истиқлолият ва сулҳу субот муяссар шудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо дар сурате сатҳи зиндагии халқамонро баланд бардошта метавонем, ки фидокорона ва сидқан меҳнат намоем ва дар мавриде хона, деҳа, ноҳия ва Ватани худ–Тоҷикистони азизро обод ва давлату давлатдориамонро мустаҳкам карда метавонем, ки бо эҳсоси гарми худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори ватандорӣ, ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботро пойдору устувор нигоҳ дорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳаёт ҳамарӯза собит менамояд, ки аз баракати сулҳу суботи устувор сарзамини аҷдодиамон торафт обод ва вазъи зиндагии мардуми шарифамон сол ба сол беҳтар мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамзамон бо ин, ба шарофати истиқлол, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мо тавонистем, ки ба эҳёи дубораи Роҳи Бузурги Абрешим рӯ оварда, шоҳроҳи байналмилалии мошингарди Кӯлоб–Хоруғ–Кулмаро ба истифода диҳем ва ин роҳи тиҷоратии қадимаро умри дубора бахшем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз ба шарофати сулҳу суботи саросарӣ аст, ки мо имрӯз ҳадафҳои созандагиву бунёдкории худро амалӣ карда, ободии кишварамонро таъмин намуда истодаем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хонумҳо ва ҷанобон, мо имрӯз натиҷаҳои фаъолияти муштаракамонро муҳокима карда, изҳор намудем, ки Созмони мо дар давоми як соли гузашта тамоили афзун гардонидани нерую имкониятҳояшро давом дода, дар таъмини амният ва суботи минтақаҳои Аврупо ва Осиё нақши торафт фаъолонатар мебозад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Самти асосии фаъолияти мо мисли пештара ҳалли масъалаҳои таҳкими сулҳ ва суботи амният дар минтақаи таҳти масъулияти СҲШ мебошад. Ин дар Эъломияи Душанбе ифода ёфтааст, ки мо онро дар фарҷоми маҷлис қабул хоҳем кард. Мусаллам аст, ки проблемаи мазкур сол то сол тезу тунд гардида, ба амнияти минтақаи мо ба таври ҷиддӣ таҳдид менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дастгирии ҳамдигар зимни ҳалли проблемаҳои иҷтимоию иқтисодӣ асоси таъминоти дарозмуддати амният ва субот ба шумор меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Рӯдакӣ сулҳу накӯкорӣ, дӯстӣ ва рафоқатро барои зиндагии одамон эҳтиёҷи табиӣ мешуморад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мазҳаби Абӯҳанифа ҳам таърихан ва ҳам амалан омили муҳими ваҳдати умумиинсонӣ, ҳифзи субот ва амнияти низоми ҷамъиятӣ аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз аз ҳамин хотир сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ барои мо ҳамчун арзишҳои муқаддастарин қадру қимати бузург доранд ва ҳифзу таҳкими онҳо вазифаи ҷониву имонии тамоми халқи мамлакат мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дастоварди бузургтарини мо дар тӯли ҳабдаҳ соли истиқлолият барқарор намудани сулҳу суботи комил ва ваҳдати пойдори миллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳкими худшиносиву худогоҳӣ, болоравии ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ дар миёни тамоми табақаҳои ҷомеаи Тоҷикистон аст, ки маҳз ба шарофати хиради азалии мардуми соҳибмаърифату фарҳангдӯсти тоҷик муяссар гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бинобар ин, аз нахустин солҳои истиқлолият сар карда, дар назди мо илова ба таъмини сулҳу субот, ба даст овардани ризоияти неруҳои мухталиф ва ваҳдати миллӣ зарурати эҷоди давлату давлатдории нави ҷавобгӯй ба манфиатҳои миллат ва ниёзҳои мардуми Тоҷикистон қарор дошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Илова бар ин, мехоҳам хотирнишон созам, ки варзишро беҳуда қосиди сулҳ нагуфтаанд. Рушди варзиш ва вусъати рафтуомади варзишгарон ба кишварҳои ҳамдигар боиси таҳкими дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмии халқу миллатҳои гуногун мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо дар низоми давлату давлатдории худ ба хотири баланд бардоштани ифтихори ватандориву худшиносӣ, ҳифзи фазои орому осуда ва сулҳу субот дар ҷомеа, ҳамчунин таҳкими ваҳдати миллӣ кӯшишу талош менамоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба тамоми халқи Тоҷикистон, ҳар фарди худогоҳ ва бонангу номуси миллат зарур аст, ки ба қадри соҳибистиқлолӣ ва соҳибихтиёрӣ, сулҳу субот ва оромии ҷомеа расида, онҳоро ҳамчун неъмати бебаҳо қадршиносӣ кунанд, зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва ҳамеша барои ҳифзи манфиатҳои олии миллат ва давлат азму талош намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Андешаи миллӣ ва истиқлолияти давлатӣ омилҳои муҳиме мебошанд, ки дар ҳифзи ягонагии миллат ва якпорчагии мамлакат, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, инчунин, густариш пайдо кардани худогоҳиву худшиносӣ дар ҷомеа нақши муайянкунанда мебозанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Коргоҳи эҷодии Рӯдакӣ бисёр рангин буда, ӯ аҳли башарро ба сулҳу дӯстӣ, парастиши хираду дониш, некномиву хайру сахо ва муҳимтар аз ҳама, ба худогоҳиву худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ ҳидоят менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Инчунин бо камоли эътимод изҳор медорам, ки номи Рӯдакӣ ҳамчун рамзи ягонагии тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон, ҳамчун рамзи дӯстии халқҳо ва нишонаи сулҳу сафо, адолатпарварӣ, инсондӯстӣ ва ифтихори миллӣ ҷовидона боқӣ мемонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шеъри Рӯдакӣ бо мазмуну муҳтавои олӣ ва арзишҳои башардӯстонаи худ аҳли башарро ба сулҳу рафоқат, дӯстиву адолат, рӯзгори босаодат, озодандешӣ ва ҳамгироӣ даъват сохта, ҳамчун рамзи ваҳдати фарҳангӣ ба мардуми олам то кунун хизмат мерасонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Яъне, ҳатто вақте ки мунокишаҳоро пурра бартараф кардан мумкин набошад ҳам, ба ҳар ҳол бояд аз ҷиҳатҳои ифротӣ ва ғайри қобили қабули он сарфи назар карда, бо ҳамин роҳи имконпазири сулҳу салоҳ ва созишро ёфтан лозим аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Пеш аз ҳама, Шуморо ба муносибати ба мансаби олии Раиси Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид интихоб гардиданатон табрик намуда, умедворам, ки иҷлосияи 63-юми Маҷмаи Умумӣ таҳти роҳбарии Шумо ба ҳадафҳои гузошташуда муваффақ мегардад, ки бузургтарини он минбаъд низ мустаҳкам сохтани низоми Созмони Милали Муттаҳид ҷиҳати таъмини сулҳ ва амнияти байналмилалӣ буда, ба ҳалли проблемаҳои глобалие, ки ҳамчун таҳдиду хатарҳои асри XXI арзи зуҳур карданд, нигаронида шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бояд гуфт, ки Созмони Милали Муттаҳид ва ҳифзу эҷоди сулҳ мафҳумҳои аз ҳамдигар ҷудоинопазиранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Роҳу усулҳои бартараф сохтани мунoқишаи байни тоҷикон бо кумаки Созмони Милали Муттаҳид ва мамлакатҳои кафил ҳамчун намунаи беназири тадбирҳои эҷоди сулҳ ва дипломатияи пешгирикунанда эътироф шудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ташаббуси Муншии умумии Созмони Милалро дар бобати ислоҳоти роҳу воситаҳои ҳифзу эҷоди сулҳ дастгирӣ намуда, чунин мешуморем, ки ба ҳомиёни сулҳ минбаъд ҳам кумаки сиёсӣ, молиявӣ, моддӣ ва техникӣ расонида, ба онҳо имкон додан лозим аст, ки аз иҷрои вазифаи душвори худ бароянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҳким бахшидани зербинои сулҳу субот дар мамлакатҳое, ки дучори низоъҳо гардидаанд, на танҳо ба расонидани кумакҳои башардӯстона, балки ба мусоидати воқеӣ ба ҳалли проблемаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ба дастгирии кӯшишҳои онҳо ҷиҳати бунёди заминаи зарурии гузариш ба рушди устувор ниёзманд аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тавре Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид зикр карда буд: "Мо аз осори Рӯдакӣ барои Иттиҳоди тамаддунҳо ибтикори Созмони Милал ва ташаббусҳои дигари он илҳоми тоза мегирем, ки ҳадафи онҳо мубориза ест ба муқобили ифротгароӣ ва ихтилофоте, ки ба сулҳ таҳдид менамоянд".

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман дар назди шумо бо қатъият изҳор медорам, ки мо ҳама гуна амалҳои ифротиеро, ки ба оромии халқамон халал ворид месозанд, пешгирӣ мекунем ва ягонагии марзу бум, суботу амнияти сиёсӣ ва сарҷамъии миллати тоҷикро таъмин менамоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Албатта, ҳамаи ин дастовардҳо ба мо аз баракати сулҳу субот, фазои ороми ҷомеа ва ваҳдати миллӣ муяссар гардидаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин ҳама аз баракати сулҳу суботи устувор, файзи истиқлолияти давлатӣ ва ба шарофати ғамхориҳои пайвастаи давлату Ҳукумати мамлакат аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Натиҷаҳои неки ин сиёсат, пеш аз ҳама, пойдору устувор будани сулҳу суботи ҷомеа, ваҳдати миллӣ ва нисбат ба солҳои пешин хеле беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии мардум, инчунин, бар асари вусъат ёфтани созандагиву бунёдкорӣ торафт беҳтар гардидани шароити хизматрасонии иншооти таъиноти иҷтимоӣ ва ободу зебо гардидани шаҳраку деҳот ва ноҳияҳо мебошад, ки мо ин самтҳоро ҳадафи асосии худ қарор додаем.

***

Дар баробари ин, мехоҳам таъкид намоям, ки тамоми пешрафту дастовардҳои давлат ва рӯзгори хушу осудаи мардум аз ваҳдати миллӣ, суботи устувор ва сулҳу оромии ҷомеа, аз риояи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ сарчашма мегирад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вале, мутаассифона, ба ҷойи шукрона аз сулҳу ваҳдат, оромиву суботи ҷомеа, давлату давлатдории миллати солору бофарҳангамон, ободиву шукуфоӣ ва эътибори байналмилалӣ пайдо кардани Тоҷикистони азизамон вақтҳои охир дар кишварамон баъзе шахсон ба доми фиреби ҳаракатҳои тундрави динӣ ва ташвиқу тарғиби афкоре, ки хилофи мазҳаби аҷдодиамон – ҳанафия мебошад, гароида истодаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳон, ки бо пайдоиш ва густариши ҳар гуна омилҳо, бұҳронҳо ва таҳдиду хатарҳои муосир амнияти сиёсиву иқтисодии кишварҳо ва минтақаҳои гуногуни сайёра халалдор мегардад, мо бояд барои ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ, пеш аз ҳама, суботи устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳамеша омода бошем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо умедворем, ки Конфронс барои ҷамъбаст намудани таҷрибаи ҳамкориҳои густурдаи миёни кишварҳои мухталиф, созмонҳои байналмилалӣ, дигар ташкилоту муассисаҳо ва муайян кардани самтҳои нави ҳамоҳангсозии кӯшишҳои муштараки ба таҳкими амният ва суботи минтақаи Осиёи Марказӣ нигаронидашуда имконият фароҳам хоҳад овард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Яқин аст, ки таъмини ҳифзи боэътимоди сарҳад–саҳми мо дар таъмини амнияти умумии мост.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ҷумла ташаббуси Тоҷикистон доир ба ташкили «минтақаи амният» дар атрофи Афғонистон, ки дар Иҷлосияи махсуси Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид соли 1998 баён гашта буд, ҳамовозии васеъ пайдо кард. Даъвати мо оид ба ташкили «Ҳамкории глобалӣ ба хотири мубориза бар зидди хатари мухаддирот» ба рӯйхати «Муҳимтарин ташаббусҳои соли 2003 дар соҳаи таъмини сулҳ ва амният» ворид гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо нуқтаи назари ба мандати Қувваҳои байналмилалии мусоидат ба сулҳи Афғонистон дохил кардани масъалаи мубориза бо маводи мухаддирро ҷонибдорӣ мекунем. Зеро инкишофи ҷомеа, тараққиёти устувори иқтисодӣ, таъмини амнияти милливу давлатӣ ва ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, техника, технология ва илму фарҳанг пеш аз ҳама ба рушди маориф, ташкили раванди бонизом ва босифати таълиму тарбияи насли нав вобаста мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барпо кардани чунин давлат эҳтирому риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ваҳдат, таъмини амният ва суботи устувори ҷомеа, фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаи ҳар як шаҳрвандро тақозо менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар баробари ин, содироти қувваи барқ ба Афғонистони ҳамсоя дар самти кӯшишҳои байналмилалӣ доир ба таъмини сулҳу оромӣ ва устувор гардонидани иқтисодиёти ин кишвар саҳми ҷиддӣ мегузорад.

***

Ҷонибдорон ва таҳмилкунандагони чунин ақоиди бегона набояд фаромӯш созанд, ки дини ислом ҳеҷ гоҳ ҷонибдори хушунату зӯроварӣ набуд, баръакс ҳамеша мусулмононро ба сулҳу субот, адлу инсоф, ваҳдату муттаҳидӣ, сабру таҳаммул, дӯстиву рафоқат, меҳнати ҳалол ва муросову мадоро, хулоса барои эҷоди муҳити солими ҷомеа даъват менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ислом инчунин, дар такя ба арзишҳои аслии худ, қудрати инсонӣ, ҳуқуқи башар, адолати иҷтимоӣ, озодии фикр ва даъват ба сулҳ, дурӣ ҷустан аз хушунат ва таҳаммулгароӣ метавонад ба пешрафти илм ва рушди ҷомеа мусоидат намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вале махсус бояд таъкид намоям, ки бузургтарин ва муқаддастарин дастоварди даврони соҳибихтиёрии халқи мо таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мебошад, ки дар натиҷаи раҳнамоии мардум ба худшиносиву худогоҳии миллӣ, ифтихор аз таъриху фарҳанги деринаи халқи тоҷик, суннату ойинҳои давлату давлатдории мустақилонаи он, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва арҷ гузоштан ба мероси гузаштагонамон муяссар гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Гузашта аз ин, густариш пайдо кардани як қатор таҳдиду хатарҳои муосир, аз ҷумла терроризми байналхалқӣ, экстремизм, истеҳсолу муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва қочоқи силоҳ, ҳамчунин афзудани хатарҳои техногениву экологӣ ҳамаи давлатҳои ҷаҳонро водор месозад, ки аз тариқи вусъат додани ҳамкориҳои муштарак ба хотири ҳифзи амнияту суботи сайёра саъю кӯшиш намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор, ҳадафҳои созандагӣ, ҷаҳду талошҳои пайгирона, ормонҳои волои истиқлолият ва сулҳу ваҳдат ҳидоятгари мо ба сӯиояндаи нек ва зиндагии осоиштаву осудаҳолона бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бовар дорем, ки созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, институтҳои молиявии байналхалқӣ ва кишварҳои аз лиҳози саноатӣ тараққикардаи ҷаҳон ин хатари трансмиллиро нодида нахоҳанд гирифт ва барои бунёди низоми одилонаи муносибатҳои иқтисодӣ дар миқёси глобалӣ саъй хоҳанд кард. Чунин низом, ба назари мо, таъмини амният ва рушду нумӯъро натанҳо барои кишварҳои алоҳида, балки барои ҳамаи давлатҳо бояд фароҳам оварад

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шумо хуб медонед, ки пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёт аз амнияту суботи сиёсии ҷомеа ва таъмини волоияти қонун вобаста аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои дахлдори кишвар барои таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, пешгирӣ ва муборизаи қатъӣ бар зидди ҷинояткорӣ, хусусан ҷиноятҳои хатарноки муосир– терроризм, экстремизм, хариду фурӯши одамон, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятҳои трансмиллӣ нигаронида шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

## Соли 2009

Дар ин самт таҷлили бошукӯҳи ҷашнҳои бузурги давлативу миллӣ – ҳабдаҳумин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, 1150-солагии бунёдгузори адабиёти тоҷику форс Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Соли бузургдошти забони тоҷикӣ, 950-солагии Имом Ғаззолӣ ва 100-солагии зодрӯзи академик Бобоҷон Ғафуров, бешубҳа, ба болоравии ҳисси ватандориву ватанпарастӣ, худогоҳиву худшиносии мардум ва таҳкими сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва вусъат ёфтани бунёдкориву созандагӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлоламон такони нав бахшиданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барои ба вуҷуд овардани рақобати солим дар соҳаи мазкур ва аз тариқи он баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ, таъмини амният ва паст гардонидани арзиши хизматрасонӣ бояд шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ягон давлат бе Артиши миллии муқтадир ва муҷаҳҳаз пойдор нест. Чунин артиш сипари мамлакат, кафили амният ва зиндагии осоиштаи мардум маҳсуб мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мазҳаби ҳанафӣ, ки сулҳу субот, амнияти ҷомеа ва рифоҳу осоиши мардум ҳамчун рукнҳои асосии он дониста шудаанд, дар тӯли таърих дар ҳаёти маънавии халқҳои Осиёи Марказӣ, махсусан тоҷикон, нақши беназир дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар сурати кӯшишҳои баъзе гурӯҳҳои ғайрианъанавии динӣ дар мавриди ҳамчун ҳақиқати том ба ҷомеа таҳмил намудани ғояҳои худ давлат вазифадор аст, ки ба хотири амнияту оромии ҷомеа ва пешгирии чунин зуҳуроти номатлуб дар доираи Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда чораҳои зарурӣ андешад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар ҳамаи шуморо ба ифтихори ин иди фархунда самимона табрик гуфта, бароятон тандурустиву саодати рӯзгор, бахту иқболи нек ва сулҳу осоиш орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз дар айёми соҳибистиқлолии Тоҷикистон мардуми мо дар асоси таҷрибаи талху мудҳиши ҷанги шаҳрвандӣ бори дигар дарк намуд, ки бе артиши миллии муташаккил ва обутобёфта ҳифз кардани амнияту оромӣ, ҳимоя намудани дастовардҳои истиқлолият, пойдор нигоҳ доштани рукнҳои давлатдорӣ ва таъмини зиндагии осудаҳолона то чӣ андоза душвор аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамин буд, ки мо дар як муддати басо кӯтоҳ Қувваҳои Мусаллаҳи таълимгирифта ва дорои интизоми қавии давлати соҳибистиқлоли худро таъсис дода, ҳифзи сарҳад, нигоҳ доштани ягонагии марзу буми мамлакат, таъмини амнияти давлат, пуштибонии қонун ва ҳуқуқи шаҳрвандон, ҳимояи муқаддасоти миллӣ ва муҳимтар аз ҳама, амнияту оромии ҷомеаро таъмин карда тавонистем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигзор сулҳу амонӣ ва осоишу оромӣ дар саросари ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо ҳукмфармо бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шумо хуб медонед, ки қаламрави ҳар як кишвари мустақил яке аз муқаддасот ва нишонаҳои муҳими давлатдории он буда, амнияти ҳар як халқу давлат аз сатҳи ҳифозати марзу бумаш вобаста мебошад. Зеро таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадӣ дар таърихи навини давлатдории Тоҷикистон ҳамчун рӯйдоди муҳиму тақдирсоз натанҳо дар бақову пойдории давлату давлатдории миллӣ, ҳифзи амнияти ҷомеа ва ҳимояи марзу буми кишвар, балки нишонаи возеҳи истиқлоли сиёсии давлати тоҷикон ба ҳисоб меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маълум аст, ки аз рӯзҳои аввали эъломи истиқлоли давлатии Тоҷикистон дар минтақаҳои сарҳадии он ҳодисаҳои сарҳадшиканӣ, қочоқи силоҳ ва муҳимоти ҷангӣ, маводи мухаддир, инчунин убури ғайриқонунии гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ авҷ гирифта, ҳамаи онҳо дар маҷмӯъ низоми мавҷудаи таъмини амнияти ҷомеа ва давлатро халалдор мекарданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз вазъи минтақа ва махсусан вазъияти сарҳади давлатӣ дар байни Тоҷикистону Афғонистон, инчунин ҳалли масъалаҳои вобаста ба таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлати Тоҷикистон аз сарҳадбонон тақозо дорад, ки дар иҷрои вазифаҳои касбии худ беш аз ҳарвақта зиракиву ҳушёрӣ ва омодабошии доимӣ зоҳир намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Неруҳои марзбон сарҳади давлатиро доим дар ҳолате бояд нигоҳ доранд, ки амнияти мардум ва давлати соҳибистиқлоламонро ҳеҷ кас бо ягон восита халалдор карда натавонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шумо ҳамеша бояд дар хотир дошта бошед, ки аҷдоди мо ҳанӯз дуюним ҳазор сол пеш дорои артиш, низоми хоссаи марзбонӣ ва усули озмудаи истеҳкомсозӣ будаанд ва онро барои ҳифзи марзҳои қаламрави худ, инчунин, таъмини амнияти кишвар истифода мекардаанд, ки лашкари неруманди Куруши Кабир ва Дорои Бузург мисоли ин суннати деринаи таърихи мо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар аҳди нахустин давлати миллии тоҷикон – Сомониён низ сохтори мукаммали низомие бо номи марзбонон вуҷуд дошт, ки сарҳадҳои кишварро посбонӣ намуда, амнияти халқу давлатро таъмин мекард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз мулоқоти охирини мо ду сол сипарӣ шуд ва бо вуҷуди дар идҳои касбиатон ва дар ҷаласаи охирини Шӯрои амният мавриди баррасӣ қарор гирифтани масъалаҳои марбут ба таъмини амният ва ҳифзи ҳуқуқ мо тасмим гирифтем, ки бо истифода аз фурсат ҳадафу вазифаҳои давлатро дар бобати боз ҳам мустаҳкам намудани хатти сарҳад, таъмини амнияти кишвар ва дигар масъалаҳои вобаста ба қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ бори дигар ба шумо ёдрас намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шумо, роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, хуб медонед, ки коррупсия ҳамчун падидаи нангин, пеш аз ҳама, эътибори давлат ва ҳокимиятро дар назди ҷомеа коҳиш дода, боиси зарари зиёди иқтисодӣ ва пастшавии нуфузи давлат дар арсаи байналмилалӣ мегардад ва бо ҳамин роҳ ба амнияти давлату суботи ҷомеа таҳдиди ҷиддӣ эҷод месозад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳар як корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартибот аз хизматчии оддӣ сар карда, то афсарони баландрутба бояд салоҳияти касбӣ, сатҳи баланди маҳорату маърифатнокӣ, зиракии сиёсӣ ва дасту дили пок дошта бошад, то ки дар шароити ноустувори ҷомеаи ҷаҳонӣ ва афзудани хатарҳои муосир ҳама гуна амалҳои номатлубу қонуншиканиро пешгирӣ намуда, рисолати касбии худ – таъмини амнияти давлат, пуштибонии истиқлолият, пойдории сулҳу субот ва оромии авзои кишварро сарбаландона адо карда тавонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми Тоҷикистон дар қатори кормандони дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шуморо муҳофизони боэътимоди амнияти давлату миллат, сипари мустаҳками марзҳои Ватан ва пуштибони воқеии сулҳу субот медонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Қобили тазаккур аст, ки ин пешниҳоди Тоҷикистон дар феҳристи «Ташаббусҳои ниҳоят муҳими соли 2003 дар бахши таъмини сулҳу амният» ворид шуда буд, вале бо таассуф бояд гуфт, ки то ҳол ҷиҳати татбиқи пурраи он иқдомоти муассир сурат нагирифтаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳоло ҳаҷми маблағҳои аз муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ҳосилшуда ба андозае бузург аст, ки ба иқтисодиёт ва гузашта аз ин, ба амнияти аксарияти кишварҳо таҳдид мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шубҳае нест, ки кормандони Агентии назорати маводи нашъаовар ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқу сохторҳои низомӣ аз уҳдаи вазифаҳои ба зиммадоштаашон сарбаландона мебароянд ва барои ҳифзи манфиатҳои давлативу таъмини амнияти миллӣ хизмати содиқона менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин барномаҳо дар таъмини амнияти сарҳади Тоҷикистону Афғонистон нақши муҳим бозида ба амният ва суботи вазъияти Осиёи Марказӣ мусоидат менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Проблемаи истеҳсолу интиқоли ғайриқонунии маводи нашъадор дар Афғонистон ба таъмини амнияти минтақа ва зиндагии аҳолии мамлакатҳои Аврупо хавфи ҷиддӣ ба миён меорад. Гуноҳи мо нест, ки дар ин мамлакат истеҳсоли маводи нашъадор баъди оғози амалиёти байналмилалии зиддитеррористӣ чандин баробар афзудааст.

***

Дар робита умедворем, ки Иттиҳоди Аврупо ба ҷараёни тартибу таҳияи барномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амният ва идораи сарҳадҳо ба ҳамин омил диққати бештар хоҳад дод.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ақидаи ман, мавқеъҳои Тоҷикистон, Иттиҳоди Аврупо ва НАТО дар масъалаи таъмини амният ва суботи Афғонистон хусусияти умумӣ доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд ба халқи афғон кумак расонем, ки роҳи худро ба сӯйи сулҳу субот устуворона давом дода тавонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Рушди ҳамаҷонибаи созмон нақши онро дар муқаррар намудани тадбирҳои самарахши таъмини амнияти минтақа бештар хоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҷрибаи калони андӯхтаи созмон дар бобати заиф гардондани терроризм, ифротгароӣ ва ҷудоихоҳӣ омили муҳими таҳкими амният ва суботи вазъияти минтақа гардидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҳдиди қочоқи маводи зикршударо ба ҳар ду самт нодида гирифтан мумкин нест, бинобар ин, мубориза ба муқобили онҳо низ бояд ба вазифаҳои таъмини амнияти умумии мо мансуб дониста шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз мо бо ифтихор метавонем изҳор намоем, ки маҳз бо қабул шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти ҷомеа дар кишвари азизи мо барои оғози корҳои азими созандагиву бунёдкорӣ шароити мусоид фароҳам омад.

***

Боиси хушнудист, ки дар доираи чорабиниҳои идона ва дар арафаи ин ҷашни барои ҳар як фарди бонангу номуси миллати мо муқаддас бо мақсади иштирок дар маросими ифтитоҳи боз як иншооти навбунёди иҷтимоӣ– табобатгоҳи бемориҳои қалби вилоят, яъне боз як самараи неки сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ҷамъ омадаем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ҳамеша ва такрор ба такрор хотирнишон мекунем, ки татбиқи ҳадафҳои неку созандаамон, пеш аз ҳама аз сулҳи пойдор, суботи иҷтимоӣ ва ваҳдати комили ҷомеа вобастагӣ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз ба шарофати сулҳу салоҳ соҳаи тандурустӣ дар Тоҷикистон марҳала ба марҳала рушд ёфта, ба хотири вусъат додан ба ислоҳоти бунёдии соҳа, фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати хизматрасонии ҳарчи беҳтари тиббӣ ба аҳолӣ ва умуман ҳифзи саломатии мардум пайваста тадбирҳо андешида мешаванд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо то ин лаҳза дар маросими ифтитоҳи як қатор иншооти дорои аҳамияти муҳими иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва шаҳри Хуҷанд иштирок кардем, ки ҳамаи онҳо воқеан нишонаи возеҳу равшани сулҳу амнияти пойдор ва ваҳдати устувори миллӣ дар кишварамон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамчунин, мехоҳам хотирнишон созам, ки имрӯз дар ноҳияи шумо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани зеристгоҳи барқии «Ҷануб–Шимол» низ давоми мантиқии чорабиниҳои ҷашнии Ваҳдат ва натиҷаи сулҳу суботи пойдор дар мамлакатамон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар таърихи навини давлатдории мо рӯзи ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти ҷомеа ҳамчун санаи бисёр муборак сабт гардидааст, зеро аз рӯзи 27 июни соли 1997 роҳу равиш ва самти фаъолияти мо ба ҷониби сулҳу субот, ваҳдату ягонагии миллӣ ва созандагиву ободкориҳо кушода шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ваҳдати миллии мо ҳамчун рамзи барҷастаи ҳамдигарфаҳмӣ ва муттаҳидиву сарҷамъии миллати фарҳангиву сулҳдӯсти тоҷик пеш аз ҳама боиси мустаҳкам ва устувор гардидани пояҳои давлати мустақил, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии мо гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз ҳамроҳи шумо таҷлил намудани ин ҷашни хуҷаста худ нишони сулҳи поянда ва суботи устувор дар кишвари соҳибистиқлоламон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот барои мо воситаи тақдирсозе гардид, ки пеш аз ҳама барои таҳкими рукнҳои давлату давлатдорӣ, ҳифзи тамомияти арзии кишвар ва иттиҳоду ҳамрайъии кулли ҳамватанонамон шароити мусоид ва фазои созанда фароҳам овард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба андешаи ман, пойдории ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот, таҳкими худшиносию худогоҳии миллат, болоравии ифтихори ватандӯстиву меҳри ватандорӣ ва раҳидан аз нуфузи бегонапарастӣ аз бузургтарин дастовардҳои сиёсати ваҳдатгароии мо тайи даҳсолаи охир ба шумор меравад, ки маҳз бо шарофати хиради азалии мардуми соҳибмаърифату фарҳангдӯсти тоҷик муяссар гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Пас аз имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвар тадриҷан фазои сулҳу субот ва зиндагии осоишта фароҳам омада, мову шумо тавонистем, ки ба марҳалаи навини давлатдорӣ, созандагиву бунёдкорӣ ва пеш гирифтани ислоҳоти амиқ дар тамоми соҳаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт, инчунин дигар ҳадафҳои стратегӣ рӯ оварем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дувоздаҳ сол муқаддам, яъне 27 июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар шаҳри Москва ба имзо расид, ки ин санади тақдирсоз на танҳо ба ихтилофҳои дохилӣ хотима гузошт, балки барои эҳсоси олии бародариву ҳамдилӣ, дӯстиву ҳамрайъӣ, рафоқату муҳаббати сокинони ин марзи куҳанбунёд роҳи тозаеро боз кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бояд хотирнишон сохт, ки тамоми пешрафту муваффақиятҳои мо, суботи устувор ва сатҳи амнияти ҷомеа аз волоияти қонун ва риояи тартиботи ҷамъиятӣ вобаста аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ваҳдати миллӣ ва дӯстии халқҳо омили муҳими сарҷамъии мардум ва асоси сулҳу суботи устувор дар кишвар мебошад, ки мо инро дар таърихи навини давлатдории мустақилонаи халқи худ ва аз таҷрибаи талхи ибтидои солҳои навадуми асри гузашта хеле хуб эҳсос мекунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботу устувор аст, ки дар қатори дигар минтақаҳои мамлакатамон дар ноҳияи шумо низ солҳои охир созандагиву бунёдкориҳо вусъат ёфта, зиндагии мардум тадриҷан ранги дигар мегирад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар баробари ин, мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки бунёдкориву созандагиҳои имрӯзаи кишвар маҳз ба шарофату баракати ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ ва таҳкими суботи иҷтимоиву сиёсӣ ба вуҷуд омадааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мазҳаби мо мусулмононро ба ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулгароиву дурӣ аз хушунат, пуштибонии оромиву амнияти ҷомеа ва рифоҳу осоиши мардум даъват мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шукронаи ин рӯзҳои орому осуда ҳамаи шуморо бори дигар табрик гуфта, ба даргоҳи Худованди карим дуо мекунем, ки дар хонадони ҳар фарди тоҷик хайру баракатро афзун гардонида, зиндагии пурфайзу осудаҳолона ва оромиву осоиш ато намояд ва дар кишвари азизамон–Тоҷикистони соҳибистиқлол сулҳу субот, оромиву амният, иттиҳоду ҳамрайъӣ ва ваҳдати миллӣ ҳамеша пойдор бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо истифода аз фурсат, ҳамаи шумо, ҳозирини муҳтарам ва кулли мардуми сарбаланди Хуҷанди бостониро, ки кӯшишу талошҳои маҳз дар ҳамин шаҳр оғозкардаи моро ба хотири таъмини сулҳу осоиши миллат ва суботу амнияти давлат пуштибониву дастгирӣ карда буданд, ба ифтихори Рӯзи ваҳдати миллӣ табрик намуда, ҳамчунин корхонаи тозабунёди ресандагии «Хуҷанд-Некӯ»-ро, ки барои сокинони шаҳр садҳо ҷойи кори доимӣ фароҳам меорад, бароятон муборакбод мегӯям.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар амал татбиқ гардидани ҳадафҳои созандагиву бунёдкории имрӯза воқеан самараи ваҳдати миллӣ ва маҳсули сулҳу суботи устувор аст, ки ба мо дувоздаҳ сол пеш ба шарофати ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти ҷомеа дар Тоҷикистон муяссар гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз бо гузашти дувоздаҳ сол, вақте ки ба таърихи начандон дури кишвари соҳибистиқлоли худ нигоҳ мекунем, мебинем, ки сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ барои ҳар яки мо чӣ қадру қимат дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ибораи дигар, тамоми пешрафту комёбиҳои кишварамон аз баракати сулҳу субот ва Рӯзи Ваҳдат ибтидо гирифтаанд, ки муассисаи таълимии имрӯза аз ҷумлаи онҳост.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор, кабӯтари сулҳ дар осмони мусаффои Тоҷикистон ҳамеша парафшон бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз мо дар ин варзишгоҳи навбунёди шаҳри Хуҷанди бостонӣ, ки аввалин қадамҳо ба сӯйи ташкили рукнҳои давлати мустақили Тоҷикистон, истиқрори сулҳ ва пайрезии Ваҳдати миллӣ маҳз дар ҳамин ҷо гузошта шуда буданд, ба хотири таҷлили дувоздаҳумин солгарди яке аз ҷашнҳои бузурги Тоҷикистони соҳибистиқлол – Рӯзи Ваҳдати миллӣ ҷамъ омадаем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Санади тақдирсози сулҳ рамзи воқеии баҳамоиву сарҷамъии миллат, рамзи иттиҳоду ягонагии мардум, рамзи пирӯзии ақлу заковати солим ва тантанаи сулҳу субот дар саросари кишвар гардида, моро ба кохи бегазанди ваҳдати миллӣ расонид ва роҳи ояндаро ба сӯи татбиқи нақшаҳои бузурги созандагӣ ва ҳадафҳои наҷиби бунёдкорӣ оғоз кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фаромӯш набояд кард, ки хотима бахшидан ба мухолифати мусаллаҳона, расидан ба сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ба мо бар ивази хисороти зиёди ҷониву молӣ ва дигар маҳрумияту мушкилоти сангин муяссар гардида, дар ин раванд ҳадафи шуми дар ниҳояти кор аз байн бурдани давлати тозаистиқлоли тоҷикон барбод рафт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Даъвати нахустини мо ба хотири таъмини сулҳ ва оғози музокироти сиёсӣ ҳанӯз дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ дар Қасри Арбоб садо дода буд, ки ҷангу зӯроварӣ ва муборизаи мусаллаҳонаро ҳамчун василаи ба эътидол овардани ҷомеа усулан маҳкум намуда, ба тарафҳои мухолиф роҳи осоиштаи ҳалли низои сиёсиро пешниҳод карда будем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар он рӯзҳо ва минбаъд низ ин пешниҳод намунаи нодири таҷрибаи сулҳофарӣ ба шумор мерафт, ки бо роҳи задухӯрдҳои мусаллаҳона ва идомаи ҷанги шаҳрвандӣ ҳал намудани ихтилофоти сиёсиро маҳкум намуда, фурӯ нишондани оташи ҷанги шаҳрвандӣ ва ниҳоят ба ҳамдигарфаҳмиву ҳамдигарбахшӣ расидани ҷонибҳои мухолифро талқин мекард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин ташаббуси нахустини сулҳофарӣ, бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд, барои мо чун қутбнамои оянда хизмат карда, роҳи минбаъдаи моро ба сӯи ваҳдати миллат кушод.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз мо шукрона ва ифтихор мекунем, ки тавонистем тамоми душвориҳоро дар роҳи эҳёи сулҳу ваҳдати миллӣ бартараф созем, арзишҳои бузурги умумимиллӣ–соҳибистиқлолӣ, давлату давлатдории миллӣ ва ягонагии марзу буми Ватани азизамонро аз манфиату ғаразҳои гурӯҳиву ҳизбӣ боло гузорем, тадриҷан пойдории сулҳу субот ва оромиву амнияти кишварамонро таъмин намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ шаҳодати пирӯзии хиради мардуми сулҳпарвар ва фарҳангсолори тоҷик мебошад, ки сиёсати пешгирифаи давлатро дар он рӯзҳои душвор самимонаву дилгармона дастгирӣ намуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз гароиши азалии миллати тоҷик ба сулҳу салоҳ ва муросову мадоро буд, ки мо аз кӯшишҳои бо роҳи зӯрӣ ҳал намудани мушкилоти сиёсиву иҷтимоӣ даст кашида, музокироту созишро чун роҳи ягонаи расидан ба сулҳ ва наҷоти миллӣ пазируфтем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳайси падидаи нодири ҳалли низоъҳои сиёсӣ ва буҳрони миллӣ эътироф гардидани таҷрибаи сулҳофарии тоҷикон далели возеҳи ин матлаб мебошад, ки эътибори моро дар арсаи байналмилалӣ чун миллати мутамаддину фарҳангӣ афзуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба қавли собиқ Муншии Умумии Созмони Милали Муттаҳид Кофи Аннан: "Тоҷикон намунаи беназири таҷрибаи сулҳофариро барои мамлакатҳои дигар армуғон оварданд".

Эмомалӣ Раҳмон

***

Татбиқи давра ба давраи раванди сулҳ ва таҳкими фазои боварӣ ба ҳамдигар ҷонибҳоро мутмаин сохт, ки роҳи ягонаи ҳалли ихтилоф маҳз гузашту ризоияти тарафайн, даст кашидан аз мухолифати мусаллаҳона ва хунрезӣ, барқарор намудани сулҳу субот дар Тоҷикистон, фароҳам овардани заминаи мусоид барои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва рӯ овардан ба нақшаву ҳадафҳои неки созандагиву бунёдкорӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мехоҳам хотирнишон созам, ки шукӯҳи давлати ниёгони хирадманди мо – Сомониён маҳз аз баракати пойдории сулҳу субот, ваҳдати мардум ва якпорчагии марзу буми кишвар афзуда буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Моро зарур аст, ки баробари шукронаву ифтихор кардан аз Ватани аҷдодиву давлати соҳибистиқлоламон азму талошҳои худро ба таҳкими минбаъдаи ваҳдати миллӣ ва ягонагии миллат равона карда, ободии имрӯзу фардои кишварро дар фазои пойдори сулҳу субот таъмин намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо соли 2009-ро Соли бузургдошти поягузори мазҳаби таҳаммулпазири ҳанафия, яъне Имоми Аъзам эълон кардем, то ки аз ҷанбаҳои таълимоти мазҳабӣ ва ақоиди фиқҳии ин фарзанди фарзонаи халқи тоҷик барои тарғиби сулҳу дӯстӣ, ҳусни муомилаву муоширát, эҳтироми расму оин ва дину мазҳабҳои дигар васеъ истифода намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таълимоти башардӯстонаи ин шахсияти бузург мардумро ба пуштибонии сулҳу ваҳдат, эҷоди низоми одилонаву оқилонаи муносибатҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиву мазҳабӣ, аз ҷумла гуфтугӯи мусолиматомези тамаддунҳо ҳидоят менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз фазои сулҳу субот ба татбиқи сиёсати иқтисодии ҷавобгӯ ба манфиатҳои давлатдории миллӣ ва ҳадафҳои стратегии мо – таъмини истиқлоли энергетикӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани кишвар ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ мусоидат карда истодааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва маънавию фарҳангии ҷомеаи мо марҳалаи тозаеро оғоз намуда, ба эъмори ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ вусъати тоза бахшид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Яке аз дастовардҳои назарраси сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дар кишвар рушди бемайлони соҳаҳои илму маориф, фарҳангу тандурустӣ ва тақвият ёфтани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вале боз ҳам аз баракати сулҳу оромӣ мо тавонистем, ки дар як муддати кӯтоҳ фаъолияти муназзами муассисаҳои маорифу тандурустӣ ва иҷтимоиву фарҳангиро дар саросари мамлакат ба роҳ монем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳар як фарди бедордили ҷомеа, ҳар як шаҳрванди бонангу номуси Тоҷикистон, ки барояшон Ватан ва обу хоки аҷдодӣ қадру манзалат дорад, пеш аз ҳама бояд сулҳу ваҳдатро чун гавҳараки чашм ҳифз карда, барои ободиву пешрафти кишвар ҷаҳду талош намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот яке аз муҳимтарин дастовардҳои мардуми шарифи кишвар дар даврони истиқлоли давлатӣ буда, барои ҳар яки мо то абад азизу муқаддас аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор, мардуми шарифи Тоҷикистон бо шукргузорӣ аз сулҳу субот, фазои осудаи мамлакат ва пойдории истиқлоли Ватан, бо меҳнати бунёдкоронаи хеш кохи бегазанди ваҳдати миллиро обод нигоҳ дошта, ба сӯи фардои дурахшон ободу осуда қадамҳои устувор гузоранд!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор, осмони соф, сулҳу суботи поянда, дастовардҳои ваҳдати миллӣ, ормонҳои волои истиқлолият ва ҳадафҳои наҷиби созандагӣ илҳомбахши рӯзгори осудаҳолонаи мардуми кишвари мо бошанд!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Эътимоди комил дорам, ки аз баракати сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мову шумо пояҳои давлату давлатдории мустақилонаро мустаҳкам карда, обрӯву нуфузи Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар арсаи байналмилалӣ ба сатҳи арзанда мерасонем ва дар ҷомеаи мутамаддини ҷаҳонӣ мақоми шоистаи худро пайдо мекунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Омадани мо ба сарзамини бостонии Миср нишони возеҳи эҳтиром ба Ҳаракати адами тааҳҳуд аст. Ин созмон дар тамоми тӯли фаъолияташ ба хотири сулҳу амният ва тараққиёт худро ҳамчун яке аз созмонҳои нодири байналмилалӣ нишон дода тавонист.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистонро бо давлатҳои Ҳаракати адами тааҳҳуд муносибатҳои дерина ва эҳтироми мутақобила мепайванданд. Бинобар ин, мо манфиатдорем, ки минбаъд низ ҳамкориҳоро ба хотири таҳкими сулҳу субот дар ҷаҳон вусъат бахшем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зарурати густариши ҳамкориҳои ду, се ва бисёрҷониба бо иштироки кишварҳои ҳамсоя ва минтақаро таъкид намуда, мо ҳамаи ҷонибҳоро барои гузоштани саҳми фаъолтар дар раванди эҳё ва бозсозӣ дар Афғонистон ба манзури дастёбӣ ба сулҳу суботи пойдор дар ин сарзамин даъват намудем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ва итминон дорам, ки ҳар фарди мусулмони кишвар ҳамчун пайрави ин мазҳаби инсондӯстиву таҳаммулгарой ва вориси ин мероси бузурги ҷовидонӣ сулҳу суботи сарзамин, ойини неки хайрхоҳӣ ва дӯстиву муҳаббат ба ҳамдигарро ҳамеша пос дошта, минбаъд низ ба хотири ободии Ватан ва осоиши мардум кӯшиш хоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маориф асоси рушду тараққиёти ҳар як давлату миллат мебошад. Зеро рушду нумӯи ҷомеа, таъмини амнияти ҷомеаву давлат ва ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, татбиқи дастовардҳои техника ва технологияи муосир бевосита ба рушди соҳаи маориф, ташкили раванди бонизом ва босифати таълиму тарбияи хонандагону донишҷӯён, хулоса ба сатҳи саводи миллат вобаста мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин масъала хусусан дар Осиёи Марказӣ, ки об дар он на танҳо асоси рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, балки омили муҳимтарини таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ мебошад, пуршиддат гардидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бояд махсус таъкид намуд, ки Тоҷикистон ва Ҳиндустон дар мавриди масъалаҳои амнияту субот ва ҳамкории минтақавӣ назари муштарак ва ё наздик бо ҳам доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо мубориза бо ду хатари ҷиддӣ, яъне терроризми глобалӣ ва қочоқи маводи мухаддирро ба нафъи субот, амният ва пешрафти минтақа медонем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мову шумо дар давоми ин солҳо паҳлу ба паҳлу истода, барои фароҳам овардани фазои сулҳу субот ва таъмини амнияти ҷомеа, татбиқи ҳадафҳои стратегии истиқлолияти энергетикии кишвар, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат ва бо маводи озуқаворӣии худӣ таъмин намудани аҳолӣ заҳмат кашидем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз дар кишвари соҳибистиқлоламон фазои мусоиди сулҳу субот ва зиндагии осоишта фароҳам омада, барномаҳои мушаххаси рушди соҳаҳои энергетика, алоқаву коммуникатсия, саноату кишоварзӣ ва дигар бахшҳои иқтисодиёт зина ба зина дар ҳаёт татбиқ мегарданд ва бо меҳнати содиқонаву софдилонаи фарзандони бонангу номуси миллат пояҳои давлатдории миллиамон рӯз ба рӯз таҳким мееёбанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Эътимоди комил дорам, ки пойтахти Ватани азизамон–шаҳри Душанбе бо иншооти азимаш, аз ҷумла бо иншооте, ки имрӯз оғоз гардид, шуҳрату эътибори давлати соҳибистиқлоли тоҷиконро дучанд афзуда, ба гаҳвораи воқеии сулҳу сафо, шаҳри дӯстӣ ва ваҳдати миллӣ, маркази дастовардҳои бузурги илму фарҳанг, арсаи бунёдкориву созандагӣ ва макони ормонҳои наҷиби давлатсозиву давлатдории миллӣ табдил меёбад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Лекин ба шарофати хиради азалии миллати тоҷик ва ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти ҷомеа ба мо муяссар шуд, ки ҳамдигарфаҳмиву ҳамдигарбахшӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллиро барқарор намуда, хатари парокандагии миллат ва ҳамчун давлати мустақил аз байн рафтани Тоҷикистонро бартараф созем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлоли давлатӣ дар назди мардуми тоҷик вазифаҳои бузурги таърихиеро гузошт, ки муҳимтарини онҳо ташкили аркони давлати соҳибихтиёри миллӣ, таҳкими сулҳу субот, таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, оғози раванди созандагиву бунёдкориҳо ва расидан ба сатҳи зиндагии шоистаи мардум буданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мазҳаби таҳаммулпазири ин абармарди миллати мо – Имоми Аъзам пайравони худ ва инсониятро ба сулҳу дӯстӣ, ваҳдату сарҷамъӣ, ҳусни муомилаву муошират ва эҷоди низоми одилонаву оқилонаи муносибатҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву мазҳабӣ, аз ҷумла гуфтугӯи тамаддунҳо ҳидоят менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Пирӯзии сулҳу ваҳдат ва муҳаббату ихлоси самимии мардуми шарафманди Тоҷикистон ба муқаддасоти миллӣ ба мо барои эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ роҳ кушод.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор, ваҳдати миллӣ, сулҳу суботи поянда, ормонҳои волои истиқлол ва ҳадафҳои наҷиби созандагӣ раҳнамои ояндаи неки пиру ҷавони мамлакат гардад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои истиқлоли худ дар раванди барқарорсозӣ ва ташаккули пояҳои давлату давлатдории нав, таъмини амнияту оромии ҷомеа, суботи сиёсиву иҷтимоии кишвар ва сарҷамъиву ваҳдати мардум бо мушкилоту монеаҳои сангин рӯбарӯ гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шеъри Рӯдакӣ, ки зиёда аз ҳазор сол инҷониб дар фазои зиндагии мардуми мо taнинандоз аст ва паёми озодиву истиқлол, сулҳу дӯстӣ, донишу хирад, накукориву ҷавонмардӣ ва зебоиву нафосатро мерасонад, барои наслҳои имрӯза низ ҳамчун намунаи олии башардӯстӣ, садоқат ба марзу буми аҷдодӣ, зебоипарастӣ ва ишқи поку беолоиш хизмат мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон фаъолияти сулҳофарии Созмони Милали Муттаҳидро чун яке аз самтҳои асосии фаъолияти он арзёбӣ менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Соли гузашта бори нахуст шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба сафи неруҳои сулҳофари Созмони Милали Муттаҳид бо мақсади саҳмгузорӣ дар барқарор гардидани сулҳу истиқрор дар нуқтаҳои доғи сайёра шомил гардиданд. Дар айни ҳол стратегияи миллии Тоҷикистон оид ба рушди неруи сулҳофарӣ таҳия карда мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ба таҳкими сулҳу субот дар Афғонистони ҳамсоя ниҳоят манфиатдор ҳастем, зеро амнияти Осиёи Марказӣ дар тамоми ҷанбаҳо аз вазъияти ин кишвар вобаста аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо кӯшишҳои имрӯзаро дар самти барқарорсозии сулҳ дастгирӣ мекунем ва чунин меҳисобем, ки стратегияи байналмилалии амалиёт дар Афғонистон бояд пеш аз ҳама ба худи афғонҳо такя намояд ва дар ин кор ҳамкорӣ бо мақомоти ҳокимияти кишвар афзалият дошта бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкорие, ки дар ин иморат аз рӯзҳои аввали бунёд гардиданаш ҳукмфармост, роҳи ягона ба ояндаи дурахшону соф, ба сулҳи умумӣ ва шукуфоӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳанӯз соли 1998-ум дар иҷлосияи махсуси 20-ум аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид бори аввал ташаббуси Тоҷикистон дар борาи ташкил кардани «минтақаи амниятии зидди маводи мухаддир дар атрофи Афғонистон» садо дода буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мавлоно мардумони оламро ба ваҳдат, сулҳу дӯстӣ, ҳамзистию ҳамфикрӣ даъват мекунад, дар байни миллатҳои гуногуни олам муҳаббату эҳтиром ва ҳамфикрию ҳамдилӣ эҷод менамояд, барои саодату хушбахтии насли башар ва бақои сайёра мекӯшад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мазҳаби ҳанафӣ, ки сулҳу субот, амнияти ҷомеа ва рифоҳу осоиши мардумро аз аркони таркибии худ медонад, дар тӯли асрҳои зиёд дар ҳаёти маънавии халқҳои Осиёи Марказӣ, махсусан тоҷикон нақши муассир дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Волоҳазрат ҳамеша талош мекунанд, ки дар миёни муъминону муслимин сулҳу амният ва ваҳдату дӯстӣ пойдор бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фаромӯш набояд кард, ки ҳамчун миллати талхии ҷанги шаҳрвандиро чашида муҳимтар аз ҳама бояд сулҳу субот, амнияти давлату ҷомеа ва ваҳдати миллиро эҳтиёт ва ҳифз кунем ва танҳо дар доираи Конститутсия ва қонун амал намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар хиёбони маркази пойтахти Тоҷикистон қомат афрохтани ин кохи маънавиёт ва фарҳанги сулҳомез далели он аст, ки кишвари соҳибистиқлоли мо сулҳу суботро таҳким бахшида, дар роҳи таҳкими рушду нумӯи худ қадамҳои устувор мегузорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аммо таҷрибаи талхи таърихӣ ва ақлу заковати фитрии халқи мо имкон доданд, ки дар муддати кӯтоҳ сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ пирӯз гардида, кулли сокинони мамлакат ба эъмори давлати соҳибистиқлоли навин ва ба тақозои замони муосир ҷавобгӯ шурӯъ намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин раванд ҳамаи мову шумо бояд сабақҳои ибратомӯзи таърихи дуру наздики миллатро ҳамеша дар хотир дошта бошем, зиракии сиёсӣ ва ҳушёриро аз даст надиҳем, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, амнияту оромии ҷомеа ва умуман дастовардҳои истиқлолияти давлатамонро, ки онҳоро бо

баҳои бисёр гарон ҳосил кардаем, ҳамчун асоси ҳастии миллат ва рушди минбаъдаи давлатдории миллӣ дастгирӣ ва пуштибонӣ намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати хиради азалӣ ба халқи тоҷик муяссар гардид, ки дар як муддати кӯтоҳ пояҳои устувори барқарор намудани сулҳу субот ва ваҳдати миллиро гузошта, барои рушди муназзам ва устувори кишвари худ ҳамаи заминаҳои зарурииро фароҳам орад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барқарор сохтани сулҳи комил ва ризоияти миллӣ дар сарзамини мо, бешубҳа, бузургтарин дастоварди даврони истиқлолият ба шумор меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар баробари таҳкими сулҳу субот ва рӯзгори осоишта мо имкон пайдо кардем, ки бо мақсади таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва расидан ба сатҳи зиндагии шоистаи мардум ба раванди созандагиву бунёдкориҳо вусъат бахшида, ҳамаи имконияту захираҳои худро барои татбиқи вазифаҳои бузурги таърихие, ки истиқлоли давлатӣ дар назди мардуми тоҷик гузоштааст, равона созем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо ҳамин орзуву ниятҳои нек бори дигар ҳамаи шуморо ба муносибати мавриди истифода қарор гирифтани пули нави замонавӣ самимона табрик намуда, итминони комил дорам, ки мардуми заҳматписанди ноҳияи Тоҷикобод ҳадафҳои созандаи давлатро амиқан дарк карда, тамоми қуввату неруи худро ба манфиати Ватан ва ободии сарзамини аҷдодӣ, таҳкими дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ ва дар навбати аввал, сулҳу суботи пойдори кишвар ва ваҳдати миллӣ равона месозанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бинобар ин, ҳар кадоми мо бояд ҳамеша шукрона кунем, ки дар кишвари мо сулҳу оромӣ ҳукмфармост ва муҳимтар аз ҳама, мо соҳиби Ватани озоду соҳибистиқлол ҳастем ва давлати мустақиле дорем, ки барои зиндагии ободу осудаи мардум накшаву ҳадафҳои неку созандаро таҳрезӣ мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба сохторҳо ва мақомоти марказиву маҳаллии ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва амният зарур аст, ки фаъолияти худро дар самти таъмини волоияти қонун, риояи қонуният ва тартиботи ҷамъиятӣ дар ноҳия пурзӯр намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ҳамин асос Конститутсия ба зиммаи шаҳрвандони мамлакат риояи қонун, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳо ва шаъну эътибори дигарон, ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии давлат, ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ ва пардохти андозро ба сифати уҳдадориҳои конститутсионӣ вогузор намудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳар як фарди ҷомеа бояд ҳамеша дар хотир дошта бошад, ки танҳо дар сурати эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ ва иҷрои ухдадориҳои конститутсионӣ дар ҷомеа субот ва тартибу интизом пойдор ва таъмини волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти давлат ва ҷомеа имконпазир мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин сабақи талхи таърихӣ ҳамаи моро доим ҳушдор медиҳад, ки риояи Конститутсия ва қонунҳои давлат ҳамчун кафолати боэътимоди тартиботу амнияти ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд амри зарурӣ ва ҳатмӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таъмини асли волоияти Конститутсия ва қонунҳо низ фақат дар сурати риояи қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон, таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат, иқтидори мудофиавии он, ки дар натиҷаи иҷрои софдилонаи уҳдадориҳои конститутсионии шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва давлат сурат мегирад, имконпазир мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарки масъулияти таърихии худ дар назди миллат ва Ватан мо ба барқарор кардани сулҳу созиш ва ваҳдати миллӣ шурӯъ намудем, ки натиҷаҳои он дар санади таърихӣ – Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ сабт гардиданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамчунин, дар шароите, ки таҳдиди хатари бархӯрди тамаддунҳо, таъсири манфии бегонапарастӣ ва фарҳанги барои асолати мардуми мо бегона тақвият меёбад, ҳифзи амнияти миллии кишвар беш аз пеш аҳамият пайдо мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таъмини амнияти миллии Тоҷикистон–таъмини амнияти давлат, ҷомеа ва ҳар шаҳрванди кишвар мебошад. Ҳифзи амнияти миллӣ, пеш аз ҳама ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, пуштибонӣ аз манфиатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар арзишҳои миллии Тоҷикистонро дар назар дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Масъалаҳои таъмини амнияти милливу давлатӣ ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, худогоҳиву худшиносӣ, ғурури ватандориву ватанпарастӣ, зиракии сиёсӣ ва бедории маънавӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, расидан ба қадри истиқлолият ва давлатдории мустақилона, пос доштани рамзҳои давлатдорӣ, ки ҳамаи ин арзишҳо аз Конститутсияи мо сарчашма мегиранд, заминаҳои устувори давлатдории навини мо мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Албатта, ба ҳама маълум аст, ки понздаҳ сол пеш мо дар чӣ гуна шароит зиндагӣ мекардем ва масъалаи таъмини сулҳу субот барои Ватан, давлат, миллат ва ҳар фарди ҷомеаи мо аз ҷумлаи масъалаҳои тақдирсоз буданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ҷомеае, ки ваҳдату якдигарфаҳмӣ, сулҳу субот, риояи қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ таъмин аст, хеҷ гоҳ ҳуқуқ ва озодии инсон поймол нахоҳад гашт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар хотир бояд дошт, ки ин масъала бо саломатии мардум, генофонди миллат, яъне амнияти ҷомеа ва давлат вобаста мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо қаноатмандӣ мехоҳам изҳор намоям, ки имрӯз ифтихор аз рамзҳои давлатдорӣ зеҳну шуури тамоми ҷомеаро фаро гирифтааст ва метавон гуфт, ки ин эҳсоси гарми ифтихор дар таҳкими сулҳу субот, дӯстиву якдилӣ ва ваҳдати халқи азизамон нақши барҷаста дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Соли равон Шӯрои ҷамъиятӣ дар ҷаласаҳои худ чандин масъалаи муҳими ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии кишвар, аз ҷумла ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва амнияти миллӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, бехатарии экологӣ, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва интихоботи парламент, инчунин, истиқлолияти энергетикии мамлакатро мавриди баррасӣ қарор дод.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба саодати мардуми мо имрӯз дар кишварамон сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ ҳукмфармост ва мо дар фазои ваҳдати миллӣ, рӯҳияи ягонаи миллӣ ва созандагӣ зиндагӣ дорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истифодаи ҳамаҷонибаи неруи зеҳнии ин созмон барои тавсеаи муколамаи шаффофу мустақими байни сохторҳои давлатӣ ва ҷомеа бо

мақсади татбиқи сиёсати давлати мо дар соҳаҳои мухталифи ҳаёт, бешубҳа дар таъмини субот ва рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ мусоидат карда, пояҳои сулҳу ваҳдат ва оромии ҷомеаро дар мамлакат боз ҳам мустаҳкам мегардонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу ваҳдати миллӣ, ки имрӯз дар кишвари мо пойдор аст, аз муҳимтарин дастовардҳои даврони истиқлолият буда, дар радифи дигар арзишҳои миллӣ барои ҳар яки мо азизу муқаддас мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вобаста ба ин, Шӯрои ҷамъиятиро лозим аст, ки дар доираи салоҳиятҳои худ фаъолтар амал карда, ҷиҳати ба табақаҳои гуногуни аҳолӣ ҳарчи пурраву васеътар фаҳмонда додани моҳияти сулҳу ваҳдати миллӣ, вазъияти имрӯзаи иқтисодиву сиёсии мамлакат ва роҳҳои ҳаллу фасли мушкилоти мавҷуда кӯшиш ба харҷ диҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бовар дорам, ки Шӯрои ҷамъиятӣ тамоми ҷидду ҷаҳди худро ба кори тарғибу ташвиқи моҳияти дастовардҳои бемисли даврони истиқлол равона карда, ҷиҳати таҳкими сулҳу ваҳдат дар мамлакат, тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи фарҳангу маърифати аҳли ҷомеа талош хоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вақти он расидааст, ки муқаррароти гирифтани ҳама гуна иҷозатро бо роҳи қабули қонуни дахлдор ба низом дароварда, танҳо иҷозатҳое нигоҳ дошта шаванд, ки ба таъмини бехатарии ҳаёту саломатии шаҳрвандон ва амнияти иқтисодии мамлакат нигаронида шудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ҳама муҳимаш, дар кишвари мо сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдату ягонагии миллӣ, рӯҳияи сарҷамъии миллат ва созандагиву бунёдкорӣ ҳукмфармост, ки ин ба манфиати доираҳои бадхоҳи миллати тоҷик ва давлати тоҷикон нест.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Табиист, ки мо дар оянда низ ҳамкориҳои босамари худро бо кишварҳои форсизабон таҳким бахшида, барои сулҳу субот ва пешрафти иқтисодии Афғонистони бародар ҳамаҷониба мусоидат хоҳем кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар таъмини амнияти миллӣ, ҳаёти осоиштаи ҷомеа, устувории вазъи ҷамъиятиву сиёсӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгириву мубориза бар зидди ҷинояткорӣ мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ корҳои зиёдеро анҷом додаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таъмини амнияти кишвар ва ҳаёти осоиштаи ҷомеа аз фаъолияти самараноки ҷузъу томҳои низомии кишвар вобаста аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хотирнишон месозам, ки фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии кишвар моҳи январи соли ҷорӣ дар ҷаласаи Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаҷониба муҳокима гардид ва барои бартараф намудани камбудиву норасоиҳои ҷойдошта қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

## Соли 2010

Дар пешорӯйи мо дар баробари ҳифзи истиқлолияту соҳибихтиёрии давлат ва таҳкими давлатдории миллӣ тақвияти фазои сулҳу субот дар ҷомеа ва идомаи корҳои созандагиву бунёдкориҳои зиёд истодааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Неругоҳи "Роғун" на танҳо манбаи нуру рӯшноӣ, балки санги маҳаки номуси миллӣ, шарти иқтидору пойдории давлат ва омили асосии таъмини амнияти миллат ва давлати Тоҷикистон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳифзи ҳуқуқу тартиботи ҷамъиятӣ, таъмини амнияти ҷомеа ва таҳкими оромиву суботи кишвар нақш ва мавқеи хоса доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар он солҳои ниҳоят хатарнок ва нооором кормандони милитсия дар ҳимояи саломатӣ ва ҳаёти мардум, истиқрори сулҳу субот ва амнияти ҷомеа, безарар гардонидани гурӯҳҳои силоҳбадасту ҷиноятпеша якҷо бо дигар мақомоту сохторҳои низомӣ бо саъю кӯшишҳои фидокоронаву ватандӯстона нақши арзанда гузоштаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таъмини фазои орому босубот, ҳифзи пойдории сулҳу ваҳдат ва тартиботу амнияти ҷомеа дар ин раванди неку созанда аз фаъолияти самарабахшу ватандӯстонаи ҳар кадоми шумо вобаста аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар роҳи барқарорӣ ва ҳифзи сулҳу суботи мамлакат зиёда аз якуним ҳазор нафар кормандони милитсия қурбон шуданд, ки мардум ва Ҳукумати Тоҷикистон номи нек ва ҷасорату мардонагии онҳоро ҳамеша пос медоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таъмини фазои орому босубот, ҳифзи пойдории сулҳу ваҳдат ва тартиботу амнияти ҷомеа дар ин раванди неку созанда аз фаъолияти самарабахшу ватандӯстонаи ҳар кадоми шумо вобаста аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Итминон дорам, ки аз афсарони баландрутба то хизматчиёни қаторӣ минбаъд низ барои ҳифзи тартибот, таъмини зиндагии осоиштаи мардум, пуштибонии сулҳу субот ва таҳкими волоияти қонун дар ҷомеа нерӯи маънавию ҷисмонӣ, маҳорати касбӣ ва донишу малакаи худро дареғ намедоранд ва ба халқу Ватани азизамон беғаразона, бо дасту дили пок ва содиқонаву софдилона хизмат менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мехоҳам махсус зикр намоям, ки маҳз ба шарофати садоқату ҷасорати касбӣ, фидокориву ҷоннисорӣ ва хизматҳои шабонарӯзии ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ ва хизматчиёни дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат имрӯз дар ҷомеаи мо сулҳу субот пойдор гардида, мардум зиндагии осоишта доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зеро мардуми кишвар дар симои шумо - ҳомиёни воқеии Ватан, муҳофизатгарони сулҳу субот, пуштибонҳои боэътимоди адолату ростӣ ва амнияти ҷомеаро мебинанд ва бовар доранд, ки шумо ҳамеша ба иҷрои рисолати муқаддаси худ, яъне ҳифзи Модар - Ватан ва дифоъ аз манфиатҳои давлату миллат омода ҳастед.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Қувваҳои Мусаллаҳ яке аз рукнҳои воқеан бунёдӣ ва муҳимтарини давлат ва сипари боэътимоди Ватанамон мебошанд, ки ҳанӯз дар оғози ба истиқлол расидани кишвари азизамон таъсис гардида, роҳи хеле мушкилу сангини таърихиро тай карданд ва ҳоло қодиранд амнияти давлату миллат ва ҳифзи марзу буми кишварро пурра таъмин намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамзамон бо ин, хотирнишон месозам, ки барои ташаккули ҳамаи унсурҳои давлати ҳуқуқбунёди миллӣ ва демократӣ дар баробари тай кардани як давраи тӯлонии таърихӣ боз сатҳи зарурии пешрафти иқтисодӣ, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, таъмини амният ва сулҳу субот дар ҷомеа, ҳамчунин вазъи мусоиди минтақа ва ҷомеаи ҷаҳонӣ зарур аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар чунин шароит, бо истифода аз фурсати муносиб, мехоҳам бори дигар таъкид намоям, ки ҳадафҳои бунёдии давлати мо, қабл аз ҳама, таъмини амнияти миллӣ, таҳкими суботи сиёсиву иқтисодӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисоди миллӣ ва амалӣ намудани се ҳадафи стратегӣ – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳонидани мамлакат ва ҳифзи амнияти озуқаворӣи кишвар дар солҳои наздиктарин низ бетағйир мемонанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз мову шумо дар марҳалаи хеле ҳассосу мураккаби ҷаҳонишавӣ қарор дорем, ки инсоният нисбат ба ҳар вақти дигар ба арзишҳои волои фарҳангӣ, суннатҳои зиндагисози маънавӣ, ахлоқи ҳамида, меҳру рафоқат, ҳамдиливу ҳамкорӣ ва сулҳу оромӣ ниёзи бештар дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар чунин шароит Наврӯз чун мунодии сулҳу оромӣ, пиндору гуфтору кирдори нек ва дӯстиву ҳамкории халқҳо моро боз сӯйи рӯзгори бехушунат, сулҳу субот ва кӯшиш барои зиндагии орому осуда раҳнамоӣ мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз даргоҳи Худованди карим дархост мекунам, ки Наврӯз, ки ҷашни ҷаҳонӣ шудааст, ҳар соле инсонҳоро ба ҳамдигар наздиктар ва аз сарвати дӯстию бародарӣ баҳравар намояд, барои истиқрори сулҳу ваҳдат ва аз байн бурдани низоъҳою бегонагиҳо дар ҷаҳон мусоидат кунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Нақши Созмони Конфронси Исломӣ метавонад чун василаи таҳкими ҳамкории бисёрҷониба дар миёни кишварҳои исломӣ, бахусус дар таъмини сулҳу субот ва рушди устувор, хеле муҳим ва муассир бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бешубҳа, муайян намудани масъалаҳои муҳим, дарҷ гардидани онҳо дар барнома ва татбиқи онҳо ба таъмини сулҳу субот, ваҳдату ҳамбастагӣ, ҳамчунин ба пешрафти кишварҳои мусулмон мусоидат хоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ба таҳкими сулҳу субот дар кишвари ҳамсояву дӯсту бародар – Афғонистон ҳамеша манфиатдорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ҳама гуна кӯшишро дар самти сулҳофарӣ дастгирӣ мекунем ва чунин меҳисобем, ки стратегияи байналмилалии амалиёт дар ин кишвар бояд, пеш аз ҳама, ба худи мардуми Афғонистон такя намояд ва ҳамкориҳои созанда бо мақомоти ҳокимияти расмӣ хубтар роҳандозӣ шаванд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Итминони комил дорам, ки пойтахти Тоҷикистон рисолати масъулиятноки худро дар сатҳи баланд идома дода, ба маркази ҳамешагии сулҳу ваҳдат, рушду камолоти инсон ва маърифату фарҳанги исломӣ табдил хоҳад ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мавҷудияти муносибатҳои гуногуни ҳамкорӣ дар масъалаҳои истифодаи об дар ҳавзаҳои зиёда аз 263 дарёҳои сарҳадгузар гувоҳи он аст, ки маҳз об сарчашмаи асосии ҳам некӯаҳволии одамон ва ҳам амнияти минтақавӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарназардошти ин, ба ақидаи мо, вақти он расидааст, ки масъалаҳои мутобиқгардонии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти истифодаи об бо талаботи замон ва таҳдидҳои муосир ҷиҳати такмили заминаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла бо дарназардошти манфиатҳои давлатҳо ва амнияти инсонҳо ба таври васеъ муҳокима карда шаванд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз ба шарофати ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот ба мо муяссар шуд, ки давлати соҳибистиқлоли хешро аз хатари нестшавӣ ва халқи азизамонро аз парокандагӣ нигоҳ дошта, имрӯзҳо ҳатто дар дурдасттарин деҳоту ноҳияҳои кишвар корҳои созандагиву бунёдкориро вусъат диҳем ва дар баробари ин, шароит ва сатҳу сифати зиндагии халқи азизи худро тадриҷан беҳтар намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мову шумо аз баракати ваҳдату сарҷамъӣ имкон дорем, ки ҳамаи мушкилоту душвориҳои ба сари кишварамон омадаро бартараф намоем. ҳоло мардуми шарифи Тоҷикистон хуб дарк кардааст, ки нерӯи мо дар иттиҳоду ҳамраъйӣ, пуштибонии сулҳу амният ва дастгирии сиёсати созандагиву бунёдкории давлат ва ҳукумат аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аввалан ҳамаи шуморо ба муносибати фарорасии сездаҳумин солгарди Рӯзи ваҳдати миллӣ, ки бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба иди умумихалқии Тоҷикистони соҳибистиқлол табдил ёфта, оғози сулҳу суботи комил ва марҳалаи нави давлатсозиву давлатдории тоҷикон гардид, самимона табрику таҳният мегӯям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Одатан, мардуми ширинзабону хушзавқи минтақаи Дарвоз ҳама бурду бохт ва шебу фарози зиндагиро бо зиндадиливу хайрхоҳӣ, таҳаммулу шукргузорӣ ва чеҳраи кушодаву дили саршори меҳр паси сар карда, ҳамчунин дар татбиқу таҳкими сиёсати сулҳу субот, иттиҳоду ҳамраъйӣ ва ваҳдати миллӣ саҳми арзанда гузоштаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз бо шарофати чунин дастгирӣ ва аз баракати сулҳу субот ва Ваҳдати миллӣ мо ба хотири ободии ҳар як гӯшаву канори сарзамини аҷдодии худ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ ва беҳбудии рӯзгори халқи хеш сиёсати созандагиву бунёдкориро пеш гирифта, дар доираи он тамоми масъалаҳои соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиётро пайваста ва тадриҷан ҳаллу фасл карда истодаем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бинобар ин, мо дар тӯли сездаҳ соли сулҳу субот беш аз 150 неругоҳҳои хурди барқӣ, неругоҳи Сангтӯда-1, роҳи байналмилалии Кӯлоб – Қалъаи Хумб–Хоруғ–Қулма, Душанбе–Рашт-Ҷиргатол–Саритош, даҳҳо пулҳои дохилӣ ва панҷ пули байнимарзии миёни Тоҷикистону Афғонистонро бунёд намудем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барои ин ба мо, пеш аз ҳама, зарур аст, ки муттаҳидиву сарҷамъӣ, ваҳдати халқи Тоҷикистон ва суботи устувори ҷомеаро ҳамчун гавҳараки чашм ҳифз карда, ба қадри сулҳу оромӣ ва давлати ободу мустақили худ расем, кору фаъолият ва зиндагии ҳаррӯзаи хешро дар доираи қонуният ва бо дарназардошти манфиати халқу Ватани азизамон ба роҳ монем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бояд хотирнишон сохт, ки баъди истиқрори сулҳу субот ва пойдории ваҳдати миллӣ таҷрибаи нодири сулҳи тоҷикон ҳамчун рамзи ҳамдигарфаҳмиву созиши ҳамагонӣ аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ баҳои баланд гирифт

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо шарофати пойдории Ваҳдати миллӣ ва фазои сулҳу субот дар мамлакатамон марҳалаи созандагӣ ва дигаргуниҳои бунёдӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёт – ҳам дар сиёсату иқтисодиёт ва ҳам дар иҷтимоиёту фарҳанг фаро расида, барои рушди мамлакат, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон шароити мусоид фароҳам гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи шумо, ҳозирини арҷмандро саравввал ба ифтихори ҷашни бузурги Ваҳдати миллӣ, яъне рӯзи ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти ҷомеа, инчунин мавриди истифода қарор гирифтани мактаби нав ва оғози сохтмони бинои маъмурии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, ки дарояндаи наздиктарин аввалин бинои муҳташаму зебои маркази нави ноҳияи Шуғнон хоҳад шуд, самимона табрик мегӯям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо гузашти солҳо мардуми сарбаланду шарифи Тоҷикистон аҳамияти бузурги сулҳу суботи ҷомеаро беш аз пеш амиқтар дарк карда истодаанд. Зеро сулҳу субот пояи муҳимтарини ҳар як давлат ва асоси пешрафти ҷомеа мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мароми мо таҳкими фарҳанги сулҳ аст, ки нишонаи барҷастаи он кохи мӯҳташами ваҳдати миллии тоҷикон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мову шумо бояд ба қадри ин дӯстӣ, ба қадри Ватану ватандорӣ, ба қадри осоишу амният, ба қадри ҳар соати умри азиз ва меҳнати осудаҳолона расем ва онҳоро чун гавҳараки чашм ҳифз кунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз рӯзи имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки халқи Тоҷикистонро аз парокандагӣ ва Ватани азизамонро аз хатари нестшавӣ наҷот бахшид, сездаҳ сол гузашт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар тӯли ин солҳо аз баракати сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла сокинони сарбаланди Бадахшон ва ноҳияи Мурғоб барои татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва тақдирсози мамлакат, бахусус расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворechoии кишвар саҳми муносиби худро мегузоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сарзамини мо ҳамеша макони дӯстиву рафоқат, ҳусни бародариву ҳамҷаворӣ буда, дар солҳои истиқлолият аз баракати сулҳу субот ва фазои мусоиди созандагӣ ба як ҷабҳаи кору пайкори ҳамагонӣ табдил ёфтааст, ки намунаи олии он бунёди даҳҳо иншооти хурду бузурги кишвар шуда метавонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ҷараёни истифода аз захираҳои бою рангоранги сарзамини маҳбубамон ҳамаи мо як масъаларо бояд ҳамеша дар мадди назар дошта бошем, ки мо як Модар-Ватан дорем ва вазифаи ҷониву қарзи фарзандии мост, ки ба қадри ин Ватани озоду соҳибихтиёр, истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ ва дӯстиву бародарӣ расем, онҳоро эҳтиёт кунем ва аз ҳарвақта дида ҳушёртару зирактар бошем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз фазои сулҳу субот, оромиву осудагии кишвар, таҳкими ваҳдати миллӣ ва пайгирии ҳадафҳои созандагӣ имкон доданд, ки мо ба хотири ободии Ватани азиз ва беҳдошти сатҳу сифати зиндагии мардумамон қадамҳои устувор гузорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мову шумо бояд фаромӯш насозем, ки ин рӯзҳои нек, фазои сулҳу амонӣ ва тинҷиву осудагии кишвар бар ивази заҳмату машаққатҳои бисёр сахту сангин ба даст омадааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз хиради ваҳдатофариниву сулҳгароӣ, асолати созандагии мардуми шарифи Тоҷикистон ва пуштибонии самимонаи онҳо, аз ҷумла сокинони Бадахшон буд, ки мо ба ваҳдати миллӣ, ҳифзи истиқлолияту соҳибихтиёрии давлат, таҳкими сулҳу субот ва дигар ҳадафу армонҳои наҷиби миллиамон расидем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи ваҳдати миллӣ - ин ҷашни умумихалқии пойдории сулҳу субот дар кишвар табрику таҳният гуфта, бароятон хонаи обод, рӯзгори хушу осуда ва зиндагии пурфайзу баракат орзумандам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сараввал ҳамаи шуморо ба ифтихори сездаҳумин солгарди Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки заминаи устувори сулҳу субот, ваҳдату ягонагии мардуми шарифи Тоҷикистонро фароҳам овард, инчунин ба муносибати ифтитоҳи варзишгоҳи навсохти ноҳия самимона табрик мегӯям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Чунонки дар хотир доред, ҳадафи асосии фаъолияти давлат ва ҳукумат дар он давраи бӯҳрониву хатарнок, пеш аз ҳама, дар асоси майлу иродаи мардуми шарифи Тоҷикистон ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ ва таъмини суботу оромӣ буд, ки боз ҳам ба шарофати хиради азалӣ ва фарҳанги сулҳхоҳиву таҳаммулгароии халқамон мо ба он ноил шудем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз файзу баракати сулҳи тоҷикон хонадони ҳар яки моро лабрези шодиву нусрат ва амониву осудагӣ кардааст, ки дар ин гӯшаи диёри биҳиштосоямон - ноҳияи Роштқалъа мо онро ба хубӣ эҳсос менамоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати ин санади сарнавиштсоз дар Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо сулҳу суботи саросарӣ фароҳам омада, мардуми мо баъди панҷ соли нооромиҳо ва машаққату маҳрумиятҳои зиёд ба ҳаёти осоишта ворид гардид ва дар таърихи Ватани азизамон 27-уми июн ҳамчун Рӯзи ваҳдати миллӣ сабт шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо шукргузорӣ аз ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот, ки ҳаёту мамот ва тақдири ҳар халқу давлат аз онҳо вобастагии зич дорад, Рӯзи ваҳдати миллиро ба тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳар кадоми шумо ва дар симои шумо ба ҳамаи сокинони сарбаланди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, инчунин ҳамватанони бурунмарзӣ самимона муборакбод мегӯям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҳкими дастовардҳои истиқлол, пояҳои давлатдории миллӣ, пуштибонии амнияту суботи сиёсӣ, татбиқи ҳадафҳои стратегӣ, тақвияти иқтидори иқтисодиву иҷтимоӣ, хулоса рушди рӯзафзуни Ватани азизамон маҳз аз фазои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ вобаста мебошад.

***

Бигзор ваҳдати миллӣ ва сулҳу амният дар сарзамини аҷдодии мо ҳамеша пойдор бошад ва аз ҳар хонадони тоҷик ҳеҷ гоҳ файзу баракат канда нагардад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз аз рӯйдоди тақдирсози ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки дар хотираи таърихии халқи тоҷик ҷовидон хоҳад монд, сездаҳ сол сипарӣ мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми Тоҷикистон ин санаи фархундаву сарнавиштсозро ҳар сол бо шукргузорӣ аз истиқлолияти давлатӣ, давлатдории миллӣ, сулҳу суботи пойдор ва дарки масъулияти баланд дар назди наслҳои гузашта ва имрӯзаву ояндаи кишвар таҷлил менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ваҳдат рамзи воқеӣ ва ҷавҳари фалсафаи сулҳофарӣ, фарҳангсолориву таҳаммулпазирии миллати тоҷик ва таҷассумгари иттиҳоду ҳамбастагии тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо аз халқи азизу миллати соҳибфарҳанги тоҷик, аз ҷумла мардуми баору номуси Бадахшон, ки бо сабру таҳаммул ва хиради азалӣ тавонистанд оташи ҷанги шаҳрвандиро барқасди нақшаҳои шуми бадхоҳон хомӯш сохта, бо сулҳу созиш, ваҳдати миллӣ ва майлу иродаи қавӣ роҳи ояндаро барои эъмори як давлати соҳибистиқлоли демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёду иҷтимоӣ муайян намоянд, ҳамеша сипосгузорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Он замон фазои сиёсиву иҷтимоии кишвар чандон ором набуд, вале мардуми Бадахшон ҳама хоҳони сулҳу субот ва оромӣ дар Ватани азизамон - Тоҷикистон буданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Онҳо бо вуҷуди мушкиливу норасоиҳои зиёди рӯзгор, ки он рӯзҳо қариб саросари мамлакатро фаро гирифта буданд, аз ман ҳамчун Сардори давлат танҳо як чизро дархост мекарданд: ҳарчи зудтар дар кишвар сулҳу оромӣ барқарор гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман амиқан эҳсос кардам, ки барои расидан ба ҳадафи неки пешгирифтаамон, яъне ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи пойдор аз ҳама бештар одамони оддӣ манфиатдоранд ва ин мардуми шариф моро сидқан дастгирӣ менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқрори сулҳ ва таъмини ваҳдати миллӣ, бемуболиға, яке аз бузургтарин дастовардҳои мо дар охири садаи XX мебошад, ки ин аз сиришти сулҳпарварона ва ақлу заковати халқи тоҷик шаҳодат медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Рисолати сулҳпарварии миллати тоҷик дар пурихтилофтарин даврaҳои таърих ва бархӯрди тамаддунҳои гуногун низ ҳамеша ба суботу оромии кишвар равона гардида буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз ба шарофати фарҳангу оинҳои таҳаммулгарои аҷдодӣ мову шумо аз гирдоби мудҳиши ҷанги шаҳрвандӣ раҳоӣ ёфта, зимни имзои санади истиқрори сулҳ ва оштии миллӣ ба ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи устувор ноил гардидем, бо ҳамдиливу ҳусни тафоҳум бисёр мушкилоти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангиро ҳаллу фасл кардем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо дар фазои сулҳу субот ва ваҳдату ҳамрайъӣ нақшаҳои бузурги умумимиллиро тарҳрезӣ намуда, ҳадафҳои наҷибуояндасози давлатдориамонро амалӣ мегардонем.

***

Имрӯз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба шарофати сулҳу субот ва фазои осуда ба як ҷабҳаи бузурги бунёдкорӣ ва корзори созандагӣ табдил ёфтааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар шароити буҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ ва шиддат гирифтани раванди ҷаҳонишавии проблемаҳои сайёра ваҳдати миллӣ ва фазои сулҳу осоиш барои мардуми Тоҷикистон аз ҳар вақти дигар зарууртар аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҳкими дастовардҳои истиқлолият, пояҳои давлатдории миллӣ, пуштибонии амнияту суботи сиёсӣ, татбиқи ҳадафҳои стратегӣ, тақвияти иқтидори иқтисодиву иҷтимоӣ, хулоса рушди рӯзафзуни Ватани азизамон маҳз аз фазои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ вобаста мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бинобар ин, мо бояд бештар аз ҳар вақти дигар кӯшиш намоем, ки ҳар як соли сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ барои мардуми мо соли пешрафт, дастовардҳои нави иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву сиёсӣ гардида, барои афзудани нуфузу эътибори кишвари азизамон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз мо бояд сулҳу субот ва ваҳдати миллиро чун гавҳараки чашм ва сарвати бебаҳо ҳифз намоем, ба қадру манзалати истиқлолият ва давлатдории мустақилона расем, худро ҳамтақдир ва ҳаммароми миллати хеш донем ва аз неъмати бузурги Ватану ватандорӣ ифтихор намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд шукрона кунем, ки ба чунин рӯзгори орому осуда ва сулҳу ваҳдати комил расидаем ва ҳоло таҷрибаи нодири сулҳи тоҷиконро созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва давлатҳои дунё меомӯзанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Гузашта аз ин, дар рӯҳияи ваҳдати миллӣ, сулҳу салоҳ, тамкину таҳаммул, ватандӯстиву ватанпарварӣ, донишандӯзиву меҳнатдӯстӣ ва худшиносиву ифтихори миллӣ тарбия намудани насли наврас аз ҷумлаи вазифаҳои асосӣ ва қарзи инсонии калонсолону аҳли зиёи мамлакат ва умуман ҳар фарди ҷомеа мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Он рӯз дур нест, ки мардуми сарбаланду тамаддунсози тоҷик дар фазои сулҳу салоҳ ва ваҳдати миллӣ, Тоҷикистони азиз - ин кишвари домони гардун ва дорои табиати нотакрори худро ба як давлати пешрафтаву мутамаддин, дорои шабакаҳои замонавии энергетикӣ, инфраструктураи пешрафтаи нақлиёту алоқа, сатҳи хизматрасонии баланд, яъне ба як мамлакати биҳиштосо табдил медиҳанд, ки орзуи дидани он дар дили ҳазорон нафар сайёҳону сокинони сайёра маъво мегирад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор, дар сарзамини куҳанбунёди тоҷикон бо мадади рӯҳи гузаштагони миллатамон сулҳу амонӣ, файзу баракат ва саодату хушбахтӣ ҷовидон пойдор бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ба ояндаи дурахшони Ватан ва зиндагии босаодати халқи азизамон умед баста, ба даргоҳи Худованди мутаол дуо мекунем, ки моро ба ҳадафҳои некамон расонад, ба мардуми сулҳдӯсту ваҳдатсози мо пирӯзиву сарфарозӣ ва иқболу сарбаландиҳо ато фармояд ва ваҳдати миллии моро ҷовидона гардонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо аз оғози даврони истиқлол, бахусус пас аз анҷоми ҷанги таҳмилии дохилӣ ва имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ, ки чанд рӯз пештар сездаҳумин солгарди онро ҳамчун ҷашни умумимиллӣ ботантана таҷлил намудем, арҷ гузоштан ба гузаштаи пурифтихор, гиромӣ доштани таъриху фарҳанги ғании аҷдодӣ, таҷлили солгарду зодрӯзи шахсиятҳои таърихию бузургони илму ирфону адаб ва дар ҳамин замина бедор намудани рӯҳи худшиносию худогоҳӣ ва эҳсоси баланди шаҳрвандии сокинони кишварро ҷузъи муҳими барномаи сиёсати фарҳангии давлату ҳукумати кишвар қарор додем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Агар равшантар ифода намоем, ин неруҳо мехоҳанд, ки динро чун саҳнаи бозиҳои сиёсӣ истифода намуда, пойдории сулҳу субот, бақои ваҳдати миллӣ, ҳаёти осоиштаи мардум, амнияти ҷомеа ва ҳифзи тартиботро халалдор созанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба мо ҳам қарзу ҳам фарз аст, ки аз таълимоти ҷовидонаи бузургони гузаштаамон, аз ҷумла Имоми Аъзам барои таҳкими сулҳу суботи кишварамон, муҳаббату ҳамдигарфаҳмии мардуми шарифамон ва тинҷиву ободии Ватани азизамон ба ҳадди аъзам истифода намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон ҳамчун хонаи умеди тоҷикони ҷаҳон ва чун шарики боэътимод дари худро ба рӯи оламиён кушодааст ва сокинони мамлакат дар фазои озоди сулҳу созандагӣ умр ба сар бурда, имрӯз ҳар як фарди бонангу номуси халқи тоҷик ба хотири таҳкими ваҳдати миллӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият ва ободии Ватани азизамон – Тоҷикистон саъю талош меварзад, ки дар ин кори хайру ватандӯстона мардуми сарбаланди вилояти Суғд низ саҳми арзанда мегузоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вуҷуд надоштани тариқаи сирф низомии ҳалли масоили Афғонистони бародарро дар назар дошта, мо аз талошҳои ин кишвари дӯст ва ҷомеаи ҷаҳонӣ дар амри мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, фароҳам намудани роҳу василаҳои ҷадиди дастёбӣ ба сулҳу истиқрор ва амнияти дохилӣ пуштибонӣ менамоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо иттифоқи назар доштем, ки се кишвари бародар амалан дорои манофеи муштарак дар сатҳи минтақа мебошанд, ки онҳо сулҳ, субот ва ҳамкории васеи минтақавӣ мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шукронаи неъмати истиқлол, ки халқи азизи кишварамон моҳи муборакии Рамазонро дар фазои комили сулҳу осоиш, ваҳдати миллӣ ва рӯҳияи баланди созандагӣ истиқбол мегирад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз Худованди Мутаол ба ҳамаи шумо ибодати мақбули даргоҳи илоҳӣ, сулҳу салоҳ, рӯзгори ором у осуда, ризқу рӯзии фаровон ва дастурхони пурфайзу баракатро орзумандам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарназардошти он, ки ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ноҳияи сарҳадӣ мебошад, мехоҳам махсус таъкид намоям, ки таъмини амнияти сарҳад, пешгирии ҳодисаҳои сарҳадшиканӣ ва интиқоли маводи мухаддир, хубтар ба роҳ мондани тадбирҳои фаҳмондадиҳӣ ва баланд бардоштани малакаву маҳорат ва маърифати касбии кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва сарҳадбонон аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарине мебошад, ки бояд ҳамеша дар маркази диққати роҳбарони сохтору мақомоти дахлдор, аз ҷумла дар сатҳи ноҳия ва вилоят қарор дошта бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлол ва озодӣ барои мардуми шарифи Тоҷикистон неъмати бузурги раббонӣ маҳсуб мешавад ва ҳар кадоми мо бояд ба қадри ин ҳадяи бузургу бебаҳои тақдир расем, онро чун гавҳараки чашм ҳифз кунем ва ҳамеша барои таҳкими пояҳои давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи кишварамон кӯшиш намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд як нуктаи муҳимро ҳамеша дар хотир дошта бошем ва онро ба наврасону ҷавонон доим талқин намоем, ки ҳамаи комёбиву пешравиҳои то ба имрӯз бадастовардаамон, маҳз ба шарофати сулҳу ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмиву ҳамраъйии мардум мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз сулҳи пойдору ризоияти миллӣ асоси рушди устувори кишвари соҳибистиқлоли мо гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барои ин ба мо, пеш аз ҳама, зарур аст, ки сулҳу субот ва ваҳдати миллиро чун гавҳараки чашм ҳифзу нигаҳбонӣ кунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Боиси хушҳолист, ки солҳои охир дар остонаи ҷашнҳои бузурги миллиамон мавриди баҳрабардорӣ қарор додани корхонаву коргоҳҳо, муассисаҳои таъиноти иҷтимоӣ ва иншооти маъмуриву маишӣ ба ҳукми анъанаи нек даромадааст, ки ин пеш аз ҳама, ба шарофати истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва аз баракати кӯшишу ғайрати созандаи миллати куҳанбунёду тамаддунсози мо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бархилофи гуфтору рафтори баъзе шахсиятҳои рӯҳонӣ ин бузургмардон пайравонашонро ба таҳаммулгароиву ҳусни тафоҳум, дурӣ ҷустан аз хушунат, даъват ба сулҳу созандагӣ, муттаҳидиву ҳамдигарфаҳмӣ, дӯстиву рафоқат, гузашту бахшиш, ҳамдардиву хайру саховат ва дигар фазилатҳои неки инсонӣ тарғиб мекарданд. қобили зикр аст, ки яке аз муридону шогирдони Мавлоно Яъқуби Чархӣ – Хоҷа Аҳрори Валӣ бо хайру саховат ва дастгирии бечорагону банданавозиаш шуҳрати бемисл ёфтааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Рӯзи якуми сентябр инчунин дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ҳамчун Рӯзи Сулҳ қайд карда мешавад. ҳамасола дар кишварҳое, ки соли таҳсил аз якуми сентябр шуруъ мегардад, дарси аввал маҳз  "Дарси Сулҳ" ном дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шароити кунунии пуртазод ва зудтағйирёбандаи ҷаҳон тақозо менамояд, ки мо низ нисбат ба хатарҳои ҷаҳонӣ, ба монанди терроризму ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддиру ҷинояткории фаромарзӣ ва даҳҳо дигар падидаҳои хатарнок, ки ба амният ва сулҳу субот дар ҷаҳон таҳдид менамоянд, бетараф набошем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки сулҳу субот ва оромиву осоиш барои ҳар як кишвар, ҳар як миллат, махсусан барои халқи мо, ки даҳшати ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронидааст, бузургтарин неъмати дунё маҳсуб меёбанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зиёиён бояд бо фаъолияти ҳамарӯзаи пурсамари худ ба нафъи халқу Ватан ва ояндаи нек беш аз пеш тимсоли ватанпарастию миллатдӯстӣ бошанд, мардумро ба қадршиносии сулҳу ваҳдат, истиқлолият ва давлатдории миллӣ ҳидоят намоянд, меҳр ва эътиқоди ҳамватанонро ба рамзҳои давлати соҳибистиқлоли хеш–Парчам, Нишон, Суруди миллӣ таҳким бахшанд, чароғи илму маърифатро фурӯзон нигоҳ доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хизмат кардан ба Ватан моҳиятан маънои ба ҷой овардани хизмати падару модар ва ба ин хотир ҳимоя кардани марзу буми аҷдодӣ, тамомияти арзии кишвар, таъмини сулҳу субот ва амнияти ҷомеа, кӯшишу ғайрат барои зиндагии орому осудаи наслҳои оянда ва ободии рӯзгори шаҳрвандони мамлакатро дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ин муносибат ҳамаи афсарону сарбозон ва ҳайати шахсии гвардия ва дар симои онҳо тамоми хизматчиёни ҳарбии сохторҳои низомии мамлакатро шодбош гуфта, дар иҷрои вазифаи муқаддасу пуршараф, яъне ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими дастовардҳои истиқлолият ва пуштибонии амнияту оромии ҷомеа барору комёбиҳо орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз таърих маълум мегардад, ки дастаи гурдон аз сафи сарбозону афсарони намунавию яккачин интихоб шуда, масъулияту рисолати худро ҳамчун ҷавонмардони фидоиву меҳанпараст дар ҳифзи марзу буми Ватан, ҳимояи сардори давлат, роҳбарони сатҳи аввал, садорати ҳарбии кишвар ва таъмини амнияти давлат адо мекарданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ҳамин маънӣ, имрӯз ҳам таъмини амнияти миллату давлат, ҳифзи марзу буми Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат ва тақвияти неруи мудофиавии он, аз ҷумлаи вазифаҳои муқаддас, пурифтихор ва пуршарафи шумо - хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар солҳои минбаъда бо мақсади ислоҳоти куллии соҳаи низомии кишвар як силсила тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд, ки дар натиҷаи татбиқи онҳо сохтор ва моҳияти Гвардияи миллӣ ба талаботи замон мувофиқ гашта, имруз он ба як ниҳоди ҳарбии таъиноти махсуси ҳозиразамон ва воҳиди муҳимтарини ҳифзи истиқлолият, тамомияти арзии кишвар ва амнияти давлат табдил ёфтааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хизмат кардан ба Ватан моҳиятан маънои ба ҷой овардани хизмати падару модар ва ба ин хотир ҳимоя кардани марзу буми аҷдодӣ, тамомияти арзии кишвар, таъмини сулҳу субот ва амнияти ҷомеа, кӯшишу ғайрат барои зиндагии орому осудаи наслҳои оянда ва ободии рӯзгори шаҳрвандони мамлакатро дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шумо - муҳофизони ватани азизамон ҳоло имкон доред, ки дар чунин марҳалаи созандагии кишвари соҳибистиқлоли худ дар таъмини амният, ҳифзи марзу бум ва суботи мамлакат садоқати хешро ба давлат ва мардуми Тоҷикистон бо хизмати шоиста бори дигар собит созед.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шумо бояд муҳофизони боэътимоди амнияти давлату миллат ва манфиатҳои мардум бошед. Шумо бояд фаъолияти хизматиро тавре ба роҳ монед, ки ҷавонони мо ба хизмати аскарӣ ва ҳимояи марзу буми Ватан бо ифтихори миллӣ, эҳсоси гарми ватандориву ватандӯстӣ ва адои содиқонаи қарзи фарзандӣ муносибат намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз файзу баракати истиқлолият, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ самтҳои афзалиятноку муҳимтарини сиёсати дохилии давлати соҳибистиқлоламон тарҳрезӣ ва муайян карда шуданд, ки мо онҳоро дар доираи се ҳадафи стратегӣ – таъмини истиқлолияти энергетикии давлатамон, аз бунбасти

коммуникатсионӣ раҳои бахшидани кишварамон ва ҳифзи амнияти озуқавории мардуми шарифамон зина ба зина татбиқ карда истодаем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин аст самараи ҳаётбахши истиқлолият, фазои сулҳу ваҳдат, робитаҳои сулҳу дӯстиву ҳамкориҳои судбахш ва аҳамияти он дар шинохти қадру манзалати давлати соҳибихтиёри мо дар арсаи ҷаҳон.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Расидан ба қадри истиқлолият ва давлатдории мустақилона, таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, эҳсоси гарми ватандориву ватанпарастӣ, бедории маънавӣ, ифтихори миллӣ, пос доштани арзишҳои миллӣ ва рамзҳои давлатдорӣ – ҳама дар маҷмӯъ моро ба сӯи бунёди ҷомеаи воқеан шаҳрвандӣ, пешрафти устувори иқтисодиву иҷтимоӣ ва татбиқи нақшаву ҳадафҳои тақдирсози стратегӣ мебаранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Забони тоҷикии мо, ки замоне бо он аз сари минбарҳо сухан гуфтан қариб аз миён рафта буд, имрӯз аз минбари олии Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалӣ баланд садо медиҳад ва чун пайки сулҳу дӯстиву ваҳдат дар ақсои олам парвоз мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамзамон, ҳаргиз набояд фаромӯш кард, ки имрӯз амнияту оромӣ, ризоияти шаҳрвандӣ ва сулҳу суботи миллӣ бар ивази чи хисороту талафоти ҷониву молӣ ба даст омадааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд шукронаи сулҳу субот кунем ва ин андешаро дар тафаккури ҷавонон мустаҳкам созем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо мардуми мусулмон, бояд ҳамеша аз чашмаи ноби фарҳангу тамаддуни исломӣ бархурдор бошем, бо роҳи ободонӣ пеш равем, ба даргоҳи Худованди мутаъол барои сулҳу салоҳ ва ваҳдати халқи ҷаҳон дуо кунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зарур аст, то дар ин кори хайр ва ниҳоят муҳим онҳо ширкат варзида, дар мавъизаҳои худ дар баробари ташвиқу тарғиби фарҳанги исломӣ, ахлоқи ҳамида, таҳаммулпазирӣ, сулҳу ваҳдат, худшиносии миллӣ, ватандорию ватанпарастӣ ба масъалаи омӯзиши илму ҳунар таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин дарёҳо барои садҳо миллион одамон захираи муҳими ҳаёт ва таъмини амният, муҳити зист ва равобити ҳамарӯзаи сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Воқеаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки фалокатҳои вобаста ба об дар тамоми ҷаҳон ба ҳаёт ва амнияти аҳолӣ таҳдид менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хусусияти асосии минтақаи мо дар он ифода меёбад, ки рушди ҳамаҷонибаи ҳамкории доманадор аз бисёр ҷиҳат ба натиҷаҳои мусбати раванди таҳкими сулҳу субот дар Афғонистон вобаста мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи ин тақвият бахшидан ва мушаххастар сохтани иқдомоти умумибашариро талаб менамояд, ки ҳадафи онҳо густариши ҳарчи бештари раванди таҳкими сулҳ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон ҳамеша ва, алалхусус, солҳои муқовимат низ талош дошт ва имрӯз низ дорад, ки нақши дӯсти воқеии Афғонистони бародарро ба наҳви аҳсан ба ҷо биёрад, чун амният ва суботи Шумову мо мафҳумҳои тавъам ва ҷудонашавандаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин росто ба татбиқи барномаҳои таърихӣ ва бунёдии ҳамкории дуҷониба ва минтақавӣ – хатҳои бузурги интиқоли барқи Сангтӯда – Қундуз – Пулихумрӣ ва марзи Тоҷикистон–Пулихумрӣ–Кобул–Исломобод (CASA – 1000), роҳҳои оҳани Тоҷикистон – Афғонистон – Эрон ва кишварҳои дигари минтақа таваҷҷуҳи хос зоҳир гардид. ҳар ду ҷониб бар онанд, ки татбиқи онҳо ба нафъи амният, субот ва пешрафти Афғонистон ва минтақаи мост.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин росто мо ҳамкории наздик ва доимии сохторҳои амниятӣ, сарҳадӣ ва низомии ду кишварро амри зарурӣ медонем. Тақвияти марзи муштараки мо ба тӯли тақрибан 1400 км ҳамчун марзи дӯстиву ҳамкорӣ ба амният ва субот ҳам кишвари Шумо ва ҳам кишвари мо аҳамияти ҳаётӣ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман аз меҳмоннавозии бародаронаи ҷалолатмаоб Раисҷумҳур ибрози сипос намуда, хостори тақвияти ваҳдату ягонагии мардуми ба мо дӯст, таҳкими сулҳу субот дар кишвари бародар ҳастам ва аз мизбони азизи худ самимона даъват менамоям, ки аз Тоҷикистон боздиди расмӣ намоянд ва меҳмони азизи мо бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо дар ин марҳалаи ҳассоси таърихӣ бар онем, ки иттиҳоди қавии нерӯҳои ватандӯст ва ҷонибдори низоми сиёсӣ дар таъмини муваффақонаи раванди таъмини сулҳи пойдор дар кишвари бародари мо тақозои замон аст. Чун яқин аст, ки ҳалли қазияи Афғонистон роҳи сирф низомӣ надорад, мо ҷонибдори роҳи пешгирифтаи Давлати Афғонистон ҳастем ва ба он комёбӣ мехоҳем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар айни ҳол Конститутсия давлати навини тоҷиконро ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ ба аҳли ҷаҳон муаррифӣ намуда, азми қатъии моро дар пешбурди сиёсати сулҳҷӯёна, эҳтироми соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳон ва роҳандозӣ намудани ҳамкориҳои байнидавлатиро дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ муқаррар намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Эҳтиром, риоя ва ҳифзи Конститутсия кафолати таъмини қонуният, амният ва сулҳу суботи давлат ва ҷомеа мебошад. Бинобар ин, риояи Конститутсия ва таъмини волоияти қонун вазифаи ҳамаи мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як фарди бонангу номус мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ислоҳоти конститутсионие, ки солҳои 1999 ва 2003 баргузор гардиданд, дар радифи таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, инчунин ба такмили мақомоти олии қонунгузор, иҷроия ва дигар ниҳодҳои демократӣ, ҳамчунин ба баланд бардоштани сатҳ ва нақши ҳокимияти судӣ мусоидат карданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон ҳамчунин муътақид аст, ки сиёсати хайрхоҳонаву сулҳҷӯёнаи давлатҳо, эҳтирому эътирофи истиқлолият ва манфиатҳои ҳамдигар, пайгирона инкишоф додани равобити мутақобилан судманд ва муборизаи муштарак бар зидди хатару таҳдидҳои нав метавонад ояндаи босаодати инсониятро таъмин намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми Тоҷикистон, ки ҳанӯз дар оғози давраи ба истиқлолият расидани давлати худ ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор шуда, тамоми даҳшату фоҷиаҳои онро аз сар гузаронидаанд, ба қадри истиқлолу озодӣ, давлати мустақилу соҳибихтиёр, ваҳдати милливу ҳамдигарфаҳмӣ, сулҳу субот ва оромиву осудагии ҷомеа мерасанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи шумо, меҳмонони гиромиқадрро ба сарзамини бостонии тоҷикон бори дигар хайрамақдам гуфта, орзуманди саломативу сарбаландии шумо ва тантанаи сулҳу дӯстиву ҳамкорӣ дар тамоми ҷаҳон мебошам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шубҳае нест, ки Суди конститутсионӣ минбаъд низ ба хотири таъмини волоияти Конститутсия ва амали бевоситаи меъёрҳои он, ки шарти устувории қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ва суботу амнияти давлату ҷомеа мебошад, саҳми фаъол хоҳад гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи шумо хуб медонед, ки бо шукӯҳу шаҳомат гузаронидани чорабиниҳои идона фақат дар шароити сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва иттиҳоду сарҷамъии ҷомеа муяссар мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд ба қадри неъмати бебаҳои давлати озоду соҳибихтиёр, сулҳу суботи сиёсӣ ва сарзамини ободу зебои худ расем ва шукронаи онҳоро ба ҷо орем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шубҳае нест, ки хусусан дар ин айёми шариф ҳар як фарди огоҳу бедордил ва бонангу номуси ҷомеа бо анҷом додани аъмоли хайру савоб ва бо шукрона аз неъмати истиқлолу озодӣ ба хотири таҳкими ваҳдати миллӣ, сулҳу суботи сарзамини аҷдодӣ ва ободиву шукуфоии Ватани азизамон саъю талоши ватандӯстонаро вусъат мебахшад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бисту чоруми ноябр мардуми шарифи Тоҷикистон дуюмин солгарди ҷашни яке аз рамзҳои давлати соҳибистиқлоли худ – Парчами давлатиро дар шароити сулҳу суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ истиқбол мегирад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарназардошти ҳамин, мо бояд дар муддати кӯтоҳ барои мустаҳкам намудани амнияти сарҳадҳои умумиамон бо Афғонистон ва расонидани кумаки ҳамаҷониба ба ҳукумати ин мамлакат тадбирҳои муштарак андешем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Умедворем, ки мулоқоти мо дар сатҳи олӣ ба ҳамаи мо имкони онро фароҳам хоҳад овард, то ба гузашта назари огоҳона андозем, хатару таҳдидҳои муосирро дуруст арзёбӣ кунем ва бархӯрди мувофиқашударо ба таъмини минбаъдаи сулҳу субот дар минтақаи Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо таҳия намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин ду рӯйдоди бузург роҳро барои бо ҳам наздик шудани давлатҳо ва халқҳо дар қаламрави аз Ванкувер то Владивостокро фарогир ҳамвор карда, барои кӯшишҳои дастаҷамъона ба хотири таҳкими минбаъдаи амният ва чораҳои эътимод дар минтақаи Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо иқдоми ҷиддӣ гардиданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Махсус бояд таъкид намоям, ки бузургтарин ва муқаддастарин дастоварди даврони соҳибихтиёрии халқи мо таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мебошад, ки дар натиҷаи раҳнамоии мардум ба худшиносиву худогоҳии миллӣ, ифтихор аз таъриху фарҳанги деринаи халқи тоҷик, суннату ойинҳои давлату давлатдории мустақилонаи он, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва арҷ гузоштан ба мероси гузаштагонамон муяссар гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз касе пӯшида нест, ки дар замони ҷаҳонишавӣ варзиш на танҳо ҷанбаи иҷтимоӣ, балки ҷанбаи иқтисодӣ ва сиёсиро низ касб намудааст. Зеро мардум ҳар қадар бештар бо варзиш фаро гирифта шаванд, ҳамон қадар вазъи саломативу ҳолати рӯҳиву равонии онҳо беҳтар гардида, барои рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ва амнияти давлату ҷомеа имконияту заминаҳои мусоид фароҳам меоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз яке аз ҳадафҳои асосии варзиш ҳамчун қосиди сулҳ дар ҷаҳон маҳз ҳамин аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сиёсати хориҷии сулҳҷуёна ва мусолиматхоҳонаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамеша дар ҷустуҷӯи дӯстон ва хайрхоҳон мебошад, ки стратегияи таъмини марзҳои осоиштаву ором ва ҳусни ҳамҷаворӣ ҷузъи ҷудонашавандаи он аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон, ки ҳанӯз солҳои ҷанги шаҳрвандии кишвар, сарфи назар аз душвориҳои худ, ҳамеша барои Афғонистони осоишта, сулҳхоҳ ва рушдёбанда садо баланд мекард, имрӯз низ аз паи ин ҳадафҳост.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин самт мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати ошкор ва пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хавфноки муосир, аз ҷумла терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, коррупсия, одамфурӯшӣ, инчунин дар роҳи таъмини сулҳу субот корҳои муайянро анҷом додаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вале бо тамоми қадрдонӣ аз кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки дар он низ мо шарик ҳастем, Тоҷикистон амиқан эътиқодманд аст, ки роҳу василаи сирф низомии барпо кардани сулҳ дар Афғонистон вуҷуд надорад. Аз ин рӯ дастгириву пуштибонии ҷустуҷӯи тариқаву василаҳои фарогири побарҷо намудани сулҳи комил ва пойдор дар ин кишвари азияткашида бояд мавриди таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар вазъи зудтағйири ҷаҳони имрӯза ва таҳаввулоти сареи олами муосир таъмини озодиву истиқлол, тамомияти арзӣ ва суботи сиёсӣ, амнияти сарзамин ва дар маҷмӯъ татбиқи манофеъи миллӣ аз умдатарин вазифаҳои он буданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба даргоҳи Худованди Мутаол дуо мекунам, ки сулҳу суботи Ватани азизи моро нигаҳбон бошад, сарзамини зебои моро ҳамеша дар паноҳи офияташ нигоҳ дорад ва ҳар як фарди Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба мурoду мақсадаш расонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар фазои пасошӯравӣ мо узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Иттиҳоди Иқтисодии Авруосиё ва Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ҳастем, ки узвияти мо дар ин созмонҳо ва ҳамкории мо аз принсипҳое, ки ман зикр кардам, маншаъ мегирад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таъмини дастаҷамъии амният, иртибототи фарохи сиёсиву иқтисодиву фарҳангӣ, ҳамёрӣ дар рушди зиндагии ҳамарӯзаи мо аз ҳадафҳои ин созмон аст ва табиист, ки Тоҷикистон манфиатдори тавсеаи ширкати худ дар кори он ва густариши равобит бо кишварҳои аъзост, ки Ҷумҳурии Мардумии Чин дар байни онҳо мавқеи хоса дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар арсаи байналмилалӣ Тоҷикистон дар пиёда сохтани фаъолияти даҳҳо созмонҳои байналмилалӣ иштирок дорад, ки муҳимтаринашон Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Ҳамкорӣ ва Амният дар Аврупо ва Иттиҳоди Аврупо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон омода аст дар ин роҳ ҳамаи имконоти хешро ба миён гузорад ва агар ҳатто қисмате аз таҷрибаи нодири сулҳи тоҷикон дар ин ҷода муфид бошад, мо истифодаи онро дар ин кори хайр дареғ нахоҳем дошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сиёсати хориҷии сулҳҷуёна ва мусолиматхоҳонаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамеша дар ҷустуҷӯи дӯстон ва хайрхоҳон мебошад, ки стратегияи таъмини марзҳои осоиштаву ором ва ҳусни ҳамҷаворӣ ҷузъи ҷудонашавандаи он аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

## Соли 2011

Бигузор, Соли нави милодӣ барои мардуми Тоҷикистон соли сулҳу амонӣ, файзу баракат ва пешрафту дастовардҳои тоза гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ниёгони соҳибилму бофарҳанги мо ба қадру қимат ва эҳтироми модар ҳамчун офарандаи ҳаёт ва парварандаи арзишҳои волои умумибашарӣ, ба монанди муҳаббат ва дӯстӣ, адолатпешагиву ҳақталошӣ, сулҳу оромӣ дар оилаву ҷомеа, тарбиятгари инсони поксиришту накӯкор, далеру шуҷоъ ва ватандӯсту ватанпарвар мерасиданд ва ба ӯ саҷда менамуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Роҳбарияти сиёсии давлат ба хубӣ дарк кард, ки Тоҷикистон дар ибтидои роҳи демократӣ қарор дорад ва ба таври сунъӣ тезонидани ин раванд ба салоҳи кор нест. Ҷомеа бояд имкониятҳои худро воқеъбинона арзёбӣ намуда, дар заминаи ризоияту ваҳдати миллӣ, сулҳу осоиш ва таъмини амният пеш равад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Агар дар солҳои 90-ум зарурати таъмини амнияти иҷтимоӣ асоси талаботи мардумро ташкил медод ва ҳамагон ба хотири он аз дигар талабот сарфи назар мекарданд, имрӯз шаҳрвандон умедвори қонеъ гардонидани талаботи бештари иҷтимоиву иқтисодияшон мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷаҳонӣ шудани ҷашни Наврӯз барои ривоҷи табодули фарҳангҳо, густариши ҳусни тафоҳуми байни миллатҳо ва таҳкими сулҳу суботи халқҳо нақши муассир мегузорад ва барои муаррифии боз ҳам бештари фарҳангу тамаддуни мардуми ориёитабор мусоидат менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу суботе, ки бо мушкилоти зиёд ва гузаштҳои ду ҷониб ба вуҷуд омад, на нишони заифӣ, балки дар асоси фалсафаи сулҳофарии тоҷикон ба даст овардани суботу оромӣ, яъне модели нави ҳалли низоъҳо-модели сулҳофарии тоҷикон тавлид гардид, ки дар он нақши зиёиёни тоҷик калон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Беҳтарин дастоварду хушбахтии инсон дар фазои сулҳу субот бо ёру бародарон зистан мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бузургони илму адаби мо ҳамин дӯстиву ҳамбастагӣ, ифтихори милливу ватандорӣ, хештаншиносӣ ва расидан ба қадри сулҳу субот ва оромиву осоишро ҳамеша васфу ситоиш кардаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ҳам бояд шукрона кунем, ки имрӯз дар фазои озод, дар мамлакати соҳибихтиёру обод ва дар шароити сулҳу суботи комил бузургтарин ҷашни аҷдодиамон – Наврӯзро таҷлил менамоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Раванди бунёди давлати миллӣ ва эъмори ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд баъд аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ барои мо маънии тозаро касб намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Инчунин, ҳизбҳо ва созмонҳои гуногуни сиёсӣ, ходимони давлативу ҷамъиятӣ ва кулли шаҳрвандон дарк намуданд, ки ба хотири сулҳу субот ва ҳифзи тамомияти арзии мамлакат, эътирофи волоияти манфиатҳои умумимиллӣ нисбат ба манфиатҳои маҳдуди ҳизбӣ, гурӯҳӣ ва шахсӣ ягона роҳи пешрафт аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар охир фарорасии Наврӯзи оламафрӯзро ба тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, кулли тоҷикону форсизабонони ҷаҳон ва ҳамаи халқу миллатҳои олам, ки ин ҷашни зеборо таҷлил мекунанд, бори дигар табрик гуфта, ба даргоҳи Худованди Мутаол дуо мекунам, ки бахту саодат ва хайру баракатро дар ҳар хонадони тоҷик арзонӣ дорад, сулҳу субот ва ваҳдати миллии моро ҷовидонӣ гардонад ва Тоҷикистони соҳибистиқлоли моро дар паноҳи офияташ нигоҳ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Наврӯз ҳамеша чун мунодии сулҳу оромӣ, тарғибгари пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек, дӯстиву рафоқат ва ҳамкориву ҳамёрии халқҳо моро ба сӯи рӯзгори ободу осуда ва созандагиву шукуфоӣ ҳидоят менамояд ва беҳуда нест, ки ҳамин фазилатҳои бузурги умумибашарӣ барои ҷаҳонӣ шудани Наврӯз мусоидат карданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз ба шарофати неъмати бебаҳои истиқлолият ва дастгириву пуштибонии мардуми шарифи Тоҷикистон дар кишвари мо сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ пойдору устувор аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардумро ҳарчи бештар ба ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, шукронаи неъмати бебаҳои соҳибихтиёриву соҳибдавлатӣ,таҳкими ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот, хусусан дар остонаи ҷашни бузургу муқаддаси давлатиамон – бистсолагии истиқлолияти Тоҷикистони азизамон ба заҳмати бунёдкоронаву созанда, тозаву озода нигоҳ доштани хонаву кошона ва маҳалли зисти худ, вусъат додани ниҳолшинонӣ, киштукори баҳорӣ, омодагӣ ба кишти такрорӣ, афзоиш додани ҳаҷми маҳсулоти худӣ, сарфаю сариштакорӣ ва захираи маводи зарурии озуқа даъват кунед.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлол ва озодӣ барои мардуми шарифи Тоҷикистон неъмати бузурги худодод мебошад ва ҳар кадоми мо бояд ба қадри ин неъмат расем, онро чун гавҳараки чашм ҳифз кунем ва ба шукронаи соҳибдавлативу соҳибихтиёрӣ ҳамеша барои таҳкими пояҳои давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи кишварамон кӯшиш намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон асоси тарбияро тафаккури нави сиёсиву маънавӣ ташкил медиҳад, ки маҳаки он аз ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, таъмини амнияти давлату миллат ва манфиатҳои умумимиллӣ иборат аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Наврӯз оини бостонии таровату покӣ, мунодии сулҳу оштӣ ва ҷашни ҳумоюни байналмилалӣ ва ваҳдату ҳамбастагии башарият буда, таърихи беш аз чандҳазорсола дорад ва аз қаъри асрҳои зиёд аз насл ба насл гузашта, то замони мо расидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бузургтарин дастоварди мо хомӯш кардани оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, таъмини сулҳу субот ва таҳким бахшидан ба ваҳдати миллӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Пеш аз ҳама шуморо ба муносибати понздаҳсолагии ба имзо расидани Аҳдномаи ризояти ҷомеаи Тоҷикистон ва таъсиси ниҳоди муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ–Шӯрои ҷамъиятӣ, ки дар бунёди ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, истиқрори сулҳу субот дар кишвар саҳми арзанда гузоштааст, самимона табрик мегӯям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Махсусан, раванди оғозгардидаи истиқрори сулҳ ҳам аз ҳукумат, ҳам аз аҳли ҷомеа ва ҳам аз неруҳои мухолиф амалҳоеро тақозо менамуд, ки ба таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мусоидат намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бинобар ин, аз ҷониби ҳукумат, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ иқдом гирифта шуд, ки созмони ҷамъиятиеро ба вуҷуд оранд, ки он вазифаи ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми нерӯҳоро ба хотири таҳкими раванди сулҳу созандагӣ дар Тоҷикистон адо намояд. ҳамин тавр, ғояи ташкили Шӯрои ҷамъиятӣ ба миён омад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зеро вазъияти сиёсӣ ва ҳалли масъалаҳои мураккаби истиқрори сулҳу субот фаъолияти якҷоя ва самараноки нерӯҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматиро талаб мекард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳадафҳои асосии эъмори ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёду иҷтимоии Тоҷикистон роҳбарони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳукуматро гирди ҳам овварданд, ки ин худ далели возеҳи аз ҷониби аксарияти ҳаракатҳои иҷтимоӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дастгирӣ ёфтани сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумати мамлакат дар бобати истиқрори сулҳ ва ризоияти ҷомеа буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар муддати 15 сол мо бо дастгирии ҳамаи қувваҳои солими ҷомеа ба хотири амалӣ кардани орзуву ормони халқамон - истиқрори сулҳ ва ризоияти ҷомеа, таъмини амният ва ризоияти миллӣ, ташаккули асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин ҳуҷҷати дорои аҳамияти умумимиллӣ ҷиҳати ба даст овардани мавқеи ягона ва ҳамдигарфаҳмии қувваҳои сиёсиву ҷамъиятии мамлакат, пойдории сулҳу ваҳдати миллӣ, устувории низоми ҷамъиятӣ ва ҳамбастагии миллӣ нақши басо муҳим ва таърихӣ бозид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар муддати понздаҳ соли сипаригашта мо бо дастгирии тамоми ҳизбу созмонҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ барои амалӣ кардани орзуву ормонҳои мардум, расидан ба сулҳу оромӣ ва таъмини амният, ризоияти миллӣ, эҷоди асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардидем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зеро сиёсатшиносону ҷомеашиносон ва роҳбарону сиёсатмадорони кишварҳои гуногуни ҷаҳон ба Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон баҳои баланд дода, онро дар роҳи ба даст овардани сулҳу суботи Тоҷикистон ҳамчун як ташаббуси дурандешонаи миллӣ арзёбӣ кардаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу ваҳдати миллӣ, ки имрӯз дар кишвари мо пойдор аст, аз муҳимтарин дастовардҳои даврони Истиқлоли давлатӣ буда, дар радифи дигар арзишҳои миллӣ барои ҳар яки мо азизу муқаддас мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шӯрои ҷамъиятиро лозим аст, ки дар доираи салоҳиятҳои худ фаъолтар амал карда, ҷиҳати ба табақаҳои гуногуни аҳолӣ ҳарчи пурраву хубтар фаҳмонда додани моҳияти сулҳу ваҳдат ва ризоияти миллӣ, вазъияти имрӯзаи иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ва роҳҳои ҳаллу фасли мушкилоти мавҷуда кӯшиш ба харҷ диҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз ба ҷомеаи мо, тамоми ҳизбу иттиҳодияҳо ва ҳаракатҳо зарур аст, ки ба хотири манфиатҳои умумимилливу умумидавлатӣ, ба хотири густариши ҷомеаи демократӣ, пойдории сулҳ ва ободии кишвар бештар ҳамкорӣ намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аҳамияти таърихии Шӯрои ҷамъиятӣ дар он аст, ки дар муддати понздаҳ сол тавонист созмонҳои солими сиёсӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматиро ба ҳам муттаҳид намуда, дар раванди бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, пеш аз хама таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, адолати иҷтимоӣ, истиқрори сулҳ ва таҳкими ваҳдати миллӣ хеле корҳои назаррасро ба анҷом расонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Боиси ифтихор ва сарфарозист, ки ақли солими миллат, фарҳанги азалии бахшоишу таҳаммулпазири тоҷикон боло гирифт ва мо ба рағми бадхоҳон ба сулҳу оштӣ расидем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи шуморо ба шарафи санаи бузург ва муқаддас – Рӯзи Ғалаба, ки 66 сол муқаддам ба яке аз ҷангҳои даҳшатноктарин ва фоҷиабори асри XX хотима гузошт, самимона табрик гуфта, бароятон сулҳу оромӣ ва саломативу хушбахтӣ орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар ҳамаи шумо ва тамоми халқи азизи Тоҷикистонро бо Иди Ғалаба табрик гуфта, ба ҳамагон саломативу хушбахтӣ, рӯзгори обод ва сулҳу осоиш орзу дорам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ҳамаатон саломативу хушбахтӣ ва ба Тоҷикистони азизамон сулҳу оромӣ ва осмони соф орзумандам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар робита ба ин мо изҳори андеша кардем, ки вазъияти Афғонистон ҳамоно ҳамоҳангии воқеӣ ва созандаи кишварҳои минтақа ва ҷомеаи ҷаҳониро баҳри истиқрори сулҳу субот дар ин кишвар, аз ҷумла тавассути андешидани чораҳои муассир ҷиҳати эҳёи иқтисодии он, талаб мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷониби Тоҷикистон ҳавасмандии худро ба ҳамкориҳои фарогири минбаъда бо ҷомеаи Аврупо дар масъалаҳои таъмини рушди устувори кишвар, ҳаллу фасли мушкилоти умдаи иҷтимоию иқтисодӣ ва амниятӣ, масъалаҳои глобалии ҷаҳони муосир таъкид кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аҳолии сайёраи Замин бояд дар рӯҳияи фарҳанги сулҳ, муколамаи байнимардумӣ ва таҳаммулгароӣ тарбия ёбад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар сатҳи олӣ доир сохтани иҷлоси имрӯза дар масъалаи мубориза байналмилалӣ бо терроризм бори дигар собит мекунад, ки ҷомеаи ҷаҳон ва кишварҳои дар ин ҳамоиш ширкаткунанда дар иртибот ба таъсири хатарноки терроризм ба муносибатҳои байналхалқӣ, суботу амният ва рушди устувори кишварҳо торафт бештар изҳори нигаронӣ мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз терроризм беш аз пеш хусусияти фаромиллӣ ва глобалӣ касб мекунад. Он дар минтақаҳои том ва умуман ҷаҳон доман паҳн карда, хатари бузурги иҷтимоӣ дорад ва барои амнияти давлатҳои алоҳида ва минтақаҳо воқеан таҳдид эҷод менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар охир бори дигар, ҳамаи шумо–ҳозирини гиромӣ ва меҳмонони арҷмандро ба муносибати ҷашни Ваҳдати миллӣ самимона табрик гуфта, бароятон сулҳу амонӣ, бахту иқбол ва комёбиҳои навини эҷодиро орзумандам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз, ки мову шумо дар арафаи таҷлили солгарди навбатии Рӯзи Ваҳдати миллӣ, яъне санаи таърихӣ ва сарнавиштсози баҳамоиву оштии миллӣ, сулҳу суботи комил, асоси рушди ҳамаи самтҳои ҳаёти ҷомеа дар таърихи навини давлати соҳибистиқлоламон ҷамъ омадаем, ҳар як фарди Тоҷикистон, кулли ҳамватанони бурунмарзӣ ва ҳамаи шумо – ҳозирини гиромиро самимона табрик мегӯям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бинобар ин, бо гузашти солҳо мо аҳамияти таърихии ин санади сарнавиштсоз, арзиши сулҳу субот ва моҳияти ваҳдати миллиро ҳамчун неъмати бебаҳо беш аз пеш дарк ва қадр менамоем, барои пойдору устувор мондани он ҳамеша саъю талош меварзем ва ҳар сол Рӯзи ваҳдати миллиро бо ифтихору сарфарозӣ ва шукӯҳу шаҳомати хоса ҷашн мегирем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бинобар ин, ҳар як сокини мамлакат бояд бо шукронаи сулҳу субот ва оромиву осудагии кишвар ҳамеша барои таҳкими ваҳдати миллӣ, тақвияти пояҳои давлатдории миллӣ ва вусъати раванди бунёдкориву созандагӣ саъю талош намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фазои имрӯзаи сиёсии минтақа ва ҷаҳон моро водор мекунад, ки тамоми неруҳои созандаи ҷомеаро барои ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, таҳкими давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва рушди ҳамаҷонибаи иқтисодиву иҷтимоии мамлакат равона созем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар навбати худ тамоми мардуми кишвар, махсусан ҷавонон бояд ҳамеша дар хотир дошта бошанд, ки ваҳдати миллӣ дар баробари истиқлолият арзиши муқаддасу бебаҳои ҷомеаи мо ба ҳисоб меравад ва пешрафти ҳамаҷонибаи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии мардум, ободии Ватан ва ояндаи давлати соҳибистиқлол ва давлатдории миллиамон бевосита ба ваҳдату ягонагии халқи Тоҷикистон ва сулҳу субот вобаста мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо ин мақсад нигоҳ доштани фазои мусоиди сулҳу субот, ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми ақидаву мавқеъҳо, ризоияти ҷомеа, таҳаммулгароӣ ва мароми созандаву устувори ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ниҳоят зарур аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вазифаи ҷонӣ ва қарзи имониву рисолати инсонии ҳар як фарди бонангу номус, худогоҳу худшинос ва ватандӯсту ватанпарасти миллати мо таҳкими дӯстиву бародарӣ, сулҳу созиш, тақвияти ваҳдати миллӣ ва ҳифзи дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба саодати наслҳои имрӯзу оянда мо соҳиби давлати миллие мебошем, ки дар он ваҳдату ягонагӣ ва сулҳу субот побарҷост.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу ваҳдат ва таҳаммулпазирӣ дар табиату хислати мардуми тоҷик ба арзишҳои муқаддасе табдил ёфтаанд, ки бо ҷону равони мо сиришта шуда, дар ташаккули ахлоқу фарҳанг ва зиндагии маънавии ҷомеаи мо қадру манзалати баланд доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳ, ваҳдат ва таҳаммулгароӣ дар фарҳанги оламшумули миллати куҳанбунёду тамаддунсози тоҷик ҳамчун се ҷавҳари маънавии тақдирсоз дар гирдоби таърих ва шебу фарози садсолаҳои нооором мо, тоҷиконро самандарвор нерӯву тавон ва эҳёи дубора бахшидаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хиради азалии миллати соҳибтамаддуни мо маҳз дар заминаи ҳувияти миллӣ, фарҳангсолорӣ, донишандӯзиву муҳаббат ба миллату Ватан ба вуҷуд омада, барои соҳибистиқлолии кишвари мо заминаи мусоидро фароҳам овардаанд, ки самараи онро мо имрӯз дар таҷлили ин ҷашни бузурги баҳамоиву якдигарфаҳмӣ, сулҳу субот ва ҳамбастагиву ҳамраъйии миллӣ мебинем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор, дар сарзамини куҳанбунёди мо сулҳу субот абадӣ ҳукмфармо гардад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамчунин, ҳар яки моро зарур аст, ки бо шукргузорӣ аз неъмати бузурги дигар–сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, озодиву истиқлол ва соҳибдавлативу соҳибихтиёрӣ ҷиҳати рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва боз ҳам беҳтару хубтар намудани сатҳу сифати зиндагии халқамон бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ва садоқатмандона заҳмат кашем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аввалан, сулҳу суботи устувор ва марҳала ба марҳала зиёдшавии маблағгузориҳо аз буҷети давлатӣ имконият фароҳам овард, ки дар кишвар, аз ҷумла дар шаҳри бостонии Панҷакент соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа тадриҷан тараққӣ ёбанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо ҳамин ниятҳои нек бори дигар шумо ва хурду бузурги мардуми фарҳандӯсти шаҳри Панҷакент, яъне набераҳои Рӯдакии бузургро ба ифтихори ҷашни бузурги озодиву соҳибихтиёрии Тоҷикистони маҳбубамон табрик гуфта, ба хонадони ҳар кадоматон сулҳу сафо ва хушбахтиву хушрӯзиҳо орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз ба шарофати сулҳу ваҳдат ва оромиву суботи ҷомеа барои кору фаъолияти созандаву бунёдкорона ва зина ба зина беҳтар шудани зиндагии мардуми озодандешу сулҳпарварамон муҳити созгору мусоид эҷод гардид, ки ободии шаҳру деҳот ва маҳаллаву кӯчаву хиёбонҳои саросари мамлакат далели равшани он мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ дар назди мардуми тоҷик вазифаҳои бузурги таърихиеро гузошт, ки муҳимтарини онҳо оғози раванди созандагиву бунёдкориҳо, таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, таъмини амнияти давлату ҷомеа ва расидан ба сатҳи зиндагии шоистаи мардум мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар лаҳзаҳои ниҳоят ҳассоси ибтидои солҳои навадум ҳангоми иҷлосияи таърихии XVI–уми Шӯрои Олии Тоҷикистон вилояти Суғд ба маркази сарҷамъии халқи тоҷик, қабули қарорҳои сарнавиштсоз ва оғозгоҳи сулҳу оштӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ваҳдати миллии тоҷикон табдил ёфта буд ва мардуми солору сарбаланди он дар ин раванд нақши бисёр арзишманд бозиданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Итминони комил дорам, ки ин ҷашни муборакро сокинони меҳмоннавозу заҳматписанди ноҳияи Ҷиргатол низ ба шукронаи озодиву соҳибистиқлолӣ ва соҳибватаниву сулҳу суботи сарзамини аҷдодиамон бо дастовардҳои арзанда ва дар сатҳи баланди сиёсиву фарҳангӣ истиқбол мегиранд ва минбаъд низ барои ободиву пешрафти Ватани азизамон саҳми сазовори худро мегузоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Моҳи ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон, ки дар он тақдири ояндаи давлати миллии тоҷикон тарҳрезӣ гардида, ба сӯи ҳадафҳои бузурги умумимиллӣ–сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ қадамҳои нахустин гузошта шуданд, дар баробари андешидани тадбирҳои зарурӣ доир ба таъмини сарҷамъии мардум ва ҳифзи тамомияти арзии кишвари тозаистиқлоли тоҷикон, инчунин рамзи нахустини давлати соҳибистиқлоламон–Парчам ва дертар Нишон қабул карда шуданд, ки имрӯз мо он лаҳзаҳои сарнавиштсози таърихиро бо ифтихор ба хотир меорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Парчами миллӣ имрӯз ҳамчун нишонаи азму иродаи устувори мардум барои ободии кишвари зебоманзарамон ҳаммароми «Дирафши Ковиён»-и аҷдоди ориётаборамон бо тобиши се ранг – ранги сурх – озодиву истиқлол, ранги сафед – сулҳу оромӣ, ранги сабз – ободиву хуррамӣ ва дар байни он рамзи тоҷи зарҳалини соҳибдавлатӣ бо ҳафт ситораи дурахшон бори дигар аз мавҷудияти тамаддуну фарҳанги бостонии тоҷикон, пайкори созандагиву асолати миллӣ, давлату давлатдории мустақил ва ормонҳои ватанхоҳиву қаҳрамониҳои родмардони сарзаминамон башорат медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барои торафт вусъат гирифтани раванди бунёдкориву созандагии Ватани азизамон ва мустаҳкам намудани иқтидори иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмиву зеҳнии давлати соҳибистиқлоламон ба ҳамаи мо зарур аст, ки ҳамеша дар андешаи ҳифзу таҳкими яке аз дастовардҳои истиқлолият – ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи кишварамон бошем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Беҳуда нест, ки тибқи анъанаи нек ҳар сол дар Рӯзи дониш ва оғози соли нави таҳсил дар аксар кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар кишвари мо низ дарси сулҳ баргузор мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин рӯзҳои арафаи ҷашни бузурги умумимиллиамон – бистумин солгарди Истиқлоли давлатии Тоҷикистон чун ҳамеша орзумандем, ки сулҳу амонӣ дар ҳар як хонадони тоҷик ҳамеша пойдору ҷовидон ва осмони Ватани азизамон доим софу беғубор бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ҳар кадоми мо зарур аст, ки бо шукрона аз истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа барои ободии Ватан, аз ҷумла пойтахти он саъю талош варзем ва барои пешрафти давлати соҳибистиқлоламон садоқатмандона заҳмат кашем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Албатта, бояд гуфт, ки бунёди ин боғ ва дигар иншооти то имрӯз ба истифода додашуда аз баракати соҳибистиқлолии кишвар, пойдории сулҳу субот, фазои орому осуда ва заҳмати созандаи мардуми бофарҳангу ободгарамон муяссар гаштааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба назари аввал иҷрои нақшаҳое, ки дар он иҷлосияи таърихӣ ба хотири оштии миллӣ ва таъмини сулҳи деринтизор кашида шуданд, ғайриимкон менамуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо ташаббус ва кӯшишҳои пайвастаи ҳукумат гуфтушунид бо мухолифин ба хотири ҳамдигарфаҳмӣ ва истиқрори сулҳ оғоз гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Баъди зиёда аз панҷ соли мухолифати мусаллаҳона Созишномаи умумӣ дар бораи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид, ки дастоварди нодиртарини халқи тоҷик дар даврони истиқлолият мебошад ва ҳоло таҷрибаи сулҳофарии тоҷикон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, ба мактаби омӯзиш табдил ёфтааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Яъне вазифаҳои асосиеро, ки дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии мамлакат муайян гардида буданд, бо вуҷуди ҳама монеаву мушкилот дар амал татбиқ намудем: як миллион гурезаҳои иҷбориро ба Ватан баргардонидем, созишномаи сулҳро ба имзо расонидем, фаъолияти тамоми шохаҳои фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва волоияти қонунро барқарор намудем ва роҳи бунёдкориву созандагиро пеш гирифтем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати роҳи интихобкардаамон имрӯз олам кишвари моро ҳамчун ҷонибдори устувори равандҳои ҳамгироии ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳамкориҳои судманду баробарманфиати иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангиву гуманитарӣ ва таъмину таҳкими сулҳу субот дар ҳамаи сатҳҳо – миллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ мешиносад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлоли давлатӣ дар назди мардуми тоҷик вазифаҳои бузурги таърихиеро гузошт, ки муҳимтарини онҳо ташкили аркони давлати соҳибихтиёру муосири миллӣ, таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, оғози раванди созандагиву бунёдкориҳо ва расидан ба сатҳу сифати зиндагии шоистаи аҳолӣ буданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо камоли ифтихору сарфарозӣ дар ин айёми пурнишоти таҷлили ҷашни бошукӯҳу таърихии миллиамон – бистумин солгарди истиқлолияти давлатӣ тамоми мардуми куҳанбунёд, фарҳангпарвар, ватандӯст ва бунёдкори Тоҷикистони азизро бори дигар табрик гуфта, орзу менамоям, ки дар ҳар хонадони тоҷик ва ҳамватанони бурунмарзиамон оромиву осоиш, файзу баракат, хушбахтиву комронӣ ва дар фазои кишвари соҳибистиқлоламон сулҳу субот ва ваҳдату ягонагӣ ҳукмфармо бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тамоми мардуми сипосгузори тоҷик хуб дар ёд доранд, ки ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлати тозаистиқлоли мо барои таъмин намудани сулҳу субот, тартиботи ҳуқуқӣ ва волоияти қонун чӣ гуна фидокориву ҷонбозиҳо нишон доданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлоли давлатӣ дар назди мардуми тоҷик вазифаҳои бузурги таърихиеро гузошт, ки муҳимтарини онҳо ташкили аркони давлати соҳибихтиёру муосири миллӣ, таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, оғози раванди созандагиву бунёдкориҳо ва расидан ба сатҳу сифати зиндагии шоистаи аҳолӣ буданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Итминони комил дорам, ки тамоми мардуми Тоҷикистон, ҳар фарди худогоҳу худшинос ва бонангу номуси миллат бо дарки масъулияти ватандорӣ ҳадафҳои наҷиби созандагӣ ва ободонии Ватани азизамонро қарзи инсонӣ ва вазифаи шаҳрвандии хеш ҳисобида, ба қадри соҳибистиқлолӣ ва соҳибихтиёрӣ, сулҳу субот ва оромии ҷомеа мерасанд, онҳоро ҳамчун неъмати бебаҳо қадршиносӣ мекунанд, зиракии сиёсиро аз даст намедиҳанд ва ҳамеша барои ҳифзи манфиатҳои олии миллат ва давлат азму талош менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз ба мо–фарзандони гузаштагони некномамон низ зарур аст, ки ин рисолати таърихӣ ва суннатҳои неки миллиро идома бахшида, кишвари худро ба мулки ободу зебо табдил диҳем ва як сарзамини пешрафтаву шукуфоро барои наслҳои оянда ба мерос гузорем, то ки онҳо дар фазои сулҳу осоиши пойдор ва ваҳдати ҷовидонаи миллӣ зиндагӣ карда, Ватани муқаддасамонро ҳифзу нигоҳдорӣ намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷашнвораи имрӯзаи моро, ки ба ифтихори 100-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, суханвари бузург, арбоби барҷастаи ҷамъиятӣ, мунодии сулҳу дӯстӣ, фарзанди арҷманди миллати тоҷик Мирзо Турсунзода барпо мегардад, метавон идомаи мантиқии тантанаҳои истиқлолияти давлатиамон арзёбӣ кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин ҳалқа фарзанди шарафманди миллати тоҷик Мирзо Турсунзода, ки барои хизматҳои бузург дар инкишофи адабиёт ва тарғиби ғояҳои сулҳу дӯстии халқҳо ва густариши нуфузи байналхалқии Тоҷикистон дар радифи устод Айнӣ ва аллома Бобоҷон ғафуров сазовори унвони олӣ – Қаҳрамони Тоҷикистон гардидааст, мақому мавқеи шоиста дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ин ҷост, ки Мирзо Турсунзода на танҳо ҳамчун шоири маҳбуби халқи тоҷик, балки чун арбоби матинироди роҳи сулҳу ваҳдат дар ақсои олам ном баровард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Устод Мирзо Турсунзода ба ҳайси раиси Кумитаи якдилии халқҳои Осиёву Африқо ҳамчун қосиди сулҳу дӯстӣ ба кишварҳои хурду бузурги дунё сафар мекард, лекин дар ҳама ҷо дили ӯ ба ёди Ватан метапид:

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мирзо Турсунзода ҳамчун шоири бузурги ватандӯст ва халқпарвар, мубориzи фаъоли роҳи сулҳ ва оромиву осудагии ҳаёти ҷамъият соҳиби обрӯву иззат, эътибори баланд ва шӯҳрати ҷаҳонӣ гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз нимаи дуюми солҳои сиюми асри XX, аз ҳамон давроне, ки фашизм дунёро ноором сохта, баъзе мамлакатҳои Аврупо ва ғарбро зери по кард ва ба сари мардум бадбахтиҳо овард, Мирзо Турсунзода дар асарҳояш ба ҷангу ҷидол ва хусумату душманӣ сулҳу ваҳдат ва дӯстиву бародариро муқобил гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шоири сулҳпарвари мо Мирзо Турсунзода халқҳои ҷаҳонро бар зидди фашизм даъват мекард, то ки решаи манҳуси ҷангро аз беху бунаш бурида, парчами сулҳро ба олам устувор созанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар он даврони пуртаҳлука Мирзо Турсунзода дар Париж ҳамроҳи нависандагон ва олимони маъруф, аз қабили Жолио Кюри, Александр Фадеев, Иля Эренбург дар кори аввалин Конфронси умумиҷаҳонии ҳомиёни сулҳ иштирок ва дар ҳимояи сулҳу осоиш суханронии басо таъсирбахш карда буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мавзуи сулҳу ваҳдат, накукориву созандагӣ ҳамчун шиори мардуми фарҳангпарвару тамаддунсози тоҷик ба осори адиби башардӯсти мо ҷилои тоза мебахшад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз дар сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол низ мароми сулҳ, ҳамкориҳои иқтисодиву фарҳангӣ ва дӯстиву бародарӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад ва мо барои татбиқи пайгиронаи он кӯшиш менамоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ин маънӣ, шеърҳои устод Мирзо Турсунзода ҷавҳари суннатҳои неку писандидаи сулҳпарваронаи халқи моро ифода месозанд. Ашъори оташбори ин вассофи сулҳу дӯстӣ, бародарӣ ва ҳамдилии мардуми олам ва шеъри ин сипаҳсолори назми замони худ ба 60 забони халқҳои дунё тарҷума шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Агар мардум ҳарчи бештар ба варзиш фаро гирифта шаванд, саломатии онҳо ҳамон қадар хубтару беҳтар гардида, барои рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ имкониятҳои зиёд ба вуҷуд меояд, ки ин дар навбати худ боиси боз ҳам таҳким ёфтани суботу амнияти давлат ва ҷомеа мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Баракати хонадон ва пешрафти зиндагии ҳар як сокини кишвар аз сулҳу субoти ҷомеа, тарбияи дурусти фарзандон вобаста буда, ақлу заковати афроди миллат ва заҳмати содиқонаву софдилонаи ҳар як сокини мамлакат омили муҳим ва шарти асосии пешрафти ҷомеа ва таҳкими нуфузи Тоҷикистон дар арсаи олам мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фардо аз қабули Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳабдаҳ сол пур мешавад ва ин санаи муҳими таърихӣ ҳамчун ҷашни шаклгирии давлатдории демократӣ ва таҳкими амнияту суботи сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон дар тамоми қаламрави кишвари маҳбубамон бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил хоҳад шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз дар заминаи Истиқлоли давлатӣ барои муайян намудани асосҳои сохтори конститутсионӣ, таҳкими ҳокимияти давлатӣ, самтҳои инкишофи ҷомеа, бунёди давлатдории навин заминаи воқеӣ гузошта шуда, рушди бемайлони давлат, вазъи муътадили сиёсӣ ва амнияти ҷомеа, ҳифзи манфиатҳои миллӣ,таъмини волоияти қонун, таҳкими қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон таъмин карда шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвар, яъне аз соли 1997 пастравии нишондиҳандаҳои иқтисодиёти миллӣ боздошта шуд. Минбаъд ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гардид, ки сол аз сол вазъиятро ба эътидол оварда, аз соли 2000-ум ба рушди тадриҷии иқтисоди миллӣ оғоз намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Варзиш дар ҳаёти инсон, махсусан барои насли ҷавон ҳамчун мактаби муҳими ҷаҳонфаҳмӣ ва тарғиби арзишҳои олии инсонӣ, аз қабили дӯстиву бародарӣ, сулҳу озодӣ, эҳтиром ба миллатҳои гуногун ва ҳамкориҳои судманди байни кишварҳо хизмат мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барои эмин мондан аз таъсири манфии раванди фарогири ҷаҳонишавӣ, ки хоҳу нохоҳ фосилаи замону вақт, сарҳадҳои маънавӣ ва асолати фарҳангии давлатдории миллиро тағйир медиҳад, тафаккури солими миллиро дар зеҳни ҷавонон инкишоф додан, арзишҳои миллии худро аз таҳдидҳои хатарбори тахрибкориву тундравӣ ҳифз кардан, ваҳдати миллиро таҳким бахшидан, амнияту суботи ҷомеаи кишварро мустаҳкам намудан, сатҳи огоҳии мардум, хусусан ҷавононро баланд бардоштан аз ҷумлаи корҳои доимӣ ва заҳматталаби сиёсати давлатдорӣ ва фарҳангии мо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шароити кунунии амнияти минтақа ва ҷаҳон мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии кишварро водор месозад, ки ба фаъолияти худ тақвият бахшида, корро мутобиқ ба талаботи муосири амниятӣ ва мудофиавӣ ба роҳ монанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар таъкид месозам, ки фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, суд ва прокуратура бояд, пеш аз ҳама, ба таъмини амнияти миллӣ, волоияти қонун, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, терроризм, экстремизм, коррупсия, хариду фурӯши одамон ва таҳкими сулҳу суботи ҷомеа равона карда шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бист соли истиқлолияти давлатӣ, ки марҳалаи аз нигоҳи таърих хеле кӯтоҳ, вале пур аз ҳаводису рӯйдодҳои муҳиму тақдирсози халқи мо мебошад, дар баробари арзёбии ҷиддии гузашта ва имрӯзаи мо, инчунин таҳлили мукаммал ва мураттаби татбиқи сиёсати хориҷии кишварро тақозо менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ва имрӯз мо метавонем бо итминон изҳор намоем, ки рисолат ва ҷавҳари ин сиёсат ҳимояи ҳамаҷонибаи манфиатҳои миллӣ, таъмини озодиву истиқлоли мамлакат, амнияту суботи ҷомеа ва кафолати пешрафту тараққии кишвар, ҳамчунин тақвият бахшидан ба ҷойгоҳи хоси Тоҷикистон дар низоми навини равобити байналмилалӣ ба шумор мерафт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барпо намудани сулҳу оромӣ дар ин кишвари ҳамҷавору ҳамкеш бо манфиатҳои миллии Тоҷикистон созгор аст ва дар айни замон, саҳми назарраси мамлакати мо дар муборизаи умумӣ бар зидди терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ хоҳад буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Агар мо ба фазову минтақаи васеътаре назар афканем, айни ҳамин мавқеи кишвари моро дар масъалаи равобити он бо мамлакатҳои пасошӯравӣ, ки дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Иттиҳоди Иқтисодии Авруосиё ва Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ гирд омадаанд, мебинем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамчунин, зикр бояд кард, ки тайи солҳои охир ҳамкориҳои сиёсиву амниятӣ, низомиву тиҷоратӣ ва бахшҳои дигар сатҳи баланд касб намуда, дар заминаи мустаҳками эътимоду боварӣ миёни кишварҳои мо рӯ ба инкишоф доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар татбиқи ин ниятҳои нек ба ҳамаи шумо барори кор ва сарбаландӣ мехоҳам ва ба даргоҳи Парвардигори олам дуо мекунам, ки файзу баракати ҳар хонадони тоҷикро зиёда гардонад, амнияту оромӣ сулҳу субот ва ваҳдати миллии моро умри ҷовидона бахшад ва Тоҷикистони озоду соҳибихтиёри моро то абад дар паноҳи офияташ нигоҳ дорад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Чун дар бораи имконияти такрори чунин ҳодисаҳо дар Осиёи Марказӣ бисёр гуфтанду навиштанд, мехоҳам таъкид намоям: мардуми огоҳи Тоҷикистон, ки аллакай як бор қурбони чунин дасисаҳо гашта буд, маънии оромиву осоиш ва қурби сулҳу салоҳро хуб дарк мекунад, чун халқи ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро аз сари худ гузаронида роҳи ҳалли низомии қазияҳоро рад менамояд ва ҳамеша ҷонибдори ҳаллу фасли сулҳхоҳона ва мусолиматомези ҳамаи мушкилот, тарафдори муросову мадоро ва хостори амнияту суботи кишвари хеш мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тавре ҳамватанони азизи мо дар ёд доранд, солҳои аввали истиқлолият барои давлати ҷавони мо солҳои ниҳоят вазнин, вале сарнавиштсоз буданд ва аз ҳар кадоми мо ба хотири таъмини сулҳу субот, барқарор кардани низоми конститутсионӣ, ба роҳ мондани фаъолияти рукнҳои фалаҷгардидаи давлатдорӣ ва ба даст овардани ҳамдигарфаҳмиву ваҳдати миллӣ, ба ватан баргардонидани қариб як миллион нафар фирориён ва ташкилу амалӣ намудани низоми идоракунии иқтисодиёту иҷтимоиёти кишвар кӯшишу заҳмати азими шабонарӯзиро тақозо доштанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

## Соли 2012

Ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ дар давоми солҳои мавҷудияти худ барои барқарор намудани сохти конститутсионӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, ба эътидол овардани вазъи сиёсиву ҳарбӣ, пуштибонӣ аз сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ фидокорона ва далерона хизмат кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар ҳайати шахсии ҳамаи ҷузъу томҳо, тамоми хизматчиёни ҳарбӣ ва халқи Тоҷикистонро ба муносибати Рӯзи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ табрик намуда, ба ҳомиёни воқеии кишвар саломативу хонаободӣ, дар ҳифзи осудагиву оромии Ватан барори кор ва ба Тоҷикистони азизамон сулҳу суботи ҷовидона орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Манфиатҳои миллӣ ва суботу оромии ҷомеа тақозо менамоянд, ки воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ на танҳо дастгоҳи тавонои хабарӣ бошанд, балки дар муборизаи иттилоотӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, алалхусус амнияти давлат ва ҷомеа хизмат кунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Солҳои охир аз баракати сулҳу субот дар арафаи ҷашнҳои милливу таърихӣ баргузор гардидани вохӯриву мулоқотҳои судманд, чорабиниҳои илмиву фарҳангӣ ва ба истифода додани иншооту биноҳои навбунёд дар кишвари мо ба ҳукми анъана даромадааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Итминон дорем, ки халқҳо ва мамлакатҳои ҷаҳон дар заминаи расму ойинҳои наврӯзӣ роҳи сулҳу ҳамкорӣ ва ҳамзистии осоиштаро пеш гирифта, муносибатҳои дӯстонаву мусолиматомезро дар саросари ҷаҳон таҳким мебахшанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар замири ин ҷашни фархунда рӯҳи заволнопазири некиву накукорӣ, бахшоишу меҳрубонӣ, покизагии маънавию ҷисмонӣ, созандагиву бунёдкорӣ ва дӯстиву сулҳу амонӣ нуҳуфтааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Наврӯз мунодии сулҳу дӯстӣ, ҳамгироиву ҳамкорӣ ва ваҳдату ҳамбастагии башарият аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сарфарозам, ки дар ин лаҳзаҳои оғози рӯзгори тозаву навин ва дар ин маҳфили пуршукӯҳу ҷалол ҳамаи шумо, ҳозирини арҷманд, тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон ва аҳли ҳавзаи тамаддуни Наврӯзро бо ин ҷашни фарруху фархунда бори дигар самимона шодбош гӯям ва ба ҳар яки шумо сулҳу амонӣ, рӯзгори осуда, рӯҳи болида ва иқболу саодат орзу намоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

"Соле, ки накуст, аз баҳораш пайдост", – мегӯянд. Бигузор, аз файзу баракати баҳорон ва Наврӯзи оламафрӯз зиндагии ҳар фарди кишварҳоямон рангу тароват тоза гирад, дастархони ҳар хонадон пур аз нозу неъмат

гардад, ваҳдати байналмилалии мо ҷовидона ва сулҳу субот дар саросари олам пойдор бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар шароити муосир ҳамаи мо дар марҳалаи хеле ҳассосу мураккаби ҷаҳонишавӣ қарор дорем ва башарият нисбат ба ҳар вақти дигар ба арзишҳои волои фарҳангӣ, суннатҳои зиндагисози маънавӣ, ахлоқи ҳамида, дӯстиву рафоқат, ҳамкорӣ ва сулҳу оромӣ ниёзи бештар дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар чунин шароит Наврӯз барои тамоми кишварҳои минтақа ва ҷаҳон чун мунодии сулҳу оромӣ, пиндору гуфтор ва кирдори нек, дӯстиву ҳамкории халқҳо хизмат намуда, ҳамзамон бо ин, ҳамаи моро сӯи рӯзгори орому бехушунат ва талош ба хотири зиндагии осуда роҳнамоӣ мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша алоқаманд будани худро ба истиқрори сулҳу субот дар Афғонистон ва таҷдиду эҳёи бахшҳои мухталифи ҳаёти он иброз медошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо мисли ҳамешагӣ сидқан ҷонибдори боэътимоди сулҳи комилу пойдор ва ваҳдати ҷомеа дар ин кишвари дӯсту бародар ва ҳамзабону ҳамфарҳанг буда, мӯътақидем, ки истиқрору субот дар Осиёи Марказӣ бо вазъи Афғонистон робитаи ногусастанӣ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамёрони байналмилалӣ ва Ҳукумати Афғонистон зимни ҳамоишу конфронсҳои пешин дар мавриди тавсеаи зарфияти неруҳои амниятӣ, ҳамкориҳои минтақавӣ ва такмили ташаббусҳо барои комёб шудан ба сулҳу субот мувофиқа ба даст оварданд. Вале зарурати ҳамоҳангии ҳарчи бештари ин мувофиқаҳо ва ҷалби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои мушаххас дар Афғонистон то кунун боқӣ мондааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин росто Тоҷикистон аз иқдомот ва ташаббусҳои ҳукумати кунунии Афғонистон дар мавриди комёб шудан ба мусолиҳа ва таъмини сулҳу суботи устувор дар кишвар ҷонибдорӣ менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барои ба сулҳу суботи пойдор ноил шудан таҳия ва татбиқи барномаю нақшаҳои фарогире зарур аст, ки ҷиҳати маҳви решаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии терроризм, экстремизм ва дигар намудҳои ҷиноят имконият фароҳам оранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Раванди барқарорсозии сулҳу субот дар Афғонистон дар марҳилаи кунунӣ ба рушди омили инсонӣ ниёзи хосса дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо итминон дорем, ки ташаббусҳои мазкур дар маҷмӯъ, ба равандҳои ҳамгироӣ ва ҳадафи умумии ҳамаи мо – таъмини сулҳу суббот ва рушд дар Афғонистон ва минтақа ҷавобгӯ мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зеро тағйироте, ки тайи чанд муддати охир дар равандҳои барқарорсозии сулҳу субот дар Афғонистон сурат мегирад, аз ҷомеаи ҷаҳонӣ, кишварҳо ва созмонҳои манфиатдор вокуниш ва ташаккули муносибатҳои ба воқеияти нав ҷавобгӯ ва мутаносибро тақозо менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Умедворем, ки натиҷаҳои ин Конфронс дар ҳалли мушкилоти Афғонистон ва минтақа таъмини сулҳу субот ва эҳёи иқтисодию иҷтимоӣ ва дигар ҷанбаҳои ҳаёти ин кишвари дӯст ва бародар нақши муассир хоҳанд дошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз ин эътиқоди мо бештар шудааст, зеро мусаллам аст, ки бо пойдор гардидани мавқеи мақомоти давлатии Афғонистон ва тадриҷан ба неруҳои ҳукуматӣ вогузор шудани масоили таъмини амният имконияти бештаре барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ фароҳам хоҳад омад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамёрони байналмилалӣ ва Ҳукумати Афғонистон зимни ҳамоишу конфронсҳои пешин дар мавриди тавсеаи зарфияти неруҳои амниятӣ, ҳамкориҳои минтақавӣ ва такмили ташаббусҳо барои комёб шудан ба сулҳу субот мувофиқа ба даст овarданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тадриҷан ба зиммаи неруҳои ҳукуматии Афғонистон гузаштани масъулият барои таъмини амнияти кишвар тақозо мекунад, ки онҳо барои мубориза бар зидди терроризм, экстремизм ва ҷинояткории муташаккил ҳамаҷониба омода карда шаванд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фақат роҳандозӣ намудани чунин муносиботи фарогир ва мутаносиб имкон медиҳад, рушди устувор ва суботу амнияти минтақавӣ дар баробари ташаккули вазъи Афғонистон, таъмин гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Рушди ҷамъият, таъмини амнияти ҷомеа ва давлат, ба даст овардани сатҳи баланди иқтисодиёт, истифодаи дастовардҳои техника ва технологияи муосир мустақиман вобаста ба рушди соҳаи маориф, ташкили раванди хушсифати таълиму тарбияи хонандагону донишҷӯён, хуллас, вобаста ба сатҳи саводнокӣ мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тавре ҳамаи шумо дар ёд доред, ҳанӯз дар оғози соҳибистиқлолии Ватанамон бо мақсади ҳифзи амнияту оромии давлат ва ҷомеа, ҳимоя намудани дастовардҳои истиқлолият, пойдор нигоҳ доштани рукнҳои давлатдорӣ ва таъмини зиндагии осоишта бо вуҷуди имкониятҳои ниҳоят маҳдуд мо артиши миллии кишварамонро таъсис додем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз бо гузашти бист соли Истиқлоли давлатӣ мебинем, ки Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон сол ба сол неруманд гардида, бо интизоми намунавии ҳайати шахсии ҷузъу томҳо дар ҳифзи сарҳад, пуштибонии қонун ва ҳуқуқи шаҳрвандон, ҳимояи муқаддасоти миллӣ, таъмини амният ва тартиботи ҷамъиятӣ нақши барҷаста доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо, мардуми Тоҷикистон, ҳамеша ҷонибдори оромишу осоиши ҷаҳон ҳастем ва мехоҳем, ки дар муҳити сулҳу субот зиндагӣ кунем ва бо тамоми кишварҳо робитаи дӯстона ва ҳамкории судманд дошта бошем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар хотима бори дигар ҳамаи шумо–собиқадорони ҷангу меҳнат, афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон ва тамоми халқи азизи кишварро бо Иди Ғалаба самимона табрику таҳният гуфта, бароятон саломатӣ, рӯзгори ободу бобаракат ва ба Тоҷикистони маҳбубамон сулҳу суботи ҷовидонӣ орзу дорам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо итминон метавон зикр намуд, ки ҷавонони мо бо ҳисси баланди худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ифтихор аз давлату давлатдории миллӣ дар оянда низ тамоми неруи худро барои ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, таҳкими давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии Ватани азизамон ва устувор гардонидани мавқеи он дар қатори кишварҳои мутараққӣ сафарбар менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар фароҳам овардани сулҳу суботи ҷомеа ва татбиқи ҳадафҳои стратегии миллиамон саҳми тамоми мардуми Тоҷикистон, аз ҷумла сокинони сарбаланди вилояти Суғд, хеле бузург мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Масъалаҳои ободонии диёр, арҷгузорӣ ба сулҳу суботи ҷомеа, таҳкими ваҳдати миллӣ, кумак ба пиронсолону эҳтиёҷмандон ва ятимону маъюбон, фароҳам овардани фазои солими кору фаъолият барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ, дастгирии ҳамаҷонибаи рушди соҳибкорӣ, таъсиси корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва ҷойҳои нави корӣ, таъмини фаъолияти мураттаби иншооти иҷтимоӣ ва нақлиёти мусофиркаш аз ҷумлаи корҳои ҳаррӯзаи ҳар як роҳбари сохтору мақомоти иҷроия мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Об ҳамчунин омилест, ки муносибатҳои мутақобилаи минтақавиро ташаккул медиҳаду сулҳу амният аз бисёр ҷиҳат вобаста ба он мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин ҷаҳони пур аз тазоду рақобатҳои шадиди глобалӣ тақдири имрӯзуояндаи худро дар даст доштан, истиқлолияти комилу давлатдории миллиро ҳифз кардан ва дар ин замина таъмин намудани амнияти кишвару ҷомеа, пуштибонӣ аз манфиатҳои давлату миллат аз мову шумо иҷрои корҳои боз ҳам бузургро тақозо мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фардо ба имзои санади басо муҳим ва барои халқу давлати мо тақдирсоз – Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон понздаҳ сол пур мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Понздаҳ соли эҳёи миллӣ, понздаҳ соли баҳамоӣ, понздаҳ соли худсозӣ ва худшиносиву худогоҳӣ, понздаҳ соли сулҳу субот ва оромӣ ва муҳимтар аз ҳама, понздаҳ қадами устувор дар роҳи бунёди ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ, ки дар таърихи навини давлатдории мо бо ҳарфҳои заррин сабт мегарданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати ин санади ҳаётан муҳим мо тавонистем, ки ба муноқишаҳои дохилӣ ва муқовимати мусаллаҳона хотима бахшида, марҳалаи нав, яъне гузоштани пойдевори сулҳ, таъмини ваҳдати миллӣ ва дар ин асос ба эътидол овардани фаъолияти соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии кишварамон ва рушди онҳоро оғоз намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо итминони комил изҳор менамоям, ки сулҳу ваҳдат чун омили сарнавиштсоз, пойдевори ҳастии миллат ва арзиши муқаддаси миллӣ ҷовидона боқӣ хоҳад монд ва миллати тамаддунсози тоҷик фарҳанги сулҳҷӯиву сулҳофариро ба наслҳои оянда ҳамчун рамзи сарфарозӣ ба мерос хоҳад гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ин лиҳоз, дар яке аз суханрониҳои худ таъкид карда будам, ки даҳсолаҳо лозим мешавад, то захму ҷароҳатҳои ин фалокат муолиҷа шаванд ва мо ба он мекӯшем, ки дар ҳар хонавода сулҳ ва оромӣ ҳукмфармо бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо чунин андешаҳо рӯзи аввали фаъолияти худ ба ҳайси Сарвари давлат иброз дошта будам, ки ман кори худро аз сулҳ оғоз карда, ба мардуми азияткашидаи кишварам сулҳу оромӣ меорам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Гирди як миз овардани гурӯҳҳои ба ҳам мухолиф, муяссар шудан ба сулҳу субот ва ноил гардидан ба ваҳдати миллӣ кори саҳлу осон набуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вале мо ба шарофати дастгирии халқи тоҷик тавонистем, ки ба орзуи деринаи мардумамон, яъне сулҳу субот дар Ватанамон ноил гардем ва бо азми қавӣ барои эъмори давлате саъю талош намоем, ки дар он эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон дар мадди аввал қарор дошта бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо имрӯз метавонем бо ифтихор изҳор намоем, ки истиқрори сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дастоварди бузургтарин ва воқеан таърихии тоҷикон мебошад, ки маҳз дар натиҷаи ҳамбастагии мардуми кишвар ва азму талоши фарзандони содиқи халқамон муяссар гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Муҳимтар аз ҳама, ба шарофати ҳамин сулҳу субот ва хиради азалии халқамон мо хатари аз байн рафтани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ва пароканда гаштани миллати куҳанбунёдамонро пешгирӣ кардем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар замони ниҳоят пуртазоди соҳибистиқлолиамон нақши созандаи сулҳу ваҳдат, пеш аз ҳама, дар амри таҳким ва такмили рукнҳои давлатдорӣ, ки заминаҳои зарурии ҳифзи истиқлолияти миллӣ, тамомияти арзии кишвар, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро амалан таъмин мекунад, возеҳан зоҳир гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар асоси Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ то имрӯз як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав, аз ҷумла санади ҳамдигарбахшӣ, Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авфи иштироккунандагони муқовимати сиёсӣ ва низомӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авфи

умумӣ», инчунин бо мақсади таъмини иштироки фаъоли шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» ва такроран бо мақсади суръат бахшидан ба раванди сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвар ва бо дарназардошти принсипҳои башардӯстӣ Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авфи умумӣ» қабул гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мақсаду мароми ҳар як давлати муосир ва миллати соҳибтамаддун дар заминаи пойдории сулҳу субот сохтани ҷомеае мебошад, ки дар он эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар мадди аввал буда, амалишавии онҳо кафолат дода мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин санади олии ҳуқуқӣ ҷиҳати аз байн бурдани хатаре, ки ба Истиқлолияти давлатӣ, тамомияти арзии кишвар ва ниҳоят ба ягонагии миллат таҳдид мекард, шароити зарурии ҳуқуқӣ муҳайё намуда, роҳро барои сулҳу субот боз намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вобаста ба ин, мехоҳам як масъаларо махсус таъкид намоям: Тоҷикистон, ки ҷанги пурфоҷиаи шаҳрвандиро аз сар гузаронидааст ва то чӣ андоза сангину харобиовар будани онро ба хубӣ дарк менамояд, ҳамеша ҷонибдори сулҳу оромӣ дар тамоми сайёра ва бо роҳи осоишта ҳал намудани ҳар гуна низоъ ва мухолифат мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо низ бо мақсади хомӯш кардани оташи ҷанги хонумонсӯзи таҳмилӣ ва ноил шудан ба сулҳу субот дар мамлакатамон ҳанӯз аз Иҷлосияи XVI – уми Шӯрои Олӣ сар карда, мулоқоту музокироти зиёде анҷом додем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дигар гуфтушуниди муҳим, ки моро ба марҳалаи муҳими музокирот ворид намуда, барои ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ заминаи воқеӣ гузошт, вохӯрии моҳи декабри соли 1996 дар Хосдеҳи вилояти Толиқони Афғонистон буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мехоҳам хотирнишон созам, ки мулоқоту вохӯриҳо бо мухолифин низ осону ҳамвор набуданд, зеро баъзе доираву неруҳо ба ҳам омадани миллати мо ва ба сулҳу субот расидани кишварамонро намехостанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Баъди имзои Созишнома барои қатъи ҷанги шаҳрвандӣ, таъмини давра ба давраи сулҳу оромӣ, фароҳам овардани муҳити эътимод ба ҳамдигар, аз байн бурдани фазои хушунат ва даргириҳои мусаллаҳона, тарғиби ҳадафҳои сулҳ ва ваҳдати миллӣ, халъи силоҳ ва дар амал татбиқ сохтани муқаррароти санадҳои имзошуда, муҳайё намудани заминаи мусоид барои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар бо тасмими тарафҳои музокироти сулҳи тоҷикон Комиссияи оштии миллӣ таъсис дода шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аъзои Комиссияи оштии миллӣ ва гурӯҳҳои коршиносон дар раванди таъмини сулҳи тоҷикон заҳмати зиёд кашиданд ва аз иҷрои вазифаҳои дар уҳда доштаашон ба хотири иҷрои санадҳои баимзорасида муваффақона баромаданд, ки ба ҳамаи онҳо миннатдорӣ баён мекунам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин лаҳзаҳои идона мехоҳам саҳми ташкилоту созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид ва кишварҳои кафилро дар роҳи расидан ба сулҳу оромӣ хотирнишон созам ва ба онҳо бори дигар изҳори сипос намоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ислом дини ибодату тақво, инсофу адолат, сулҳу амният, ахлоқи ҳамида ва талқингари маънавияти воло буда, ҳама гуна аъмоли зишту носавоб, зулму ситам, озору шиканҷа, хушунату зӯроварӣ ва қатлу ғоратро маҳкум менамояд ва хилофи зуҳуроти глобалии имрӯза, аз қабили терроризм ва экстремизм мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ва ҳар кадоми мову шумо набояд ҳаргиз фаромӯш созем, ки амнияту оромӣ, ризоияти шаҳрвандӣ, ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи саросарӣ бар ивази чӣ қадар талафоту хисороти ҷониву молӣ ба даст омадааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Итминони комил дорам, ки мардуми шарифи Тоҷикистон чун дар ин рӯзи хуҷаста суннатҳои волои инсондӯстиву сулҳпарварии аҷдоди некноми худро ҳамеша дар ёд дошта, барои сулҳу суботи ҷовидона, таҳкими ваҳдати миллӣ, ободиву тараққиёти Ватани азизамон ва оромиву осоиши ҳар як хонаводаи тоҷик саъю талош мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фарҳанги инсондӯстиву инсонпарварӣ ва сулҳхоҳиву сулҳпарварӣ чун суннату фазилатҳои ҳамидаи исломӣ ба густариши ҳамбастагиву ҳамкории мусулмонон ва умуман аҳли башар мусоидат менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар баробари ин, ба ҳар шахси бонангу номус, падару модарон, олимону зиёиён, ходимони дин ва умуман аҳли ҷомеа муроҷиат карда, хотирнишон месозам, ки ба шукронаи соҳибистиқлоливу соҳибватанӣ ҳамаи саъю кӯшиш ва донишу таҷрибаи худро ба хотири ободии сарзамини аҷдодӣ, пешрафти давлати соҳибихтиёри миллӣ, ҳифзи сулҳу субот, таҳкими ваҳдати миллӣ, риояи аслҳои бунёдии давлати демократӣ–волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ, яъне танҳо дар доираи қонун зистану фаъолият кардан равона намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳар як фарди бедордил ва бонангу номуси миллат бояд кӯшиш намояд, ки дар баробари адои қарзи шаҳрвандии худ барои ҳифзи сулҳу осоиши сартосарии кишварамон дар тарбияи насли наврас ва ҷавонон, ба роҳи дуруст ҳидоят кардани онҳо, ки ҳамчунин амали хайру савоб аст, фаъолона саҳм гузорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми шарифи кишварамон хуб огоҳанд, ки имрӯз дар сайёра чӣ рӯйдоду ҳодисаҳо ҷараён доранд. Бовар дорам, ки онҳо минбаъд низ барои таҳкими сулҳу оромӣ, густариши эҳсоси ватандӯстиву ватанпарастӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ, пешрафту ободии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва муҳимтар аз ҳама, ба хотири ҳифзи манфиатҳои давлату миллатамон саъю талош менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамчунин изҳори итминон менамоям, ки мардуми мусулмони мо ҳангоми адои намози ид барои сулҳу суботи кишварамон, ободиву осоиши мулкамон, то абад пойдор мондани ваҳдати миллиамон ва пешрафти давлати соҳибистиқлоламон ба даргоҳи Худои яккаву ягона сидқан дуо мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тибқи анъанаи неке, ки чанд сол инҷониб давом дорад, дар Рӯзи Дониш дар ҳамаи мактабҳои кишвар дарси сулҳ баргузор мегардад, зеро сулҳу амният барои тамоми халқҳои рӯйи замин мафҳуми азиз ва гиромӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуме, ки офати ҷангро паси сар намудааст, ба қадри сулҳу оромӣ бештар мерасад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Наслҳое, ки аз оташи ҷанги хонумонсӯзи дохилӣ гузаштаанд, имрӯз бе ҳеҷ ташвиқу тарғиб худашон ба посдорону нигаҳдорони сулҳ табдил ёфтаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хушбахтона, мо сулҳро ҳамчун воқеияти ҷамъиятӣ ва падидаи ҳуқуқиву сиёсӣ ба даст овардем ва имрӯз бори дигар шукргузорӣ мекунем, ки дар муҳити сулҳу субот зиндагии осуда дорем. Вале акнун замони он расидааст, ки мо мафҳуми сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллиро ҳамчун фарҳанги зиндагии мардум васеъ ва амиқ гардонем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар марҳалаи нави рушди кишвар мо бояд сулҳу ризоияти миллиро ҳамчун як фарҳанги умумимиллӣ ташаккул диҳем, зеро сулҳу ризоият шарти бақо, пешрафт ваояндаи дурахшони мардуми Тоҷикистон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Масъалаи дигари умдае, ки бояд ба он афзалият дода шавад, таваҷҷуҳ ба соҳаи маориф ҳамчун ба яке аз пояҳои муҳими қудрати миллӣ ва яке аз омилҳои суботу амнияти миллӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз суботу амнияти миллатҳо ва давлатҳо низ ба дараҷаи рушди илму маориф ва техникаву технологияҳои онҳо вобаста мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Рӯйдодҳои сиёсӣ ва геополитикии солҳои охир нишон доданд, ки камогоҳӣ, сатҳи номатлуби дониш, аз моҳияти равандҳои сиёсӣ ва ҷангҳои иттилоотӣ бохабар набудани мардум метавонад ба хатари ҷиддие ба суботу амнияти давлатҳо табдил гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин давра поён омадани сатҳи дониш ва одобу ахлоқ, коҳиши амнияти ҷомеа, афзоиши қонуншиканӣ ва дар маҷмӯъ, ғайримуассир будани фаъолияти сохторҳои иҷтимоӣ ба мушоҳида мерасад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Як қисми неруи бузурги ояндасози ҷомеа, ҳимоятгари истиқлол ва амнияти ояндаи кишвар, яъне фарзандони мову шумо бо амри тақдир ва таъсири ҳаводиси мухталифи рӯзгор аз мадди назари мактаб, волидон ва ҷомеаву давлат дур мондаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сарҷамъии миллат, сулҳу ваҳдат ва суботи сиёсиву иҷтимоӣ аз ҷумлаи шоҳсутунҳои кохи муҳташами истиқлол, сарчашмаи бахту иқболи халқи тоҷик ва кафолати рушди муназзаму устувори давлати тоҷикон мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бақои миллат ва иқтидори давлат аз пойдориву устувории сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмиву ваҳдати миллӣ вобаста аст ва дарки ҳамин арзиши ҳаётӣ миллати бостонии моро дар раванди рӯйдодҳои фоҷиабори ибтидои давраи соҳибистиқлолӣ аз парокандагиву пошхӯрӣ эмин нигоҳ дошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз қарорҳои тақдирсози иҷлосияи мазкур барои миллати азияткашидаи мо фазои расидан ба ризоияти миллӣ ва сулҳу суботро фароҳам оварданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Итминони комил дорам, ки ҳар фарди худогоҳ ва бонангу номуси миллат ба қадри соҳибихтиёриву соҳибдавлатӣ, сулҳу субот ва оромии ҷомеа мерасад, истиқлолияту озодии сарзамини аҷдодиро чун гавҳари бебаҳо ва неъмати азизу муқаддас эҳтиёт мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар кулли шаҳрвандони азизи кишвар ва ҳамаи ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори бистуякумин солгарди бузургтарин ҷашни миллӣ–Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон табрик гуфта, ба ҳар як хонадони тоҷик сулҳу оромӣ, рӯзгори осуда, хушбахтиву иқбол ва барори кор орзумандам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо доим таъкид месозем, ки сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ барои мо ҳамчун арзишҳои бисёр азизу муқаддас аҳамияти ниҳоят калон доранд ва ҳифзу таҳкими онҳо вазифаи ватандӯстонаи ҳар як шаҳрванди бонангу номуси Тоҷикистон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Агар дар давоми солҳои 1992–2000-ум аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои тараққиёти вилояти ВМКБ ҳамагӣ 40 миллион сомонӣ ҷудо шуда бошад, ин рақам ба шарофати сулҳу субот ва оромии саросарии кишварамон аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ аз соли 2001-ум то имрӯз 4 миллиарду 646 миллион сомониро ташкил кардааст, ки он асосан ба соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, сохтмони иншоот, роҳҳо ва дастгирии буҷети вилоят равона карда шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар баробари ба даст омадани Ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи кишвар лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ дар ҳамаи самтҳои иқтисодиву иҷтимоии мамлакат амалӣ шуда истодаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маълум аст, ки мардуми Бадахшон, чун тамоми миллати тоҷик, дар ҳамаи давру замонҳо ҷонибдори сулҳу осоиш ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ будаанд ва ин хислати неку пурқиматро имрӯз низ эҳтиром мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар, таъкид менамоям, ки ба мо пеш аз ҳама, сулҳу субот ва тинҷиву амонӣ зарур аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд сулҳу суботро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем, аз ҳодисаҳои фоҷиавии сарзада хулосаҳои зарурӣ барорем ва тамоми тадбирҳоро андешем, то ин ки чунин зуҳуроти номатлуб дигар ҳаргиз такрор наёбанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар чунин шароити ҳассоси авзои байналмилалӣ моро зарур аст, ки доимо ҳушёру зирак бошем, ақлу хирад ва донишу таҷрибаи худро ба хотири тақвияти минбаъдаи давлатамон, ҳифзи марзу буми он, таҳкими ваҳдати миллӣ ва таъмини сулҳу суботи комили ҷомеа сафарбар намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳар кадоми шумо хуб медонед, ки дар тамоми кишварҳои ҷаҳон давлат бо тамоми қувваю восита бар зидди гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ ва ҷинояткории муташаккилона мубориза мебарад, то ин ки амнияти давлат ва оромии ҷомеаро таъмин намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Агар аз як ҷониб, гармшавии иқлими сайёра сабаби ба амал омадани офатҳои табиӣ ва дар ин замина хароб гардидани иқтисоди як қатор кишварҳо шуда бошад, аз ҷониби дигар, зуҳуроти хатарноки муосир, аз қабили терроризму экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва силоҳ, хариду фурӯши одамон ва дигар ҷиноятҳои трансмиллӣ боиси халалдор шудани амнияти минтақаҳо ва давлатҳо гардидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Чунонки ҳамагон медонанд, солҳои охир ба шарофати пойдории сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва азму талоши ватандӯстонаи мардуми шарафманду заҳматпешаамон дар кишварамон раванди корҳои ободониву созандагӣ торафт вусъат пайдо намуда, дар тамоми қаламрави мамлакат садҳо иншооти таъиноти гуногун қомат меафрозанд ва ба симои Тоҷикистони соҳибистиқлоламон ҳусни тоза зам мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ин рӯ, ҳар яки моро зарур аст, ки бо шукргузорӣ аз неъмати бузурги бадастовардаамон – озодиву истиқлол, соҳибдавлативу соҳибихтиёрӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ҷиҳати рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии кишвар, инчунин, барои боз ҳам беҳтару хубтар намудани сатҳу сифати зиндагии халқамон бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ва меҳру садоқат ба Ватани маҳбубамон аз ҳарвақта бештар заҳмат кашем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин забон забони сулҳу дӯстӣ, меҳру муҳаббат ва садоқату бародарист. Гузаштагони мо низ забони хешро маҳз бо ҳамин сифатҳои олии он ситоиш кардаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо дар мавриди он ҳамфикр будем, ки ҳамкории зич дар ин самтҳо ҷавобгӯйи манфиатҳои стратегии ҷонибҳо буда, ба таҳким бахшидани суботу амнияти минтақа мусоидат мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ва бисёр муҳим аст, ки раванди кумак ба истиқрори сулҳу амният дар ин кишвар ва истиқрори иқтисодии он дар рӯзномаи Созмон боқӣ монда, дар робита ба тарки Афғонистон кардани неруҳои Эътилофи байналмилалӣ дар соли 2014 тақвият дода шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин ҷонибдори тадбирҳое мебошад, ки ба хотири мусоидат ба сулҳу амнияти Афғонистон амалӣ карда мешаванд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Лоиҳаи муштараки Созмони мо, Дафтари Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза бо ҷинояткории муташаккил ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва Комиссияи Аврупоӣ ҷиҳати таҳкими амнияти наздисарҳадӣ ва пешгирии интиқоли ғайриқонунии маводи мухаддир аз Афғонистон ба кишварҳои ҳамсарҳад яке аз барномаҳои бузурги минтақавиест, ки бояд ҳамаҷониба пуштибонӣ ёбад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамкории зичу судманди кишварҳои аъзо дар ин арсаи муҳим имкон медиҳад, ки Созмон дар муборизаи умумӣ бар зидди ин хатари глобалӣ саҳми муассир гирифта, ба таҳкими амнияти умумии мо мусоидат намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо умедворем, ки баргузории ин соли байналмилалӣ ба ҳалли самарабахш ва мутақобилан судманди масъалаҳои марбут ба захираҳои об, таҳияву татбиқи барномаҳои муштарак оид ба назорат, ҳифзи оқилонаи захираҳои об дар ҳавзаи дарёҳои сарҳадгузар ва, билохира, ба сулҳ, амният ва субот дар минтақаҳои гуногуни қитъаи Осиё мусоидат хоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар робита бо ин, мо қайд намудем, ки вазъияти ҳозираи Афғонистон давом додани танзими амалии саъю кӯшишҳои давлатҳои минтақа ва тамоми ҷомеаи ҷаҳонро ба манзури истиқрори сулҳ ва таҳкими суботи ин кишвар тақозо мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарназардошти ин, ҷомеаи мо, бахусус насли ҷавону ояндасози миллатро зарур аст, ки дар баробари шукргузорӣ аз фазои сулҳу оштӣ, инчунин зиракии сиёсиро аз даст надода, барои таҳкими боз ҳам бештари Ваҳдати миллӣ ва ҳамдиливу ягонагии комили мардум беш аз пеш кӯшиш намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дини ислом ҳамеша ҳомии сулҳу субот ва осоишу оромиши на танҳо мардуми мусулмон, балки ҷомеаи башарӣ буда, пайваста дӯстиву рафоқат, бародариву баробарӣ, адлу инсоф, раҳму шафқат ва одамияту инсонпарвариро талқин мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Корҳои бузурге, ки анҷом додаем ва минбаъд анҷом хоҳем дод, орзуву ормони садсолаҳои мардуми мо буд ва онҳо танҳо дар шароити истиқлоли комил, сулҳу салоҳ, ваҳдати миллӣ, дӯстӣ ва ягонагии кишвар ҷомаи амал хоҳанд пӯшид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Рӯйдоди муҳиму хотирмоне, ки мо айни замон шоҳиди он гардидем, на танҳо ба сокинони вилояти Суғд, балки барои тамоми соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёти Ватани маҳбубамон падидаи нек буда, аз самараи соҳибистиқлоливу соҳибдавлатӣ, ободкориву созандагӣ, пойдории сулҳу ваҳдати миллӣ ва аз муташаккилии тамоми мардуми меҳанпарасти мо шаҳодат медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарназардошти ин, имрӯз бо ифтихор гуфта метавонем, ки мо мардуми тамаддунсоз ва меҳнатқарину сарбаланди тоҷик ба шарофати соҳибистиқлолии кишвар, пойдории сулҳу субот, ваҳдату ягонагӣ ва бо азму талоши созандаи хеш Ватани маҳбубамонро аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидем ва дар ин асос заминаи мусоидро барои рушди бахшҳои гуногуни иқтисоди миллӣ фароҳам овардем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарназардошти ниёзмандиҳои сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон ва мутобиқи талаботу пешрафти он дар соли 1999 ва дар соли 2003 тағйироту иловаҳо ба Конститутсия ворид карда шуданд, ки барои пойдору устувор гардидани сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, оғози раванди татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат, аз ҷумла таъмини истиқлолияти энергетикиву озуқаворӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани кишвар ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум шароити мусоид фароҳам оварданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Қонуни Асосӣ пойдевори сохтори конститутсионӣ ва муҳимтарин рукнҳои ҷомеаи демократии кишвари азизамонро муайян намуда, барои таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва бунёди давлатдории навин заминаи воқеъю ҳуқуқӣ гузошт ва вазъи муътадили сиёсӣ, амнияти ҷомеа, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро таъмин сохт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Давлату Ҳукумат ва мардуми тоҷик онҳоеро, ки ба хотири ҳифзи амният ва сулҳу суботи ҷомеа ҷони худро нисор кардаанд, ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳанд кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Саҳми арзанда, хизмати шабонарӯзӣ ва шуҷоату қаҳрамонии шумо - кормандону хизматчиёни мақомоти корҳои дохилӣ дар роҳи барқарор намудани сохти конститутсионӣ, устувор гардонидани сулҳу осоиш ва оромии ҷомеа ҳамчун намунаи олии садоқат ба Ватан ва давлату миллат арзёбӣ мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Пешрафти тамоми соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии кишвар ва нуфузи байналмилалии он аз сулҳу суботи ҷомеа вобастагии калон дорад, ки он низ ба сатҳу сифати фаъолияти шумо ва иҷрои содиқонаи вазифаҳои хизматиатон робитаи бевосита дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон аҳамияти байналмилалӣ низ дорад. Санадҳое, ки дар он қабул шуданд, ҳам барои халқи тоҷик ва ҳам барои таъмини амнияти минтақа аҳамияти таърихӣ доштанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин давра ба Ҳукумати мамлакат муяссар гардид, ки шабакаи ягонаи энергетикии кишварро ба вуҷуд орад, ки он на танҳо омили баланд гардидани сатҳи зиндагии мардум, балки яке аз василаҳои таъмини амнияти миллӣ низ маҳсуб меёбад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳизбҳои сиёсӣ бояд манфиатҳои миллӣ, арзишҳои бунёдии давлатдорӣ ва суботу амнияти кишварро аз манфиатҳои маҳдуди ҳизбиву гурӯҳӣ боло гузоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир ба мо имкон намедиҳад, ки ҳатто як лаҳза аз масъалаи ҳифзи давлату давлатдорӣ ва суботу амнияти кишвар ғофил бошем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳифзи давлатдории миллӣ, ҳифзи суботу амнияти он ҳамчун вазифаи меҳварӣ ва асосии мо ҳамеша боқӣ хоҳад монд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо камоли самимият бистумин солгарди ин иҷлосияи таърихиро ба тамоми мардуми сарбаланди Тоҷикистони азизамон, ки дар роҳи ҳифзи давлатдории миллӣ, таҳкими сулҳу субот, ваҳдат ва худшиносиву худогоҳии миллӣ саҳми бузург гузоштаанд, самимона табрик гуфта, барояшон муваффақияту комёбиҳои шоиста орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Тоҷикистон бо дарназардошти ҳадафҳои олии давлати соҳибистиқлоламон дар давраи басо душвори сиёсии ҷомеа бо мақсади таъмини ҳарчи зудтари сулҳу ваҳдати миллии тоҷикон, наҷот додани миллат аз вартаи буҳрони сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, ҳифзи якпорчагии давлати мустақили тоҷикон, муҳайё намудани шароит ва заминаи мусоид барои барқарор намудани иқтисодиёти бар асари ҷанги шаҳрвандӣ харобгашта ва рушди минбаъдаи Тоҷикистон баргузор гардида буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сарфи назар аз шароити вазнини сиёсии баамаломада қувваҳои солими ҷомеа, неруҳои сулҳҷӯй, ашхоси худогоҳу ватандӯст ва некхоҳи ҷомеа зарурати ҳарчи зудтар даъват намудани иҷлосияи навбатиро бо дарки масъулияти баланди шаҳрвандӣ нисбат ба тақдири минбаъдаи насли имрӯзу фардои Тоҷикистон ба хубӣ эҳсос менамуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Тоҷикистон дар шаҳри бостонии Хуҷанд, дар Қасри Арбоб, ки минтақаи нисбатан ороми кишвар буд, доир гардид ва аз ҳамин ҷо иқдомҳои аввалин ҷиҳати барқарории сулҳ ва ҳокимияти конститутсионӣ оғоз ёфтанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Пас аз баргузории иҷлосияи таърихӣ аён гардид, ки роҳбарияти нави давлат омода аст барои таъмини сулҳ, сарҷамъии миллат, ваҳдати миллӣ, ҳифзи тамомияти арзӣ ва ҳимояи дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ тамоми тадбирҳои заруриро андешад ва дар ин кор азму иродаи қавӣ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар баробари ин, хотирнишон месозам, ки ҳарчанд мардуми шарифи Тоҷикистон ташнаи сулҳу ваҳдат буданд, таҳмилгарони ҷанги шаҳрвандӣ аз хориҷ ва дохили кишвар аз нақшаҳои ғаразноки худ даст намекашиданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ғояҳои сулҳу оштии миллӣ ва афву ҳамдигарбахшӣ паёмҳое буданд, ки аввалин бор дар ҳамин иҷлосия садо дода, баъдан ҷавҳари фаъолияти роҳбарияти тозаинтихоби кишварро ташкил намуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мехоҳам зикр намоям, ки ҷиҳати таъмини сулҳу субот ва пойдор гардидани сохти конститутсионӣ зиёда аз 150 ҳазор нафар ҳамватанонамон ҷони худро аз даст доданд, ки ҳеҷ гоҳ аз хотираи халқ фаромӯш нахоҳанд шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ниҳоят, пас аз панҷ соли талошҳои шабонарӯзӣ бо дастгирии мардуми шарифи Тоҷикистон Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид, ки соли равон понздаҳсолагии ин санаи таърихии ояндасозро бо ифтихор ҷашн гирифтем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҳлили роҳи ноҳамвор ва пурпечутоби сулҳи тоҷикон ва эҳёи баъдиҷангии Тоҷикистон суҳбати тӯлониро мехоҳад, вале ман ҳоло мехоҳам ду нуктаро махсус таъкид намоям: аввалан, сулҳи тоҷикон, пеш аз ҳама, натиҷаи талошу заҳмати самимонаи фарзандони баномуси халқи тоҷик, пирӯз шудани хиради азалӣ ва фарҳанги сулҳофарии мардуми шарифи Тоҷикистон мебошад. Самти чорум, рушду такомули фарҳанги сулҳ ва ризоияти миллӣ ба ҳисоб меравад, ки он бояд ҷавҳари фаъолияти ҳамешагии мардуми мо бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хушбахтона, мо сулҳро ҳамчун падидаи ҳуқуқиву сиёсӣ ва воқеияти ҷамъиятӣ ба даст овардем ва имрӯз шукргузорем, ки дар фазои ин неъмати бузург кору зиндагӣ дорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Албатта, иштирокдорони ин раванди мураккаби таърихӣ ва насли калонсоли мо, ки даҳшати ҷанги шаҳрвандиро дидаанд, арзиши сулҳу ваҳдатро хуб дарк мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

*

Акнун замони он фаро расидааст, ки мо арзиши сулҳу оштии миллиро ҳамчун фарҳанги зиндагии мардум ба таври васеъ густариш диҳем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар марҳалаи имрӯзаи рушди кишвар сулҳу ризоияти миллӣ бояд на танҳо ҳамчун мазмуни созишномаи имзошуда миёни ду тарафи мухолиф, балки ба ҳайси як фарҳанг ва андешаи фарогири умумимиллӣ дарк гардида, сулҳу ваҳдат ва ҳамзистии мусолиматомези намояндагони ҳамаи неруҳои сиёсӣ, ҳизбу ҳаракатҳо, ҷаҳонбиниву андешаҳо ва дину мазҳабҳои сокинони Тоҷикистонро дар бар гирад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мову шумо якҷо сангинтарин рӯзҳои бунёди давлатдории миллиамонро пушти сар карда, имрӯз ба сулҳу суботи сартосарӣ расидем, ки ин неъмати бебаҳо ва дастоварди нодири тамоми халқи тоҷик аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз ҳамаи мо ба хотири арҷ гузоштан ба санаи оғози давлатдории навинамон – бистумин солгарди баргузории Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шӯрои Олии Тоҷикистон, ки барои давлату миллати мо нақши сарнавиштсоз дошта, дар пойдории сулҳу субот, мустаҳкам намудани пояҳои ҳуқуқӣ ва сохти конститутсионии мамлакат нақши муҳим бозидааст, ҷамъ омадаем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз ба шарофати хираду заковати азалӣ, дурандешӣ, сабру таҳаммул ва ҷавҳари созандаи миллати тоҷик Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Тоҷикистон баргузор шуд, ки он дар таърихи навини тоҷикон ҳамчун оғози воқеии раванди сулҳ ва эҳёи рукнҳои давлатдории миллӣ маҳсуб мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вакилони мардумӣ ва ҳамаи онҳое, ки дар кори иҷлосияи шонздаҳум фаъолона ширкат варзида буданд, хуб дарк мекарданд, ки зимни фаъолияти мақомоти мавҷудаи ҳокимияти давлатӣ ҳалли масъалаи муҳимтарини он рӯзҳо - таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ ғайриимкон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бар замми ин, тамоми мардуми Тоҷикистон, ки ҷонибдори барқарор намудани сохти конститутсионии мамлакат буданд, оғози кори Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ ва қарорҳои онро бесаброна интизорӣ мекашиданд ва умед доштанд, ки пас аз баргузории он дар кишвар сулҳу субот пойдор мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати рӯҳи матин, нангу номуси ватандорӣ ва ҷонибдории аксари кулли мардуми Тоҷикистон мо тавонистем ба яъсу ноумедӣ хотима бахшида, иродаву иқдомоти сулҳофарии халқамонро ба самти созанда равона созем ва раванди бебозгашти сулҳу оштӣ ва оромиву суботро дар кишвар таъмин намоем, ки ин ҳама хизмати бузургу бебаҳо ва қаҳрамононаи халқи тоҷик дар назди Ватан аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳи тоҷикон ба ҷомеаи башар собит намуд, ки ҳалли низоъҳои дохилӣ ва минтақавӣ, сарфи назар аз ҳамаи мушкилот, ҳамеша имконпазир аст. Танҳо ақли солим, азму иродаи ҷонибҳои мухолиф, ҳадафи волои ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва бартарии манфиатҳои умумидавлатӣ нисбат ба манфиатҳои гурӯҳӣ заруранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Иродаи қавии мардуми кишвар ва мақомоти роҳбарии мамлакат буд, ки пас аз баргузории Иҷлосияи таърихӣ ва зимни амалӣ гаштани қарорҳои он дар сарзамини тоҷикон сулҳу амният, назму суботи ҷомеа, сарҷамъии миллат ва ваҳдати миллӣ таъмин гашта, гурезаҳо аз хориҷи кишвар ба хонаҳои худ баргаштанд, барои барқарор намудани фаъолияти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, пеш аз ҳама, сохторҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини шароити мусоид барои рушди минбаъдаи ҷомеа тамоми чораҳо андешида шуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Масъалаи дигаре, ки дар Иҷлосия мавриди муҳокима қарор дода шуд, истиқрори ҳарчи зудтари сулҳу субот дар Ватани маҳбубамон ва баргардонидани гурезаҳо ба ҷойи зисти доимиашон буд. Баргардонидани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ, таъмини онҳо бо маводи ғизоӣ ва ҷойи кор, барқарор намудани манзилҳои харобгашта яке аз ҳассостарин лаҳзаҳои раванди сулҳи тоҷикон ва аз ҷумлаи накутарин аъмоле мебошад, ки дар таърихи муосири халқи тоҷик бо чунин натиҷаи нек анҷом ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Пас аз баргузории ин Иҷлосияи таърихӣ миллати тоҷик бори дигар имкон пайдо намуд, ки дилпурона ва дар шароити сулҳу ваҳдати миллӣ ба эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ шуруъ намояд. Зеро истифодаи оқилонаи ин имконияти таърихӣ, заҳмати содиқона ва софдилона ба хотири ободии Ватани маҳбуби мо вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди бонангу номуси Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин ҳама навовариҳои конститутсионӣ барои пойдору устувор гардидани сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, оғози раванди татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат шароити мусоид фароҳам оварданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Минбаъд он вазифаҳои таърихие, ки Иҷлосия дар назди мову шумо гузошта буд, боз ҳам бо дастгириву пуштибонии самимонаи мардум амалӣ гардиданд ва худи таърихи муосири давлатдориамон собит сохт, ки роҳи наҷоти миллат, пеш аз ҳама, дар сулҳу ваҳдат ва ягонагии халқ аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин раванд моро водор месозад, ки ҳатто як лаҳза ҳам аз масъалаи таҳкими сулҳу ваҳдат, ҳифзи давлату давлатдорӣ ва суботу амнияти кишвар ғофил набошем ва ин масъалаи муҳими умумимиллиро амиқан дарк намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин рӯзи муборак аз даргоҳи Худованди Мутаъол умед дорам, ки сулҳу амонӣ, рушди устувор, файзу баракат ва пирӯзиҳои тозаро ба давлату миллат ва халқи Тоҷикистон ҳамеша арзонӣ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Итминони комил дорам, ки миллати озоди мо аз баракати сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ бо заҳмати содиқонаву софдилона пояҳои давлату давлатдории мустақиламонро устувор гардонида, барои ояндаи ободу осудаи сарзамини куҳанбунёдамон саъю талоши бештар хоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин бори дигар собит намуд, ки нодиртарин дастоварди мардуми мо дар даврони истиқлолияти давлатӣ маҳз ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот аст, ки заминаи муътамади сарбаландӣ ва ифтихори миллати куҳанбунёдамон дар арсаи байналмилалӣ маҳсуб мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз файзи Истиқлолият ва неъматҳои муқаддаси сулҳу ваҳдат имрӯз Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ ифодакунандаи иқболу истиқлол, иттиҳоду сарҷамъӣ, нангу номус, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ҳувияти миллии мардуми куҳанбунёду фарҳангии мо буда, волотарин мақсаду мароми тоҷиконро дар ҷилои рангҳои худ инъикос намудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Солҳои охир ба шарофати сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ дар кишварамон раванди ободониву созандагӣ дар тамоми гӯшаву канори мамлакат торафт вусъат пайдо карда, дар арафаи ҷашнҳои давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол натиҷаҳои заҳмати созандаи мардуми диёрамон, яъне мавриди баҳрабардорӣ қарор додани иншооту биноҳои навсохти таъиноти гуногун ба ҳукми анъанаи нек даромадааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мирзо Турсунзода чун ходими ҷамъиятиву сиёсӣ, шахси инсондӯст, ҳомии сулҳу оромӣ ва адолати иҷтимоӣ ба унвони олитарини Ватан - "Қаҳрамони Тоҷикистон" мушарраф гардидааст, ки ин бесабаб нест. Зеро ин абармарди намоёни халқи тоҷик аз ҷумлаи адибон ва сиёсатмадороне буд, ки дар замони худ рисолати таърихиашро дар назди миллат ва тақдири ояндаи он дарк намуда, тамоми саъю талош ва донишу малакаи худро барои пешрафти илму маориф ва адабиёту фарҳанги тоҷик ва муҳимтар аз ҳама, барои таҳкими сулҳ ва дӯстиву ҳамкории байни миллатҳо равона сохтааст. Ҳамин аст, ки корномаи ӯ боиси ифтихори тамоми тоҷикон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз ҳар яки шумо - хонандагони азизро зарур аст, ки бо шукргузорӣ аз неъматҳои бузург - сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, озодиву истиқлол ва соҳибдавлативу соҳибихтиёрӣ ҷиддан аз пайи омӯзиши илму дониш ва касбҳои замонавӣ шавед ва дар оянда ҷиҳати рушди кишвари маҳбубамон саҳми босазо гузошта тавонед.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин бори дигар собит намуд, ки нодиртарин дастоварди мардуми мо дар даврони истиқлолияти давлатӣ маҳз ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот аст, ки заминаи муътамади сарбаландӣ ва ифтихори миллати куҳанбунёдамон дар арсаи байналмилалӣ маҳсуб меёбад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тақвият додани раванди кумак ба истиқрори сулҳу амният ва барқарорсозии иқтисодӣ дар ин кишвар дар робита ба хориҷ шудани неруҳои Эътилофи байналмилалӣ дар соли 2014 хеле муҳим мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин ҷонибдори тадбирҳое мебошад, ки ба хотири мусоидат ба сулҳу амнияти Афғонистон амалӣ карда мешаванд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамкории зичу судманди ҳамаи кишварҳо дар ин арсаи муҳим имконияти саҳм гузоштанро дар мубориза умумӣ бар зидди ин хатарҳои глобалӣ фароҳам оварда, ба таҳкими амнияти умумӣ мусоидати муассир менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Масъалаҳои таъмини амният ва тақвияти мубориза алайҳи таҳдидҳои замони муосир, ҳамчунин равандҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ва вазъи Афғонистон аз ҷумлаи он мавзуоте буданд, ки ба онҳо таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз ба шарофати ин рӯйдодҳои муҳими таърихӣ мо тавонистем, ки ҷиҳати дар Ватани азизамон таъмин намудани сулҳу субот ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, мустаҳкам гардонидани аркони давлатдории миллӣ ва рушди тадриҷии иқтисодиву иҷтимоии кишвари соҳибихтиёрамон тамоми

тадбирҳои заруриро андешида, раванди ободкориву созандагии сарзамини аҷдодиамонро сол ба сол густариш бахшем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо вуҷуди ҳамаи ин норасоиву мушкилот, 23 феврали соли 1993 аввалин паради ҳарбии Артиши миллӣ доир шуд ва афсарону сарбозони содиқу ватандӯст - ҷавонмардоне, ки бевосита ба хотири истиқрори сулҳ ва қатъи хунрезӣ сина сипар карда буданд, бо ифтихору эҳсоси баланди миллӣ аз он гузаштанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо талошу ҷонбозиҳои фарзандони бонангу номуси Ватан сохти конститутсионӣ дар Тоҷикистон барқарор гардида, заминаи сулҳу субот, оромии ҷомеа ва ваҳдати миллӣ фароҳам оварда шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Воқеан, Қувваҳои Мусаллаҳи ҷавони мо аз рӯзҳои нахустини таъсисёбӣ вазифадор гардиданд, ки якҷо бо дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба муқобили қувваҳои зидди раванди сулҳи тоҷикон ва сарҷамъии миллат мубориза беамон бурда, бо шуҷоату мардонагӣ давлати ҷавони тоҷиконро аз вартаи нобудӣ ва миллати азизамонро аз хатари парокандагӣ раҳо намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми сипосгузори Тоҷикистон хотираи неки ҷавонмардонеро, ки ба хотири барқарор намудани сохти конститутсионӣ, истиқрори сулҳу субот, ҳимояи марзу буми Ватан, ҳифзи зиндагии орому осуда ва меҳнати осоиштаи сокинони мамлакат ҷони худро қурбон кардаанд, то абад пос медоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тавре ҳамагон медонанд, соли оянда неруҳои байналмилалии посдори сулҳ дар Афғонистон батадриҷ ҳудуди ин кишвари ҳамсояи моро тарк менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бовар дорем, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо такя ба қувваҳои солими кишвараш ба сулҳу субот муваффақ мегардад, вале бо дарназардошти баъзе омилҳо Артиши миллӣ ва Қӯшунҳои сарҳадии мо, инчунин мақомоти амният ва корҳои дохилӣ ба ҳифзи Ватани маҳбубамон аз ҳама гуна хатарҳои беруна омода бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вазифаи муқаддаси ҳар яки мост, ки сулҳи пойдор, тамомияти арзии Тоҷикистони азиз ва ваҳдати миллии халқи шарафмандамонро чун гавҳараки чашм эҳтиёт намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бояд ёдовар шуд, ки Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олӣ барои барқарорсозии сохти конститутсионии кишвар ва эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявии Тоҷикистон оғози устувор бахшид ва заминаи нахустини ҳамдигарфаҳмиву ризоияти миллӣ ва сулҳи тоҷиконро фароҳам овард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз ба шарофати ин рӯйдодҳои муҳими таърихӣ мо тавонистем, ки аркони давлатдорӣ ва шохаҳои фалаҷшудаи ҳокимиятро дар мамлакат барқарор гардонида, пояҳои Истиқлоли давлатии Тоҷикистонро қавӣ намоем. Муҳимтар аз ҳама ин аст, ки дар Ватани азизамон ваҳдати миллӣ, сулҳи пойдору суботи сиёсиву иҷтимоӣ ва фазои озоди бунёдкориву созандагӣ фароҳам оварда шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Агар гуфтаҳои ба соҳаи иҷтимоиёт марбутро хулоса кунем, бори дигар собит мегардад, ки рисолати давлату Ҳукумати кишвар таъмини рушди устувори иқтисодиёт ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум, тарбияи насли аз лиҳози ҷисмониву маънавӣ солим, ҳифзи сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Лекин бо вуҷуди он, ки каме баъд ба иллати оғоз ёфтани ихтилофоти дохилӣ, шиддат ёфтани он ва ниҳоят, забона задану доман паҳн кардани оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ раванди шаклгирӣ ва татбиқи сиёсати хориҷии мо бо мушкилоти зиёди мухталиф рӯ ба рӯ шуд, истиқлоли миллии деринтизори мо имкон фароҳам сохт, ки мо дар ин дунёи пурталотум роҳи

хосаи кишвар ва мартабаву манзалати лоиқи худро пайдо кунем, сарзамини куҳанбунёди хешро ба шаклу тариқаҳои муосир ба оламиён муаррифӣ намоем, ба сулҳу салоҳ ва ваҳдати миллӣ ноил гашта, онро таҳким бахшем ва дар ин заминаи мустаҳкам ба шоҳроҳи рушду тараққӣ ва бунёдкориву созандагӣ бароем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳам дар ин ҷода ва ҳам дар масоили амниятиву сиёсӣ мо ҳамкориҳои худро бо аъзои он ва қабл аз ҳама, Ҷумҳурии Мардумии Чин рушду густариши тоза хоҳем бахшид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Иҷлосияи таърихии 16-ум сохти конститутсиониро дар кишвари тозаистиқлоли мо барқарор сохта, барои ташкил ва фаъолияти пурсамари тамоми сохторҳои давлатӣ асоси қонунӣ гузошт ва Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ мардуми бо амри таърих парешонгаштаи моро ба ҳам оварда, ваҳдати саросарии халқи Тоҷикистонро таъмин намуд ва барои тараққиёти минбаъдаи иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии давлати соҳибистиқлоламон заминаи боэътимод фароҳам овард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар кишвар зидди ин зуҳуроти номатлуб аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муборизаи беамон бурда мешавад. Ҳарчанд ки дар ин самт натиҷаҳои мусбат ба даст омадаанд, вале то ба ҳол моро қонеъ намегардонанд ва ин фаъолият ба мусоидат ва ҳамкории тамоми табақаҳои ҷомеа ниёз дорад, зеро маводи мухаддир ба генофонди миллат зарба зада, ахлоқи ҷомеа, махсусан ҷавононро коҳиш медиҳад ва гузашта аз ин, чунонки борҳо гуфтаем, яке аз сарчашмаҳои маблағгузории терроризм ва эҷоди хатар ба амнияти давлату ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз хиради азалӣ ва фарҳанги сулҳофари миллати шарафманди тоҷик буд, ки баъди ҳазор сол мо имкон пайдо намудем, то ба ҷомеаи башарӣ бо асолату ҳувияти миллии худ ворид гардем ва дар он мақоми шоиставу сазовори худро соҳиб шуда, манфиатҳои миллиамонро ҳимоя намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Равобити наздики низомиву сиёсӣ ва амниятӣ, фазои тақрибан ягонаи гуманитарӣ, ҳамкории васеъ ва ба ҳам вобастаи иқтисодӣ имрӯз низ омилҳои асосии зиндагии умумии мо мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Чун сухан дар бораи минтақаи ҳамҷавор рафт, мо наметавонем масоили марбут ба Афғонистони ҳамсояро баррасӣ накунем, зеро ҳамеша таъкид бар он дорем, ки амнияти Осиёи Марказиро бидуни таъмини амният дар Афғонистон тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳарчанд кишварҳои эътилоф эълом кардаанд, ки ин ҳамкориҳои онҳо ҷиҳати тақвияти амният дар Афғонистон давом меёбанд, мусаллам аст, ки баъди он таърих мо бо воқеияти наве мувоҷеҳ хоҳем шуд. Аз ин рӯ, ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи сиёсиву иқтисодии мо, аз ҷумла ҳамкории амниятии мо, чи бо созмонҳои марбута, ки узвашон ҳастем ва чи бо худи Афғонистони бародар, тақвият ва таҳким хоҳанд ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сиёсати хориҷии созанда ва ба ҳамкории густурдаву васеъ равонагардидаи мо дар маҷмӯъ бояд вазифаи анъанавии худ - мусоидати ҳамаҷониба ба рушди устувори кишвар, таъмини амнияту оромии мамлакат ва сатҳи шоистаи зиндагии мардуми онро ба тариқаи беҳтарин иҷро намуда, фардои ободи Тоҷикистонро таъмин намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

## Соли 2013

Дар ин лаҳзаҳо бо камоли ифтихор ҳамаи шумо - собиқадорон, хизматчиёни ҳарбӣ ва тамоми кормандони ин рукни муҳими давлатдориро, ки дар роҳи эъмори ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ, ҳифзи марзу буми Ватан ва таъмини амнияти давлату ҷомеа саҳми бузург доред, ба муносибати ҷашни бистумин солгарди таъсисёбии Артиши миллии Тоҷикистони озоду соҳибихтиёр табрик гуфта, ба шумо тани сиҳат, хонаи обод ва дар фаъолияти душвору пуршарафатон барору комёбӣ орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳукумати кишвар аз рӯзҳои аввал хуб дарк мекард, ки давлат бидуни Қувваҳои Мусаллаҳ ва неруи таъминкунандаи амнияту суботи мамлакат вуҷуд дошта наметавонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамин эҳсоси ирсии аҷдодист, ки низомиёни моро дар роҳи садоқат ба Ватан ва таъмини амнияти кишвар қудрату тавоноӣ мебахшад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман борҳо хотиррасон кардаам ва имрӯз низ таъкид месозам, ки таъмин намудани амнияти миллату давлат, ҳифзи ҳаёти осоиштаи мардум ва пешрафти тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба устувории вазъи сиёсӣ, тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини волоияти қонун, пешгириву мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва ҳифзи марзу буми кишвар вобастагии мустақим дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фаромӯш набояд кард, ки бе дониши муосири ҳарбӣ, интизоми қавӣ ва ҳисси баланди милливу ватандӯстии ҳайати шахсӣ дар ҳифзи сулҳу оромӣ ва таъмини амнияти давлат ва ҷомеаи кишвар ба пешрафтҳои назаррас муваффақ шудан бисёр душвор аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар он айёми мушкил мо инчунин фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла сохторҳои милитсия ва амниятро барқарор карда, сипас Гвардияи миллӣ, Қӯшунҳои сарҳадӣ, сохторҳои мубориза бо маводи мухаддир ва дигар сохтору мақомотро таъсис додем, ки барои таъмин намудани суботи сиёсӣ ва амнияти давлат ва ҷомеа саҳми бузург гузоштанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Онҳо дар роҳи пурпечутоби ба эътидол овардани вазъият дар мамлакат, ҳифзи сулҳу субот, фурӯ нишондани ошӯбҳои ғаразноку исёнгарона ва зарбаи қатъӣ задан ба зархаридони қувваҳои хориҷӣ, нобуд ва безарар гардонидани гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ ва дастаҳои мусаллаҳи ҷинояткори трансмиллӣ хизматҳои шоиставу таърихиро анҷом додаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Занону модарони мо, инчунин, метавонанд дар таҳкими ваҳдати миллӣ, ҳифзи сулҳу суботи сиёсӣ ва пешбурди сиёсати пешгирифтаи давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон нақши бузург бозанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар соҳаи амниятӣ кишварҳои мо ҷиҳати идомаи ҳамёрӣ дар мубориза бар зидди терроризм, қочоқи маводи мухаддир ва дигар намудҳои ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ дар чаҳорчӯби сохторҳои ҳамкории бисёрҷониба ҳамраъйӣ нишон доданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Чунин бардошт дар доираи равандҳои ҳаёти ягонаи байналмилалӣ фароҳам сохтани имкониятҳои баробар, низоми амниятии фарогир ва мақоми сазовори ҳамаи кишварҳо ва халқҳоро, сарфи назар аз вусъат, нақш ва мартабаи онҳо дар тақсимоти геополитикии неруҳо, таъмин менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Иштироки густурдаи давлати мо дар фаъолияти созмонҳои байналмилалии ҷаҳониву минтақавӣ аз зарурате сар задааст, ки кишварамон дар таҳкими амнияту суботи байналмилалӣ аз рӯи имкон саҳм гузошта, ҳимояи манфиатҳои хешро ба таври афзал таъмин намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ҷонибдории худро нисбат ба ташкили низоми нави ҷаҳонӣ изҳор менамоем ва ба сохторҳои байналмилалии сиёсиву амниятӣ дар миқёси умумиҷаҳониву минтақавӣ – Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони Амнияту Ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, Созмони Ҳамкории Исломӣ такя мекардем ва минбаъд низ такя хоҳем кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Роҳбарияти сиёсии Тоҷикистон чунин мешуморад, ки бо аз байн рафтани низоми ҷаҳонии дуқутбӣ истиқрори тавозуни неруҳо набояд бо роҳи гурӯҳбандиҳои нави ҳарбиву сиёсӣ, балки ба воситаи тавофуқоту созишҳое, ки амнияту суботро таъмин мекунанд, инчунин таҳия ва истифода намудани василаҳои муассири дипломатияи пешгирикунанда сурат гирад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мутаассифона, бо поён ёфтани давраи «ҷанги сард» доираи низоъҳои минтақавӣ хеле васеъ гардида, мусаллаҳшавӣ ва терроризми байналмилалӣ, ифротгароии сиёсӣ, бунёдгароӣ, ҷудоихоҳӣ, қочоқи маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, паҳншавии силоҳи қатли ом ва унсурҳои таркибии он тавсеа пайдо карда истодааст, ки ҳама дар маҷмӯъ ба амнияти миллӣ, минтақавӣ ва умумиҷаҳонӣ таҳдид мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вазифаи муҳимтарини сиёсати хориҷӣ эҷоди камарбанди эътимоду амният дар тамоми тӯли сарҳади кишвар аз тариқи рушд ва таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ бо ҳамаи мамлакатҳои ҳамҷавор мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Роҳбарияти давлати Тоҷикистон ҳамкории густурдаи минтақавиро воситаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ медонад ва ин бардоштро дар амалияи сиёсии худ дар тӯли бист соли охир борҳо намоиш додааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Агар ҷанубтар нигарем, ҳарчи зудтар барқарор гардидани сулҳи пойдор дар Афғонистони ҳамҷавор, оромӣ, амният ва суботи сиёсӣ дар он ҷавобгӯи манфиатҳои миллии Тоҷикистон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вусъат бахшидани ҳамкориҳо дар ҳама бахшҳо ҷавобгӯйи манфиатҳои на танҳо Тоҷикистону Чин, балки ба нафъи суботу амнияти минтақа аст ва мо ин равандро чун самти стратегии ҳамкориҳо ҳадафмандона тақвият хоҳем бахшид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар айни замон амнияти Осиёи Марказиро бидуни таъмини амният дар Афғонистон тасаввур кардан ғайриимкон аст. Равобити гуногунҷанбаи мо бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар ин самт минбаъд низ омили муҳим хоҳад буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Густариши ҳамкориҳои судманди Тоҷикистону Туркия аз оғози истиқлолият собиқаи хубу ғанӣ дошта, ба таъмини амнияти минтақавӣ ва

таҳкими мавқеи кишвари мо дар низоми ҳамгироии минтақавӣ кумаки назаррас мерасонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар вазъи ниҳоят мураккаби солҳои охир ҳамкории мо дар бахши амният аҳамияти ҳаётан муҳим касб кард ва дар ин ҷода фаъолияти мо дар чаҳорчӯбаи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ барои мубориза бар зидди хатарҳои глобалӣ ва таъмини амнияти мардуми кишвар муҳим аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ин рӯ, мо узвияти худро дар ин созмон бо ширкати фаъол дар ҳамаи чорабиниҳои он тақвият бахшида, барои таъмини амнияти воқеан дастаҷамъӣ саъй хоҳем кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон аз моҳи феврали соли 2002 иштирокчии Барномаи Созмони Шартномаи Атлантикаи Шимолӣ "Ҳамкорӣ барои сулҳ" буда, муносибатҳои фаъолро дар доираи он ба манфиати нигаҳдории амнияту субот дар оянда низ зарур мешуморад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Кишвари мо муҳимтарин нақши созандаи Россияро ҳангоми ҳаллу фасли низои дохилӣ дар Тоҷикистон ва истиқрори сулҳу субот дар ин сарзамин аз ёд набурдааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Орзумандам, ки Наврӯзи хуҷастапай ҳамчун ҷашни ҷаҳонӣ ба таҳкими сулҳу субот ва бахту саодати халқҳо дар саросари сайёраи Замин мусоидат намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳалли ин масоил замонати некӯаҳволии на танҳо минтақаи бузурги мост, балки яке аз омилҳои амнияти байналмилалӣ низ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи ин амалҳо дар маҷмӯъ, асоси боэътимоди расидан ба амнияти вобаста ба об буда, ҳамкории байнидавлатиро, ки омили муҳими нигоҳ доштани сулҳу субот дар минтақа ба шумор меравад, тақвият мебахшад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз ҳамкориҳои мо дар сатҳҳои гуногун бо ҳама мамлакатҳои пешрафта, инчунин, кишварҳои дар ҳоли рушд муваффақона идома доранд ва Тоҷикистон омода аст ҷиҳати пешбурди ҳамкориҳои натиҷабахши иқтисодӣ, ки тавонанд амнияту суботро дар минтақа ва ҷаҳон таъмин кунанд, минбаъд низ саъю талоши бештар намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамчунин, тавре ман борҳо изҳор намудаам, Тоҷикистон ҳамкории густурдаи минтақавиро воситаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмини амнияту субот дар қораи Осиё медонад ва ин мавқеъро дар тӯли фаъолияти беш аз бистсолаи худ борҳо намоиш додааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Масалан, бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ моҳи марти соли 2012 Конфронси байналмилалии RECCA 5–ро бахшида ба мушкилот ва барқарорсозии сулҳу субот дар яке аз кишварҳои минтақа–Ҷумҳурии Исломии Афғонистон доир намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дастовардҳои варзишӣ ва сайёҳии кишвар тайи солҳои охир собит намуданд, ки ҷавонони мо фарҳанги сулҳу дӯстӣ, табиати биҳиштосо ва иқтидору имкониятҳои кишвари худро барои ҷаҳониён ба таври шоиставу арзанда муаррифӣ карда метавонанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор, ҷавонон парчами Ваҳдати миллӣ, сулҳу амнияти пойдор ва азму иродаи созандагиву бунёдкориҳоро баланд афрохта, доимо дар сафи пеши созандагони Ватан қадам гузоранд!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо ҳамин ниятҳои нек бори дигар ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи Ҷавонон табрик гуфта, ба тамоми ҷавонони бонангу номуси кишвар ва кулли мардуми шарифи Тоҷикистони азизамон сулҳу оромӣ, файзу баракати рӯзгор, бахту иқбол ва азму иродаи устувору қавӣ орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷавонон муҳофизони боэътимоди Ватан, амнияти давлату ҷомеа, сарчашмаи ташаббусҳо ва захираи тиллоии миллату давлат ҳастанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигзор, ҷавонони мо бо Ватан, миллат, забон ва ниёгони сарбаланди хеш ифтихор намоянд ва ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, тамомияти арзӣ ва амнияту осудагии Тоҷикистони азиз мақсаду мароми зиндагии онҳо бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҳкими минбаъдаи ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҳамсоягии нек ва иттифоқчигии Тоҷикистону Қирғизистон ба манфиатҳои миллии ду давлат ҷавобгӯ буда, ба амнияти минтақавӣ ва субот дар Осиёи Марказӣ мусоидат менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба хотири таъмини амнияти мутақобила, ҳамкории муассир дар мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, ҷинояткории муташаккил, қочоқ, истеҳсол ва хариду фурӯши маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва дигар хатару таҳдидҳо ба амнияти миллӣ Тарафҳо азм доранд, ҳамкориро дар соҳаҳои сиёсати хориҷӣ, ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникӣ, таъмини амният ба хотири ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии ду давлат таҳким таъмиқ бахшанд, такмили асоси қарордодиву ҳуқуқӣ ва таҳияи роҳу василаҳои самарадеҳи ҳамкориро дар ин самтҳо идома диҳанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Танҳо ҷавонони солиму бардам, тавонову қавӣ ва далеру шуҷоъ меҳру муҳаббати Ватанро қадр карда, бо рӯҳияи баланди худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстиву ватанпарварӣ амнияту оромӣ ва суботи кишварро таъмин карда метавонанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо истифода аз фурсати муносиб ҳамаи шумо, ҳозирини муҳтарам ва кулли мардуми заҳматкашу сарбаланди вилояти Суғдро ба ифтихори шонздаҳумин солгарди сулҳи тоҷикон ва тантанаи ваҳдати миллӣ, ки баъди чанд рӯз фаро мерасад, табрик гуфта, ба хонадони ҳамаатон иқболи баланд ва зиндагии орому осуда орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз хиради азалии сулҳпарварона, сиришти ваҳдатгароёна, азму иродаи созанда ва дастгириву пуштибонии самимонаи халқи азизи Тоҷикистон буд, ки таъмини воқеии истиқлолияти давлатии кишвар ва масъалаҳои рушди мустақилонаи он бо дарназардошти талаботи замони нав марҳала ба марҳала ҳаллу фасл карда шуданд ва мо имрӯз дар шароити сулҳу суботи комил ба заҳмати созандаву бунёдгарона машғул ҳастем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамчунин, мехоҳам таъкид намоям, ки маҳз аз баракати сулҳу субот мо имкон пайдо кардем, ки раванди рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоии мамлакатро оғоз карда, дар ҳамин асос баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишварро ҳадафи аввалиндараҷаи худ қарор диҳем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ёдовар мешавам, ки мову шумо зимни гузоштани бунёди пойдевори давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон фаъолиятро маҳз дар ҳамин мавзеъ аз сулҳ оғоз намудем ва бо пуштибониву заҳмати созандаи халқи ободгарамон, аз ҷумла сокинони вилояти Суғд ба ин рӯзҳои осуда расидем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мову шумо вазифадорем, ки минбаъд низ фарҳанги волои сулҳофарӣ ва иқдомҳои неки созандаву бунёдкориамонро боз ҳам тақвият бахшем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бовар дорам, ки насли имрӯзаи сулҳхоҳу ободкори Ватани муқаддасамон рисолати таърихии ба дӯш гирифтаашонро хуб эҳсос менамоянд ва пайроҳаи тайнамудаи Спитамену Темурмалик, Деваштичу Муқаннаъ, Рӯдакиву Камоли Хуҷандӣ, Бобоҷон Ғафуров ва садҳо абармардони бошарафи ин гӯшаи диёрамонро идома медиҳанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шонздаҳ сол қабл, яъне 27-уми июни соли 1997 баъди музокироти бисёр тӯлонӣ ба хотири ҳифзи якпорчагии марзу буми кишвар таъмини сулҳу субот, сарҷамъии миллат ва зиндагии ороми сокинони мамлакат Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид, ки ин санади муҳим дар таърихи навини халқамон аз ҷумлаи асноди сарнавиштсоз ба ҳисоб меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима бахшида, барои оғози рушди давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ҳаёти орому осудаи мардуми он шароити мусоид фароҳам овард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Масъалаи наҷоти миллати тоҷик моро маҷбур кард, ки аз байни оташи ҷанги шаҳрвандӣ, фоҷиаву харобиҳои гӯшношуниди он гузашта, бо кадом мушкилоте, ки набошад, имзои Созишномаи сулҳро қадам ба қадам наздиктар созем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Пас аз бисту як вохӯриву музокироти тарафҳо, ки ба хотири рафъи хатарҳои таҳмилӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ қариб чор сол идома ёфт низоъи миллӣ бартараф гардида, ниҳоят санади тақдирсоз ва ҳаётбахши сулҳ, яъне ҳуҷҷати наҷоти миллӣ ба имзо расид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Моҳияти таърихии санади мазкур, пеш аз ҳама, дар он аст, ки ҷавҳари асосии ин бозёфти миллиро майлу хоҳиш ва иродаву ормони мардуми сулҳхоҳамон ташкил медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ибораи дигар, омили асосии расидан ба сулҳ аз замири халқи озодидӯсту фарҳангии тоҷик бархоста, бо тафаккури созанда ва иродаи шикастнопазири мардуми мо робитаи мустақим дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳаводиси фоҷиабору харобиовари охири асри гузашта моро ҳамеша ҳушдор медиҳанд, ки барои эмин нигоҳ доштани сулҳу субот дар ҷомеа, таҳкими ваҳдати миллӣ ва таъмини ҳаёти осоиштаи халқамон ҳамеша ҳушёру омода бошем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо, тоҷикон таърихан миллати фарҳангӣ ва халқи сулҳпарвару сулҳовар ҳастем. Имрӯзҳо таҷрибаи сулҳи тоҷикон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди омӯзишу дастгирӣ қарор гирифта, чун падидаи нодири фарҳанги сулҳофарӣ пазируфта шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамин аст, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ ташаббусҳои Тоҷикистонро доир ба ҳалли масоили муҳими минтақа ва ҷаҳон истиқбол менамояд. Ин ҳам аз нуфузу аҳамият ва мақому мартабаи Созишномаи сулҳи тоҷикон шаҳодат медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Роҳи пурифтихоре, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол дар зарфи шонздаҳ соли баъди имзои Созишномаи сулҳ паймудааст, ба садсолаҳо баробар буда, моҳияти ин сабақи таърихӣ бояд ба наслҳои имрӯзаву оянда ҳамчун раҳнамои зиндагӣ омӯзонида шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мову шумо ҳеҷ гоҳ набояд фаромӯш созем, ки кори худро аз рӯзҳои аввали давлатдориамон аз сулҳ оғоз намудем ва ин сиёсатро ба хотири оромиву осоиши кишварамон ва хушбахтиву сарбаландии халқи азизамон минбаъд низ идома медиҳем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигзор, хуршеди сулҳу ваҳдат ва муҳаббату бародарӣ бар фарози Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол то абад тобанда бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор, иттиҳоди халалнопазири халқи куҳанбунёд ва сулҳпарвару тамаддунсози тоҷик пояндаву ҷовидон бод!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аҳзоби сиёсии кишвар, созмонҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори оммаро зарур аст, ки ҳангоми арзёбӣ ва инъикоси масъалаҳои сиёсиву иҷтимоии ҷомеа ба хотири ҳимояи манфиатҳои миллӣ, ҳифзи амният ва суботи сиёсиву оромии ҷомеа ва таҳкими ваҳдати миллии тоҷикон хеле эҳтиёткору бомулоҳиза бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таърихномаи начандон тӯлонии миллати тоҷик шоҳиди он аст, ки шонздаҳ сол муқаддам фарзандони баору номуси миллат ба хотири нигоҳдории соҳибистиқлолӣ, ҳимояи давлати ҷавони миллӣ аз парокандашавӣ эмин доштани миллати тоҷик, инчунин таъмини ҳаёти осоиштаи мардуми кишвар кинаҳоро аз дил дур карда, сари мизи мусолиҳа нишастанд ва санади муҳиму тақдирсоз, яъне Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро ба имзо расониданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Баъди имзои ин ҳуҷҷат ва тантанаи Ваҳдати миллӣ ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима ёфта, сулҳу салоҳ дар саросари кишвари азизамон ҳукмфармо гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз ба шарофати сулҳу ваҳдати комил ба бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявӣ заминаи устувор гузошта шуда, кишвари азизи мо дар муддати начандон тӯлонӣ дар бахшҳои гуногун ба дастовардҳои назаррас ноил гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо орзуи онро дорем, ки аҳду паймони оиладоршавиатон ба монанди сулҳу ваҳдати миллӣ ҳамеша устувору пойдор боқӣ монад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шумо, оилаҳои ҷавон ҷавобан ба ғамхориву дастгириҳое, ки нисбат ба шумо зоҳир мегардад, бояд барои оромиву ободӣ ва сулҳу пешрафти Ватани азизамон бо дасту дилу нияти нек заҳмат кашед ва ҷиҳати таҳкими суботи ҷомеа тамоми неруву тавоноии худро сафарбар намуда, дар ҳама ҳолат манфиати давлати соҳибистиқлоли худро ҳифз намоед.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу субот танҳо бо роҳи ваҳдати умум, якдиливу муттаҳидии ҳамаи афроди ҷомеа пойдору устувор гардида, нақшаву ҳадафҳои миллиамон марҳала ба марҳала роҳи ҳалли худро пайдо менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар зиндагӣ арзишҳои ваҳдати миллии тоҷиконро фаромӯш насозед. Зеро ваҳдат рукнҳои соҳибдавлатӣ, сулҳи абадӣ, эъҷози орзуву умеди халқ маҳсуб гардида, дар тӯли солҳои кӯдакӣ ва наврасии шумо ҳарчи бештар тавсеаву таҳким ёфта, имрӯз то ба мартабаи санаи тақдирсози миллат расидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Яке аз дастовардҳои бузурги сиёсии таърихи навини давлатдории тоҷикон имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ва дар заминаи он таъмин гардидани ваҳдати миллӣ дар кишвар мебошад, ки мо имрӯз ба ифтихори шонздаҳумин солгарди ин санаи бузург ҷамъ омадаем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо истифода аз фурсат тамоми мардуми соҳибтамаддуну сулҳпарвари кишвар, ҳамватанони бурунмарзӣ ва сокинони пойтахти зебоямон – шаҳри Душанберо ба ифтихори 16–умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ табрик гуфта, ба хонадони ҳар яки шумо зиндагии осоишта, амнияту осудагӣ ва файзу баракат орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми сулҳхоҳу сулҳпарвари мо он рӯзҳои мудҳиш хуб дарку эҳсос карданд, ки ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа муҳимтарин шарти таҳкими иқтидори давлат мебошад ва ин омили созанда аз ҳамбастагии афроди ҷомеа ва ҳамоҳангии андешаҳо сарчашма мегирад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз, ки дар ҷомеаи мо фазои сулҳу ваҳдат ҳукмрон аст, мехоҳам якчанд омили ваҳдатсоз ва таъминкунандаи сулҳи тоҷикон, аз қабили таҳаммулгароӣ, шукргузорӣ, сабру тамкин ва бахшидани якдигарро ҳамчун нишонаи хиради азалии халқамон ва хислатҳои хоси фарҳанги сулҳофарии тоҷикон барои насли ояндасози кишвар хотирнишон созам, то ин ки мояи ифтихор ва раҳнамои ҳаёти онҳо барои расидан ба қадри неъмати худододи оромиву осоиш бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бояд зикр намоям, ки барои ноил гардидан ба ваҳдати миллӣ ва сулҳи сартосарӣ аввалин иқдом дар иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуда буд, ки мо соли гузашта бистумин солгарди баргузории онро ботантана таҷлил намудем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Арзишҳои волои сулҳ, оштии миллӣ ва авфу ҳамдигарбахшии ҳамагонӣ аз ғояҳои муҳимтарине буданд, ки дар иҷлосияи шонздаҳум баланд садо доданд ва сипас меҳвари асосии барнома ва фаъолияти мо қарор гирифтанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки мо Созишномаи сулҳро ба осонӣ ба даст наовардаем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сабақҳои ҷанги шаҳрвандӣ чун зангӯлаи таърих моро ба ҳушёрӣ даъват менамоянд ва моро водор месозанд, ки ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботро дар саросари кишвар ҳамеша ҳифз ва чун гавҳари қиматбаҳо эҳтиёт намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Боиси ифтихор аст, ки миллати тоҷик таърихан ва табиатан сулҳдӯст, инсонпарвар, фарҳангофар ва созандаву бунёдкор мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ва ҳамин фазилатҳои оливу азалӣ мардуми моро ба ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамдигарбахшӣ ва сулҳу оштии миллӣ ҳидоят намуд. Аз баракати пойдории сулҳ мо пояҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоии худро пайваста таҳким мебахшем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Роҳи пурифтихоре, ки Тоҷикистон дар шонздаҳ соли пас аз имзои Созишномаи сулҳ паймудааст, бо садсолаҳо баробар мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бинобар ин, мо фарҳанги сулҳу суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро қадр ва ҳифз менамоем. Зеро сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ барои ҷомеаи мо дастоварди бузурги таърихӣ ва пеш аз ҳама, заминаи асосии таҳаввулоти демократӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман ҳамеша бо халқи сарбаланду бунёдкор, некандешу соҳибтадбир ва сулҳпарвари худ ифтихор менамоям ва бо тамоми ҳастӣ итминон дорам, ки бо дастгириву пуштибонии чунин халқи матинирода мо минбаъд низ бо

қадамҳои устувор пеш хоҳем рафт ва нақшаҳои бузурги созандагиву бунёдкориҳои имрӯзу фардоямонро ба ҳаёт татбиқ менамоем ва тамоми мушкилоти ҳаётамонро бартараф сохта, барои ҳар як сокини мамлакат рӯзгори аз имрӯза беҳтару хубтарро таъмин мекунем ва Тоҷикистони азизи худро ба сатҳи кишварҳои пешрафтаи олам мерасонем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор, ваҳдати миллӣ ва сулҳу амният дар Ватани маҳбуби мо ҳамеша пойдор бошад ва аз хонадони ҳар кадоми шумо файзу баракат кам нагардад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор, кохи бузурги сулҳу ваҳдати тоҷикон мисли ободкориҳои дар масири таърих бунёднамудаи аҷдоди некномамон асрҳои аср бегазанду пойдор бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фарҳанги исломии мо ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ бисёр ҷиҳатҳои арзишманд ва зиндагисоз дорад, ки истифодаи дурусту оқилонаи онҳо метавонад барои эъмори ҷомеаи адолатпарвар ва ҳифзу таҳкими сулҳу амнияти умумӣ ва суботи сиёсии мамлакат хизмат намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ ва дунявӣ минбаъд низ ба пайравони адёни дигар дар доираи талаботи қонун арҷгузорӣ намуда, ҳамзамон таъкид месозад, ки онҳо низ ҳамчун шаҳрвандони комилҳуқуқи кишвар дар баробари озодиҳои эътиқодӣ масъулияти ватандорӣ, риояи қонуният, ҳифзи сулҳу субот, амнияти кишвар ва ваҳдати миллиро ба дӯш доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бешубҳа, шинохти ҷойгоҳи дурусти дин дар фарҳанг ва мафкураи миллӣ метавонад ба истиқлоли сиёсӣ ва таҳкими асосҳои давлати миллӣ мусоидат карда, яке аз омилҳои муҳими таҳкими ваҳдати миллӣ, тақвияти суботу оромӣ ва амнияту устувории ҷомеа гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар замони ҷаҳонишавии босуръат мо амнияти давлат ва ҷомеа, ваҳдати миллӣ, зиндагии орому осуда ва устувории пояҳои давлатдории миллиамонро ҳамон вақт пурра таъмин карда метавонем, ки барои баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва худогоҳиву худшиносии миллӣ пайваста саъю талош варзем ва кӯшиш намоем, ки арзишҳои диниамон барои рушди давлатамон хизмат намоянд ва ба ҳаёти маънавии мо ранги тоза бахшанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар баробари ин, мо бояд стратегияи муносибати давлат ва динро дар мизони манфиатҳои мардуми кишвар, ҳуқуқ ва озодиҳои эътиқодии онҳо ва муҳимтар аз ҳама, ба хотири амнияту соҳибихтиёрии миллӣ дар доираи Конститутсия пайгирона такмил диҳем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Онҳо ҳамчунин, бо даъвоҳои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои мусулмонон, ҳифзи асолат ва ҳувияти динӣ байни шаҳрвандони кишвар тухми тафриқаву низоъ кошта, ба мафкураи ҷавонон таъсири манфӣ мерасонанд, суботи ҷомеа ва амнияти давлатро халалдор месозанд ва ҳатто мехоҳанд маҷрои инкишофи ҷомеаро тағйир диҳанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман бо камоли масъулият мегӯям, ки давлати Тоҷикистон ба ҳамаи динҳо эҳтиром мегузорад, вале ба хотири таъмини амният ва оромиву суботи ҷомеа пеши роҳи ҳама гуна ҷудоиандозиву тафриқаангезиро қотеъона хоҳад гирифт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар чунин шароит мо вазифадорем, ки барои ҳифзи ҷомеа аз таъсири манфии ҳамагуна зуҳуроти номатлуби хатарзо, нигоҳ доштани сулҳу оромӣ, ваҳдати миллӣ, суботи сиёсӣ ва таъмину таҳкими амнияти давлат ва халқамон ҳамеша омода бошем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамзамон бо ин, дар шароити торафт мураккаб гардидани авзои минтақа ва ҷаҳон рисолати ходимони дин аз он иборат аст, ки бо такя ба суннатҳои аҷдодии миллӣ ва таълимоти дини мубини ислом аҳли ҷомеаро ба ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, ҳифзи амнияту суботи ҷомеа ва созандагиву бунёдкорӣ ҳидоят намоянд ва дар амалӣ гардидани ҳадафҳои бузурги давлати

соҳибистиқлоламон, рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии он ва ободиву пешрафти Ватани маҳбубамон саҳми шаҳрвандии худро гузошта, нисбат ба оромиву суботи ҷомеа ва рушди давлату миллат бетараф набошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Соҳибихтиёрии давлатӣ дар баробари бунёди давлати миллӣ, эҳёи фарҳанги миллӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ба эҳёи арзишҳои динӣ ва ормонҳои таърихии миллат мусоидат кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зеро роҳҳо ҷузъи ҷудоинопазири ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии кишвар ва унсури муҳими таъмини амнияти миллӣ ба ҳисоб рафта, барои баромадан ба кишварҳои минтақа ва олам имконият фароҳам месозанд. Ва дар навбати худ мавҷудияти роҳҳои муосиру муҷаҳҳаз омили асосии рушди иқтисодии мамлакат ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии сокинони кишвар ба ҳисоб меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бовар дорам, ки маркази навтаъсиси имрӯза минбаъд барои таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳо мусоидат намуда, низому тартибот, амнияти шаҳрвандон ва воситаҳои нақлиётро ба танзим дароварда, барои тайёр намудани кадрҳои дорои донишу малакаи касбӣ, коҳиш ёфтани ҳолатҳои садамавӣ ва коррупсионӣ заминаи мусоид фароҳам месозад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ҳошияи он аҳамияти ҳамкориҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ-сиёсии ду кишвар ҳамчун омили субот ва амнияти минтақа зикр гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аҳамияти ин омил аз ҳисоби ихроҷи неруҳои байналмилалии посдори сулҳ аз Афғонистон дар соли 2014 бо дурнамои рушди бисёрҷанбаи ҳодисаҳо меафзояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар меҳвари таваҷҷуҳи мо масоили таъмини амнияти ҷаҳонӣ ва минтақавӣ қарор дошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Итминони комил дорам, ки ҳар як фарди огоҳу бедордил ва бонангу номус дар ин рӯзи мубораку хуҷаста сабақҳои мактаби одамияти гузаштагони бузургамонро ҳамеша дар ёд дошта, барои сулҳу суботи ҷовидонаи сарзамини аҷдодӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, ободиву оромии Ватани азизамон–Тоҷикистон ва осудагии ҳар хонаводаи тоҷик кӯшиш менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зимнан, мо аҳд кардем, ки дар арсаи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ саъйю талошҳои муштаракамонро баҳри таҳкими сулҳу субот ва тавсеаи ҳамкориҳои созанда дар минбаъда ҳам идома дода, ташаббусҳои якдигарро дар ин ҷода дастгирӣ намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин марҳалаи басо муҳим вазифаи роҳбарони ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ, фаъолону аҳли зиё ва ҳамаи онҳое, ки ободиву оромии имрӯзу фардои давлат ва ҷомеа ба онҳо вобастагӣ дорад, иборат аз он аст, ки ҳамаи саъю талоши худро ба хотири ҳифзи сулҳу суботи кишвар, таҳкими ваҳдати миллӣ ва пояҳои давлати соҳибистиқлоламон, таълиму тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстиву ифтихор аз давлатдории миллӣ, омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар аҳамияти доимӣ диҳанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Насли калонсоли имрӯз бо ҳамаи камбудиву мушкилоте, ки дошт, давлатро аз нестиву миллатро аз пароканда гӣ наҷот дод, дар кишвар сулҳу суботи пойдор ва ваҳдати миллиро таъмин намуд ва пояҳои давлатдории миллиро устувор гардонид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо густариши ин раванду тамоюлҳо, ки тибқи таҳлилу пешгӯиҳо дарозмуддат хоҳанд буд, таҳдиду хатарҳои ҷиддӣ ба амнияти минтақа ва ҷаҳон боқӣ мемонанд. Ҳатто имрӯз бо истифода аз неру ва дигар воситаҳои харобиовар, аз ҷумла тавассути аъмоли террористиву ифротгароӣ ва фаъолияти гурӯҳҳои ҷиноятпешаи трансмиллӣ, инчунин бо роҳи тавсеаи муборизаҳои иттилоотӣ кӯшиши дахолат намудан ба умури дохилии давлатҳои мустақил густариш пайдо кардааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ин рӯ, дар шароити торафт афзудани хатару таҳдидҳои ҷаҳони муосир масъалаи таъмини амнияти милливу давлатӣ аҳамияти аввалиндараҷа ва ҳаётӣ пайдо мекунад ва чунин вазъ ҳамаи кормандони сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, тамоми хизматчиёни давлатӣ, инчунин ҳар як фарди бонангу номуси миллатро водор месозад, ки аз ҳарвақта дида бештар масъулиятшинос ва ҳушёру зирак бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми огоҳ, дорои маърифати баланди сиёсӣ ва ҳуқуқиро ҳеҷ неруи ғаразнок фирефта наметавонад ва худогоҳиву ҳисси баланди ватанпарастии мардум яке аз пояҳои асосии амният ва суботи сиёсии кишвар ба ҳисоб меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хушбахтона, мо бо пуштибонии самимона ва бо такя ба хиради сулҳҷӯёнаву таҳаммулгароёнаи мардуми шарифи Тоҷикистон ин раванди сарнавиштсозро вусъат бахшидем, сулҳу салоҳро дар кишварамон таъмин кардем, фирориён ва гурезаҳои иҷбориро ба Ватан ва маҳалли зисташон баргардонидем ва ба барқарорсозии харобаҳои ҷанг оғоз намудем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз аз ҳамин хотир, қатъи хунрезӣ, расидан ба сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ яке аз нахустин дастовардҳои таърихӣ ва арзиши муқаддаси оғози даврони истиқлол мебошад, ки танҳо бо майлу хоҳиши мардуми сулҳхоҳу таҳаммулгарои тоҷик муяссар гардид, яъне ин дастоварди таърихӣ, пеш аз ҳама хизмати бузурги халқи тоҷик мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тавре борҳо зикр кардаем, даҳсолаи аввали давлатдории миллии мо асосан ба ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, аз ҷумла ба эътидол овардани вазъияти кишвар, баргардонидани гурезаҳо, бо хонаву ҷой таъмин кардани онҳо, бесилоҳ гардонидани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, ҳалли масъалаҳои дар Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ муайяншуда сарф гардида, танҳо пас аз соли 2000-ум ба давлату Ҳукумат муяссар гардид, ки ба таври ҷиддӣ ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоиро роҳандозӣ намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шубҳае нест, ки ба хотири идомаи нек пайдо кардани ин роҳи интихобкардаамон мардуми хирадманду сарбаланд, бонангу номус ва

бофарҳангу соҳибмаърифати мо сулҳу суботи ҷомеа ва ваҳдати миллиро боз ҳам таҳким бахшида, ба натиҷаву дастовардҳои аз имрӯза бузургтар ноил хоҳанд шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ба ҷаҳониён собит хоҳем кард, ки миллати воқеан мутамаддину заҳматкаш, ободгару созанда ва сулҳхоҳу ваҳдатгаро ҳастем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар баробари ин, мехоҳам таъкид намоям, ки дар ҷаҳони пуртазоди муосир ва рӯз ба рӯз шиддат гирифтани рақобату печида гардидани авзои сайёра тақдири имрӯзуояндаи худро дар даст доштан, соҳибихтиёрии давлатӣ, давлатдории миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз намудан, амнияти кишвару оромии ҷомеаро таъмин кардан ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ аз мардуми шарифи Тоҷикистон ҳушёриву зиракӣ, сарҷамъиву ҳамдигарфаҳмӣ, инчунин иҷрои корҳои бузург ва татбиқи барномаҳои муҳими стратегиро барои даҳсолаҳои дигар тақозо мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Яке аз махсусиятҳои замони мо алоқамандии зичи самтҳои асосии фаъолияти Созмони мо маҳсуб мешавад: бо таъмини самараноки сулҳу субот ва амният дар минтақа мо бо кӯшишҳои муштарак ба рушди устувори тамоми фазои авруосиёӣ таъсири дарозмуддат мерасонем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо кӯшишҳои якҷоя мо ба бисёр чизҳо ноил гаштем, вале ҷаҳони пайваста тағйирёбанда, таҳдидҳо ва хатарҳои нав аз мо қарорҳои муассири таъминкунандаи ҳифзи сулҳу субот дар минтақа, фароҳам сохтани шароит барои рушди устувор ва беҳсозии ҳолати иҷтимоии халқҳоямонро тақозо мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аммо як нуктаро бояд қайд кард, ки хатарҳои таҳдидкунанда ба сулҳ ва суботи ҷаҳонӣ имкони гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷиноятҳои трансмиллиро ба миён меоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон дар таҳкими ҳамкориҳои ҳаматарафа дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай ва табдили минтақаи мо ба минтақаи сулҳ, дӯстӣ, ободӣ ва мувофиқат хеле ҳавасманд мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқоти анҷомёфта ҳамкории мутақобилаи мақомоти босалоҳияти кишварҳои аъзоро дар соҳаҳои амният, пеш аз ҳама дар мубориза бо терроризми байналхалқӣ, экстремизм ва сепаратизм, ки сол то сол густариш меёбанд, бо қаноатмандӣ қайд намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар рӯёрӯйи ҳодисаҳои сиёсии соли 2014 дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва баровардани неруҳои байналмилалии амниятӣ аз кишвар ин давлати дӯст дастгирии моро интизор аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо кумак ва дастгирии давлатҳои аъзо, нозирон ва шарикон барои муколама кишвари мо тамоми имконотро барои рушди минбаъдаи СҲШ, кушоиши иқтидорҳои он ва табдил додани минтақаамон ба қаламрави сулҳ, дӯстӣ, ҳамгироӣ, рушди устувор ва ба ҳам мувофиқ равона хоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи ободиҳое, ки имрӯз аз тарафи давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ба хотири пешрафти ҳаёти ҷомеа ва фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ барои мардуми кишвар амалӣ карда мешаванд, пеш аз ҳама аз баракати соҳибистиқлолӣ, сулҳу суботи пойдор ва ваҳдати миллӣ сарманшаъ мегиранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин орзу ва нияти неки мо танҳо бо ваҳдату ягонагии сокинони кишвар, пойдории сулҳу субот ва заҳмати пайваставу пайгиронаи мардум ҷомаи амал хоҳад пӯшид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар таъкид менамоям, ки ҳамдигарфаҳмӣ ва муттаҳидиву сарҷамъии мо омили муҳимтарини ҳалли ҳамаи мушкилот ба шумор рафта, мо метавонем минбаъд низ бо шукргузорӣ аз неъмати соҳибихтиёрӣ, аз баракати сулҳу суботи устувор бо андешаҳои созанда ва меҳнати

бунёдкорона сарзамини аҷдодиамонро торафт ободу зебо намуда, барои расидан ба зинаҳои нави рушди Ватанамон қадамҳои устувор гузорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамчунин, ман ҳамеша ифтихормандам, ки маҳз аз минбари баланди Қасри овозадори Арбоб ба арсаи сиёсати бузург ворид гардидам ва тамоми мардуми Тоҷикистон имрӯз Қасри Арбоби таърихиро ба хотири оғози сулҳу ваҳдат ва осоиштагии кишварамон ҳамчун макони муқаддас гиромӣ медоранд ва ҳамеша онро ба унвони сарчашмаи ваҳдати миллии халқи Тоҷикистони соҳибистиқлол ёд мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо чунин ниятҳои нек ва бо изҳори сипос аз истиқболи самимонаи шумо ифтитоҳи варзишгоҳи муҳташами имрӯзаро ҳамчун тӯҳфаи беҳтарин барои мардуми ҳимматбаланду меҳмоннавози ноҳияи Бобоҷон Ғафуров табрик гуфта, бовар дорам, ки аз ин варзишгоҳи бузург ҳамеша суруди сулҳу ваҳдат ва ҳамдилии мардум садо хоҳад дод.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мафҳумҳои “истиқлол”, “давлатдории миллӣ”, “ваҳдати миллӣ” ва “сулҳу субот” барои миллати тоҷик басо муқаддасанд ва зарур аст, ки дар ҷаҳони имрӯзаи пур аз зиддияту моҷароҳо ҳар яки мо аз ҳарвақта бештар ба қадри ин мафҳумҳо расем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бузургтарин дастоварди миллати тоҷик дар замони истиқлолият ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ва сулҳу суботи ҷомеа буда, маҳз ҳамин омилҳо давлату миллатро аз хатари парокандашавӣ ва нестӣ ҳифзу эмин нигоҳ доштанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сипас бо қаноатмандӣ мехоҳам хотирнишон созам, ки имрӯзҳо кулли сокинони кишварамон, аз ҷумла мардуми заҳматкаши ноҳияи Ҷиргатол аз баракати сулҳу оромии мамлакат азму талош доранд, ки ҷиҳати тақвият бахшидани корҳои созандагӣ ва боз ҳам ободу пешрафта гардонидани Тоҷикистони азиз иқдомҳои тоза нишон диҳанд ва мо инро дар чеҳраҳои гарму самимии мардуми ноҳияи баландкӯҳи Ҷиргатол хуб эҳсос мекунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар таъкид месозам, ки сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ барои мо арзишҳои бисёр азизу муқаддас мебошанд ва ҳифзу таҳкими онҳо вазифаи ватандӯстонаи ҳар як шаҳрванди бонангу номуси Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар маҷмӯъ, пешрафту дастовардҳои ноҳия дар солҳои охир хеле назаррас буда, ҳамаи онҳо аз баракати сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва натиҷаи заҳмати софдилонаи сокинони ин гӯшаи биҳиштосои кишварамон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Муҳимтарин самти сиёсати давлати мо ҳифзи сулҳу субот дар ҷомеа, таҳкими ваҳдати миллӣ ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат, инчунин дар тамоми қаламрави Ватани азизамон вусъат додани корҳои бунёдкориву созандагӣ мебошад, ки намунаи равшани татбиқи амалии нақшаҳои созандаамон ва заҳмати ободгаронаи мардумро ҳамаи мо имрӯз дар мисоли ноҳияи Тавилдара мушоҳида мекунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар баробари ин, таъкид месозам, ки ҳифзи дастовардҳои истиқлолият ва рушди кишвар бидуни ваҳдату ягонагӣ, сулҳу субот, эҳсоси баланди ватандорӣ, ифтихор аз давлатдории миллӣ ва муҳимтар аз ҳама, бидуни заҳмати софдилонаи ҳамаи шаҳрвандони мамлакат ғайриимкон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин раванд набояд фаромӯш созем, ки барои пойдору устувор гардидани истиқлоли давлатӣ ва ваҳдати миллӣ мардуми озодихоҳу сулҳдӯсти мо бисёр рӯзҳои сангинро паси сар кардаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи ин беҳбудиву пешравиҳо ба мардуми мо ба шарофати сулҳу суботи кишвар, ваҳдати миллӣ, инчунин риояи муқарраароти қонуни танзим муяссар шудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар раванди тарбияи наврасон зарур аст, ки ба онҳо қадру қимати озодиву истиқлолият, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсии мамлакат, ваҳдати миллӣ, ҳамчунин, аҳамияти арзишҳои волои миллӣ фаҳмонида шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамзамон бо ин, раҳнамоӣ ва ташвиқ намудани мардум ба ободонии шаҳру деҳот, кӯчаву маҳалли зист, кумак ба ятимону маъюбон ва эҳтиёҷмандону оилаҳои камбизоат, ҳифзи сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ вазифаи доимии ҳар як роҳбари сохтору мақомоти давлатӣ ва фаъолони шаҳру ноҳияҳо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман андешаҳои худро доир ба ин масъала муфассал изҳор карда будам ва бори дигар бо камоли масъулият хотиррасон месозам, ки давлати Тоҷикистон ба дини мубини ислом эҳтиром мегузорад, вале ба хотири таъмини амният, оромиву суботи ҷомеа ва осоиши мардуми кишвар пеши роҳи ҳама гуна ҷудоиандозиву тафриқаангезиро қотеъона хоҳад гирифт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барои расидан ба ин ҳадафҳои нек зарур аст, ки хурду бузурги мамлакат ба хотири таъмини сулҳу суботи кишвар, оромии ҷомеа, таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллату давлат ҳамеша омода бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Итминон дорам, ки сокинони ноҳияи Ишкошим ҷавобан ба чораҷӯиву дастгириҳои Ҳукумат дар оянда низ барои ободиву пешрафти сарзамини муқаддаси худ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа кӯшишу ғайрати ватандӯстонаашонро дареғ намедоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шубҳае нест, ки ин маъракаи муҳими сиёсӣ боиси боз ҳам муттаҳиду сарҷамъ гардидани миллат, таҳкими ваҳдати миллӣ, сулҳу суботи сиёсӣ ва тақвияти бештари нуфузу обрӯи халқи тоҷик мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор, ваҳдати миллӣ, сулҳу амният ва суботу оромӣ дар сарзамини аҷдодии мо ҳамеша пойдор монад ва файзу баракат аз дастурхони шумо ҳеҷ гоҳ канда нагардад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Илова бар ин, мову шумо имрӯз дар шароити сулҳу суботи комил ҷиҳати мустаҳкам намудани пояҳои давлатдории мустақили миллии худ, таҳкими суботу оромӣ ва ваҳдати миллӣ, инчунин рушди минбаъдаи мамлакат иқдомҳои созандаву ободгаронаи худро амалӣ намуда истодаем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳанӯз дар рӯзҳои аввали ба мақоми Раиси Шӯрои Олӣ ва Сардори давлати Тоҷикистон интихоб шуданам ба мардуми шарифи Тоҷикистон ваъда дода будам, ки барои таъмини сулҳу субот ва ваҳдату якпорчагии кишвари маҳбубам то ҷон дар тан дорам, пайгирона талош меварзам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз кишварҳои олам Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун меросбари тамаддуни бузург ва миллати соҳибистиқлол эътироф карда, ташаббусҳои моро ба манфиати тамоми сайёра дастгирӣ менамоянд, ки аввалин изҳороту ташаббусҳои мо доир ба таъмини сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ дар ҳамин қаср эълон шуда, нахустин қадамҳо ба сӯйи ободии фардои миллат дар ҳамин макони муқаддас гузошта шуда буданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба таъбири донишмандону муаррихон Қасри Арбоб на танҳо барои ман ҳамчун сиёсатмадор ҷиҳати баромадан ба сатҳи ҷаҳонӣ роҳ кушод, балки дарвозаи оромиву ободиро ба рӯйи Тоҷикистон боз кард ва аз ҳамин ҷо рӯзҳои неку осуда, тантанаи суруди сулҳу ваҳдати миллӣ оғоз ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ин лиҳоз, мо бо шукргузорӣ аз неъмати соҳибихтиёрӣ ва сулҳу суботи устувор ва бо такя ба андешаҳои созанда ва заҳмати бунёдкоронаи халқамон дар шоҳроҳи боз ҳам ободу зебо гардонидани сарзамини аҷдодиамон ва расидан ба зинаҳои нави тараққиёти давлатамон бо қадамҳои устувор пеш рафта истодаем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳар ду ҷониб бар онанд, ки амалигардонии онҳо ҳамкории дуҷониба ва минтақавиро ба сатҳи сифатан нав боло бурда, ба бозсозии босуръат ва рушди иқтисодии Афғонистон ва тақвияти суботу амният дар қаламрави он ва дар минтақаи таърихии Осиёи Марказӣ мусоидати фаъол хоҳад намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо тақвияти бештари равобит ва ҳамкории низомӣ, марзӣ ва амниятиро ба манзури пешгирии таҳдидоти муосир ва таҳкими марзи муштарак ҳамчун марзи дӯстӣ ва ҳамкорӣ амри зарурӣ медонем. Марзи бисёр тӯлонии мо, ки қариб 1400 километрро дарбар мегирад ва табиати кӯҳистонии душворгузари он тақвият бахшидани чунин чораҳоро тақозо дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо зарурати густариши пайгири ҳамкории минтақавиро таъкид карда, ҳусни ният, эҳтироми мутақобил, равиши созанда ва ҳусни ҳамсоягиро омилҳои асосии таъмини он ва тақвияти субот ва амният дар минтақаи мо арзёбӣ намудем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зимни баррасии вазъи кунунии ҷаҳони ислом мо зарурати ҳалли фаврии мушкилоти мавҷуда ва суботу амниятро таъкид намудем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин росто Тоҷикистон иброз дошт, ки бо дарназардошти пешояндҳои вазъ дар соли 2014 баъди хуруҷи неруҳои эътилофи байналмилалӣ ҳамкориҳои муассири худро бо ҳамаи ниҳодҳои кишвари ҳамсоя, аз ҷумла дар бахшҳои низомиву амниятӣ ва марзӣ густариш хоҳад бахшид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар айни ҳол мо таҳкими бештари низоми байналмилалиро барои таъмини субот ва амнияти ҷаҳонӣ амри зарурӣ медонем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тавре ҳамаи шумо дар хотир доред, солҳои аввали истиқлолият барои давлати ҷавони мо, аз ҷумла сокинони вилояти Хатлон солҳои ниҳоят вазнин буданд ва аз ҳар кадоми мо ба хотири барқарор кардани сохти конститутсионӣ, ба даст овардани ҳамдигарфаҳмиву ваҳдати миллӣ, таъмини сулҳу субот, ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти фалаҷгардидаи давлатӣ ва барқарорсозии иншооту муассисаҳои ҳаётан муҳими иқтисодиву иҷтимоӣ заҳмату ҷонбозиҳои азими шабонарӯзиро тақозо доштанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мехоҳам як нуктаро махсус хотиррасон намоям, ки сокинони шаҳри Кӯлоб дар айёми ниҳоят душвори солҳои аввали соҳибистиқлолӣ муқобили ноороми ва нобасомониҳо буданд ва дар он лаҳзаҳои сангини зиндагӣ бо вуҷуди дар муҳосираи иқтисодӣ қарор доштанашон дари хона ва дастархони хешро ба рӯйи ҳамдигар боз намуда, табиатан хайрхоҳу саховатпеша ва ҷонибдори сулҳу субот ва оромиву ваҳдат будани худро собит намуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо дар марҳалаҳои минбаъда низ наҷот додани халқи соҳибтамаддуни тоҷикро аз вартаи парокандагӣ ҳадафи аввалиндараҷаи худ қарор дода, ҷиҳати таъмин кардани сулҳу субот, сарҷамъ намудани мардуми парешонгашта, фароҳам овардани шароити муътадил барои кору зиндагии сокинон ва минбаъд ба кишвари ободу зебо табдил додани Тоҷикистони азизамон ҷаҳду талош намудем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таъкидан иброз медорам, ки ҳамаи дастовардҳои то имрӯз ноилшудаи халқи мо маҳз ба шарофати Истиқлоли давлатӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ва албатта, бо дастгириву пуштибонии самимии сокинони хирадманду солори Ватани азизамон буда, аз баракати ҳамин арзишҳои бебаҳо ҳоло дар хонадони ҳар яки мо фазои орому осуда ҳукмфармост.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо ҳамин ниятҳои нек ба ҳамаи шумо, сокинони далеру шуҷоъ, бонангу номус ва ватандӯсту ватанпарвари шаҳри бостонии Кӯлоб сулҳу суботи ҷовидонӣ, хонаи обод, саломативу хушбахтӣ ва дар роҳи обод гардонидани Ватани маҳбубамон – Тоҷикистони соҳибистиқлол барори кор орзумандам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Қабули Конститутсияи Тоҷикистон ҳамчун рӯйдоди бузургу тақдирсоз барои гузариш ба марҳалаи нави рушди ҷомеаи кишвар, яъне ба сӯи бунёди давлати ҳуқуқбунёду иҷтимоӣ ва ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ заминаи боэътимод гузошта, дар давраи басо ҳассос ва мураккаби сиёсии мамлакат барои таҳкими пояҳои Истиқлоли давлатӣ, пойдории сулҳу субот ва устувории ваҳдати миллӣ ҳамчун роҳнамо хизмат намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман масъулияти бузурги худро дар назди Ватан ва манфиатҳои давлату миллат, имрӯзу фардои он, ҳифзи истиқлолу якпорчагии кишвар, амният ва

саодати халқи азизам бо тамоми ҳастӣ дарк менамоям ва барои ба ҷо овардани боварии кулли шаҳрвандони Тоҷикистон неруву тавон, донишу таҷриба ва гузашта аз ин, ҳастии худро дареғ намедорам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барои иҷрои ваколатҳои конститутсионии Роҳбари давлат ва амалӣ гардидани ҳадафу барномаҳои Ҳукумати мамлакат, пеш аз ҳама, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, амнияти давлат ва ҷомеа, фазои саросарии риояи қонунияту тартиботи ҷамъиятӣ, яъне волоияти қонун зарур аст, ки ҳифзу таъмини онҳо рисолат ва вазифаи ҷонии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Чанд сол аст, ки мардуми шарифи Тоҷикистон Рӯзи Парчами миллиро, ки мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз рамзҳои давлати соҳибистиқлоли мо муқаррар шудааст, дар фазои сулҳу суботи комил, ваҳдати миллӣ ва садоқат ба ормонҳои чандинасраи халқамон таҷлил мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Интихоботи Президенти Тоҷикистон, ки чанд рӯз пештар доир гардид, собит намуд, ки дар кишвари мо фазои ҳамдигарфаҳмӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва фарҳанги баланди сиёсии шаҳрвандӣ ҳукмфармо буда, ин омилҳо ба неруи тақдирсози имрӯзу фардои халқу миллат мубаддал гардидаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мехоҳам махсус хотирнишон созам, ки маҳз аз баракати сулҳу суботи комил, ваҳдату сарҷамъии миллат ва талошу заҳмати пайгиронаи мардуми кишвар дар соли 2013 нишондиҳандаҳои иқтисодии мамлакат дар муқоиса бо солҳои қаблӣ афзуда, раванди татбиқи ҳадафҳои миллӣ ва иҷрои стратегияву барномаҳои давлатӣ густариши тоза пайдо кард, рушди устувори ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъмин гардид ва дар натиҷаи мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани садҳо корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ даҳҳо ҳазор ҷойҳои нави корӣ муҳайё карда шуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо умеди амалӣ гардидани ниятҳои некамон барои фардои осудаву обод бори дигар тамоми сокинони Тоҷикистон ва кулли ҳамватанони

бурунмарзиамонро бо фарорасии соли нави мелодии 2014 табрик гуфта, ба хонадони ҳар як фарди Ватан сулҳу оромӣ, бахту иқболи нек, рӯзгори босаодат ва дастурхони пурфайзу баракат орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Халқи тоҷик сулҳу ҳамдигарфаҳмиро ба ивази азияту заҳмати сахту сангин ва муҳимтар аз ҳама, ба баҳои ҷони даҳҳо ҳазор қурбониёни ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба даст овард ва имрӯз шукргузор аст, ки дар фазои неъмати бузурги суботи сиёсӣ ва оромии ҷомеа кору зиндагӣ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Қонун бояд дар навбати аввал инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯро ҳамчун арзиши олӣ эътироф ва ҳифз намояд, яъне барои зиндагии хубу шоистаи афроди ҷомеа, фаъолияти пурсамари ташкилоту корхонаҳои давлативу ғайридавлатӣ, соҳибкорону тоҷирон, пешрафти иқтисодиёти кишвар, сулҳу субот, оромии сиёсӣ шароити мусоид фароҳам орад ва самтҳои мухталифи ҳаёти ҷомеаро ҳаматарафа танзим намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ин лиҳоз, вазифаи ҷонӣ ва қарзи виҷдонии ҳар кадоми мост, ки ҳатто як лаҳза ҳам масъалаи ҳифзи давлату давлатдорӣ, таъмини амнияти кишвар ва нигоҳ доштани суботу оромии ҷомеаро фаромӯш насозем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳадафи чорум ҳарчи бештар густариш додани фарҳанги сулҳ ва решадор сохтани ваҳдату ризоияти миллӣ ҳамчун дастоварди нодиртарини мардуми Тоҷикистон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар баробари ин, ҳифзи содиқонаи манфиатҳои милливу давлатӣ, аз тамоми манфиатҳои дигар болотару афзал донистани манофеи давлат ва миллат, саъю талоши пайгирона ба хотири таҳкими пояҳои давлати соҳибистиқлоли миллӣ, чун неъмати бебаҳо ҳифз кардани соҳибихтиёрии Ватан, сулҳу суботи иҷтимоӣ, амнияти давлат ва ҷомеа, ваҳдати миллӣ ва тақвияти иқтидори иқтисодии давлат вазифаи ҷонӣ ва қарзи виҷдониву имонии ҳар яки мову шумо – аъзои Ҳукумат, вакилони мардумӣ, роҳбарону масъулони идораҳо ва ташкилоту муассисаҳо, хизматчиёни давлатӣ ва умуман тамоми халқи Тоҷикистон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо вазифадорем, ки ба хотири тарбияи насли наврас ва ҷавонони имрӯза дар рӯҳияи ватандӯстиву сулҳхоҳӣ ва ободкориву созандагӣ, инчунин барои

наслҳои ояндаи халқамон ба мерос гузоштани ин дастоварди муқаддасу нодир фарҳанги сулҳро ҳамчун ҷузъи доимии фарҳанги зиндагии мардум густариш бахшем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд аз ин воқиф бошем ва ба фитнаҷӯиву тахрибкорӣ дар ҷомеа роҳ надиҳем. Зеро сулҳу субот, ҳамдигарфаҳмӣ ва аъмоли неку созанда барои мо аз ҳама афзалтаранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар баробари ин, ҳифзи содиқонаи манфиатҳои милливу давлатӣ, аз тамоми манфиатҳои дигар болотару афзал донистани манофеи давлат ва миллат, саъю талоши пайгирона ба хотири таҳкими пояҳои давлати соҳибистиқлоли миллӣ, чун неъмати бебаҳо ҳифз кардани соҳибихтиёрии Ватан, сулҳу суботи иҷтимоӣ, амнияти давлат ва ҷомеа, ваҳдати миллӣ ва тақвияти иқтидори иқтисодии давлат вазифаи ҷонӣ ва қарзи виҷдониву имонии ҳар яки мову шумо – аъзои Ҳукумат, вакилони мардумӣ, роҳбарону масъулони идораҳо ва ташкилоту муассисаҳо, хизматчиёни давлатӣ ва умуман тамоми халқи Тоҷикистон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

## Соли 2014

Бори дигар ҳамаи шумо, ҳомиёни шуҷои Ватанро ба ифтихори 21-умин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат табрик гуфта, ба хонадони ҳар яки шумо сулҳу оромӣ, рӯзгори обод, хушбахтӣ ва дар роҳи ҳифзи Ватани муқаддасамон барори кор орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Яке аз ойинҳои бисёр қадимаи мардуми куҳанбунёди мо, ки ба шарофати истиқлол, сулҳу суботи ҷомеа ва ваҳдати миллӣ эҳё гардида, ҳар сол ҳамчун соли нави аҷдодӣ таҷлил мегардад, Наврӯз мебошад, ки имрӯз мову шумо дар остонаи фарорасии он қарор дорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Яке аз ойинҳои бисёр қадимаи мардуми куҳанбунёди мо, ки ба шарофати истиқлолият, сулҳу суботи ҷомеа ва ваҳдати миллӣ эҳё гардида, ҳар сол ҳамчун соли нави аҷдодӣ таҷлил мегардад, Наврӯз мебошад, ки имрӯз мову шумо дар остонаи фаромасии он қарор дорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Толеъи баланди миллати сарбаланди тоҷик аст, ки баҳори бистусеюмини давлатдории мустақил ва ҷашни бузурги байналмилалии Наврӯзро дар фазои истиқлолияти комил, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати милливу ҳамрайъии сокинони кишвар истиқбол менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Орзу менамоем, ки Наврӯзи оламафрӯз ҳамасола бо қабои сабзи худ чун мунодии сулҳу оромӣ ва пиндору гуфтору рафтори нек моро ба сӯйи рӯзгори орому осуда, сулҳу субот ва ободии Ватани азизамон раҳнамун созад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Боиси ифтихор ва сарфарозии бузурги ҳар яки мост, ки имрӯзҳо тамоми сокинони кишвари маҳбубамон аз хурд то бузург ҷашни Наврӯзи ҷаҳониро дар шароити сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ ва бо самимияти хосаву нишоту хушҳолии беандоза истиқбол мегиранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Наврӯзи имсола ба мардуми заҳматқарини кишварамон, аз ҷумла сокинони бонангу номус ва сарбаланду ободкори ноҳияи Данғара неруи тоза оварда, ба таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва дастовардҳои он, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ дар мамлакатамон, боз ҳам решадор гардидани Ваҳдати миллӣ ва аз имрӯза беҳтар шудани рӯзгори халқи азизамон мусоидат хоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо дар шароити хуруҷи қарибулвуқӯъи неруҳои Эътилофи байналмилалӣ аз Афғонистон ба тақвияти бештари равобити сохторҳои амниятӣ, марзӣ ва низоми ҳамчунин сохторҳои адлӣ ва додгоҳии кишварҳоямон ба манзури посухи усулӣ ва муассир ба таҳдиду хатарҳои муштарак ва таъмини амнияту субот ва пешрафти ҳамагонӣ таъкид намудем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷумҳурии Тоҷикистон субот, амният ва пешрафти Афғонистонро омили бунёдии суботу амнияти пойдор ва пешрафти минтақа арзёбӣ менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ақидаи мо, ҳамкории ҳамаҷониба ва муассири Тоҷикистону Афғонистон, саъю талоши фаъол ва ҳамоҳанги ду кишвар имкони онро муяссар месозанд, ки ҳамкории минтақавӣ густариш ёбад ва суботу амният дар минтақа тақвият гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо тақвияти бештар ва такмили стратегияи мубориза бо терроризмро амри ҳаётӣ барои субот ва амнияти минтақа ва ҷаҳон арзёбӣ менамоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз мову шумо ба шарофати Истиқлоли давлатӣ ва сулҳу суботи мамлакатамон дар маросими оғози сохтмони боз як иншооти азими саноати металлургии кишварамон–Комбинати металлургии шаҳри Истиқлол, ки рамзи навбатии вусъати корҳои созандагиву ободкории мардуми шарифамон хоҳад шуд, ширкат дорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки танҳо шахси воқеан ватандӯст метавонад дилсӯзона ва бо тамоми ҳастӣ ҳифзи амният ва ободии Ватани худро таъмин созад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Халқҳои Осиё, ки бо таърихи ғанитарини умумӣ ва гуногунии фарҳангҳои ба худ хос байни худ алоқаи канданашаванда доранд, пурра дарк менамоянд, ки роҳи сӯйи сулҳу шукуфоӣ аз фароҳам овардани муҳити бехатару суботе мегузарад, ки онро дар масоҳати васеи байни се уқёнус фақат бо саъю кӯшишҳои якҷоя метавон таъмин кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарназардошти ин Машварати ҳамгироӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё мақоми барномаи амалиро барои мубодилаи васеъ ва ошкорои афкор дар бораи роҳҳое касб мекунад, ки сӯи таҳкими ҳамкории амалӣ ба манзури таъмини сулҳу субот, ҳамфикрӣ ва расидан ба созиши умумиосиёӣ аз рӯи масоили мубрами имрӯза мебаранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вазифаи умумии мо иборат аз он аст, ки бо мақоми асосии СММ халқи афғонро дар расидан ба орзую умедҳояш баҳри сулҳ ва рушду адолат ҳамоно дастгирӣ намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи мо хоҳони онем, ки дар хонаи умумии мо сулҳу субот ҳукмфармо бошаду тафовути сатҳи рушди иқтисодиро ҳаракат бар сӯи пешрафти умумӣ ба тартиб дарорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба фикрам, ибтикороти нави амалӣ ва ғояҳои наве, ки Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин зимни суханрониаш дар Машварати мо баён кард, барои ба минтақаи сулҳу субот, ҳамкории судманд ва рушди устувор табдил додани қитъамон қобили дастгирии якдилонаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷавонони саодатманди тоҷик ҳамеша бояд дар хотир дошта бошанд, ки халқи озодихоҳи тоҷик асрҳои аср барои ба даст овардани истиқлолияти Ватани азизамон талошу ҷоннисориҳо кардааст ва акнун ҳифзу нигоҳдории ин неъмати бузург, таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ вазифаи бевосита ва муқаддаси онҳо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бист сол муқаддам, яъне дар оғози марҳалаи соҳибистиқлолии кишварамон бо мақсади ҳифзи амнияту оромии давлат ва ҷомеа, пойдории аркони давлатдорӣ, ҳимояи истиқлолияти давлатӣ ва таъмини зиндагии осоиштаи мардуми шарифи Тоҷикистон бо вуҷуди вазъи ниҳоят вазнину номусоиди иҷтимоиву сиёсӣ ва имкониятҳои маҳдуди иқтисодӣ мо дар баробари Артиши миллӣ сохторҳои ҳифзи сарҳадро таъсис додем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Қӯшунҳои сарҳадӣ дар марҳалаи начандон тӯлонии мавҷудияти худ ҳамчун сохтори алоҳидаи низомӣ дар самти таъмини дахлнопазирии сарҳади давлатӣ, ҳифзи тамомияти арзӣ ва соҳибихтиёриву амнияти давлат, таъмини ҳаёти осудаи мардуми кишвар ва ҳимояи дастовардҳои соҳибистиқлолии мамлакат ба эътимоду эҳтироми хурду бузурги аҳолии мамлакат ноил гардидаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳоло давлату Ҳукумати Тоҷикистон ва мардуми сулҳдӯсти он дар симои хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ ҳомиёни фидокори марзу буми Ватан, муҳофизони боэътимоди амнияти давлат, оромиву суботи ҷомеа ва дастовардҳои истиқлолияти миллии худро мебинанд. Ҳамчунин таъкид месозам, ки маҳз бо хизмати содиқона ва бошарафонаи ҳайати шахсии Қӯшунҳои сарҳадӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии мамлакат дар як муддати кӯтоҳ неруҳои қобили ҳифзи марзҳои Ватан ба камол расиданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадӣ дар таърихи навини давлатдории Тоҷикистон на танҳо омили муҳимми таъмин намудани бақову пойдории давлатдории миллӣ, ҳифзи амнияти ҷомеа ва ҳимояи сарҳадот мебошад, балки нишонаи возеҳи истиқлолияти комили сиёсии давлати тоҷикон маҳсуб меёбад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Марзбонони тоҷик дар вазнинтарин рӯзҳое, ки бо сабаби мушкилоти иқтисодӣ шароити зарурии зиндагиву хизмат вуҷуд надошт, ба хотири таъмини амнияти миллӣ ва таҳкими суботу оромии сокинони мамлакат дар сафи пеши мубориза бо гурӯҳҳои муташаккили ҷинояткор сангар гирифта, вазифаҳои басо мураккаб ва мушкили худро дар назди давлату ҷомеа сарбаландона адо карданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамчунин лозим аст, ки бо мақсади таъмини амнияти миллӣ, пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳои вазнин, аз қабили убури гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ, қочоқи маводи мухаддир ва силоҳ, хариду фурӯши одамон ва дигар амалу кирдорҳое, ки ба суботу оромии кишвар хатар эҷод мекунанд, байни Қӯшунҳои сарҳадӣ, сохторҳои низомӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои наздисарҳадӣ мубодилаи мунтазами маълумот вуҷуд дошта бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳангоми арзёбии масъалаҳои мубрами минтақавӣ мо муборизаи муштаракро бар зидди хатарҳои ҷиддӣ–терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва кочоқи аслиҳа шарти муҳими таъмини субот, амният ва пешрафти минтақа донистем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо умедворем, ки тадбирҳои ин соли байналмилалии баргузоршуда ба ҳалли самарабахш ва мутақобилан судманди масъалаҳои марбут ба захираҳои об, таҳияву татбиқи барномаҳои муштарак оид ба назорат, ҳифзи оқилонаи захираҳои об дар ҳавзаи дарёҳои сарҳадгузар ва, билохира, ба сулҳ ва амнияту субот дар минтақаҳои гуногуни қитъаи Осиё мусоидат хоҳанд кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар чунин шароит роҳбарияти давлат бо эҳсоси масъулияти баланд бароиояндаи ватан ва халқи Тоҷикистон дар назди худ вазифа гузошт, ки бо истифода аз тамоми роҳу воситаҳои имконпазир ҳарчи зудтар фазои сулҳу оромӣ ва амнияти миллиро дар саросари мамлакат таъмин созад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин росто аҳзоби сиёсии кишвар, созмонҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори оммаро зарур аст, ки ҳангоми арзёбӣ ва инъикоси масъалаҳои сиёсиву иҷтимоии ҷомеа ба хотири ҳимояи истиқлолияти давлатӣ, манфиатҳои миллӣ, ҳифзи амният ва суботи сиёсиву оромии ҷомеа ва таҳкими ваҳдати миллии тоҷикон хеле эҳтиёткору бомулоҳиза бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳабдаҳ сол қабл, яъне 27-уми июни соли 1997 баъди музокироти тӯлонӣ ба хотири ҳифзи якпорчагии марзу буми кишвар, таъмини сулҳу субот, сарҷамъии миллат ва зиндагии ороми сокинони мамлакат Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид, ки ин санади муҳим дар таърихи навини халқамон аз ҷумлаи асноди сарнавиштсоз ба ҳисоб меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз баракати дастгирии самимонаи халқи сулҳдӯсту ободгари Тоҷикистон мо тавонистем дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ истиқрори ваҳдати миллиро дар саросари кишвар таъмин карда, барои зиндагии орому осоишта ва фаъолияти созандаи сокинони мамлакат шароити мусоид фароҳам созем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо кӯшишу талошҳои пайгиронаи Ҳукумати мамлакат ва албатта, бо пуштибонии халқи азизи Тоҷикистон ҳуҷҷати таърихӣ–Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расида, ваҳдату ҳамдигарфаҳмии миллиро ҳамчун омили асосии наҷоти миллат ва давлат эълон намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистондар мамлакати мо марҳалаи нав – марҳалаи сулҳу субот, ба Ватан ва хонаву кошонаи худ баргаштани гурезаҳо ва фирориёни иҷборӣ, инчунин давраи корҳои барқарорсозии харобаҳои ҷанг оғоз шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати сулҳу субот ва иродаи матини мардуми шарифи Тоҷикистон мо тавонистем дар таъмини рушди муназзами иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву маънавии кишвар қадамҳои устувор гузорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар чунин шароит роҳбарияти давлат бо эҳсоси масъулияти баланд барои ояндаи ватан ва халқи Тоҷикистон дар назди худ вазифа гузошт, ки бо истифода аз тамоми роҳу воситаҳои имконпазир ҳарчи зудтар фазои сулҳу оромӣ ва амнияти миллиро дар саросари мамлакат таъмин созад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз бо чунин нияти нек ва масъулияти ватандорӣ мо ҳамеша кӯшиш ба харҷ медодем, ки ҳар як вохӯрии тарафҳои музокироти байни тоҷиконро, ки қариб чор сол идома ёфт, ба хотири пойдории сулҳу субот ва фазои эътимоду боварӣ, сабру таҳаммул ва эҳтироми тарафайн сафарбар созем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ҳамин замина миллати шарафманди тоҷик бори дигар ба ҷаҳониён собит намуд, ки дар ҳақиқат яке аз миллатҳои соҳибмаърифату мутамаддин ва хирадпешаву сулҳдӯст мебошад ва қодир аст, ки дар марҳалаҳои таърихиву тақдирсоз роҳи ҳалли осоиштаи мушкилоти бамиёномадаро пайдо намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз баракати сулҳу ваҳдат мо имкон пайдо намудем, ки барои рушди ҳамаҷонибаи ҷомеа, густариши равандҳои демократӣ ва таъсиси институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ шароити зарурӣ муҳайё созем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вазифаи ҷонӣ ва қарзи имониву рисолати инсонии ҳар як фарди бонангу номус, худогоҳу худшинос ва ватандӯсту ватанпарасти халқи мо таҳкими дӯстиву бародарӣ, сулҳу созиш, тақвияти ваҳдати миллӣ ва ҳифзи дастовардҳои истиқлолият мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мову шумо ҳеҷ гоҳ набояд фаромӯш кунем, ки кори худро аз рӯзҳои аввали давлатдориамон аз сулҳ оғоз намудем ва ин сиёсатро ба хотири оромиву осоиши кишварамон ва хушбахтиву сарбаландии халқи азизамон минбаъд низ идома медиҳем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин раванди неку созанда ба ҳамаи мардуми шарифи Тоҷикистон барори кор орзу намуда, ба Ватани азизамон ваҳдати пойдору устувор, сулҳу суботи ҷовидонӣ ва ба ҳар хонадони кишвар зиндагии хушу хуррам ва файзу баракат мехоҳам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мақомоти прокуратура дар баробари назорати риояи қонунҳо ва ҳифзи сулҳу субот ва амният дар таҳкими пояҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ саҳми босазо доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Яке аз омилҳои асосие, ки кафолати бехатарии шахсии одамон, ҳуқуқу озодиҳои онҳо, тартиботу оромии ҷомеа ва амнияти давлатро халалдор месозад, афзоиши сатҳи ҷинояткорӣ, аз ҷумла ҷиноятҳои муташаккил мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хариду фурӯши одамон аз тарафи гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ омили дигари халалдор гардидани суботу оромӣ ва амнияти кишвар мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии фаъоли раванди ҷаҳонии муқовимат бо хариду фурӯши одамон ба ҳисоб рафта, бо дарназардошти хатари ин зуҳуроти нангин ба амнияти миллӣ ҳанӯз соли 2004 Қонун “Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон”-ро қабул карда, соли 2005

Комиссияи байниидоравии мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамонро таъсис додааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Омили дигаре, ки ба амнияти миллии кишвар таҳдиду хатари воқеӣ эҷод мекунад, терроризм ва экстремизми сиёсиву динӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вазъи амнияти мудофиавӣ зери назорати доимии Ҳукумати кишвар, сохторҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қарор дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамкорӣ дар соҳаҳои сиёсату амният мунтазам таҳким меёбад, робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарии давлатҳои аъзо васеъ мешаванд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мубориза бо терроризм, экстремизм ва ҷудоихоҳӣ (сепаратизм) дар ҳамаи шаклҳову намудҳои онҳо, инчунин, муқовимат ба таҳдиди маводи мухаддир, ба таъбири дигар, таъмини амнияти кишварҳо ва халқҳои мо дар тамоми фазои СҲШ ба сифати самтҳои генералии ҳамкории мо боқӣ мемонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ бо проблемаи Афғонистон пайванди ногусастанӣ доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо мутмаинем, ки СҲШ дар самти табдил додани минтақаи мо ба фазои сулҳу субот, дӯстӣ, шукуфоӣ ва ҳамрушдии мутаносиб ҳанӯз ҳам дорои имкониятҳои бузург ва то охир истифоданашуда аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо мутаминем, ки ноил шудан ба сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Афғонистон бидуни офияти иҷтимоиву иқтисодии ҷомеаи ин кишвар ва роҳандозии муколамаи аз лиҳози сиёсӣ асоснок байни ҷонибҳои мухолифи гуногун имконнопазир аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон сипари боэътимоди давлату миллат, кафили амнияту суботи кишвар ва тартиботи ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, ҳайати шахсии он аз замони таъсисёбӣ то имрӯз вазифа ва уҳдадориҳои хизматии худро содиқона ва софдилона иҷро карда истодаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳайати шахсии қисму воҳидҳои Қӯшунҳои дохилӣ бо азму иродаи мардона ба савганди ҳарбӣ ва суннатҳои неки ватандорӣ содиқ монда, дар вазъияти хеле мушкилу ҳассоси сиёсиву ҷамъиятии солҳои 90-уми асри гузашта мавқеи устувори худро ба хотири иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва ҳимояи амнияту осоиши мардуми кишвар нигоҳ дошта тавонистанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шубҳае нест, ки тамоми хизматчиёни ҳарбии мамлакат, аз генерал то сарбози қаторӣ минбаъд низ вазифаи муқаддаси худро дар ҳифзи амнияти давлат ва таъмини сулҳу субот, зиндагии осоиштаи мардум ва баланд бардоштани обрӯву нуфузи байналмилалии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамаи неру ва донишу малакаи худро сарф менамоянд ва ба халқу Ватани худ чун фарзандони бонангу номус содиқонаву софдилона хизмат мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз суботу амнияти миллату давлатҳо ба дараҷаи рушди илму маориф ва техникаву технологияҳои онҳо вобаста мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Рӯйдодҳои сиёсӣ ва геополитикии солҳои охир нишон доданд, ки камогоҳӣ, сатҳи нокифояи дониш, аз моҳияти равандҳои сиёсӣ ва ҷангҳои иттилоотӣ бохабар набудани мардум метавонад ба хатари ҷиддие ба суботу амнияти давлатҳо табдил гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман қаблан дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта будам ва имрӯз бори дигар таъкид менамоям, ки мактабу маориф омили муҳимтарини амнияти миллӣ мебошад, зеро дар ҷаҳони пуртазоди имрӯза фақат насли наврасе, ки дониш ва касбу ҳунарҳои замонавиро хуб аз худ кардааст, метавонад дар оянда рушди босуботи иқтисодии кишварро таъмин намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо дар оғози соли таҳсил ҳамчун анъана рӯзи донишро бо дарси сулҳ оғоз мекунем, зеро ин ду мафҳум, яъне дониш ва сулҳ мафҳумҳое мебошанд, ки бо ҳамдигар пайванди ногусастанӣ доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз сокинони сайёра беш аз ҳар вақти дигар ба сулҳу субот ниёз доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин марҳалаи ҳассос мо бори дигар бо ҷиддият эълон медорем, ки ҷонибдори сулҳу субот дар минтақа ва ҷаҳон буда, терроризм, экстремизм ва радикализмро қатъиян маҳкум менамоем ва тавассути донишу фарҳанги миллии худ бо ҳама гуна зуҳуроти номатлуб мубориза мебарем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки ҳифзи истиқлоли давлатӣ, сулҳу оромӣ ва дигар арзишҳои миллӣ вазифаи муқаддаси ҳар як фарди баору номуси миллат, аз ҷумла шумо, хонандагон, донишҷӯён ва омӯзгорони арҷманд мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зарур аст, ки мо ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба арзишҳои неки тамаддуни башарӣ арҷ гузорем, нисбат ба проблемаҳои инсоният бетараф набошем ва хусусан дар таҳкими сулҳу суботи ҷаҳон саҳми арзандаи худро гузорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Комилан возеҳу равшан аст, ки масоили таъмини амният, ҳифзи сулҳу суботи минтақа, муборизаи оштинопазир бо "се офат" бояд масоили асоситарини афзалиятнок барои давлатҳои аъзои Созмон боқӣ монанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Созмони мо дар вазъияти нав ва тағйирпазирии босуръати байналмилалӣ вазифадор аст, ки маҳорати зуд мутобиқшавиро нишон дода, ба вазифаи мураккаби ҳифзи ҷиҳати пойдории сулҳу суботи минтақа фавран эътинод карда, ба рушду шукуфоии муштарак мусоидат намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо аз ин ҷиҳат натиҷаи мулоқоти дар Минск баргузоршудаи ҷонибҳои манфиатдорро аз рӯйи масъалаи танзими вазъияти шарқи Украина, ки бар иҷрои нақшаи Президенти Украина ва  ташаббуси Президенти Россия асос меёбад ва мақсад аз он ҳалли сулҳомези ин проблемаи мушкил аст, маъқул мешуморем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи шуморо ба муносибати иди саиди Қурбон, ки фардо фаро мерасад, сидқан табрик гуфта, ба ҳар як хонадони кишвар аз даргоҳи Парвардигор сулҳу амонӣ ва файзу баракат орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз файзу баракати истиқлол, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ самтҳои афзалиятноки сиёсати фарҳангии Тоҷикистон тарҳрезӣ ва зина ба зина татбиқ шуда, ҷиҳати рушди устувори фарҳанги миллӣ фазои мусоиду озод фароҳам омад, ки ин дар шароити муосир хеле муҳим аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Итминон дорам, ки мардуми заҳматқарину шарафманди ноҳияи Панҷ минбаъд низ бо эҳсоси гарми ватандӯстиву неруи қавии созанда, бо шукргузорӣ аз истиқлолияти давлатӣ, соҳибихтиёриву соҳибдавлатӣ ва сулҳу суботи поянда, хусусан дар арафаи ҷашни 20-солагии қабули санади сарнавиштсози халқамон – Конститутсия барои ободу пешрафта гардидани ноҳия ва ободиву рушди Ватани азизамон ҳамаи саъю талоши худро равона месозанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи масъулини вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар марҳалаи кунунии рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ҷалби мардум ба корҳои созандагиву ободкорӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, таҳкими ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Масъулияти ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими минбаъдаи пояҳои давлатдорӣ, таъмини амнияту осоиштагии кишвар ва ободиву пешрафти мамлакатро мардуми Тоҷикистон ба зиммаи мову шумо вогузор намудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳама хуб дарк мекарданд, ки танҳо бо қабули Конститутсияи нав ҳимояи заминаҳои истиқлол ва муаррифии расмии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил дар арсаи байналмилалӣ, ба роҳ мондани муносибатҳои баробарҳуқуқ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо кишварҳои пешрафтаи олам муяссар мешавад, амнияти милливу давлатӣ ва оромии авзои ҷомеа таъмин мегардад ва бо ҳамин роҳ пояҳои сиёсиву ҳуқуқии давлате, ки қадамҳои нахустини худро мегузошт, устувор мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аммо ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки ҳизбу ҳаракат ва созмону иттиҳодияҳои диниву ҷамъиятӣ ба ҳаёти мардум мафкураҳоеро таҳмил намоянд, ки онҳо суннату арзишҳои муқаддаси миллӣ, ваҳдат, субот ва амнияти ҷомеа, якпорчагӣ ва низоми қонунияти давлатиро халалдор созанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дигар вазифаи муҳимми Конститутсия муайян намудани асосҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи мудофиа, яъне таъмини истиқлолият, амнияти миллӣ, тамомияти арзӣ, дахлнопазирии ҳудуди кишвар ва ҳаёти осоиштаи аҳолӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тадбирҳои то имрӯз амалигардида ҷиҳати қавӣ гардонидани эътимоди шаҳрвандон ва густариши ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо аҳолӣ мусоидат намуда, дар самти таъмини адолати иҷтимоӣ, тарбияи ҳуқуқиву ахлоқии ҷомеа ва ҳимояи сулҳу субот дар кишвар нақши муҳим бозиданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо аз он қаноатмандем, ки тайи солҳои ахир ҳамёрии гуногунарсаи Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо сатҳи сифатан навро касб карда, фарогири соҳаҳои мухталифи иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангиву гуманитарӣ ва сиёсию амниятӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо дастгириву кумакҳои қаблӣ дар соҳаи амниятӣ, ҳамчунин саҳмгузории Агентии рушди байналмилалии Канадаро дар амалисозии як қатор лоиҳаҳои иҷтимоӣ тавассути созмонҳои байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ, минҷумла Хазинаи Оғохон дар ёд дорем ва қадрдонӣ менамоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар шароити имрӯза барои сафарбар намудани одамон ба корҳои хайру созанда чунин неруи сиёсие лозим аст, ки мардуми Тоҷикистонро бо ғояҳои сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, сарҷамъиву ваҳдати миллӣ ва волоияти қонун муттаҳид намуда, дар сафи пеши раванди бунёдкории Ватан қарор дошта бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Самараи он таҳкими сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, пешрафти иқтисоду иҷтимоиёт ва торафт беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии мардум мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар раванди басо мушкилу мураккаби хомӯш кардани оташи ҷанги шаҳрвандӣ, вусъат бахшидани музокироти сулҳ ва таҳкими оромиву суботи ҷомеа нақши босазои худро гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, сарҷамъиву ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа рӯз ба рӯз густариш ёфта, ба шарофати ин раванди нек сатҳи зиндагии мардум торафт баланд мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкорӣ дар ҳошияи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ аҳамияти авлавиятнок дода, онро олати таъсирбахш ва бо мурури замон санҷидашудаи таъмини амнияту суботи минтақаи масъулияташ мешуморад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Роҳандозии мубодилаи иттилоот, таҷриба, таҳияи мавод, машқҳои муштараки сохторҳое, ки ба рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда ва роҳандозии амалиётҳои наҷотдиҳӣ машғуланд, танзими ҳамкории онҳо бо қувваҳои мусаллаҳ самти басо муҳими коре мебошанд, ки он имконияти баланд бардоштани сатҳи амнияти кишварҳоямонро фароҳам меорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо дар ҷаласаи пӯшида дар бораи зарурати ҳамкорӣ бо Афғонистон сухан кардем, бинобар ин чунин мешуморем, ки бояд амалиёте, ки ба манзури таҳкими неруи қувваҳои мусаллаҳи Афғонистон, қӯшунҳои сарҳадӣ,

мақомоти амният, пулис ва сохторҳои муборизаи зидди қочоқи маводи мухаддир машғуланд, дар сатҳи миллӣ танзим карда шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар сатҳи баланд баргузор шудани ҷаласаи навбатии Созмони Ҳамкориҳои Шанхай нишондиҳандаи беҳтарини сатҳи равобити мо бо созмонҳои бонуфузи минтақа ва ҷаҳон гардид ва Тоҷикистон имкон пайдо кард, ки ҷонибдории худро ба хотири таъмини амният ва рушди ҳамаҷониба дар минтақа ва ҷаҳон, инчунин густариши ҳамкориҳои судманд миёни аъзои созмон бори дигар таъкид намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таърихи начандон тӯлонии давлатдориамон собит менамояд, ки ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва дастовардҳои он, ҳимояи амният ва манфиатҳои милливу давлатӣ, устувор гардонидани ваҳдати миллӣ ва нигоҳ доштани суботу оромии ҷомеа, инчунин таъмин намудани рушди иқтисоди кишвар ва беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дар шароити торафт вусъат пайдо кардани бархӯрди қудратҳои ҷаҳонӣ вазифаи аввалиндараҷаи ҳамаи рукнҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҳар як шаҳрванди ватандӯсту ватанпарвар мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарназардошти вазъи ҷаҳони имрӯза изҳор медорам, ки мактабу маориф инчунин омили муҳимтарини амнияти миллӣ низ мебошад, зеро дар ҷаҳони пуртазоди имрӯза фақат насли наврасе, ки дониш ва касбу ҳунарҳои замонавиро хуб азхуд кардааст, метавонад дар оянда рушди босуботи иқтисодии кишварро таъмин намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи мақомоти давлатӣ вазифадоранд, ки дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ дар ҷомеа, алалхусус дар байни наврасону ҷавонон, бо дарназардошти воқеияти имрӯза, аз ҷумла пешгирӣ кардани таъсири манфии ҷаҳонишавии фарҳангӣ ва дар ин раванд таъмин намудани амнияти иттилоотӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба хотири амалӣ гардидани нақшаву ниятҳои неки дар назди мо қарордошта, аз ҷумла вазифаҳои дар паёми имрӯза гузошташуда, ба даргоҳи

Худованди мутаол дуо мекунем, ки қабл аз ҳама, дастоварди асосиву бузургтарини халқи азизамон–Ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи Ватани маҳбубамонро абадӣ гардонад, муҳаббату садоқати фарзандони ин миллати сарбаландро ба ояндаи ободу осудаи сарзамини аҷдодиамон афзун созад ва сарзамини биҳиштосои моро ҳамеша дар паноҳи офияташ нигоҳ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мисли ҳамеша ҳадафҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дурнамои дарозмуддат ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои олии кишвар бояд аз фароҳам овардани шароити мусоиди берунӣ барои рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, таъмини амнияти миллӣ, тақвияти рукнҳои давлатдорӣ, дифоъ аз ҳуқуқу озодиҳо, эътибор ва манфиатҳои шаҳрвандони кишвар, таҳкими мавқеи давлат дар арсаи байналмилалӣ иборат бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Эҷоди камарбанди эътимоду амният дар тамоми тӯли сарҳади кишвар аз тариқи густариш ва таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ бо ҳамаи мамлакатҳои ҳамҷавор вазифаи муҳимтарини сиёсати хориҷӣ буд ва хоҳад монд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо итминони комил дорем, ки густариши ҳамкории созанда бо якдигар дар асоси дуҷониба ва бисёрҷониба воситаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ, амниятиву экологӣ ва муқовимат бо таҳдиду хатарҳои глобалии муосир буда, ба манфиатҳои ҳаётии ҳамаи минтақа ва ҳар як кишвари Осиёи Марказӣ комилан созгор аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқрори сулҳи деринтизор ва эҳёи ҳаёти осоишта дар кишвари азияткашидаи Афғонистон бо таъмини амнияти минтақавӣ низ пайванди ногусастанӣ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вусъат ёфтани ин гуна ҳамкорӣ дар давоми 23 соли истиқлоли кишвари мо дар ҳама бахшҳо ҷавобгӯйи манфиатҳои на танҳо ду ҷониб, балки ба нафъи суботу амният ва рушди пойдори минтақа аст ва мо ин равандро чун самти стратегии сиёсӣ ҳадафмандона идома хоҳем дод.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бар онем, ки созмонҳои бузурги байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз қабили Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Ҳамкории Исломӣ, Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва дигар ниҳодҳои ҳамкориҳои бисёрҷониба дар тақвияти амалии амният ва субот, татбиқи барномаҳои бузурги иқтисодӣ ва инфрасохторӣ, таъмини раванди густариши равобити халқҳо ва кишварҳо бояд нақши созандатар ва муассиртар дошта бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳарчи зудтар барқарор гардидани сулҳу суботи сиёсии пойдор дар қаламрави ҳамсояи ҷанубии мо – Афғонистони ҳамҷавор - ҷавобгӯи манфиатҳои ҳаётиву миллии Тоҷикистон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мусоидати беш аз пеш ба рушду тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди сиёсиву иқтисодӣ, фарҳангиву гуманитарӣ ва амниятӣ дар чаҳорчӯби Созмони ҳамкории Шанхай аз ҳадафҳои асосии барномаи кории ҷониби Тоҷикистон ба сифати кишвари раисикунанда мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

## Соли 2015

Ба ин муносибат тамоми ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ва ҳамаи шумо, ҳозирини гиромиро самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо дар ҷодаи ҳимояи амнияту оромии давлати соҳибистиқлоламон сиҳатмандиву хушбахтӣ ва сарбаландиву барори кор орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тибқи таҳлилу пешгӯйиҳои коршиносон раванду тамоюлҳои дар ҷаҳон идомадошта дарозмуддат буда, таҳдиду хатарҳои ҷиддӣ ба амнияти минтақа ва ҷаҳон боқӣ мемонанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар чунин шароит масъалаи таъмини амнияти милливу давлатӣ ва суботу оромии ҷомеа аҳаммияти аввалиндараҷа ва ҳаётӣ пайдо карда, ҳамаи кормандони сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро водор месозад, ки аз ҳарвақта дида бештар масъулиятшинос ва ҳушёру зирак бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамчунин, бо истифода аз фурсати муносиб, ба кулли мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла занони шарофатманд, ҷавонони ватандӯст, ҳамватанони бурунмарзӣ, инчунин ҳизбҳои сиёсии кишвар барои ширкати фаъолонаашон дар интихоботи Маҷлиси намояндагон ва маҷлисҳои маҳаллӣ, ки чанд рӯз пештар баргузор шуда, нишонаи равшани болоравии фарҳанги сиёсии ҷомеа, масъулияти ватандорӣ ва рамзи возеҳи суннати таҳаммулгароиву ҳамдигарфаҳмии сокинони кишвари маҳбубамон ба хотири сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва осоиши ҳар як оила гардид, сидқан миннатдорӣ баён менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Занону модарони бонангу номуси мо ҳанӯз дар даврони ниҳоят мушкили оғози истиқлолият обрӯ ва шарафи мамлакатро ҳифз намуданд, ба хотири ҳифзи ҳуқуқи худ мисли гурдофаридҳо ба қиём баромаданд, дар таҳкими давлат, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ саҳми бисёр арзишманд гузоштанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба хотири таҳкими сулҳу ваҳдат, таъмини риояи ҳуқуқи шаҳрвандон, густариши равандҳои демократӣ, таъмини рушди устувору бомароми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, инчунин ҷиҳати мустаҳкам намудани пояҳои давлатдорӣ ва таҳияву қабули қонунҳо дар асоси ислоҳоти конститутсионӣ парламенти касбиро таъсис додем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар шароити вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳонӣ таъмини сулҳу суботи сиёсӣ, ободии ояндаи Ватан, пешрафти бомароми ҳамаи соҳаҳои ҳаёти мамлакат, эҳтироми меъёрҳо ва муқаррароти қонунгузорӣ, ҳимояи манфиатҳои олии милливу давлатӣ аз фаъолияти бомароми мақоми қонунгузори кишвар вобастагии амиқ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор, дар кишвари мо хуршеди меҳру садоқат, дӯстиву рафоқат ва сулҳу амонӣ ҷовидона нурафшон бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин раванд, ҳар яки мо ҳам бояд шукрона кунем, ки имрӯз бузургтарин ҷашни аҷдодиамон–Наврӯзро дар фазои озод, дар давлати соҳибихтиёру обод ва дар шароити сулҳу суботи комил таҷлил менамоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҷлиси миллӣ, бо вуҷуди таърихи начандон тӯлонии фаъолияти худ, тавассути амалӣ гардонидани салоҳияти конститутсионии хеш, яъне ҷонибдории қонунҳое, ки ҳадафи асосии онҳо ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, суботи сиёсӣ, сулҳу оромӣ, таҳкими қонуният, татбиқи нақшаву барномаҳои стратегии кишвар ва пешбурдиислоҳоти иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад, корҳои назаррасеро ба анҷом расонид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳадафи асосии давлати Тоҷикистон таъмини амалишавии меъёри конститутсионӣ оид ба тағйирнопазирии шакли идораи кишвар, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат, таъмини сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, таҳкими пояҳои истиқлолият, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳолии мардум мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Муҳокима ва таҳияи лоиҳаи қонунҳо бояд ҳаматарафа ва бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами қонунгузорӣ ба роҳ монда шавад, зеро сатҳу сифати баланди қонунҳо ва гузашта аз ин, риояву иҷрои онҳо гарави пешрафти ҷомеа, таъмини сулҳу субот ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҷлиси миллӣ дар таҳкими сулҳу субот, ваҳдату ягонагӣ, беҳдошти фазои ҳуқуқии кишвар ва пешрафти соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа нақши арзишманд дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми шарифи Тоҷикистон умед доранд, ки шумо, ҳайати Маҷлиси миллии даъвати нав низ дар роҳи эҷоди қонун ва ҷонибдории онҳо бештар саъю кӯшиш мекунед ва барои таҳкими пояҳои давлатдорӣ, такмили раванди эҷоди ҳуқуқ, рушди соҳаҳои мухталифи он ва тақвияти минбаъдаи сулҳу субот дар ҷомеа саҳми арзанда мегузоред.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати истиқлоли давлатӣ, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ ҳамкориҳои мамлакати мо бо бисёр кишварҳои хориҷӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ торафт таҳким ва густариш ёфта, садҳо корхонаҳои нави муҷаҳҳаз бо технологияҳои муосири коркард ва истеҳсоли маҳсулоти саноатии ҷавобгӯй ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ ба фаъолият шурӯъ карда истодаанд, ки ин раванди нек, дар навбати худ, яке аз омилҳои муҳимтарини рушди иқтисодии Тоҷикистони азизи мо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз ҳамин омил, яъне Ваҳдати миллӣ, сулҳу суботи пойдор ва рушди устувори иқтисодиёти кишварамон имкон медиҳад, ки сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мунтазам беҳтар гардида, наслҳои ояндасозу ободгари мо дар рӯҳияи арҷгузорӣ ба арзишҳои фарҳангӣ ва муқаддасоти миллӣ тарбия карда шаванд ва ҳамқадами ҷаҳони муосир бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тавре огоҳед, мардуми шарифи Тоҷикистон аз оғози солҳои соҳибистиқлолии кишварамон ба хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ҳамчун неруи тавонову посдори сулҳу оромии кишвар эҳтироми хоса зоҳир менамоянд, зеро Артиши миллии мо дар мудҳиштарин лаҳзаҳои солҳои навадуми асри гузашта барои ҳимояи оромиву суботи ҷомеа ва ҳифзи манфиатҳои давлат мардонагии бемисл нишон доданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Чунонки дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олӣ таъкид намудам, вазъияти ҷаҳони имрӯза моро водор мекунад, ки фаъолияти самараноки тамоми сохторҳои давлатиро барои таъмини боэътимоди сулҳу субот ва амнияти кишварамон равона созем ва барои ҳар як сокини кишвар шароити арзандаи зиндагӣ ва ҳаёти осиштаро муҳайё кунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин аст, ки ҳар сол мардуми сулҳдӯсти сайёра даҳшати ин ҷанги хонумонсӯзро ёдоварӣ намуда, 9-уми майро ҳамчун санаи таҷлили корномаи мардони далеру шуҷоъ ба муқобили фашизми гитлерӣ ҷашн мегиранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин лаҳзаҳо, ки ҳамаи мову шумо дар остонаи 70-уми солгарди ин санаи таърихӣ қарор дорем, ҳамаи собиқадорони ҷангу меҳнат ва тамоми мардуми сулҳхоҳу ваҳдатсози кишвари маҳбубамонро, ки дар набардҳои шадиди ин ҷанг мардонавор истодагарӣ карда, барои таъмин намудани

пирӯзӣ бар фашизм саҳми арзишманд гузоштаанд, самимона табрик мегӯям ва ба ҳар хонадони тоҷик фазои орому осуда, хонаи обод ва тандурустиву хушбахтӣ орзумандам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҷлили ҳамасолаи Рӯзи Ғалаба бар фашизм ба ҷаҳониён бори дигар собит менамояд, ки дӯстиву ҳамкорӣ ва таҳкими равобити неку созандаи халқу давлатҳо омили асосии сулҳу субот ва бунёди рӯзгори орому осуда буда, танҳо бо саъю талоши якҷоя бар зидди неруҳои бадхоҳ истодагарӣ кардан мумкин аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бахусус дар шароити ноором ва бисёр мураккаби имрӯза, ки таҳдиду хатарҳои ҷаҳонӣ рӯз то рӯз вусъат пайдо карда истодаанд, тарғибу ташвиқи сулҳу дӯстӣ ва корнамоиҳои фарзандони далеру шуҷои Ватан барои мубориза бар зидди хатарҳои муосир, аз қабили терроризму ифротгароӣ ва миллатгароиву нажодпарастӣ бо мақсади тарбияи эҳсоси ватандӯстӣ ва озодихоҳии наслҳо ниҳоят муҳим мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шубҳае нест, ки эҳтироми муқаддасоти миллӣ, гиромидошт ва ҳифзи Ватан, миллат, забон ва арзишҳои таърихиву фарҳангии халқи куҳанбунёдамон ва муҳимтар аз ҳама, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият ва амнияту осудагии Тоҷикистони азизу мабубамон минбаъд низ мароми зиндагии ҷавонони ватандӯсти мо хоҳад буд!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо чунин мешуморем, ки ин ташаббусҳои мо ба ҳадди муайян ба хотири дарки хубтари масъалаҳои об дар сатҳи глобалӣ ва эътирофи зарурати афзал донистани ҳалли онҳо ҷиҳати рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ, фароҳам гардидани тавозуну созгории экологӣ, сулҳу субот ва, умуман, рушди бемайлону солим хизмат кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми мо барои амалӣ намудани ин суннати моҳи муборак ҳамеша кӯшиш намуда, барои оромии рӯҳу равони хеш хайру саховатро зиёдтар мекунанд, таҳаммулро пеша карда, аз гуноҳҳои ҳамдигар мегузаранд ва сулҳу салохро авло дониста, ба ниёзмандону камбизоатҳо, ятимону маъюбон, барҷомондагон ва бечорагону фақирон дасти хайру эҳсон дароз менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барои расидан ба ин рӯзи саид халқи тоҷик аз имтиҳони бисёр сахту сангини таърих гузашта, ба шарофати хиради азалии худ ба мухолифати мусаллаҳона ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима бахшид ва ба аҳли башар исбот намуд, ки метавонад таҳти парчами ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ сарҷамъ гардида, дар фазои сулҳу субот умр ба сар бурда, сарзамини аҷдодии хешро бо азму талоши ватандӯстона ободу зебо гардонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо шукргузорӣ аз сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ ва рушду тараққиёти устуворе, ки имрӯз дар Ватани аҷдодиамон ба даст омадааст, кулли мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамаи ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори Рӯзи ваҳдати миллӣ самимона табрик мегӯям ва ба хонадони ҳар фарди кишвар осоишу оромӣ, хушбахтиву сарбаландӣ ва саодати доимии рӯзгорро орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Марҳалаи начандон тӯлонии таърихӣ собит сохт, ки тоҷикон дар ҳақиқат миллати созандаву бунёдкор, ватандӯсту ватанпарвар, соҳибтамаддуну фарҳангӣ ва сулҳхоҳу таҳаммулгаро буда, метавонанд бо ваҳдату сарҷамъии худ ҷомеаи воқеан муосири демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро бунёд намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зарур аст, ки мардуми мо ва алалхусус, насли ҷавони кишвар андешаи сулҳу ваҳдатро ҳамчун ҷузъи муҳимтарину ҷудоинопазири фарҳанг ва ҳувияти миллӣ қабул намоянд ва ба хотири таҳкими ҳарчи бештари он саъю талош варзанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зарур аст, ки мардуми мо ва алалхусус насли ҷавони кишвар, андешаи сулҳу ваҳдатро ҳамчун ҷузъи муҳимтарину ҷудоинопазири фарҳанг ва ҳувияти миллӣ қабул намоянд ва ба хотири таҳкими ҳарчи бештари он саъю талош варзанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз ба ҳамин хотир масъалаи таҳкиму тақвияти ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботро дар ҷомеаи имрӯза ба таври васеъ, мақсаднок ва мунтазам таблиғу ташвиқ кардан амри заруриву ҳаётӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин самт ба тарғибу ташвиқи моҳияти давлату давлатдории муосири миллӣ, эҳтироми волоияти қонун, ҳифзи манфиатҳои давлат ва халқи Тоҷикистон, қадру қимати ваҳдати миллӣ, сулҳу суботи сиёсӣ ва ҳимояи арзишу дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ, инчунин гирифтани пеши роҳи шомилшавӣ ба ҳар гуна ҳаракату ҷараёнҳои тундрав эътибори аввалиндараҷа бояд дода шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, роҳбарони аҳзоби сиёсӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, намояндагони васоити ахбори омма, созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятиро зарур аст, ки барои таҳкими ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот дар кишвар манфиатҳои миллӣ ва давлатиро аз манфиатҳои гурӯҳӣ ва шахсӣ боло дониста, дар тарбияи насли наврас, пешгирии ҷавонон аз шомил гардидан ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро, мубориза бо экстремизм ва терроризм, инчунин сиёсигардонии дин дар ҳамбастагӣ бо Ҳукумати кишвар бо омода намудани лоиҳаву барномаҳо ва консепсияҳои мушаххас саҳмгузор бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба тамоми роҳбарони мақомоти қудратӣ ва афсарону сарбозони далеру шуҷоъ бори дигар муроҷиат менамоям, ки ба хотири таҳкими ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи сиёсӣ ҳамеша ҳушёру зирак бошанд, Ватани маҳбубамонро ҳифз намоянд ва номи пуршарафи ҳомии Ватанро боз ҳам баланд бардоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Корнамоии онҳое, ки ҷони худро баҳри Ғалабаи бузург нисор кардаанд, моро даъват менамояд, ки ҳушёр буда, ягонагиро ба манзури тақвияти кори сулҳ ва рушди устувор таҳким бахшем. Мо танҳо дар сурате метавонем ояндаи самарабахши худро бунёд намоем, ки агар гузаштаамонро фаромӯш накунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳ бебаҳост. Вазифаи умумии мо иборат аз он аст, ки сулҳу суботи минтақаи масъулияти СҲШ–ро эҳтиёт кунем, нигоҳ дорем ва ҳифз намоем, сахми худро дар таъмини сулҳи сайёра ба таври хастанопазир афзун гардонем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷумҳурии Исломии Афғонистони ба мо дӯст марҳилаи наву махсусан муҳими рушди хешро аз сар мегузаронад. Мо махсусан, ба он ҳавасмандем, ки мардуми Афғонистон ба таври ниҳоӣ ба роҳи сулҳ, ризоияти миллӣ ва барқароршавӣ равона гарданд. Тоҷикистон минбаъд низ гузоштани ҳиссаи амалии хешро дар кори барқарорсозӣ ва рушди давлати ҳамсоя идома медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бояд махсус таъкид намуд, ки Тоҷикистону Ҳиндустон оид ба масъалаҳои амнияту субот, мубориза бар зидди зуҳуроти терроризму экстремизм, кочоқи маводи мухаддир, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва зарурати тақвияти ҳамкории иқтисодии минтақавӣ дидгоҳи яксон доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Варзиш дар ҳама давру замон, бахусус дар шароити мураккабу пуртазоди ҷаҳони имрӯза ҳамчун қосиди сулҳ, омили муҳимми таҳкими дӯстии халқҳо ва муаррифии кишварҳо, инчунин, воситаи беҳтарини саломатии инсонҳо ва густариши тарзи ҳаёти солим эътироф гардидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Баъди расидан ба ваҳдати миллӣ мардуми шарифи Кӯлоби бостонӣ бо шукронаи сулҳу субот ва Ватани соҳибихтиёр ба корҳои ободониву созандагӣ ва бунёди инфрасохтори замонавӣ камари ҳиммат бастанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамасола бо иштироки Роҳбари давлат оғоз гардидани дарси сулҳ ва соли нави таҳсил дар кишвари мо гувоҳи равшани эҳтироми зиёди давлат ва Ҳукумати мамлакат ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсии ҷомеа, мақому мартабаи илму маориф, маънавиёту маърифат, заҳмати омӯзгорону устодон ва саъю талоши донишҷӯёну хонандагон, яъне насли ояндасози миллат мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дарси сулҳ ва рӯзи дониш беҳтарин имкониятест, ки мо дар шароити торафт печидаву мураккаб шудани вазъи ҷаҳони муосир нақши сулҳу субот ва ваҳдати миллиро дар таҳкими аркони давлатдории миллӣ ва пешрафти давлату ҷомеа таъкид созем, доир ба таъмини ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла дастоварду мушкилоти яке аз соҳаҳои муҳимтарини иҷтимоӣ - мактабу

маориф изҳори назар карда, бори дигар таваҷҷуҳи мактаб, оила ва ҷомеаро барои боз ҳам беҳтар намудани таълиму тарбия дар кишвар ҷалб намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар он солҳои вазнин тамоми фикру андешаи ман, ҳамчун Сарвари давлат, дар баробари таъмин намудани сулҳу оромии кишвар ба ҳалли масъалаҳои маориф ва дастгирии ин соҳаи барои ҷомеа ва давлат ниҳоят муҳим банд буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар чунин марҳалаи ҳассос мо, ҳамчун кишваре, ки ҷанги даҳшатноки шаҳрвандиро паси сар кардааст, бори дигар бо ҷиддият эълон медорем, ки ҷонибдори сулҳу субот дар ҷаҳон ва пуштибони ҳалли мусолиматомези ҳама гуна мухолифату низоъҳо буда, иртиҷоъпарастӣ ва ифротгароиро қатъиян маҳкум менамоем ва бар зидди ҳама гуна аъмоли номатлуб мубориза мебарем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба муносибати ин санаи фархунда ҳамаи афсарону сарбозон ва ҳайати шахсии гвардияро шодбош гуфта, ба ҳар яки онҳо саломативу сарбаландӣ ва дар иҷрои масъулияти муқаддасу пуршарафи касбӣ, яъне таъмини амнияту оромии ҷомеа, дастовардҳои истиқлолият ва ҳифзи манфиатҳои давлату миллат муваффақият орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сайид Алии Ҳамадонӣ баъди азият ва мушкилоти зиёде, ки дар зиндагиаш рӯ ба рӯ шудааст, ба хулосае омадааст, ки барои ҷомеа ва инсоният сулҳ ва оромиш нақши арзанда дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ин рӯ, вай фарҳанги сулҳро таблиғ карда, хостори ваҳдату субот ва ҳамраъйию муттаҳидӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд таъкидҳои ҳакимонаи Сайид Алии Ҳамадониро сабақи зиндагӣ ва кору фаъолияти худ қарор диҳем ва ҳаргиз нагузорем, ки дар сайёра ихтилофу низоъҳои нав сар зада, боиси халалдор гардидани сулҳу субот шаванд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зиёиён ва олимону донишмандон, уламои динӣ ва аҳли ҷомеаро зарур аст, ки дар асоси андешаҳои ҳакимонаи ин қабил донишварон ба муқобили ҳама гуна зуҳуроти хурофотпарастӣ, экстремизму терроризм ва дигар падидаҳои нангин садо баланд кунанд ва барои дар зеҳни мардум, хусусан наврасону ҷавонон, ташаккул додану решадор сохтани ғояҳои инсондӯстӣ, таҳаммулгароӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ мунтазам кор кунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Муҳимтарин дастоварди мо дар ин давра таъмини сулҳу оромӣ, аз хатари нобудӣ наҷот додани давлатдории миллиамон ва аз парокандагӣ раҳо бахшидани миллатамон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар баробари ин ҳама, ба мо муяссар гардид, ки бо пуштибониву дастгирии самимонаи мардуми шарифи кишвар сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро дар ватани худ барқарор намуда, барои зиндагии осудаи халқамон шароити мусоид фароҳам созем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳоло дар вазъияти ошуфтаву бесуботи ҷаҳони муосир ва зиндагии фоҷеабори баъзе халқу миллатҳо ҳар як шаҳрванди огоҳи Тоҷикистон бо камоли шукргузорӣ дарк мекунад, ки аз баракати сулҳу субот мо ба чӣ неъмати бузурге даст ёфтаем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо изҳори ҳамин ниятҳои нек бори дигар ҳамаи мардуми шарифу сарбаланди кишвар ва кулли ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори ҷашни озодиву соҳибихтиёрии Ватани маҳбубамон самимона табрику таҳният гуфта, ба хонадони ҳар яки онҳо хушбахтиву файзу баракат, саломативу сарбаландӣ ва ба Тоҷикистони азизамон сулҳу суботи пойдор, ваҳдати миллии ҷовидонӣ ва пешрафту ободии рӯзафзун орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таъкид шуд, ки мубориза бо хатарҳои муосири ҷаҳонӣ, аз ҷумла бо дарназардошти вазъи ташвишовари мавҷуда дар сарҳадҳои ҷанубии давлатҳои ИДМ, вазифаи умумии мост ва мо бояд кӯшишҳоямонро оид ба паст кардани ин хатарҳо ба амнияти миллӣ ва минтақавӣ равона созем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо имрӯз бо вазъи рушди соҳаҳои гуногуни шаҳри Турсунзода шинос шудем ва итминон ҳосил кардем, ки аз баракати сулҳу суботи устувор ва ваҳдати миллӣ сарзамини аҷдодиамон торафт обод ва сатҳи зиндагии мардуми шарифамон сол ба сол беҳтар мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Меҳвари асосии ашъори безаволи устод Турсунзодаро мавзӯъҳои муҳимтарини ҳаёти ҳаррӯзаи мардум, яъне ситоиши дӯстиву бародарӣ, озодиву истиқлолият ва сулҳу оромӣ дар тамоми сайёра ташкил дода, дар ҳама давру замонҳо аҳаммияти зиндагисоз дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Итминон дорам, ки мардуми бонангу номуси Турсунзода ба хотири таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ ва ҳифзи дастовардҳои он, аз ҷумла сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, ободии сарзамини аҷдодӣ ва тақвияти иқтидори давлати соҳибистиқлоламон аз ҳарвақта бештар саъю талош меварзанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин амалҳои хайр, дар навбати худ ба пойдории сулҳу суботи кишвар, оромиву осоиши ҷомеа ва таҳкими ваҳдату ҳамдигарфаҳмии мардуми мо мусоидат мерасонанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз сокинони кишварамон бо шукргузорӣ аз даврони истиқлолият ва аз баракати сулҳу оромӣ ва суботи комили сиёсӣ дар баробари заҳмати созандаву ободгарона ба анҷом додани амалҳои хайр эътибори бештар медиҳанд ва бо ин иқдоми худ соҳиби савоби зиёд мегарданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар Ватани маҳбуби мо–Тоҷикистон Иди қурбон ҳамеша дар фазои эҳсону шафқат ва оромиву осудагӣ баргузор гардида, хурду бузурги кишвар ҳамдигарро бо меҳру муҳаббати хоса табрик мегӯянд ва аз ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва дӯстиву рафоқат шукрона мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар ба мардуми ватандӯсти шаҳрҳои Душанбеву Ваҳдат ва ноҳияҳои Варзобу Рӯдакӣ, ки дар ин рӯзҳои вазнин ба ҳомиёни ҳуқуқу тартибот ба хотири таъмини амнияти кишвар кумаки беғаразона расонида, барои дастгир кардани даҳҳо нафар аъзои ин гурӯҳи террористӣ бо мақомоти давлатӣ ҳамкорӣ карданд, самимона изҳори сипос менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо барои таъмини амнияти давлат, суботу оромии ҷомеа ва зиндагии осудаи шаҳрвандон минбаъд низ аз тамоми қувваю воситаҳо истифода мебарем, зеро ин масъалаҳо ҳамеша дар маркази диққати давлат ва Ҳукумат қарор доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Муҳофизони ҳақиқии Ватан бояд сарзамини ниёгонро баробари модар ва ҳатто мисли ҷони худ дӯст доранд ва барои озодиву истиқлоли кишвар ва амнияту оромии давлату ҷомеа ҷони худро дареғ надоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар ба ҳар яки шумо, муҳофизони шуҷои амнияти давлату ҷомеа, сулҳу оромӣ ва қонунияту тартибот дар Ватани азизамон, ки тавассути қаҳрамониву размандагӣ ва ҷасорату мардонагӣ бар зидди террористон ва ҳадафҳои шуму ғаразноки душманони халқи тоҷик мубориза беамон бурда, ваҳдату ҳамбастагӣ, суботу оромӣ ва зиндагии осудаи мардумро ҳифз карда, нуфузу эътибори неруҳои мусаллаҳи Тоҷикистонро дар ақсои олам боз ҳам баланд бардоштед, аз самими қалб миннатдории худ ва халқи шарафманди тоҷикро иброз медорам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳафтод сол аст, ки Созмони Милали Муттаҳид дар ҷодаи ҳифзи сулҳу амният, инкишофи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҳимояи ҳуқуқи башар қарор дорад. Дар ин муддати таърихан кӯтоҳ Созмон ҷиҳати таҳкими субот, рушди устувор ва коҳиши камбизоативу нобаробарӣ кори зиёдеро анҷом додааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Созмони Милал чун заминаи асосие барои расидан ба ҳамфикрӣ дар масоили калидии рушду амнияти байналмилалӣ, инчунин ҳамоҳангсозии саъю талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар муқовимат бо таҳдиду хатарҳои дунё боқӣ мемонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Афғонистони дӯст ба татбиқи Даҳсолаи таҳаввулот дар кишвар дилпурона оғоз кард. Марҳалаи нави афзоиш ва таҳкими дастовардҳо дар бахши таъмини амнияту субот, эҳёи иқтисодиёт ва иҷтимоиёти кишвар, ки ҷузъи муҳимтарини ҳалли масоили умдаи амалӣ мебошад, тавсеаи ҳадафмандонаву пуштибонии беш аз пеши ҷомеаи байналмилалиро тақозо дорад ва дар ин амр бояд Созмони Милал нақши марказӣ ва ҳамоҳангсоз дошта бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вазифаи ҳамаи мост, ки мардум ва хусусан наврасону ҷавононро аз вазъи пурмоҷарову пурҳаводиси ҷаҳон хабардор кунем, онҳоро ба роҳи рост ҳидоят намоем ва як масъалаи ниҳоят муҳимро ҳамеша талқин созем, ки дар чунин шароит ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ вазифаи ҷонӣ, қарзи фарзандӣ ва рисолати шаҳрвандии ҳар як фарди бонангу номус мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бовар дорам, ки мардуми сарбаланду шарафманди шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ғончӣ дар оянда низ ба хотири таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ, ҳифзи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, инчунин дастгирии сиёсати созандаву бунёдкоронаи Ҳукумати мамлакат саъю талоши бештар меварзанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вазъи имрӯзаи ҷаҳон тақозо менамояд, ки ҷавонони мо доим ҳушёр бошанд, зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд, ба ҳимояи Ватан ва марзу буми он ҳамеша омода буда, шарафи Тоҷикистони азизамон, амнияти ҷомеаи кишвар, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсии онро эҳтиёт ва ҳифз намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мавқею назари мо оид ба қазияи Афғонистон комилан яксон ва ё наздик буданд, аз ҷумла мо дар иртибот ба масъалаҳои дастёбӣ ба сулҳу субот дар Афғонистон, эҳёи иқтисодии он ва муборизаи қотеъона бо неруҳои аҳриманиии терроризму ифротгароӣ ҳамфикр будем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамчунин, Конститутсия, аз як тараф, барои рушди давлати демократӣ ва таъсиси низоми самарабахши ҳокимияти давлатӣ заминаи ҳуқуқӣ гузошта, аз ҷониби дигар, барои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дар саросари мамлакат шароити мусоид фароҳам овард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зикр гардид, ки мусоидати ду кишвари мо ба истиқрори ҳарчи зудтари сулҳу субот дар Афғонистон ҷавобгӯи манфиатҳои миллии Тоҷикистону Покистон ва ба нафъи тамоми минтақа мебошад, зеро имконияти хуберо барои татбиқи ҳар чӣ бештари барномаҳои минтақавӣ фароҳам хоҳад овард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистону Покистон аз рушди ҳамкориҳои дуҷониба изҳори қаноатмандӣ карда, мавҷудияти имконоти фарохро барои рушду тавсеаи ҳамкориҳо дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат, сармоягузорӣ, маориф, илму фарҳанг, энергетика, нақлиёт, дифоъ ва амният бори дигар таъкид намуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин росто метавон гуфт, ки вазъият дар Афғонистони ҳамсоя ҳанӯз муташанниҷ аст. Ин ҳолат чолишҳои нав ба навро барои амнияти кишварҳои мо эҷод месозад. Дар қаламрави Афғонистон пайдо шудани гурӯҳҳои гуногуни террористӣ, аз қабили “Давлати исломӣ”, ба амнияти тамоми минтақа таҳдид менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз сӯйи дигар, татбиқи тарҳҳои коммуникатсионӣ – нақлиётӣ, бунёди хатҳои интиқоли барқ, лӯлаи газ ва дигар тарҳҳои минтақавӣ, аз ҷумла дар масири Тоҷикистон ва Покистон маҳз аз вазъи амниятии Афғонистон вобаста мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд иқтидори фарҳангу тамаддуни миллатҳои худро пурра истифода намоем, то ки дар заминаи муколамаи васеъ, саъю кӯшиши умумӣ барои рушди устувори иқтисодӣ ва амнияти муштарак ҷомеаи босуботу ободи халқҳои Осиёро барпо намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар соле, ки сипарӣ шуда истодааст, бо вуҷуди торафт мураккабу ҳассос гардидани вазъи сайёра ва таъсири манфии омилҳои бухрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ, аз баракати сулҳу суботи комил ва бо азму иродаи қавии халқи азизамон, заҳмати фарзандони бонангу номус ва ҳимматбаланди кишвари маҳбубамон мо ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил шудем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми шарифи Тоҷикистон масъулияти имрӯзу фардои кишвар, аз ҷумла ҳифзи истиқлолият, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳкими минбаъдаи пояҳои давлатдорӣ, таъмини амнияту оромии давлату ҷомеа ва ободиву пешрафти кишвари азизамонро ба зиммаи мову шумо вогузор намудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар соли 2014 дар сатҳи 102 дарсад иҷро гардидани буҷети давлатӣ имкон дод, ки Ҳукумати кишвар уҳдадориҳои худро дар бобати пардохти саривақтии маош, нафақа, стипендия ва кумакпулиҳо ба аҳолӣ, маблағгузории соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла соҳаҳои таъминкунандаи амнияти мамлакат, сохтмон, энергетика, инфрасохтор ва роҳҳо пурра иҷро намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Интихоботи навбатӣ бояд ба омили муттаҳидкунандаи халқи Тоҷикистон, таҳкими сулҳу субот, ваҳдати милливу сарҷамъии мардуми кишвар ва болоравии эътибору обрӯи давлати мо дар арсаи ҷаҳонӣ гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар изҳор медорам, ки ҳамаи захираву имкониятҳои мавҷуда ба ҳалли масъалаҳои ҳифзи фазои орому осудаи зиндагии шаҳрвандон, расидан ба меъёрҳои баландтари некӯаҳволии мардум ва шароити боз ҳам беҳтари иҷтимоӣ, тақвияти қонуният ва адолат ва дар маҷмӯъ, ба таъмини амнияти давлат, шаҳрвандон ва ҷомеа равона карда мешаванд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман бори дигар хотирнишон менамоям, ки ҳамаи мо барои фардои давлату миллат, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, хулоса, барои ояндаи осудаи Тоҷикистон масъулият дорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи мо барои фардои давлату миллат, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, хулоса, барои ояндаи осудаи Тоҷикистон масъулият дорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Қисме бо азму иродаи матин дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва сохтмонҳои бузурги кишвар заҳмат мекашанд, дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ, аз ҷумла дар ҳифзи марзу буми Ватан ва таъмини амнияту оромии давлат ва ҷомеа қарор доранд ва иддае парчами Тоҷикистони азизро дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ баланд мебардоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бинобар ин, роҳбарияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии мамлакатро зарур аст, ки дар самти мубориза бар зидди терроризм, ифротгароӣ, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, баланд бардоштани иқтидори мудофиавии мамлакат ва ҳифзи боэътимоди сарҳади давлатӣ, инчунин омодабошии ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вазъи ҷаҳони имрӯза моро водор мекунад, ки фаъолияти самараноки тамоми сохторҳои давлатиро барои таъмини боэътимоди сулҳу субот ва амнияти кишварамон равона созем ва барои ҳар як сокини кишвар шароити арзандаи зиндагӣ ва ҳаёти осиштаро муҳайё кунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба хотири ҳифзи сулҳу оромӣ ва пойдории суботи сиёсии ҷомеа мо ҳама бояд муттаҳид бошем ва ба фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ ҳамаҷониба мусоидат намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вазъияти ҷаҳони имрӯза моро водор мекунад, ки фаъолияти самараноки тамоми сохторҳои давлатиро барои таъмини боэътимоди сулҳу субот ва амнияти кишварамон равона созем ва барои ҳар як сокини кишвар шароити арзандаи зиндагӣ ва ҳаёти осиштаро муҳайё кунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷиҳати пешгирии паҳн намудани намудҳои нави воситаҳои нашъадор, такмили усулҳои мубориза дар ин самт, тарзи офиятбахшии шахсони гирифтори бемории нашъамандӣ, таҳкими ташаккули афкори ҷомеа бар зидди воситаҳои нашъадор ва умуман пурзӯр намудани мубориза бар зидди ин хатари марговар ба мақсад мувофиқ аст, ки қонунгузорӣ дар соҳаи назорат ва мубориза бо муомилоти ғайриқонунии чунин воситаҳо бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои пешрафта ва талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ таҷдиди назар карда шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки бо мақсади таъмини амнияти давлат ва ҷомеа маблағгузориро барои таъминоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ бо техникаву технологияҳои замонавӣ ва таҷҳизоту

дастгоҳҳои муосир, бунёди иншооти сарҳадӣ, мустаҳкам намудани заминаҳои моддиву техникӣ, муҳайё кардани тамоми шароити зарурии зиндагӣ ва хизмат барои сохтору мақомоти зикршуда сол ба сол зиёд намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамзамон бо ин, ҳамкориҳои байналмилалӣ, махсусан бо кишвари ҳамсоя–Афғонистон дар самти таъмини амният дар хатти сарҳади миёни ду давлат ва мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор густариш дода шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ин мақсад бояд сатҳу сифати таълим ва корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вазоратҳои корҳои дохилӣ, мудофиа, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва дигар сохтору мақомоти низомӣ, инчунин тайёрии касбии кормандони мақомоти мазкур бояд бо дарназардошти талаботи замони муосир ва вазъи ҷаҳони имрӯза баланд бардошта шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳоло мехостам таъкид намоям, ки то имрӯз усулу асосҳо ва афзалиятҳои ин сиёсат, ки аз ҳимояти манфиатҳои миллӣ, ҳифзи озодиву истиқлолияти кишвар, амнияту суботи ҷомеа ва таъмини рушди Тоҷикистон иборатанд, тағйир наёфтаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сар задани алангаи нави мухолифату низоъҳо дар Шарқи Наздик ва минтақаҳои дигари дунё, густариши бесобиқаи терроризми байналмилалӣ ва ҷинояткории муташаккил, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва силоҳ, шиддат гирифтани проблемаҳои экологӣ ва хуруҷи бемориҳои наву басо хатарноки сироятkунанда, коҳиш ёфтани нуфузи ниҳодҳо ва асосҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аҳмияти масъалаҳои марбут ба таъмини амнияти миллӣ ва минтақавиро ба маротиб зиёд мегардонанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи ин воқеияту рӯйдодҳо ҳақиқатеро таъкид менамоянд, ки мушкилоти аср ва таҳдидҳои нав ба тамаддуни башарӣ мунтазам афзоиш ёфта, амнияти давлатҳои хурду бузурги олам ва ҳатто тақдири тамоми аҳли башарро бо хатарҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ сохтаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мантиқист, ки дар шароити ба вуҷуд омадани воқеияти нав, яъне баъди хуруҷи неруҳои эътилофӣ аз сарзамини ин кишвари дӯсту бародари мо робитаҳоямон бояд дар ҳамаи бахшҳо вусъати тоза пайдо намоянд, зеро тавре, ки медонем, масъалаҳои суботу амнияти Афғонистон ва вазъи эмину осоишта дар Осиёи Марказӣ бо якдигар сахт алоқаманданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Яъне ҳифзи содиқонаи манфиатҳои милливу давлатӣ, аз тамоми манфиатҳои дигар афзал донистани манофеи давлату миллат, саъю талоши пайваста ба хотири мустаҳкам намудани пояҳои давлати миллӣ, ҳифзи соҳибистиқлолии Ватан, суботи иҷтимоӣ, амнияти давлат ва ҷомеа, ваҳдати миллӣ ва иқтидори иқтисодии давлат вазифаи шаҳрвандӣ ва масъулияти фарзандии ҳар яки мову шумо – аъзои Ҳукумат, вакилони мардумӣ, роҳбарону масъулони идораҳо ва ташкилоту муассисаҳо, хизматчиёни давлатӣ ва умуман тамоми халқи Тоҷикистон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

*******

## Соли 2016

Дар ин марҳалаи ҳассос яке аз вазифаҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар боз ҳам пурқувват намудани тадбирҳои амниятӣ ва назорати риояи қатъии қонуният, волоияти қонун, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вобаста ба ин, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, амният ва сохторҳои низомӣ супориш дода мешавад, ки дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ аз ҳарвақта дида зираку ҳушёр бошанд ва дар самти пешгирии ҳама гуна қонуншиканиҳо ҳамкории муштарак дошта бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бисту се сол аст, ки ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар рисолати муқаддаси худ–ҳимояи амнияти давлати соҳибистиқлоламон ва зиндагии орому осоиштаи мардуми Тоҷикистонро бо устувориву фидокорӣ иҷро карда истодааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар марҳалаи имрӯзаи рушди давлатдории миллӣ фазои орому осудаи Ватан ва таъмини амнияти давлат ва ҷомеа аз сатҳи масъулиятшиносӣ ва садоқати низомиён–аз сарбози қаторӣ то афсари олирутба вобаста мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳифзу ҳимояи амнияти давлат, суботу оромии ҷомеа ва ҳаёти осудаи сокинони мамлакат ба зиммаи хизматчиёни ҳарбӣ, яъне ҳайати шахсии сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гузошта шудааст ва онҳо вазифадоранд, ки ин неъмати бебаҳо–сулҳу субот ва оромиву осоиши ҷомеаро чун гавҳараки чашм эҳтиёт кунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сараввал ба кулли сокинони ноҳия ва ҳар яки шумо, ки бо меҳнатдӯстиву ҳунармандӣ ва меҳмоннавозии худ шуҳрат доред, барои саҳми басо арзандаатон дар таҳкими сулҳу субот дар кишвари азизамон ва ободиву пешрафти Ватани маҳбубамон арзи сипос менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар Наврӯзи байналмилалиро ба кулли сокинони ноҳия ва ҳар яки шумо, ҳозирини муҳтарам, табрик гуфта, ба шумо барои кӯшишу талошҳоятон ба манфиати давлату миллат ва ободии сарзамини аҷдодиамон изҳори сипос мекунам ва ба хонадони ҳар кадоматон сулҳу оромӣ, иқболи нек ва файзу баракат орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бовар дорам, ки ширкаткунандагони чорабинии имрӯза воситаи тавонои гуфтугӯи тамаддунҳо ва қосиди сулҳ будани Наврӯзи ҷаҳонафрӯзро ба сокинони сайёра мерасонанд ва ҷанбаҳои бузурги фарҳангпарваронаи ин ойини ростинро фаъолона ташвиқ менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Адабиёт одамонро ба ободониву бунёдкорӣ, сулҳу субот ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ роҳнамоӣ мекунад ва дӯстиву ҳамкории байни халқҳову кишварҳоро тарғиб менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ба ҳайси ҷашни ҷаҳонӣ пазируфта шудани Наврӯз гувоҳи он аст, ки одамони сайёра ба ин ойини воқеан ва моҳиятан фарҳангиву инсонпарварона эҳтиром доранд ва онро ҳамчун воситаи сулҳу субот, покиву садоқат ва зебоиву бедорӣ эътироф менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар таъкид менамоям, ки муттаҳидиву сарҷамъии мо дар роҳи ҳалли мушкилот омили муҳимтарин ба шумор меравад ва дар ҷаҳони пурҳаводису нооромии муосир мо танҳо бо ҳушёриву зиракӣ, шукргузорӣ аз сулҳу суботи устувор ва заҳмати ободгарона метавонем, ки сарзамини муқаддасамонро боз ҳам ободу зебо гардонида, барои расидан ба зинаҳои нави рушду тараққиёт қадамҳои устувор гузорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо дар тӯли 25 соли соҳибистиқлолӣ вазнинтарин рӯзҳои парешонӣ ва низоъҳои дохилиро паси сар карда, ба бузургтарин дастоварди миллӣ – сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мушарраф гардидем ва зербинои давлати мустақил, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро таҳким бахшидем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Рӯзи дуюм аст, ки мо дар шаҳру ноҳияҳои вилоят доир ба вазъи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва дастоварду пешравиҳо бо сокинон сӯҳбату вохӯриҳо баргузор намуда, итминон ҳосил намудем, ки ба туфайли сулҳу субот, ваҳдату ягонагии миллӣ ва заҳмати аҳлонаву софдилонаи аҳолӣ ҳар як гӯшаи Ватани муқаддасамон сол ба сол ободу зебо гардида, сатҳи зиндагии мардум торафт беҳтар шуда истодааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Боиси қаноатмандист, ки заҳматкашони шаҳри Исфара ба шарофати истиқлолияти давлатӣ ва сулҳу суботи комил раванди рушди иқтисодиву иҷтимоиро вусъат бахшида, ба нишондиҳандаҳои назаррас ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум муваффақ гардида истодаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо шакли нав ва муҳтавои дигар доир намудани "Корвони наврӯзӣ" дар ин майдони зебо ба мардум шодиву нишоти нав мебахшад, ки сарчашмаи асосии он сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллӣ дар саросари кишвар буда, чунин иқдом, бешубҳа, ба афзун гардидани файзу баракат мусоидат мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз мо бо сарбаландӣ гуфта метавонем, ки ба бахти баланди миллат баҳори биступанҷумини Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва ҷашни Наврӯзи байналмилалиро дар фазои сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллии кулли сокинони мамлакат таҷлил намуда истодаем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Чунонки дар Паёми имсолаи Президент ба Маҷлиси Олӣ таъкид гардид, дар сиёсати давлат ва Ҳукумати мамлакат соҳаи маориф минбаъд низ ҳамчун соҳаи муҳимтарин ва омили асосии таъмини амнияти миллӣ боқӣ мемонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҳдиду хатарҳои ҷиддӣ ба амнияти минтақа ва ҷаҳон торафт густариш пайдо карда истодааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар шароити торафт афзудани хатару таҳдидҳои ҷаҳони муосир масъалаи таъмини амнияти милливу давлатӣ аҳаммияти аввалиндараҷа ва ҳаётӣ пайдо мекунад ва чунин вазъ ҳамаи кормандони сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, тамоми хизматчиёни давлатӣ, инчунин ҳар як фарди бонангу номуси миллатро водор месозад, ки аз ҳарвақта дида бештар масъулиятшинос ва ҳушёру зирак бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳоло кишвари мо бо азму иродаи қавӣ ва мақсаду мароми нек дар фазои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ба сӯиояндаи умедбахш қадамҳои устувор гузошта истодааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шумо, ҷавонони ватандӯсту ватанпарвар, матину қавиирода ва далеру шуҷоъ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва ҳаёти ҷомеа ғайратмандона фаъолият намуда, дар пешрафти мамлакат ҳиссаи муносиб мегузоред, барои ободиву пешрафти Ватани маҳбубамон софдилона хизмат мекунед, марзу буми сарзамини аҷдодӣ ва амнияту оромии давлатро содиқона ҳифз менамоед ва бо донишҳои муосири худ ҳамчун мутахассисони оянда ба хотири тараққиёти кишварамон саҳми арзишманд мегузоред.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ободу зебо нигоҳ доштани кишвар ва ба наслҳои баъдӣ ба мерос гузоштани мулки мутамаддину пешрафта масъулияти бузург дошта, ҳар фарди бедордил, бахусус ҷавонони баору номусро водор менамояд, ки ба хотири таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва густариши худшиносиву худогоҳӣ ҳамеша кӯшишу талош намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин неруи созанда имрӯз аз амнияти давлату ҷомеа, марзу буми сарзамини аҷдодӣ ҷавонмардона ва далерона ҳимоят менамоянд ва дар дифоъ аз Ватани маҳбубамон шуҷоату далерӣ ва устувориву иродаи матин нишон медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳар яки мо рӯзҳои аввали таъсисёбии Кувваҳои мусаллаҳи кишварро фаромӯш накардаем, ки афсарону сарбозони далеру шуҷои мо, бо вуҷуди набудани шароиту имкониятҳои зарурӣ, қарзи фарзандии хешро садоқатмандона адо намуда, дар роҳи ба эътидол овардани вазъият, таъмини сулҳу субот ва амнияти давлату ҷомеа саҳми басо арзишманд гузоштанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳол он, ки дини мубини ислом дини мусолиматомезу сулҳхоҳ мебошад ва ҳама гуна тафриқаандозӣ, зӯровариву хушунат ва кинаву адоватро маҳкум мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар чунин шароит моро зарур аст, ки моҳияти равандҳои муосирро ба наврасону ҷавонон фаҳмонем ва мардумро ба таҳаммулгароиву ҳамдигарфаҳмӣ, некию накукорӣ ва амалҳои дигари хайр даъват намуда, сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллиро боз ҳам таҳким бахшем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми ноҳияи Рӯшон аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҷонибдори самимии сулҳу ваҳдат ва зиндагии орому осуда ҳастанд ва бисту панҷ сол инҷониб дар ҷодаи таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ ва рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат софдилона саъю талош меварзанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар чунин вазъ давлати мо, ки оқибатҳои фоҷиабори чунин зуҳуротро аз сар гузаронидааст, ҳамеша ҷонибдори сулҳ дар тамоми сайёра буда, аз ҷомеаи ҷаҳон низ даъват менамояд, ки барои бартарафсозии низоъҳои

харобиовар ва таъмини суботу амният дастаҷамъона талош варзанд ва музокираву мусолиҳаро ҳамчун воситаи муҳимтарини ҳалли ҳар гуна мухолифату низоъ ва ҷангу хунрезӣ васеъ истифода намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми соҳибмаърифату сулҳҷӯи мо таҳти парчами ваҳдату ягонагии миллат ба ҳам омада, ваҳдати миллиро ҳамчун шарти асосии пешрафти ҷомеа пазируфтанд ва барои ҳифзу таҳкими ин арзиши гаронбаҳо то ба имрӯз бо камоли ғайрату матонат азму талош карда истодаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми Тоҷикистон равшан дарк намуданд, ки танҳо дар фазои сулҳу ваҳдати миллӣ ва тавассути заҳмати ватандӯстона метавон давлати тозаистиқлоли хешро ба мамлакати ободу пешрафта мубаддал гардонид ва барои наслҳои оянда як кишвари воқеан мутараққӣ ва мутамаддинро ба мерос гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ваҳдати миллӣ ва таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон аз ҷумлаи сабақҳои басо арзишмандест, ки ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ мавриди қабулу омӯзиш қарор гирифт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ваҳдати миллӣ дар таърихи навини давлатдории миллати тоҷик бозёфти арзишмандтарин мебошад, зеро он барои амалӣ гардидани ормонҳои халқамон, ки бо қалби пур аз умед интизори сулҳу оромӣ ва дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ буданд, заминаи воқеӣ гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мафҳуми сулҳу ваҳдат ба унвони ҷузъи таркибии тафаккури миллӣ минбаъд бояд ҳамчун василаи муҳимтарини ҳимояи манфиатҳои милливу давлатӣ ҳамаҷониба ба кор гирифта шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин замина, мо бояд дар шуури наслҳои имрӯзу оянда ғояҳои саодатбахши расидан ба қадри истиқлолият ва сабақҳои сулҳу ваҳдатро тавассути барномаҳои фарогир дар байни мардум, алалхусус насли ҷавони кишвар беш аз пеш тарғибу ташвиқ намоем ва ин иқдомро пайваста вусъат бахшем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ҳангоми сафари чандрӯзаи корӣ ва мулоқоту суҳбатҳои самимӣ бо сокинони шаҳру ноҳияҳои вилоят хуб эҳсос кардем, ки мардуми заҳматқарини вилоят бо шукргузорӣ аз неъмати соҳибихтиёрӣ ва сулҳу суботи устувор дар ҷодаи ободу зебо гардонидани сарзамини аҷдодиамон ва расидан ба зинаҳои нави тараққиёти давлатамон қадамҳои устувор мегузоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳоло мо ҳама аз он ифтихор дорем, ки мардуми шарифи тоҷик аз имтиҳони бисёр сахту сангини таърих гузашта, ба шарофати хиради азалии худ ба мухолифати мусаллаҳона ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима бахшиданд, сулҳу ваҳдати миллиро барқарор намуданд ва имрӯз дар фазои сулҳу суботи комил бо азму талоши содиқона Ватани маҳбуби худро ободу зебо гардонида истодаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳар яки мо ҳамчун пайравони дини поку мубини ислом, бояд дар ин рӯзи саид бо андешаву нияти нек барои Ватани маҳбубамон–Тоҷикистон сулҳу субот, амнияту ободӣ, рушди устувор ва барои мардуми он хушҳоливу хушбахтӣ ва зиндагии орому осударо сидқан орзу намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Яъне ҳамаи маросиму ойинҳои миллии мо, ба шумули иди саиди Фитр бароямон рамзи барҷастаи шукрона аз неъматҳои истиқлолу озодӣ, сулҳу субот, оромиву ободии кишвар ва аз рӯйи имону эътиқод дӯст доштани Ватан ба шумор мераванд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамчунин, дар дини мубини ислом, бахусус дар байни пайравони мазҳаби ҳанафӣ саъю талош барои сулҳу оромии ҷомеа ва густариши инсофу адолат мақоми баланд дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бовар дорам, ки ин амалия ба ҳаллу фасли масъалаҳои умдаи рушд, ки дар назди мо истодаанд, ҳамчунин ба ягонагиву муттаҳидии уммати исломӣ ба хотири таъмини сулҳу субот ҷиддан мусоидат хоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин лаҳзаҳои барои мардуми кишварамон хотирмон як нуктаи бисёр муҳимро мехоҳам таъкид намоям, ки бунёди чунин иншооти бузург ва умуман, кулли дигаргуниву ободиҳое, ки дар Тоҷикистони азизи мо амалӣ шуда истодаанд, баракати истиқлолияту соҳибихтиёрӣ, сулҳу суботи комил, ваҳдати миллӣ ва самараи неки заҳмати содиқонаи сокинони мамлакат ба хотири пешрафту тараққиёти Ватани маҳбубамон мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Итминон дорам, ки мардуми сарбаланди Тоҷикистон, халқе, ки аз имтиҳонҳои сахту сангини таърих муваффақона гузашта, бо иродаи матин то ба ин рӯзҳои нек расидааст, бо азму талоши созандаи худ зери парчами сулҳу ваҳдат ба комёбиҳои аз ин ҳам бузургтар ноил хоҳад шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Истиқлолияти давлатӣ ҳамон вақт устувору побарҷо мемонад, ки мардум муттаҳиду сарҷамъ, зираку ҳушёр ва дар дохили давлат ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи комил ҳукмрон бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамеша дар ёд дошта бошед, ки сарҷамъии миллат, сулҳу ваҳдат ва суботи сиёсиву иҷтимоӣ аз ҷумлаи шоҳсутунҳои кохи муҳташами истиқлол ва кафолати рушди муназзаму устувори давлати тоҷикон мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин рӯзҳои арафаи ҷашни бузурги умумимиллии биступанҷумин солгарди истиқлолияти давлатии Тоҷикистон чун ҳамеша орзумандем, ки сулҳу амонӣ дар ҳар як хонадони тоҷик ҳамеша пойдору ҷовидон ва осмони Ватани азизамон доим софу беғубор бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз ҳамгироии Тоҷикистону Русия бисёрҷониба аст ва амалан тамоми соҳаҳои калидии ҳамкориро аз сиёсату иқтисодиёт, тиҷорату сармоягузорӣ, маориф, илм ва фарҳанг то мудофиа ва амният фаро мегирад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҷлили Рӯзи дониш, дарси сулҳ ва оғози соли нави таҳсилро, ки дар остонаи ҷашни бисту панҷумин солгарди Истиқлоли давлатӣ дар Донишгоҳи давлатии Данғара доир мегардад, ба кулли кормандони соҳаи маорифи

мамлакат, хонандагону донишҷӯён, падару модарон ва мардуми сарбаланди кишвар самимона табрик мегӯям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Баъди ин рӯйдоди муҳимми таърихӣ музокирот барои истиқрори сулҳ оғоз гардида, қариб чор сол идома пайдо кард ва моҳи июни соли 1997 санади сулҳ ба имзо расид, ки он омили сарҷамъӣ, ваҳдат ва воситаи раҳоӣ аз вартаи парокандагӣ дар кишвар гардида, барои ба эътидол овардани вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла соҳаи маориф замина фароҳам овард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳукумати мамлакат дар сиёсати стратегии худ аз рӯзҳои аввали сулҳу оромӣ ва устувор гардидани ваҳдати миллӣ ба соҳаи илму маориф афзалияти бештар дод ва ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқӣ, бунёду навсозӣ, сохтмону таъмири муассисаҳои таълимӣ шурӯъ намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар робита ба ин, мехоҳам дар бораи аҳаммияти сулҳ, нақши калидии он дар ҷаҳони муосир, мақому манзалати сулҳу субот барои халқи мо ва арҷ гузоштан ба ин неъмати бебаҳо аз ҷониби наврасону ҷавонон ва кулли шаҳрвандони мамлакат изҳори андеша намоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳ мафҳуми муқаддас ва беназир буда, дар шароити ҷаҳонишавӣ барои тамоми сокинони сайёра аҳаммияти хоса касб кардааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳол он, ки ман борҳо таъкид намудаам ва бори дигар хотирнишон месозам, ки дини мубини ислом ва хусусан, мазҳаби таҳаммулгарои ҳанафӣ, ки мо пайравони он ҳастем, дини тарбияву адаб, ахлоқи ҳамида, сулҳу салоҳ ва башардӯстиву инсонпарварӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Танҳо ба шарофати сулҳу ваҳдати комил мо тавонистем дар як муддати кӯтоҳ қариб як миллион нафар гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардонем, барои мардум шароити кору зиндагиро муҳайё созем ва раванди созандагиро оғоз намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин лаҳзаҳо бахусус, ба ҷавонони даврони истиқлолият муроҷиат карда, таъкид намуданиям, ки ба қадри ин неъмати бебаҳо–сулҳу суботи пойдор расанд, зиёдаравӣ накарда, шукронаи Ватанро ба ҷо оранд, ба қадри

ҳар ваҷаб хоки муқаддаси сарзамин расида, танҳо дар доираи қонун зиндагиву фаъолият кунанд, сатҳи саводу дониш ва ҷаҳонбинии худро баланд бардошта, Тоҷикистони маҳбубро бо тамоми муқаддасоташ ҳифзу нигаҳдорӣ намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар таъкид менамоям, ки сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ бузургтарин дастоварди мардуми шарафманди мо маҳсуб ёфта, ҳифзу ҳимояи он вазифаи шаҳрвандии ҳар як сокини бонангу номуси Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Давлат ва Ҳукумати ҷавони кишвар, бо вуҷуди имконоти маҳдуди иқтисодӣ, барои ба роҳ мондани фаъолияти муназзами ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ тамоми чораҳои имконпазирро амалӣ гардонида, ба уҳдаи онҳо иҷрои вазифаҳои муқаддасу пуршарафи ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, манфиатҳои миллату давлат, таъмини сулҳу субот ва амнияти шаҳрвандонро вогузор намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми шарифи Тоҷикистон аз оғози солҳои соҳибистиқлолӣ ба хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ҳамчун неруи тавоно ва посдори сулҳу оромии кишвар эҳтироми хосса зоҳир менамоянд, зеро ҳайати шахсии ҷузъу томҳои низомии мо ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои таъмини амнияти суботу оромии ҷомеа ва ҳифзи манфиатҳои давлати соҳибистиқлоламон аз худ матонати бемисл нишон додаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар баробари афзоиш ёфтани таҳдиду хатарҳои гуногун роҳбарияти ҳамаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии мамлакат вазифадоранд, ки дар самти мубориза бар зидди терроризм, ифротгароӣ, таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, баланд бардоштани иқтидори мудофиавии мамлакат ва ҳифзи боэътимоди сарҳади давлатӣ тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарназардошти хатару таҳдидҳои ҷаҳони муосир, аз қабили терроризми байналмилалӣ, экстремизм ва ҷинояткории муташаккили

фаромиллӣ масъалаҳои таъмини амнияти милливу давлатӣ аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо намудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз мо бо ифтихор иброз медорем, ки ба бахти баланди миллати тоҷик биступанҷумин солгарди истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар фазои сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллии кулли сокинони мамлакат таҷлил шуда истодааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин лаҳзаҳои идона, ки ҳамаи мову шумо ҳанӯз таҳти таассуроти таҷлили ҷашни муборакy таърихии миллатамон, яъне 25-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорем, тамоми мардуми матинииродаву заҳматкаши вилояти Суғдро ба ифтихори ин санаи тақдирсоз бори дигар табрик гуфта, ба хонадони ҳар яки шумо сулҳу оромӣ, хушбахтиву иқболи нек ва саодати бардавом орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мехоҳам бо қаноатмандӣ изҳор намоям, ки сарчашмаи асосии чунин чорабиниҳои оммавӣ сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллӣ дар саросари кишвар буда, ин иқдом, бешубҳа, боиси шодиву нишоти хурду бузург гардида, ба афзун шудани файзу баракати диёрамон мусоидат мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо қаноатмандӣ изҳор медорам, ки пешрафту дастовардҳои ноҳияи Нуробод дар солҳои охир хеле назаррас буда, ҳамаи онҳо аз баракати сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва дар натиҷаи заҳмати софдилонаи сокинони ин гӯшаи биҳиштосои кишварамон муяссар шудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин ҷода мо то имрӯз дар фазои сулҳу суботи комили кишварамон ва ба шарофати заҳмати содиқонаи мардумамон хеле нақшаву барномаҳои созандаро амалӣ намудем, ки дастовардҳои асосии раванди ободонии Ватанамон дар суханронии Роҳбари давлат ба ифтихори 25–солагии истиқлолияти давлатӣ баён шуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Айни ҳол Тоҷикистон, дар маҷмӯъ, ба узвияти беш аз 80 созмони минтақавию байналмилалӣ ва ниҳоди молиявии ҷаҳонӣ пазируфта шуда, ҳамроҳ бо дигар кишварҳо дар ҳаллу фасли мушкилоти сиёсиву амниятӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷаҳон нақш мегузорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Роҳбарияти давлати Тоҷикистон ҳамкории густурдаи минтақавиро воситаи аввалин ва муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва амниятӣ дар Осиёи Марказӣ мешуморад.

***

Мо дар якҷоягӣ метавонем низоми фарогири амнияти минтақаамонро эҷод намоем ва бар зидди таҳдиду хатарҳои глобалии муосир дар минтақа муборизаи муштарак барем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳукумати Тоҷикистон аз аввалин рӯзҳои барқарории сулҳу субот дар кишвар масири густариши муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои гуногунарсаи судмандро бо кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ пеш гирифт ва ин равандро вусъат бахшид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Соли 2002 аввалин Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои назариявию сиёсии равобити байналмилалии кишварамонро дар давраи нав - баъди истикрори сулҳу субот муайян кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дарвоқеъ, ҳама гуна рушду пешравӣ танҳо дар фазои орому осуда ва сулҳу субот ба даст меояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳар як фарди бонангу номуси мамлакат, бахусус устодону омӯзгоронро зарур аст, ки қадру қимат ва аҳаммияти истиқлолияту соҳибихтиёрӣ, сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ, инчунин, муқаддасоти Ватанро ба шогирдони худ дуруст шарҳ диҳанд, онҳоро дар рӯҳияи баланди ватандӯстӣ, ҳисси миллӣ, худшиносӣ ва ифтихор аз Ватан ва давлати худ тарбия намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор, осмони соф ва сулҳу осоиш дар хонадони ҳар як сокини кишварамон пойдор ва ваҳдати милливу истиқлолияти давлатӣ абадан устувор бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Чунонки ҳангоми суханронии худ ба муносибати Рӯзи дониш таъкид намудам, соҳаи маориф минбаъд низ ҳамчун соҳаи муҳим ва омили асосии таъмини амнияти миллӣ боқӣ мемонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вобаста ба ин, омӯзгорону устодони муҳтарамро зарур аст, ки ба насли наврас, яъне насли хушбахти замони соҳибихтиёрии Ватанамон таърихи истиқлолият, қадру қимати сулҳу субот ва оромиву осоиштагиро фаҳмонанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба хонадони тамоми мардуми тоҷик, аз ҷумла ҳар яки шумо, ҳозирини арҷманд, сулҳу оромӣ, саломативу сарбаландӣ ва файзу баракати ҳамешагӣ орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бинобар ин, ҳамаи шумо, ҳамватанони азизро бо ифтихору шодмонӣ ба муносибати ин санаи воқеан таърихӣ табрик мегӯям ва ба хонадони ҳар яки шумо сулҳу осоиш ва ба кишвари маҳбубамон суботу пешрафти рӯзафзун орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аҳаммияти таърихии Конститутсия, пеш аз ҳама, дар он ифода мегардад, ки ин санади сарнавиштсоз барои таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ замина гузошт ва омили асосии кафолати устувории ҳаёти сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарназардошти он, ки пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа натиҷаи сулҳу оромӣ ва ваҳдату ягонагӣ мебошад, дар Конститутсия дарҷ гардид, ки Тоҷикистон ҳамеша сиёсати сулҷӯёнаро дар амал татбиқ менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фарҳанг метавонад, ки ба инсон барои раҳоӣ аз хатарҳои даҳшатбор кумак намояд, ба вай неруи созандагӣ бахшад ва одамиро аз вазъи ниҳоят сангини дар зеҳн парваридани нафрату хушунат берун оварда, ӯро ҷиҳати ба даст овардани дилҳо ва таъмину таҳкими сулҳу субот дар сайёра раҳнамоӣ намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Боиси хушнудист, ки дар идомаи ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатӣ имрӯз дар пойтахти мамлакат–шаҳри Душанбе Намоиши байналмилалии рассомон барои сулҳ таҳти унвони "Дурдонаҳои Роҳи Абрешим" кори худро оғоз намуд, ки он марҳалаи нав дар рушди ҳамкориҳо дар соҳаи фарҳанг, бахусус, санъати рассомӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Рассомон миёни намояндагони аҳли санъат баробари тарғибгари фарҳанг буданашон, инчунин, қосиди сулҳу дустӣ низ ба шумор меравaнд. Дар асарҳои тасвирии онҳо муҳимтарин масъалаи глобалӣ, аз ҷумла инъикоси мавзуи сулҳу дӯстӣ муҳим ва мубрам маҳсуб меёбад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар бештари асарҳои рассомони муосир, сарфи назар аз миллату мазҳаб, мавзӯъҳои мазкур аҳаммияти бузург касб карда, тақдири имрӯза ваояндаи инсоният тавассути рангҳо ифода меёбад ва масъалаи сулҳу дӯстии мардумони сайёра дар маркази тасвирҳои нозук қарор мегирад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин ҳунармандон дар тасвирҳои ҷолиби хеш инсонро ба некиву накӯкорӣ, хайру саховат ва нангу номус даъват менамоянд ва мазмуну мундариҷаи асарҳояшонро масъалаҳои муҳимми рӯз, аз қабили нафрат ба ҷанг, таҳаммулгароӣ ва тараҳҳум ба инсон, сулҳу субот ва дӯстиву ҳамкорӣ ташкил медиҳанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар тасаввуроти рассомон ранги сиёҳ чун ҳалқаи торикӣ ифода шуда, ба муқобилаш рангҳои сабзу сурху сафеду гулобӣ, ки ифодагари сулҳ, зебоӣ, равшанӣ, хушбахтӣ, меҳру муҳаббат ва садоқату одамгарӣ мебошад, бештар мавриди истифода қарор мегиранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин зимн таъкид гардид, ки терроризм ва ифротгароӣ ба сулҳ, субот ва пешрафти ҳамаи кишварҳо таҳдиди ҷиддӣ мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд дар ин сол бо ҳисси баланди ватандориву худшиносӣ барои ҳимояи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, таҳкими ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳимояи манфиатҳои давлату миллатамон дастҷамъона ва содиқона талош намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мехоҳам махсус хотирнишон созам, ки интихобот дар фазои сулҳу суботи комил ва дар сатҳи баланди сиёсӣ баргузор шуда, бори дигар болоравии маърифати сиёсиву масъулияти шаҳрвандии мардуми Тоҷикистонро нишон дод.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳодисаҳои зикршуда, равандҳои муосири сайёра ва вазъи минтақа ҳушдор медиҳанд, ки мо ҳаргиз зиракии сиёсиро аз даст надиҳем ва барои ҳимояи амният, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, волоияти қонун ва оромиву осудагии кишвари маҳбубамон ҳамеша омода бошем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо имрӯз бори дигар эълон медорем, ки сиёсати хориҷии Тоҷикистон сиёсати "дарҳои боз", сулҳхоҳона ва беғараз буда, дар роҳи татбиқи он давлати мо омода аст, ки бо ҳамаи кишварҳои дунё робитаҳои дӯстонаро бар пояи эҳтироми ҳамдигар, баробарӣ ва ҳамкориҳои судманд густариш диҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи хатарҳо ба сулҳу субот ва амнияти ҷаҳониву минтақавӣ бояд бо роҳи созишу муколамаи созанда ва бар асоси муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ, пеш аз ҳама, Ойинномаи Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун созмони глобалии танзимкунандаи муносибатҳои байналмилалӣ, бартараф карда шаванд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин раванд таъмини амният, сулҳу суботи ҷомеа ва ваҳдати миллӣ ба хотири ҳифзу таҳкими дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ, пешрафти босуботи иқтисоди миллӣ, азхуд кардан ва дар ҳамаи самтҳои зиндагӣ ҷорӣ намудани навгониҳои илму техника, дарки масъалаҳои афзалиятдоштаи пешрафти мамлакат ва ҳалли саривақтии онҳо аз ҳар яки мо масъулияти дучандро талаб менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи мо вазифадорем, ки бо шукронаи соҳибватаниву соҳибдавлатӣ ва сулҳу оромии кишвар, ба хотири фардои неку ободи Ватанамон ҳарчи бештар заҳмат кашида, Тоҷикистони маҳбубамонро боз ҳам ободу зебо гардонем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Соли 2016

Қариб даҳ соли Истиқлоли давлатӣ тамоми неру ва талошҳои Ҳукумати кишвар барои барқарор кардани ҳокимияти конститутсионӣ ва рукнҳои давлатдорӣ, пеш аз ҳама, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, ба Ватан баргардонидани беш аз як миллион нафар фирориён, барқарорсозии баъдиҷангӣ, таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ равона гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мехоҳам таъкид намоям, ки масъалаҳои баррасигардида ва дастуру супоришҳои имрӯза, пеш аз ҳама, ба ҳифзи сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, ҳимояи истиқлолияти давлатӣ ва дастовардҳои халқи тоҷик равона гардида, таҳкими иқтидори иқтисодии мамлакат, фароҳам овардани шароити боз ҳам беҳтари зиндагӣ ва дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоштани обрӯйи Ватани маҳбубамон–Тоҷикистон вазифаҳои аввалиндараҷаи мо маҳсуб меёбанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва неруи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вобаста ба ин, Прокуратураи генералӣ, Агентии назорати маводи нашъаовар, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Хадамоти гумрук вазифадоранд, ки бо мақсади пурзӯр намудани мубориза бар зидди воридшавии маводи мухаддир ба кишвар ҳамкориро байни ҳамдигар, инчунин, ҳамгироии фаъолияти мақомоти Ҷумҳурии

Тоҷикистонро бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои хориҷие, ки бо мо дар ин самт ҳамкорӣ менамоянд, вусъат диҳанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарназардошти ин ва вазъи ноороми ҷаҳону минтақа зарур аст, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии кишвар фаъолияти худро дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, хусусан, ҷиноятҳои муташаккил ва фаромиллӣ, таъмини амнияту тартиботи ҳуқуқӣ, мустаҳкам намудани иқтидори мудофиавии мамлакат тақвият бахшида, ҳар як корманди ин сохтору мақомот вазифаҳои хизматиашро бо масъулияти баланд ва содиқона иҷро намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин замина мусоидат ба эҷоди фазои эътимоду амният атрофи кишвар аз роҳи густариш ва таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ бо ҳамаи мамлакатҳои ҳамҷавор бо истифода аз василаҳои сиёсиву дипломатӣ, саъю талоши пайваста ҷиҳати ҳалли саривақтии масоили мубрами минтақа дар сархати сиёсати хориҷии давлати мо қарор хоҳад дошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

## Солҳои 2017-2021

Мо борҳо сари мизи гуфтушунид ҷамъ омада, муҳимтарин масъалаҳои вобаста ба ваҳдати миллӣ, суботи комили сиёсӣ, ба эътидол овардани вазъи ҷомеа ва таъмини волоияти қонунро муҳокима намудем ва қарорҳое қабул кардем, ки иҷрои онҳо ба таъмини сулҳу амният дар кишвар мусоидат намуда, барои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, озодии сухан ва муколамаи сиёсӣ заминаи воқеӣ фароҳам овард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин замина аз муколама бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ истифода намуда, доир ба ҳалли як зумра масъалаҳои марбут ба сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва рушди мамлакат ба натиҷаҳои назаррас расидем ва пояҳои давлатдориро дар кишвар боз ҳам устувор гардонидем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Қисми зиёди ташкилоту созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар доираи ҳамин талабот дар ҷараёни муҳокимаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, баргузории раъйпурсиву интихобот, ислоҳоти сохторӣ ва дигар чорабиниҳои сиёсиву фарҳангӣ мунтазам иштирок карда, то ба имрӯз як қатор ташаббусу

пешниҳодҳои онҳо амалӣ гардиданд, ки онҳо, дар маҷмӯъ, ба таҳкими пояҳои давлатдорӣ, суботи сиёсӣ, тавсеаи фарҳанги сулҳ ва такмили қонунгузорӣ мусоидат намуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Моро зарур аст, ки дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир ва таъсири ҳар гуна ҳаракату равияҳои бегона ба масъалаи ҳифзи сулҳу субот низ бештар таваҷҷуҳ намуда, тарғиби ин арзиши олии ҳаётиро дар миёни ҷомеа, бахусус, дар байни наврасону ҷавонон боз ҳам васеътар ба роҳ монем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар таъкид менамоям, ки Шӯрои ҷамъиятӣ метавонад ба сифати шарики боэътимоди давлат дар тарғиби дастоварду арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ, истиқлолияту озодӣ, сулҳу оромӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, ҳисси миллӣ, ватандориву ватандӯстӣ саҳми арзишманд гузорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо ифтихор иброз медорам, ки Қувваҳои Мусаллаҳи мо яке аз дастовардҳои муҳимтарини даврони Истиқлолияти давлатӣ буда, вазифаҳои муқаддасу пуршарафи дар назди онҳо гузошташударо вобаста ба ҳифзи амнияту оромии давлат ва ҷомеа, пойдории аркони давлатдорӣ ва таъмини зиндагии осоиштаи мардуми шарифи кишвар сарбаландона иҷро карда истодаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати хизмати содиқонаи хизматчиёни ҳарбии сохторҳои низомӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат соли гузашта, ки барои мо соли воқеан таърихӣ ба шумор меравад, чорабиниҳои муҳимтарини сиёсӣ– бисту панҷумин солгарди Истиқлоли давлатии Тоҷикистони азизамон ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба бахтномаи миллат – Конститутсия дар фазои суботу амният ва орому осуда баргузор шуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тавре дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар зикр намудам, бо дарназардошти вазъи наороми минтақа ва ҷаҳон зарур аст, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии кишвар фаъолияти худро дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, хусусан, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, таъмини суботу амният, волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ ва

дар маҷмӯъ таҳкими иқтидори мудофиавии мамлакат тақвият бахшида, ҳар як корманди ин сохтору мақомот вазифаҳои хизматиашро бо масъулияти баланд ва содиқона ба иҷро расонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамчун кафили иҷрои созишномаи сулҳ Россия дар раванди барқарорсозии сулҳ ва ризоят дар Тоҷикистон нақши муҳим бозид, дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва таҳкими истиқлолияти миллии он саҳми назаррас гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин росто, мо ба вазъи Афғонистон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, оид ба барқарор намудани сулҳ ва субот дар ин кишвари ҳамсоя фикри ҳамсон доштем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамкории минтақавӣ барои истиқрори сулҳу субот дар Афғонистон ва тамоми минтақа ҳамоно яке аз ҳадафҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аҳли ҷомеа ва фарзандони худро ҷиҳати ҳифзи истиқлолияту озодӣ, амнияти давлатӣ, суботи сиёсӣ ва таҳкими пояҳои ваҳдати миллӣ раҳнамоӣ карда, барои бунёди давлати пешрафтаву соҳибтамаддун ва дунявию демократӣ талош варзед ва номбардори ин Ватан ва хоки муқаддаси ниёкони хеш бошед.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Олимони соҳаи ҷомеашиносӣ низ бояд корҳои илмии худро ба самтҳои таъмини амнияти давлатӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва огоҳ кардани аҳли ҷомеа аз таъсири хавфу хатарҳои ҷаҳони муосир равона намоянд, зеро ин масъалаҳо торафт аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо карда, ба муносибатҳои байналмилалӣ ва суботу оромии сайёра таъсири амиқ гузошта истодаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷомеашиносон бояд равандҳои зикршударо фаъолона таҳлил карда, оид ба ҷанбаҳои гуногун ва оқибати онҳо ба амнияту суботи давлат ва ҷомеаи мо андешаву хулосаҳои асоснок пешниҳод намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хусусан, дар шароити торафт мураккабу буҳронӣ гардидани вазъи ҷаҳони муосир ҷашни Наврӯз метавонад ҳамчун ойини сулҳу оромӣ ва ҳамкориву дӯстӣ барои мардумони олам хизмат намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бисту панҷ сол қабл маҳз дар ҳамин макони таърихӣ сулҳу оштӣ бар ҷангу хунрезӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ бар душманӣ пирӯз гардида, Тоҷикистони азизи мо аз вартаи нобудӣ ва миллатамон аз парокандагӣ раҳо ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамчунин, бо итминони комил изҳор менамоям, ки мардуми шарафманди шаҳру деҳоти Исфара минбаъд низ ба хотири таҳкими пояҳои давлатдории миллиамон, таъмини сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, тақвияти ваҳдати миллӣ ва дастгирии сиёсати созандаву бунёдкоронаи Ҳукумати мамлакат азму талош ва ҷидду ҷаҳди бештар ба харҷ медиҳанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Наврӯз ба сифати беҳтарин ҷашни миллии мардуми Шарқ таҳаммул, ҳамбастагӣ ва сулҳро тарғиб менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз ба ҳамин хотир, Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ҳангоми ба рӯйхати мероси фарҳанги ғайримоддии башарӣ ворид намудани Наврӯз қатъномаро таҳти унвони "Фарҳанги сулҳ" қабул намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин лаҳзаҳои идона 72-юмин солгарди ин санаи таърихиро ба ҳамаи собиқадорони ҷангу меҳнат, ки дар набардҳои шадиди ин ҷанг мардонавор ширкат карда, барои таъмин намудани пирузӣ бар фашизм саҳми арзанда гузоштаанд, инчунин, ба тамоми мардуми сулҳхоҳи кишвари маҳбубамон самимона табрик мегӯям ва ба ҳар хонадони мамлакат фазои орому осуда, хонаи обод ва ба Тоҷикистони азизамон сулҳу суботи ҷовидонӣ орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳар сол мардуми сулҳдӯсти сайёра 9-уми май– Рӯзи Ғалабаро ҳамчун санаи пирӯзӣ бар фашизми гитлерӣ ҷашн мегиранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҷлили ҳамасолаи Рӯзи Ғалаба бар фашизм ҷаҳониёнро бори дигар водор месозад, ки доир ба таҳкими муносибатҳои дӯстона, ҳамгироиву ҳамкорӣ ва тақвияти равобити халқу давлатҳо ҳамчун шарти асосии ҳифзи сулҳу субот, бунёди рӯзгори орому осудаи мардуми сайёра ва омили муҳимтарини мубориза муштарак бар зидди неруҳои бадхоҳ саъю талош намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд ба ҳар гуна рафтору кирдорҳои нангину хатарноки гароиш ба ҳаракату гурӯҳҳои ифротӣ ва гумроҳ кардани мардум, алалхусус, ҷавонон нуқта гузорем ва ба хотири таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, ҳифзи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва манфиатҳои давлату миллат доим ҳушёру зирак бошем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маълум аст, ки таъмин намудани сулҳу субот ва амнияти пойдори кишварҳо омили калидии роҳандозӣ ва пешбурди равандҳои созандаи рушди устувор дар сатҳи минтақавию байналмилалӣ ба шумор меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҷрибаи сулҳи Тоҷикистон бори дигар собит сохт, ки ҳама гуна неруҳое, ки барои расидан ба ҳадафҳои ғаразноки хеш аз номи поки ислом суиистифода мекунанд, ҳаргиз мавриди пуштибонии ҷомеа қарор нахоҳанд гирифт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон кӯшишҳои созандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва Ҳукумати Афғонистони ҳамҷаворро дар ҷодаи истиқрори сулҳу субот пуштибонӣ менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Расонидани ёрии ҳамаҷонибаро ба талошҳои Ҳукумати Афғонистон дар роҳи истиқрори сулҳ ва субот дар кишвар, инчунин ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодии он ва ҷустуҷӯи роҳҳои оштии миллӣ муҳим меҳисобем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар соли сипаригардида оид ба таҳкими амнияту суботи минтақа, густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои сиёсат, иқтисод ва башардӯстӣ тадбирҳо амалӣ гардиданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи мо шоҳидем, ки дар чунин вазъият ягон кишвари дунё ба танҳоӣ натавонистааст дар арсаи мубориза бо хавфу таҳдидҳои амниятӣ комёб гардида, амну суботро таъмин намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аммо фарзандони асил ва бонангу номуси миллат ба хотири қатъи ҷангу хунрезӣ ва истиқрори сулҳ ба талошу мубориза бархостанд ва собит сохтанд, ки миллате чун тоҷикон бо таърихи тӯлониву пурифтихор ва нақши арзишманд дар тамаддуни башарӣ наметавонад бо мудохилаи доираҳои манфиатхоҳи хориҷӣ дар гирдоби иғвоангезиҳои сиёсӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ нобуд гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Майлу иродаи қавӣ, ҷидду ҷаҳд ва хости мардуми бонангу номуси Тоҷикистон низ ин буд, ки сулҳу оромӣ дар кишвар ҳарчи зудтар барқарор гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳарчанд ки ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллӣ раванди бисёр вазнину сангин ва тӯлониву пурмашаққат буд, вале хушбахтона ҷаҳду талоши фарзандони содиқи халқи тоҷик бо сулҳу оштӣ ва ваҳдату ягонагӣ анҷом пазируфт, ки он имрӯз ҳамчун таҷрибаи нодири ҷаҳонӣ эътироф шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Баъди истиқрори сулҳ барқарор кардани фаъолияти фалаҷшудаи шохаҳои ҳокимият ва сохтору мақомоти давлатӣ ҳамчун вазифаи аввалиндараҷаи мо оғоз ёфт ва минбаъд ба таҳкими пояҳои рушди иқтисодӣ миллӣ равона гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо дар ин замина фарҳанги сулҳро ҳамчун унсури бунёдии сиёсати худ қарор дода, муносибатро бо кишварҳои минтақаву ҷаҳон барқарор намудем ва дар ин марому маслак то ба имрӯз собиту устувор ҳастем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Андешаи муттаҳидсози афроди миллат бо ташаккули маънавиёти ҷомеа, пойдории амнияти ҷомеаву давлат ва ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ робитаи мустақим дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Итминон дорам, ки мардуми шарифу ватандӯст ва сулҳхоҳу сулҳпарвари Тоҷикистон минбаъд низ бо шукронаи истиқлолияту озодӣ ба қадри сулҳу оромӣ ва суботу амнияти сарзамини аҷдодӣ мерасанд ва ҳаргиз намегузоранд, ки ин кохи пурҷалоли миллат, яъне истиқлолияту ваҳдат газанд ёбад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷиҳати ҳифзи амнияти давлат, суботу оромии ҷомеа, таҳкими минбаъдаи истиқлолияту озодӣ, ваҳдати миллӣ ва таъмин намудани пешрафту ободии Ватани азизамон дарки дурусти манфиатҳои милливу давлатӣ, шаъну шараф ва ғурури ватандорӣ бисёр муҳим мебошад, яъне ҳисси баланди миллӣ ва ифтихор аз шаҳрванди Тоҷикистон будан ба ҳайси омили меҳварии муттаҳидсози ҷомеа дар зеҳну шуури ҳар як шахс бояд нақши муассир дошта бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мехоҳам махсус таъкид намоям, ки сулҳи тоҷикон таҷассуми олии майлу иродаи мардуми сулҳпарвари мо, яъне хизмати таърихии халқи қаҳрамони тоҷик мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистони соҳибистиқлол дар зарфи бист соли баъди имзои Созишномаи сулҳ роҳи пурифтихорро тай намуд ва зарур аст, ки сабақҳои ин корномаи таърихӣ ба наслҳои имрӯзаву оянда ҳамчун раҳнамои зиндагӣ омӯзонида шаванд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо аз рӯзҳои аввал давлатдориро аз паёми сулҳ оғоз намудем ва ин сиёсатро ба хотири оромиву осоиши кишварамон, хушбахтиву сарбаландии халқи азизамон ва наслҳоиояндаи мардумамон минбаъд низ идома медиҳем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Боиси ифтихору сарбаландист, ки ба шарофати истиқлолият ва сулҳу суботи комил мо ба марҳалаи рушди устувор ворид гардидем ва ҳоло барои рӯзгори орому осуда ва заҳмати созандаи мардуми сарбаланди тоҷик, инчунин, баргузории ҳама гуна чорабиниҳои сиёсиву фарҳангӣ шароити мусоид фароҳам омадааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳар як шаҳрванди кишвар, сарфи назар аз мансубияти миллӣ, ҷаҳонбинӣ ва ақидаи сиёсии худ, бояд дарк намояд, ки ҳам рушди минбаъдаи ҷомеа ва ҳам умеду орзуи ӯ танҳо дар сурати пойдории сулҳу субот, истиқлолияту озодӣ ва ваҳдати миллӣ амалӣ шуда метавонад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар ҷашни фархундаи Ваҳдати миллиро ба халқи азизи Тоҷикистон ва ҳамаи шумо, ҳозирини арҷманд, муборакбод гуфта, орзумандам, ки сулҳу субот дар кишвари маҳбуби мо ҷовидон бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигузор, хуршеди сулҳу ваҳдат ва дӯстиву бародарӣ дар фазои Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол ҳамеша нурафшонӣ намояд!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамзамон, таъкид гардид, ки он ба густариши ҳамгироии минтақавӣ ва таҳкими сулҳу субот дар минтақаи фарохи Осиёи Марказию Ҷанубӣ мусоидати ҷиддӣ менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба эътидол овардани вазъи Афғонистон ва истиқрори сулҳу суботи комил дар ин кишвари ҳамсоя барои давлатҳои мо ниҳоят муҳим аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо тасмим гирифтем, ки ба манзури мусоидат ба раванди барқарории сулҳу суботи пойдор дар он ҳамоҳангию ҳамкории дуҷонибаву бисёрҷонибаи бештару муассире дошта бошем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Давлатҳои ҷавон дар раванди давлатсозӣ баъзан қонунҳое қабул мекунанд, ки онҳо хоси ин давра буда, барои пойдории давлат ва мустаҳкам намудани пояҳои он, таҳкими тартиботи ҷамъиятӣ ва таъмини амнияти давлат, рушди ҷомеа ва ахлоқ равона мегарданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Қонуни мазкур маҳз ҳамин гуна қонун буда, пеш аз ҳама, барои таъмини баробарии иҷтимоӣ ва кам кардани сатҳи камбизоатӣ дар ҷомеа ва дар ин замина таъмин намудани амнияти шаҳрвандон равона гардидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз дар чандин кишвари Ховари Миёна ва дигар минтақаҳои олам гурӯҳу ҳаракатҳои ифротиву террористӣ ба кирдору амалҳои фоҷиабор даст зада, оромиву субот ва амнияти сокинони осоиштаро ба таври ҷиддӣ халалдор сохтаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тавре ки шумо, ҳозирини гиромӣ, мушоҳида мекунед, ба шарофати сулҳу оромӣ ва суботи комили диёрамон зиндагии мардуми кишварамон мунтазам беҳтар шуда истодааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фаромӯш набояд кард, ки сулҳу суботи кишварамон ва ваҳдати миллие, ки имрӯз дар сарзамини мо торафт таҳкиму тақвият пайдо мекунад, ба осонӣ муяссар нашудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бинобар ин, бояд ҳамеша ҳушёру зирак бошед, ба қадри сулҳу суботи комили ватанамон расед, онро эҳтиёт кунед ва ба наврасону ҷавонон, яъне фарзандони худ ин масъалаҳоро доим талқин намоед.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Академияи Вазорати корҳои дохилӣ ба сифати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар тарбияи кадрҳои баландихтисос барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ саҳми назаррас дошта, кормандону хатмкардагони он дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, таъмини волоияти қонун ва таҳкими сулҳу суботи кишварамон фидокорона заҳмат кашида, ба Ватан ва халқи Тоҷикистон содиқона хизмат карда истодаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Чунин вазъ мардуми сайёра, аз ҷумла моро водор месозад, ки ба масъалаи ҳифзи сулҳ, таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва мустаҳкам намудани иқтидори мудофиавии давлат ҳамчун шарти муҳимтарини пойдории амният ва суботу оромии ҷомеа аҳаммияти хосса зоҳир намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Халқи мо ба қадри сулҳу оромӣ бештар мерасад, зеро мардуми тоҷик бо айби як идда ашхоси хоину зархарид, роҳбарони баъзе азҳоби сиёсӣ ва хоҷагони хориҷии онҳо, ки мехостанд дар Тоҷикистон давлати исломӣ бунёд намуда, мазҳаб ва фарҳанги бегонаро ба сари мардуми мо бор кунанд, ба гирдоби ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ гирифтор шуда, хисороти зиёди моддиву маънавиро паси сар намуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз ба ҳамин хотир, ҳар сол дар кишвари мо соли хониш дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо дарси сулҳ оғоз мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Аз ин рӯ, бахусус, наврасону ҷавонони моро зарур аст, ки ба қадри сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва истиқлолу озодӣ расанд ва ҳамчун насли ояндасоз ба хотири ҳифзу таҳкими дастовардҳои он саъю талош намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар солҳои мудҳиши ҷанги шаҳрвандӣ кормандони милитсия, аз ҷумла устодону донишҷӯёни Академия дар баробари дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ дар қатъи ҷангу хунрезӣ, барқарор намудани сохти конститутсионӣ, таъмини амнияту тартиботи ҷамъиятӣ ва сулҳу оромӣ саҳми басо арзишманд гузоштанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бояд гуфт, ки сулҳи тоҷикон дар ташаккули худшиносии миллӣ нақши муассир гузошт ва раванди миллатсозиву давлатсозиро дар мамлакат тавсеа бахшид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳангоми дарси сулҳ омӯзгорон бояд ба шогирдони худ аҳаммият ва нақши сулҳу ваҳдати миллиро барои суботи ҷомеа, рушди муназзаму муътадили кишвар ва пойдориву устувории давлат шарҳ диҳанд ва наврасону ҷавононро дар рӯҳияи сулҳдӯстиву сулҳпарварӣ тарбия намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фарзандони мо бояд хуб дарк намоянд, ки омӯхтани илму дониш ва аз худ кардани касбу ҳунар танҳо дар сурати пойдории сулҳу оромӣ ва амнияти ҷомеаву давлат имконпазир мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар кишвари мо Рӯзи дониш баробари дарси сулҳ арзиши баланд дошта, шогирдони муассисаҳои таълимӣ ва волидайну омӯзгорони онҳо ин санаи фархундаро бо шодиву хурсандӣ истиқбол менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳар кадоми шумо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошед, ки сулҳу субот ва оромиву осоиш барои ҳар кишвару миллат, махсусан, барои халқи мо, ки даҳшати ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронидааст, неъмати бузургтарин маҳсуб ёфта, ҳифзу ҳимояи он вазифаи муқаддаси ҳар як фарди миллатдӯсту ватанпараст ва кулли ҷавонони бонангу номуси Ватан мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми шарифи Тоҷикистон ба шарофати истиқлолият ва сулҳу суботи пойдор имрӯзҳо дар ҳамаи арсаҳо содиқона заҳмат кашида, саъй доранд, ки Ватани азизамонро боз ҳам ободу зебо гардонанд, анъанаву суннатҳои неки милливу мазҳабиамонро гиромӣ доранд, онҳоро пайваста такмил диҳанд ва ин сарвати бузурги маънавиро барои тарбияи наслҳои созандаи халқамон, аз ҷумла эмин нигоҳ доштани наврасону ҷавонон аз таъсири ҳама гуна омилҳои манфӣ истифода намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми мусулмони мо ба шарофати истиқлолияти давлатӣ ва бо шукргузорӣ аз фазои сулҳу субот иди Қурбон ва дигар маросиму суннатҳои эътиқодии худро озодона адо менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хотирнишон месозам, ки шукронаи соҳибдавлативу соҳибихтиёриро ба ҷо овардан, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсии кишварамонро боз ҳам таҳкиму тақвият бахшидан, Ватанро сидқан дӯст доштан ва барои ободиву пешрафти он содиқона заҳмат кашидан низ рисолат ва вазифаи имониву инсонии ҳар яки мост.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз ҷаҳду талош ва муттаҳид гардидани сокинони мамлакат дар атрофи роҳбарияти давлату Ҳукумат ва дастгириву ҷонибдории онҳо аз сиёсати пешгирифтаи давлат омили асосии расидан ба сулҳу ягонагӣ дар ҷомеаи мо гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо изҳори чунин умедҳои нек бори дигар кулли мардуми Тоҷикистони азиз ва ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори бистушашумин солгарди истиқлолияти давлатӣ табрик гуфта, барояшон хонаи обод, иқболи нек ва ба Ватани маҳбубамон сулҳу оромии ҷовидонӣ орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар як муддати кӯтоҳ мо на танҳо мушкилоти зиёди баъдиҷангиро бартараф карда, сулҳу суботро дар мамлакат барқарор сохтем, балки барои пешрафти бомароми кишвар асоси мустаҳкаму боэътимод гузоштем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бигзор, сулҳу субот дар Тоҷикистони азизамон ҳамеша ҳукмрон ва истиқлолияти миллати фарҳангсолорамон ҷовидону бегазанд бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тавсеаи миқёси терроризм ва ифротгароӣ, ҷангу низоъҳои мусаллаҳонаи мазҳабӣ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба амнияти кишварҳои мо хатари ҷиддӣ эҷод карда истодаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳоло фаъолшавии гурӯҳҳои террористиву ифротгаро ва дигар ҷунбишҳои иртиҷоӣ дар нуқтаҳои доғи ҷаҳон амнияти тамоми мардуми сайёраро зери хатар қарор додааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати мубориза бо таҳдиду хатарҳои муосир ва таъмини сулҳу суботи пойдор дар кишвар дар ҳамкорӣ бо шариконӣ худ ва созмонҳои байналмилалӣ, бахусус ниҳодҳои дахлдори Созмони Милал, пайваста иқдомҳои мушаххасро роҳандозӣ менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо чунин мешуморем, ки сулҳу субот гарави таъмин гардидани рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, ҳаёти сазовору осоиштаи мардум, эҷоди шароити мусоид барои тавсеаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва риояву ҳифзи ҳуқуқи инсон дар ҳар як кишвари узви Созмони Милал ба ҳисоб меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо, тоҷикон, қадри сулҳ ва зарурати ҳифзи онро амиқ дарк мекунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз ба шарофати истиқрори сулҳу субот дар ҷомеа мо тавонистем ба рушди бемайлони иҷтимоиву иқтисодӣ, коҳиш додани нишондиҳандаҳои камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум ноил гардем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз комилан возеҳ аст, ки сулҳу суботи пойдор дар Афғонистон омили калидии таъмини суботу амният дар ҳавзаи Осиёи Марказию Ҷанубӣ ва дигар минтақаҳои ҳамсоя аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Пӯшида нест, ки пешбурди ҳама гуна иқдомоти созанда танҳо дар шароити субот ва амнияти пойдор имконпазир аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зимнан, мо чунин мешуморем, ки амнияту суботи комил дар кишварҳои арабӣ омили калидии рушди ҳамаи давлатҳои исломӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бинобар ин, бисту панҷумин солгарди ин Иҷлосияи таърихиро ба тамоми мардуми шарифу сарбаланди Тоҷикистони азизамон, ки дар роҳи ҳифзи давлатдории миллӣ, барқарорсозии сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ саҳми бузург гузоштаанд, самимона табрик мегӯям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ бо дарназардошти ҳадафҳои олии давлати соҳибистиқлоламон дар давраи басо душвори сиёсиву низомӣ бо мақсади таъмини ҳарчи зудтари сулҳу оромӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, аз хатари нобудӣ эмин нигоҳ доштани давлат ва аз парокандагӣ раҳоӣ бахшидани миллат, ҳифзи якпорчагии давлати мустақили тоҷикон, муҳайё намудани шароит барои барқарор намудани иқтисодиёти бар асари ҷанги шаҳрвандӣ харобгашта ва рушди минбаъдаи Тоҷикистон даъват шуда буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вакилони халқ бо қабули қарорҳои воқеан ҳаётӣ собит намуданд, ки онҳо ҷонибдори истиқлоли давлатӣ, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, якпорчагии Тоҷикистон ва ободиву рушдиояндаи он мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар мурочиатномаи худ ба мардуми шарифи Тоҷикистон 12 декабри соли 1992 иброз дошта будам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои ободиву пешрафти Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Баробари интихоб шудан ба вазифаи пурмасъулияти Раиси Шӯрои Олӣ дар ҳузури вакилони иҷлосия ва дар назди халқи шарифи Тоҷикистон савганд ёд карда будам, ки «агар лозим шавад, ба ивази ҷони худ сулҳу ваҳдатро ба Тоҷикистони азиз бозмегардонам ва то даме, ки як гурезаи тоҷик дар хориҷи кишвар умр ба сар мебарад, ман ором буда наметавонам».

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо итминони комил ба сулҳи наздику фарогир дар Иҷлосия пешниҳод намудам, ки рӯзи 26 ноябри соли 1992 Рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии мардуми Тоҷикистон эълон шавад ва чунин қарор аз тарафи вакилони иҷлосия низ қабул шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин буд, ки баъд аз Иҷлосия низ солҳои тӯлонӣ барои барқарории сулҳу ваҳдати миллӣ сарф шуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Музокироти сулҳи тоҷикон ҳудуди 4 сол тӯл кашида, дар 9 даври гуфтушунидҳои тӯлонӣ 40 санаду созишнома ба имзо расонида шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи кӯшишҳои Ҳукумати қонунии кишвар дар баробари таъмини сулҳу субот, инчунин, барои боздоштани суръати баланди коҳишёбии иқтисодӣ равона гардида буданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар шароити торафт печидаву мураккаб гардидани вазъи ҷаҳони муосир, аз ҷумла шиддат гирифтани муборизаҳои геосиёсӣ миёни давлатҳои абарқудрат, хусусияти муташаккил ва боз ҳам хатарноктар касб кардани терроризму экстремизм ва дигар таҳдиду хатарҳои нав таъмини амният ва ҳифзи сулҳу субот барои тамоми кишварҳои олам, аз ҷумла барои Тоҷикистони мо ба масъалаи аввалиндараҷаву ҳаётӣ табдил ёфтааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мову шумо аз сангинтарин имтиҳони таърих ва рӯзҳои пурталотуми эъмори давлатдории миллиамон гузашта, имрӯз ба сулҳу суботи комил расидем ва ин дастоварди нодири халқамонро чун гавҳари бебаҳо ҳифз мекунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо вуҷуди тағйирёбии вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва амниятии ҷаҳон, дар роҳи пешрафти бемайлони иқтисодӣ, расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва ба ин васила таъмин намудани зиндагии шоистаи аҳолӣ бо қадамҳои устувор пеш меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо чунин мешуморем, ки кумак ба эҳёи иқтисодӣ ва рушди иҷтимоии Афғонистон беҳтарин роҳи истиқрори сулҳу субот дар ин кишвар ва таъмини амният дар минтақа мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Идомаи минбаъдаи ин ҳолат метавонад боиси амиқ гардидани таҳдиду хатарҳои сиёсиву иқтисодӣ, амниятӣ ва башариву фарҳангӣ дар минтақаҳои гуногуни олам гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Варзиш ҳамчун қосиди сулҳ воситаи беҳтарини муаррифии давлату миллат дар арсаи байналмилалӣ ба шумор меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ҷонибдори низоми ҷаҳонии одилона, бидуни ҷангу низоъ, густариши ҳамкориву шарикии баробар ва судманди ҳамаи кишварҳои олам, таъмини амнияти ҷаҳониву минтақавӣ бо роҳи созишу муколамаи созанда бар асоси Ойинномаи Созмони Милали Муттаҳид мебошем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарназардошти воқеияти кунунӣ ва бо мақсади таъмини амнияти устувор ҷиҳати пешгирӣ аз хатарҳои афзояндаи терроризму ифротгароӣ ва дигар таҳдидҳои замони муосир мо омодаем ҳамкориҳои густурдаро бо созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва кишварҳои шарик тақвият бахшем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдату якпорчагии мардуми шарафманди тоҷик имкон дод, ки мо маҷрои рушди иқтисоди миллиамонро ба куллӣ тағйир диҳем, барномаҳои нави давлатиро қабул кунем, сохтори давлатдориамонро, ки асоси онро принсипи адолати иҷтимоӣ ташкил медиҳад, таҳким бахшем, иқтидорҳои нави истеҳсолиро ба кор андозем, сокинони мамлакатро дар тамоми фасли сол бо неруи барқ таъмин кунем ва барои рушди минбаъдаи соҳаҳои ҳаётан муҳимми кишвар шароит ва заминаи мусоид фароҳам оварем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин раванд, ҳимояи манфиатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва амниятии Тоҷикистон, ҷалби сармояи хориҷӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ, эҷоди шароити мусоиди берунӣ барои рушди устувори кишвар ва таъмини бехатарии он муҳим арзёбӣ мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вазифаи муҳимтарини вакилони мардум, аъзои Ҳукумат, роҳбарони тамоми идораву муассисаҳо, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, ташкилоту муассисаҳо, кулли хизматчиёни давлатӣ, ҷавонону бонувон, аҳли зиё ва умуман, хурду бузурги мамлакат аз он иборат аст, ки минбаъд низ саъю кӯшиши худро, дар навбати аввал, ба хотири ҳифзи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар кишвари азизамон сафарбар созанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолияти худ ҳамкории густурдаи минтақавиро воситаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ дониста, ҷонибдори таҳкими муносибатҳои байниҳамдигарии мардумони минтақа бар пояи дӯстӣ ва ҳусни эътимод мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо такя ба ин усул мо метавонем ҳамкориҳоямонро дар соҳаи амният низ густариш бахшида, якҷо бар зидди таҳдиду хатарҳои глобалии муосир дар минтақа муқовимат ва истодагарӣ намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо чунин мешуморем, ки кумак ба эҳёи иқтисодӣ ва рушди иҷтимоии Афғонистон беҳтарин роҳи истиқрори сулҳу субот дар ин кишвар ва таъмини амният дар минтақа мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷомеаи ҷаҳонӣ даъват ба амал меорем, ки ҷиҳати дастгирии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва беҳтар намудани вазъи амниятии ин кишвар кумакҳои амалии худро афзоиш диҳанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зарур аст, ки минбаъд худи ҷавонон ташаббускори амалҳои созанда бошанд, дастовардҳои илмиву эҷодии худро сари вақт муаррифӣ созанд, ба муқобили зуҳуроти номатлуб мубориза баранд, зиракии сиёсиро аз даст надода, дар ҳифзи амнияти ҷомеа ва давлат омода бошанд, таъриху фарҳанги халқамонро гиромӣ доранд ва барои ободиву пешрафти минбаъдаи Ватани маҳбубамон саъю кӯшиш намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳоло таъмини амният дар ҷомеаи ҷаҳонӣ дар сархати масъалаҳои мубрами рӯз қарор дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зуҳуроти терроризм ба субботу амнияти кураи замин хавфу хатари бениҳоят зиёд дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хатарҳои замони муосир, вазъият дар Ховари Миёна, бахусус, вазъи Афғонистони ҳамсоя моро водор месозанд, ки ба масъалаи таъмини амният диққати аввалиндараҷа диҳем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо зарурати рушди минбаъдаи ҳамкориро дар мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва дигар чолишҳо, инчунин таҳдидҳои амнияти байналмилалӣ зикр намудем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҳкими сулҳу субот, фазои эътимод ва ҳамдигарфаҳмӣ дар миқёси минтақавӣ ва байналмилалӣ самтҳои асосии ҷонибҳо дар доираи фаъолияти сиёсати хориҷиашон ба шумор мераванд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо дар доираи баррасии масъалаҳои марбут ба рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ ба вазъи Афғонистон таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардем ва ҷонибдории худро ба ҳадафҳои таъмини сулҳу субот дар ин кишвари ҳамҷавор тасдиқ намудем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Танҳо кадрҳое метавонанд амнияти давлат ва суботи ҷомеаро таъмин намоянд, ки дорои донишҳои муосири ҳарбӣ буда, технологияҳои навтаринро аз худ кардаанд, ҳисси баланди миллӣ доранд ва Ватани худро сидқан дӯст медоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарназардошти воқеияти кунунӣ, бахусус, ҷиҳати пешгирӣ кардан аз хатарҳои афзояндаи терроризму ифротгароӣ ва дигар таҳдидҳои замони муосир, инчунин, вобаста ба вазъияти ҳарбиву сиёсии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки метавонад ба амнияти Тоҷикистон таъсир расонад, ба таври ҷиддӣ тақвият бахшидан ба ҳамкории сохтору мақомоти марбута як амри зарурӣ гардидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин санадҳо тартиби ҳамкории мутақобилаи наздиктари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа ва хадамоти махсуси ду давлатро дар таъмини сулҳу субот дар кишварҳоямон ва дар маҷмӯъ дар минтақаро муайян мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо талошҳоро дар самти барқарор намудани сулҳ ва ризоият дар Афғонистон истиқбол намуда, дар ин раванд ҳамагуна дастгириро ба мардуми Афғонистон идома медиҳем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Рушд ва таҳкими ҳамкории дуҷониба миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон на танҳо бароиояндаи халқҳои мо, балки барои таъмини сулҳу субот ва амният дар тамоми минтақа низ аҳамияти стратегӣ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таъмини қонунияту адолат, амният, сулҳу субот ва ризоият дар ҷомеа аз фаъолияти самараноки мақомоти прокуратура вобаста мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо барои амалҳои минбаъдаи якҷоя оид ба мусоидат ба барқарорнамоии сулҳ ва субот дар Афғонистон изҳори назар намудем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зиёиёни кишвар бояд бо мардум, аз ҷумла наврасону ҷавонон мунтазам вохӯриҳо гузаронида, ғояҳои давлатдорӣ, таҳкими сулҳу субот ва арзишҳои фарҳанги миллиро фаъолона тарғиб намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар фарҷом мехоҳам зикр намоям, ки расидан ба рушди устувор, шукуфоӣ ва амният танҳо тавассути ҳамкории оқилонаву самаранок дар соҳаи об, ҳамкорие, ки бар пояи эътимоди мутақобила ва ба назар гирифтани талаботу ниёзҳои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, инчунин, ҷустуҷӯйи мунтазами роҳҳои беҳтар намудани муколама ва ҳамкорӣ асос ёфта аст, муяссар мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Итминон дорам, ки тамоми мардуми кишвар, аз ҷумла сокинони бонангу номуси шаҳри Душанбе, бо шукронаи соҳибихтиёриву соҳибватанӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар оянда низ ба хотири таҳкими иқтидори иқтисодии давлатамон, ободиву пешрафти Ватани маҳбубамон, рӯзгори боз ҳам осудаи ҳар як оилаи Тоҷикистони азизамон бо ҳисси баланди милливу ватандорӣ саъю талош хоҳанд кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мусаллам аст, ки таъмин намудани сулҳу субот ва амнияти пойдори кишварҳо аз ҷумлаи вазифаҳои калидӣ ва шарти муҳимтарини роҳандозиву пешбурди равандҳои созанда ба хотири рушди устувор дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ ба ҳисоб меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Пӯшида нест, ки дар чунин вазъият кишварҳои дунё дар танҳоӣ наметавонанд дар муқовимат бо хавфу таҳдидҳои афзояндаи амнияту осоиш комёб гарданд ва сулҳу суботро таъмин намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарназардошти воқеияти мавҷуда, мо дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон пурзӯр кардани ҳамкориву шарикиро барои таъмини суботу амнияти фарогир тавассути андешидани иқдомҳои муштарак дар ҷодаи мубориза бо терроризму ифротгароӣ ва аз байн бурдани омилҳои дастгирии сиёсӣ, низомӣ ва молиявии онҳо ҳамчун самти амалии раҳоӣ аз ин вартаи хатарнок муҳим арзёбӣ мекунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барои ноил гаштан ба натиҷаҳои дилхоҳ дар муқовимат бо зуҳуроти хатарзои замони муосир бояд бар пояи ҳусни эътимод ҳамдастиву ҳамоҳангиҳои зичи хадамоту ниҳодҳои амниятии кишварҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба роҳ монда шавад. Мо ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои ин ниҳодҳо дар ҷодаи таъмини суботу амният минбаъд низ талош хоҳем кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯзҳо бар асари ноамниҳо дар нуқтаҳои гуногуни олам таҳдидҳои амниятӣ ба минтақаи мо низ рӯ ба афзоиш мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳангоми боздид аз ҷузъу томҳои ҳарбӣ хуб мушоҳида мегардад, ки афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳи мо барои ҳифзи истиқлолу озодии Ватан, ҳимояи ҳар як ваҷаб хоки сарзамини аҷдодӣ, шарафи Тоҷикистони азиз ва таҳкими амнияти ҷомеаву давлат омодаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Чунин вазъияти ниҳоят ҳассосу носроми ҷаҳон мову шуморо водор мекунад, ки нисбат ба ҳар вақти дигар зираку ҳушёр бошем, дар ғафлат намонем, манфиату зарари худро дар гуфтору амали хеш дуруст дарк кунем, ба қадри бузургтарин неъмату дастовардҳои зиндагиамон–истиқлолу озодӣ, соҳибватаниву соҳибдавлатӣ, сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ расем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳоло шаҳрвандони мамлакатамон ба шарофати истиқлол ва бо истифода аз муҳити сулҳу суботи комил ҳамаи фаризаҳои динии худро озодона анҷом медиҳанд ва хуб медонанд, ки арзишҳои инсонпарваронаву сулҳхоҳонаи исломӣ ҷузъи ҷудоинопазири фарҳанги миллии мо–тоҷикон мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ҷараёни музокирот аҳамияти СММ ва ниҳодҳои он ҳамчун воситаи универсалӣ дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ, таъмини рушди устувор, таҳкими амният ва субот дар ҷаҳон таъкид карда шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ислом дини инсофу адолат, сулҳу амният, талқингари ахлоқи ҳамида ва маънавияти созанда буда, ҳама гуна аъмоли зишту харобиовар, озору шиканҷа, хушунату зӯроварӣ ва қатлу ғоратро маҳкум менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо аз таҷрибаи талхи худ қадри амнияту оромӣ, ризоияти шаҳрвандӣ, ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботро хуб эҳсос мекунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Воқеан, дар ҳар давлате, ки сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ ҳукмфармо бошад, он давлат пайваста пеш меравад, иқтисодиёташ рушд мекунад ва дар натиҷа, мардуми он метавонад ба сатҳи арзандаи  зиндагӣ ноил гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Фаромӯш накунед, ки ҳар давлате, ки дар он сулҳу субот пойдор аст ва мардумаш дӯстона зиндагиву кор мекунанд, он давлат рушд меёбад ва нуфузу обрӯяш дар ҷаҳон баланд мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ҷаҳони ноорому пурҳаводиси муосир ваҳдати миллӣ ва суботу оромӣ барои мардуми мо омили бунёдии дастовардҳои навин, татбиқи нақшаҳои стратегӣ, кафили боэътимоди амнияти давлат ва ҷомеа, зербинои иқтисодиёту иҷтимоиёт ва шарти асосии пешрафту ободии кишвари азизамон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамчунин, ҷонибдориамонро барои рушди минбаъдаи ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди терроризм, ифротгароӣ, идеологияи радикалии динӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва дигар чолишҳову таҳдидҳои амниятӣ баён намудем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ҳамкориҳои натиҷабахшро дар ин самтҳо чун омили пойдории сулҳу субот дар кишварҳоямон ва дар тамоми минтақа мешуморем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳар як сокини мамлакат бояд амиқ дарк намояд, ки дар вазъи кунунии бисёр ҳассосу печидаи ҷаҳон мо бояд сарҷамъу муттаҳид ва зираку ҳушёр бошем, неъмати бузургтарини зиндагии халқамон, яъне истиқлолияту озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро дар ҳама ҳолат ҳимоя кунем ва манфиати давлату миллатамонро аз тамоми манфиатҳои дигар боло гузорем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳарчанд бисёр мушкилу тӯлонӣ буд, вале бо дастгириву пуштибонии самимонаи сокинон дар мамлакат оташи ҷанги таҳмилии бародаркуш хомӯш карда шуд, сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмиву ваҳдати миллӣ барқарор карда шуданд. Ба хурду бузурги Тоҷикистони соҳибистиқлол тандурустиву саодати рӯзгор ва ба кишвари маҳбубамон сулҳу суботи абадӣ, ваҳдати ҷовидонаи миллӣ ва пешрафту тараққиёти рӯзафзун орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз метавонем бо қаноатмандиву ифтихор иброз намоем, ки кулли кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, афсарону прапоршикҳо ва сержантҳову сарбозони Қӯшунҳои дохилӣ ҳамчун сохтори низомии Вазорати корҳои дохилӣ аз рӯзҳои аввали Истиқлоли давлатӣ ва ташкилёбии ин навъи қӯшунҳо дар муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ, таъмини амнияти шаҳрвандон, ҳифзи иншооти махсусан муҳим, мубориза бар зидди терроризму экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, иштирок дар бартараф намудани оқибати ҳодисаҳои нохуш ва дигар ҳолатҳои фавқулода саҳми пурарзишу ватандӯстона гузоштанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тавре пиронсолон мегӯянд, "сарҳадбонон дар Бадахшон гаҳворачунбонанд", зеро 114 деҳаи вилоят дар мавзеъҳои сарҳадӣ ҷойгир мебошанд ва оромиву амнияти мардум танҳо бо хизмати шабонарӯзии сарҳадбонон ва ҳамкории доимии онҳо бо сокинони маҳаллӣ таъмин мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон вазъ торафт пуршиддат гардида, таҳдидҳо ба амният дар миқёси ҷаҳон ва минтақа меафзояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин замина, мехоҳам махсус таъкид намоям, ки ба даст овардани муваффақият дар мубориза бар зидди таҳдидҳои глобалӣ ба амният ҳамоҳангии фаъолияти ҷомеаи байналмилалӣ ва азми қатъии давлатҳоро тақозо мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Комилан аён аст, ки барқарорсозии сулҳу субот дар Афғонистон омили асосии таъмини амнияти кишварҳои минтақа мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Густариши миқёси фаъолияти қуввахои терроризм, экстремизм, радикализми динӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва силоҳ, киберҷиноят ва дигар зуҳуроти хавфноки рӯзҳои мо таҳкими ҳамгироии мутақобиларо дар таъмини амният ва суботи муштарак тақозо мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Пеш аз ҳама, тақвияти ҳамоҳангсозии фаъолияти хадамоти амниятӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳоямонро дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла дар доираи ИДМ ва СҲШ бисёр муҳим мешуморем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо, инчунин, аз қабули Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳамкорӣ дар самти таҳқиқот ва истифодаи фазои кайҳонӣ бо мақсади сулҳ истиқбол менамоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ҳамон шабу рӯз мо хуб мефаҳмидем, ки бартараф сохтани сабабҳои аслии низоъ, ки аз ҷумла бо манфиатҳои геосиёсии баъзе неруҳои хориҷӣ алоқаманд буданд, шарти асосии истиқрори сулҳ ва ризоят дар ҷомеа мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хулосаҳои раванди мазкур возеҳан собит сохтанд, ки таҷрибаи сулҳи Тоҷикистон метавонад дар ҳалли низоъҳо дар дигар минтақаҳои кураи Замин

низ ҳамчун асос хизмат намояд, зеро то он замон мухолифат бо чунин миқёс дар муҳлати кутоҳ муваффақона ҳаллу фасл нашуда буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷониби Тоҷикистон саҳми азими Ҷопонро дар раванди таъмини амнияти минтақавӣ дар чаҳорчӯбаи Муколамаи "Ҷопон+Осиёи Марказӣ" таъкид намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тарафҳо бар онанд, ки густариши дарозмуддати муносибатҳои неки дӯстӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Ҳиндустон ҷавобгӯйи манфиатҳои милливу давлатии ҳар ду ҷониб буда, ба таҳкими сулҳу истиқрори минтақавӣ мусоидат менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандии худро барои ҳамкории васеъ дар самти истиқрори сулҳу субот дар Афғонистон бори дигар таъкид кард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷинояти дигаре, ки ба амнияти ҷомеа хатари ҷиддӣ эҷод мекунад, гардиши ғайриқонунии силоҳ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Кормандони милитсияи тоҷик дар даврони истиқлолият аз имтиҳони вазнини таърих гузашта, хусусан, дар айёми сахту сангини ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта вазифаҳои ба уҳдаи онҳо гузошташударо бошарафона иҷро карданд ва якҷо бо ҷузъу томҳои дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ барои барқарорсозии сохти конститутсионӣ, таъмин намудани волоияти қонун, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ саҳми басо арзишманд гузоштанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Суботу оромии ҳамсоякишварамон – Афғонистон барои мо мисли обу ҳаво зарур аст ва Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ талош меварзад, ки дар ин кишвари дӯст сулҳи пойдор барқарор гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо кӯшишҳои Ҳукумати Афғонистони дӯст ва ҷомеаи ҷаҳонро ҷиҳати роҳандозӣ намудани раванди музокироти сулҳ дар кишвар, ба эътидол

овардани вазъи сиёсиву низомӣ ва таъмини рушди иҷтимоиву иқтисодии он ҳамаҷониба пуштибонӣ мекунем ва бори дигар изҳор медорем, ки қазияи Афғонистон танҳо роҳи ҳалли низомӣ надорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҷриба нишон медиҳад, ки бартараф намудани манбаъҳои маблағгузории терроризм, яъне муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир омили муҳимми пешрафт дар роҳи мубориза бо ин ҷинояти даҳшатнок ба ҳисоб меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Зарур медонам бори дигар таъкид намоям, ки пешрафти босуботи давлат ва ҷомеа, пеш аз ҳама, ба таъмини амният, волоияти қонун, таҳкими тартиботи ҷамъиятӣ ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд асос меёбад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таъмин намудани тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти давлат, суботу оромии ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, мубориза бо ҷинояткорӣ вазифаи бевоситаи хизматӣ ва қарзи виҷдонии ҳар як корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тамоми кормандони мақомоти судӣ, прокуратура, корҳои дохилӣ, амният, агентиҳои назорати маводи нашъаовар, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия бо мақсади таъмин намудани тартиботи ҷамъиятӣ, суботу оромии ҷомеа, пешгирӣ ва сари вақт ошкор кардани ҷиноятҳо, муайян ва бартарафсозии сабабу омилҳои содиршавии онҳо чораҳои ҷиддӣ андешанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳар як фарди ватандӯст бояд дар ҳифзи марзу буми Ватан, таъмини амнияти давлат ва оромиву суботи ҷомеа бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ ҳамкорӣ намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тайи солҳои зиёд Тоҷикистон ҳамчун сипар на танҳо амнияти худ, балки бехатарии минтақа, кишварҳои пасошӯравӣ ва аврупоиро аз паҳншавии маводи мухаддир, силоҳ, терроризму экстремизм ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ таъмин карда истодааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мехоҳам бо ифтихор изҳор намоям, ки Қувваҳои Мусаллаҳ кафили амнияту якпорчагии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон буда, хизматчиёни ҳарбии ҷузъу томҳои низомӣ дар ҳифзи марзу буми Ватан, таъмини амнияти давлат ва зиндагии осудаи сокинони кишвар саҳми бузург доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳифзи марзу буми кишвар аз таҳдиду хатарҳои замони муосир, таъмин намудани амнияти давлату миллат ва суботу оромии ҷомеа бидуни Қувваҳои Мусаллаҳи тавоно ғайриимкон мебошад. Роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ин масъаларо аз рӯзҳои аввали истиқлолият дарк мекард.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо мақсади таъмини амнияти устувор, пешгирӣ кардани хатарҳои торафт афзояндаи терроризму экстремизм ва дигар таҳдидҳои муосир, вазъияти ҳарбиву сиёсии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки метавонад ба амнияти кишвари мо низ бевосита таъсир расонад, бояд ҳамкории судманд бо сохторҳои марбутаи минтақавӣ боз ҳам беҳтар ба роҳ монда шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Равандҳои муосири ҳарбиву сиёсии минтақа ва ҷаҳон собит месозанд, ки сӯйистифода аз терроризм ва идеологияи хушунатомези ифротгароӣ, кӯшишҳои сиёсисозии дини ислом ҳамчун бузургтарин хатар ба таъмини амният, сохти конститутсионӣ, дунявият, сулҳу субот ва рушди иқтисодиву иҷтимоии давлатҳо арзёбӣ мегарданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ба дӯши хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ вазифаҳое гузошта шудаанд, ки тақдири миллат ва давлат, истиқлолу соҳибихтиёрии Ватан, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсии мамлакат аз ҳалли онҳо вобаста мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хотирнишон месозам, ки мо ҷонибдори собитқадами сулҳу оромӣ дар сайёра ва ҳалли ҳама гуна мухолифату низоъҳо бо роҳи осоишта ҳастем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ва ин дар ҳолест, ки ислом табиатан ва моҳиятан ҷаҳонбинии сулҳу салоҳ мебошад ва бо хушунату зӯроварӣ, ҷангу хунрезӣ ва терроризму экстремизм умумияте надорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар самти таъмини амният ҷонибҳо дар мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва қочоқи маводи мухаддир ҳамкории зич ба роҳ мондаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо будубоши пойгоҳи ҳарбии 201-умро дар қаламрави Тоҷикистон яке аз омилҳои калидӣ барои таъмини дастаҷамъонаи амнияти минтақавӣ мешуморем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Воқеаҳои Афғонистон мустақиман ба сатҳи амнияти кишварамон ва дар маҷмуъ минтақа таъсир мерасонанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Қитъаи сарҳадии Тоҷикистону Афғонистон дар самти таъмини амнияти марзҳои ҷанубии Иттиҳод дорои аҳамияти стратегӣ мебошад. Тоҷикистон дар роҳи пахн гардидани таҳдидҳои амниятии аз ин самт бароянда пешоҳанг буда, дар муборизаи муассир бар зидди онҳо саҳми худро мегузорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо ба талошҳои муштараки минбаъда доир ба мусоидат ба истиқрори сулҳу субот дар Афғонистон тавассути роҳҳои сиёсӣ ва дипломатӣ изҳори ҷонибдорӣ намудем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд шукрона кунем, ки давлати озоду Ватани обод дорем ва аз баракати сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ дар фазои осуда зиндагӣ мекунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Барои ҳамин мардуми сулҳдӯсти кишварҳои гуногуни дунё ҳар сол нӯҳуми майро ҳамчун санаи ёдбуди шаҳидони ҷанг ва бузургдошти корномаи мардони далеру шуҷоъ ба муқобили фашизми гитлерӣ таҷлил мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи собиқадорони ҷангу меҳнат, яъне онҳоеро, ки дар майдони муборизаҳои хунин ва ақибгоҳ ҷасорату фидокорӣ нишон дода, дар таъмин намудани пирӯзӣ бар фашизм саҳм гузоштаанд, инчунин, мардуми сулҳхоҳи кишварро самимона табрик мегӯям ва ба ҳамаи онҳо тансиҳативу хонаи обод ва ба Тоҷикистони азизамон сулҳу суботи ҷовидонӣ орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар шароити ҷаҳони ноором ва бисёр мураккаби имрӯза, ки ҷуғрофияи таҳдиду хатарҳои муосир рӯз то рӯз вусъат пайдо карда истодааст, тарғибу ташвиқи сулҳу дӯстӣ, равобити неку созандаи халқу миллатҳои олам ва корнамоиҳои фарзандони далеру шуҷои Ватан дар ҷодаи мубориза бар зидди таҳдидҳои нав, аз қабили терроризму ифротгароӣ, миллатгароиву нажодпарастӣ ва ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ кори ниҳоят муҳим мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз ба ҳамин хотир, халқи тоҷик ба қадри сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ бештар мерасад, онҳоро ҳамчун неъмати бебаҳои зиндагӣ азиз мешуморад ва барои ҳифз кардану пойдор нигоҳ доштани оромии Ватан саъю талош мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳукумати кишвар дар такя ба ирода ва ҷонибдории мардуми Тоҷикистон аз сулҳу субот тамоми кӯшишҳоро ба харҷ дод, то муколамаи васеи миллиро ба роҳ монда, ваҳдати милливу суботи ҷомеаи худро барқарор намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ин зимн онро ҳам таъкид карданиам, ки ҷиҳати расидан ба сулҳи фарогир мо бо Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои он, ҳамчунин, дигар шарикони байналмилалии худ ҳамкории фаъол доштем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон бо дарназардошти аҳаммияти истиқрори сулҳу суботи пойдор дар Афғонистон барои амнияти тамоми минтақа аз иқдому талошҳои созандаи Ҳукумати ин кишвар ва ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ин ҷода комилан пуштибонӣ менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо аз тамоми ҷонибҳои манфиатдор даъват ба амал меорем, ки иқдомҳои муштараку созандаи худро ҷиҳати мусоидати ҳамаҷониба ба дарёфти роҳҳои сулҳомези қазияи Афғонистон тақвияти дучанд бахшанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Итминон дорам, ки ҳамоиши имрӯза ҳамчун майдони муҳимми муколамаи фарогир ва табодули малакаву таҷрибаи пешқадам хизмат карда, меҳвари таваҷҷуҳ ва фаъолияти ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, ки барои таҳкими сулҳу оромӣ ва рушди устувор аз як дидгоҳ амал мекунанд, хоҳад гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ пешорӯи хатару таҳдидҳои амниятии глобалӣ қарор дорад, ки ҳамаи моро ба дарёфти равишҳои нави муқовимат ба онҳо водор месозад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар ҳоли ҳозир амалҳои терроризми байналмилалӣ ва ифрогароӣ пояҳои амнияти байналмилалиро заиф гардонида, сабабгори ноустувории вазъ дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳон ва таҳдидҳо ба шаҳрвандони оддӣ мегарданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Муқовимат ба таҳдидҳои амниятӣ низ муттаҳидии давлатҳоро тақозо намуда, ба ҳеҷ ваҷҳ истифода аз сиёсати “меъёрҳои дугона”-ро намепазирад, зеро чунин муносибат боиси тавсеаи доираи таҳдиду хатарҳои амниятӣ дар шаклу усулҳои ғайримаъмулӣ мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Эътимоди комил дорам, ки ҷавонони ватандӯсти мо минбаъд низ бо илму донишҳои муосир, ҷаҳонбинии васеъ ва саъю талоши навҷӯёнаи худ барои вусъати амалҳои бунёдкорӣ ва боз ҳам таҳким ёфтани нуфузи кишварамон дар арсаи байналмилалӣ талош намуда, дар таҳкими амнияти халқу давлат, сулҳу субот ва боз ҳам устувор гардонидани пояҳои давлатдории миллиамон саҳми худро дареғ намедоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вазифаи имониву инсонии ҳар як фарди бонангу номуси миллат ва мусулмони равшанфикр имрӯз ва ҳамеша аз он иборат аст, ки баробари адои рисолати динӣ қарзи муқаддаси шаҳрвандиашро низ ба ҷо орад ва ҳамаи кӯшишу талоши худро ба сӯи оромиву ободии Ватан, пешрафти давлат, ҳифзи истиқлол, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, ки бузургтарин дастовардҳои мо мебошанд, равона созад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон зарурати пешбурди минбаъдаи талошҳоро ҷиҳати таҳкими сулҳу субот ва амният дар Осиё, таъмиқи ҳамкории бисёрҷанба ва татбиқи чораҳои эътимодсозиро дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва башардӯстӣ дар доираи раванди МҲТБО таъкид менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Баъди аз сар гузаронидани ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми қарни гузашта Тоҷикистон қадру қимати сулҳу суботу оромиро ва зарурати мутлақи ҳифзу таҳкими онҳоро дарк намуда, гиромӣ медорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон ҳамкории самарабахши худро бо Чин дар соҳаи амният муҳим медонад ва дар ин арса онро шарики боэътимод дар ин самт меҳисобад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ҳамаи шаҳрвандони кишвар хонаи обод, саодати рӯзгор ва дар роҳи таҳкими сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, ки асоси хушбахтии сокинони мамлакат ва ободиву пешрафти Ватани маҳбубамон ба ҳисоб меравад, барору комёбӣ орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар чунин лаҳзаҳои ниҳоят вазнину фоҷиабор, ки мардуми тоҷик ташнаи сулҳу оромӣ ва қатъи ҷангу хунрезӣ буданд, Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват ва баргузор гардид ва роҳбарияти нав интихобшудаи давлат масъулияти вазнини ба эътидол овардани вазъи мамлакатро ба дӯши худ гирифт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо музокироти сулҳро бо мухолифини мусаллаҳ бо талабу дархост ва майлу иродаи халқи азизамон, ба хотири қатъи хунрезиҳои даҳшатнок, ҳифзи ягонагии миллат ва нигоҳ доштани якпорчагии давлатамон оғоз кардем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Баъди имзои Созишномаи сулҳ дар кишвар марҳалаи барқарорсозии оқибатҳои ҷанг шурӯъ шуд, ки саъю талоши Ҳукумати мамлакат дар давоми даҳ сол асосан ба ҳамин самт равона гардида буд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Гузашти солҳо собит намуд, ки музокироти сулҳ роҳи асоситарини рафъи ихтилофоти дохилӣ ва асоси пешрафту ободии кишвар мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Беҳуда нест, ки ҳоло таҷрибаи сулҳу оштии миллии мо мавриди омӯзишу истифодаи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва ҷомеаи башарӣ қарор дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мафҳумҳои сулҳу субот ва ваҳдату сарҷамъӣ барои сокинони водии Рашт бисёр арзишманд буда, онҳо қадру манзалат ва ҷойгоҳи ин неъматҳоро хуб медонанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳар яки мо бояд бо дарназардошти вазъи ноором ва ниҳоят мураккаби ҷаҳони муосир мавқеи устувори шаҳрвандӣ дошта бошем, ба шукронаи соҳибдавлативу соҳибватанӣ манфиатҳои милливу давлатиамонро ҳамеша ҳимоя кунем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳкиму тақвият бахшем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Боз ҳам таҳким бахшидани сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ вазифаи муқаддаси ҳар як сокини мамлакат маҳсуб ёфта, дар ин ҷода нақши ҷомеаи соҳибмаърифат ва худшиносу ватандӯст ҳалкунанда мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Воқеан, мафҳуми сулҳ дар баробари дигар арзишҳои соҳибистиқлолӣ меҳвари асосии пойдории давлати мо маҳсуб ёфта, шарти асоситарини зиндагии осуда, хонадони ором ва пешрафти ҷомеаву давлат мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллие, ки дар Ватани маҳбуби мо таъмин гардидааст, бо ҷонбозиву фидокориҳои фарзандони бонангу номуси халқамон ба даст омадааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Расидан ба қадри сулҳ ва ваҳдати миллӣ вазифаи муқаддаси ҳар яки мо ба ҳисоб рафта, дар баробари ин, аз аҳли зиё, омӯзгорон, падару модарон ва умуман, кулли бузургсолон тақозо мегардад, ки ба ҷавонону наврасон моҳияти сулҳу ваҳдат, истиқлолияти давлатӣ ва сарҷамъии миллатро пайваста талқин кунанд ва барои ҷовидон мондани ин арзишҳои бузурги миллӣ кӯшиш намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бовар дорам, ки шумо, фарзандони азиз, бо истифода аз шароити беҳтарине, ки давлату Ҳукумат бароятон фароҳам овардааст, бо баҳои хубу аъло таҳсил мекунед, бо шукргузорӣ аз сулҳу субот ва фазои орому осудаи кишвар ба камол расида, ҳамчун насли ояндасоз Ватани маҳбуби худро боз ҳам ободу зебо мегардонед.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар замони пуртазод ва зудтағйирёбандаи муосир нақши сулҳ ва пойдории он нисбат ба ҳар вақти дигар аҳаммияти хосса касб кардааст. Зеро сулҳу оромӣ муҳимтарин омили рушди аҳли башар мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми Тоҷикистон ҳамеша хостори сулҳу оромӣ дар саросари ҷаҳон буда, хурду бузурги кишвари мо барои ҳифзи ин неъмати бебаҳо саъю талош мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз бо дастгирии мардуми сулҳдӯсту таҳаммулгароямон мо дар кишвар сулҳу оромӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ваҳдати миллиро таъмин кардем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дастоварди таърихии халқи тоҷик мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд ба муқобили ҳама гуна зуҳуроти номатлуби ҷаҳони муосир, аз қабили терроризму экстремизм, радикализми динӣ, қочоқи маводи мухаддир, силоҳ, хариду фурӯши одамон, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва дигар омилҳои хатарзо, ки ба сулҳу суботи ҷаҳон, аз ҷумла кишвари мо таҳдид менамоянд, мубориза барем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷумҳурии Тоҷикистон омода аст, ки минбаъд низ дар ҳалли масъалаву мушкилоти глобалӣ, пеш аз ҳама, пойдории сулҳу суботи сартосарӣ ва тавсеа бахшидан ба ҳамкорӣ миёни кишварҳои минтақа саҳми арзишманд гузорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу оромӣ шарти ободиву пешрафт ва амалӣ гардидани ҳамаи нияту орзуҳои неки ҳар як инсон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз ба ҳамин хотир, мардуми Тоҷикистон ба қадри сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мерасанд ва аз зиндагии орому осудаи имрӯза шукрона мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тайи даврони соҳибистиқлолӣ миллати куҳанбунёди мо бо таҷрибаву собиқаи давлату давлатдорӣ марҳалаи тақдирсози расидан ба сулҳу ваҳдати миллиро паси сар кард ва дар шоҳроҳи амалӣ намудани нақшаҳои азими созандагӣ, ки ҳадафашон бо тақдири наслҳои имрӯзаву оянда пайванди мустақим дорад, қадамҳои устувор гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба шарофати истиқлолу озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мо барои амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии миллиамон ҳамаи заминаҳои заруриро фароҳам овардем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо итминон изҳор медорам, ки мардуми шарифи Тоҷикистон ба хотири таҳкими пояҳои давлатдории навини худ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ беш аз пеш саъю талош карда, ба сӯйи дастовардҳои бештар қадамҳои устувор мегузоранд ва нуфузу эътибори мамлакатро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам устувор мегардонанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Шараф ба мардуми бонангу номус, ватандӯсту ватанпарвар, заҳматкашу ободгар ва сулҳдӯсту фарҳангсолори тоҷик!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман ҳамеша таъкид месозам, ки сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ барои мо, тоҷикон, ҳамчун арзишҳои бисёр азизу муқаддас аҳаммияти калидӣ доранд ва ҳифзу таҳкими онҳо вазифаи ҷониву имонии ҳар як шаҳрванди бонангу номуси Тоҷикистон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Воқеан, ноил гаштан ба сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ яке аз дастовардҳои бузурги даврони истиқлолият мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Маҳз сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ба мо имкон фароҳам овард, ки то имрӯз ба хотири пешрафти Ватани аҷдодиамон бисёр икдомоти бунёдгаронаро анҷом диҳем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар шароити бисёр ҳассосу мураккаби ҷаҳони муосир ҳимояи дастовардҳои замони истиқлол–сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва хифзи манфиатҳои давлату миллат вазифаи ҳар фарди бонангу номуси миллат мебошад.

***

Бигузор, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар сарзамини аҷдодии мо абадӣ бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

***

Соли сипаришаванда собит намуд, ки мардуми бонангу номус ва ватандӯсту ватанпарвари мо ба қадри сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мерасанд ва барои ҳимояи истиқлолу озодии Тоҷикистони маҳбубамон ҳамеша омодаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Амалҳои даҳшатноки террористӣ, ки солҳои охир дар гӯшаҳои гуногуни олам содир гардида, боиси марги ҳазорон одамони бегуноҳ шуда истодаанд, возеҳ нишон медиҳанд, ки терроризм имрӯзҳо ба таҳдиди воқеиву ҷиддӣ ба амнияту суботи ҷаҳон ва пешрафти инсоният табдил ёфтааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Созмонҳои террористӣ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ва бо роҳи тафсири ғаразноки сарчашмаҳои динӣ дар мафкураи ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳ ғояҳои тундгароиро ҷой карда, онҳоро ба қатлу куштор, барҳам задани амният ва суботу оромӣ дар мамлакатҳои гуногун ташвиқ менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Рушду тавсеаи ҳамкориҳои минтақавӣ ва таъмину таҳкими амнияту субот дар минтақаи Осиёи Марказӣ яке аз рукнҳои бунёдии сиёсати хориҷии давлати моро ташкил медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мусаллам аст, ки амнияту суботи минтақаи мо, қабл аз ҳама, бо вазъи Афғонистон вобастагӣ дорад ва идомаи минбаъдаи муноқишаву низоъ дар ин кишвари ҳамсоя метавонад ҳам барои ин давлат ва ҳам барои минтақа оқибатҳои манфии дарозмуддатро ба бор орад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ман ба ҳисси баланди миллӣ ва матонату мардонагии хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони озод эътимод дорам ва бо ифтихору итминон изҳор медорам, ки онҳо минбаъд низ истиқлолу озодии Ватани маҳбубамон, амнияти давлат ва суботу оромии мардуми моро чун сипари боэътимод ҳимоя мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳанӯз дар оғози таъсисёбии Артиши миллӣ, яъне дар шароити ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ афсарону сарбозони шуҷоъ ба савганди ҳарбии худ содиқ монда, барои барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ҳимояи истиқлолияти давлатӣ, қатъи ҷангу хунрезӣ, аз нестшавӣ ва парокандагӣ нигоҳ доштани давлату миллат, истиқрори сулҳу оромӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таъмини ҳаёти осоиштаи мардуми Тоҷикистон саҳми ниҳоят арзишманд гузоштанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ дар солҳои душвори муқовимати мусаллаҳонаи дохилӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ қарзи фарзандии худро дар назди Ватан ва халқи Тоҷикистон содиқона иҷро карда, дар роҳи ба эътидол овардани вазъият, яъне қатъи ҷангу хунрезӣ, таъмини сулҳу субот ва мубориза бар зидди гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ саҳми басо аришманд гузоштанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мехоҳам бо ифтихор иброз намоям, ки бо талошу ҷоннисориҳои фарзандони бонангу номуси Ватан сохти конститутсионӣ дар Тоҷикистон барқарор гардида, заминаи мусоиди сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва фароҳам овардани шароит барои рушди минбаъдаи соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт гузошта шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо на танҳо дар рӯзҳои ҷашн, балки ҳамеша хотираи ҷавонмардонеро, ки барои барқарор намудани сохти конститутсионӣ, пойдории сулҳу субот, ҳимояи марзу буми Ватан ва ҳифзи зиндагии орому осудаи сокинони мамлакат ҷони худро нисор кардаанд, пос медорем ва номи неку корномаҳои ватандӯстонаи онҳоро ҳаргиз фаромӯш намекунем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мавқеи ниҳоят ҳассоси ҷуғрофии Тоҷикистон моро водор ва вазифадор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти давлат, сулҳу оромии ҷомеа ва суботи сиёсии кишвари худ тамоми чораҳои заруриро андешем ва ҳамаи захираву имкониятҳоро сафарбар созем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таъкид месозам, ки ҳимояи амнияти давлат, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсии ҷомеа вазифаи танҳо сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамчунин, вазъи кунунии минтақа ҳар як хизматчии ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро водор месозад, ки бо ҳисси баланди ватандӯстиву ватанпарварӣ ба хотири таъмини амнияти Ватани азизамон, ҳифзи сулҳу субот, оромии кишвар ва ҳимояи манфиатҳои милливу давлатӣ ҳамеша омода бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таъкид месозам, ки ҳимояи амнияти ҷомеа ва давлат, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ имрӯз масъалаи муҳимтарини фаъолияти ҳаррӯзаи хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо камоли ифтихор ҳамаи шумо, собиқадорон ва тамоми хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро, ки дар бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ, ҳифзи марзу буми Ватан, таъмини амнияти давлат ва осоиши ҷомеа саҳми бузург доранд, самимона табрик менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои созандаи давлат ва Ҳукумати мамлакат дар назди Қувваҳои Мусаллаҳ вобаста ба ҳимояи соҳибихтиёрӣ, ҳифзи сулҳу субот, манфиатҳои давлат ва амнияти шаҳрвандон вазифаҳои бисёр пурмасъулият, вале пуршараф гузошта шудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳамаи ин зуҳуроти номатлуби асри мо боиси торафт коҳиш ёфтани эътимоди байни кишварҳо гардида, метавонад амнияти байналмилалиро ба хатару таҳдидҳои бештари миқёси ҷаҳонӣ рӯ ба рӯ созад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Чунин таҳаввулоту ҳодисаҳои харобиовари солҳои охири сайёра, аз ҷумла вусъатёбии таҳдиду хатарҳои муосир ба амнияти кишварҳои минтақа ва ҷаҳон моро водор месозанд, ки ҷиҳати ба талаботи рӯз мутобиқ гардонидани сатҳи омодабошии ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳ минбаъд низ ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ карда, иқтидори мудофиавии мамлакатро бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо пайгирона тақвият бахшем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Занону модарони мо ҳанӯз дар оғози даврони истиқлоли давлатӣ ба хотири ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои худ ва ба эътидол овардани вазъи кишвар азму талош карда, дар роҳи расидан ба сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ саҳми арзишманд гузоштанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вазъи имрӯзаи минтақа ва ҷаҳон моро водор месозад, ки беш аз ҳар вақти дигар ҳушёр бошем, барои пойдории сулҳу субот, амнияти давлат, оромии ҷомеа ва пешрафти устувори иқтисодиву иҷтимоии кишварамон тамоми имконият ва неруи мавҷудаи худро сафарбар намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар чунин шароит сабақҳои талхи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои навадуми асри гузашта ҳар яки моро ҳушдор медиҳанд, ки барои ҳифзи сулҳи пойдор, суботу оромӣ ва зиндагии осудаи шаҳрвандони мамлакат ҳамеша ҳушёру омода бошем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таҷлили ҳамасолаи Рӯзи Ғалаба ба аҳли башар бори дигар собит месозад, ки мустаҳкам намудани дӯстиву ҳамкорӣ ва робитаҳои неку созандаи халқу давлатҳои гуногун омили асосии таъмин намудани сулҳу суботи сайёра, рушди давлату халқҳои ҷаҳон ва рӯзгори орому осудаи мардуми олам буда, инсоният танҳо бо саъю талоши муштарак метавонад бар зидди ҳама гуна неруҳои бадхоҳ истодагарӣ намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар суханрониҳо ва мурочиатномаи худ ба мардуми шарифи Тоҷикистон изҳор доштам, аз оғози ҳазораи нав ва махсусан, аз ибтидои соли 2020 вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳам бо сабаби буҳрони шадиди иқтисодиву молиявӣ, ҳам аз нигоҳи амнияти ҳар як давлат ва бехатарии саломативу ҳаёти шаҳрвандони он нисбат ба давраи Ҷанги дуюми ҷаҳон хатарноку вазнинтар гардида истодааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҷавонони далеру ғаюри мо дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ сарбаландона ва содиқона хизмат карда, дар таъмини амнияти давлат, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва ҳифзи дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ нақши бузург доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар шароити торафт мураккаб гардидани авзои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва вусъатёбии таҳдиду хатарҳои нав ба амнияти давлатҳо ва сокинони сайёра, аз ҷумла терроризм, ифротгароӣ, дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, инчунин, паҳншавии ҳар гуна бемориҳои сироятӣ ҷавонон бояд ҳушёру фаъол ва барои ҳимояи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлату халқи худ ҳамеша омода бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо эътимоди комил метавон гуфт, ки ҷавонони тоҷик аз уҳдаи иҷрои қарзи ватандорӣ ва фарзандии худ сарбаландона мебароянд, арзишҳои миллиро ҳифз мекунанд, амнияту оромии Ватани азизамонро шабу рӯз ҳимоя менамоянд ва бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ ба хотири рушди Тоҷикистони биҳиштосоямон минбаъд низ саъю талош мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вазъи ҳассоси ҷаҳони имрӯза мову шуморо водор месозад, ки нангу номуси миллӣ, ҳисси баланди ватандӯстиву ватанпарастӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори миллии худро аз даст надиҳем, ба хотири таҳкими амнияти давлату ҷомеа ва ободиву пешрафти ҳамаҷонибаи Ватани азизамон аҳлона саъю талош намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таъсис ёфтани Қӯшунҳои сарҳадӣ ба сифати сохтори алоҳидаи низомӣ дар таърихи навини Тоҷикистон рӯйдоди муҳим буда, ҷиҳати пойдории давлатдории миллӣ, ҳифзи амнияти ҷомеа ва ҳимояи марзу буми кишвар нақши бузург ва таърихӣ бозид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хусусан дар шароите, ки таҳдиду хатарҳои нав, пеш аз ҳама, терроризм, ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ба суботу оромӣ ва амнияти кишварҳои минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистони мо хатари воқеӣ эҷод мекунанд, ҳайати шахсии Қӯшунҳои сарҳадӣ, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазифадоранд, ки беш аз ҳар вақти дигар бо риояи интизоми оҳанини низомӣ ва талаботи оинномаҳои ҳарбӣ дар ҳоли омодагии доимӣ қарор дошта бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таъмин намудани сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, ки аз Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии мамлакат сарчашма мегирад, барои қатъи мухолифати мусаллаҳона ва ҷангу хунрезӣ, сарҷамъии миллати тоҷик, ба Ватан баргардонидани гурезаҳо, бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва таъсиси низоми ҳуқуқии адолатпеша асоси мустаҳкам гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз мо бо ифтихор иброз медорем, ки ҳар як шаҳрванди бонангу номуси мамлакат барои мустаҳкам гардидани сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ҳифзи осудагии кишвар, тақвияти пояҳои давлатдории миллӣ, рушду тараққиёти давлат ва ободии Ватани азизамон талош менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ин дастаи хоинони миллат ҳатто баъди имзои созишномаи сулҳ низ, ки 27-уми июни соли 1997 сурат гирифт, дар давоми чандин сол ба кирдорҳои нопоку душманонаи худ – тарконидани иншооту биноҳо, қатлу куштор ва террор идома дода, ҳатто якчанд маротиба ба табаддулоти ҳарбиву давлатӣ даст заданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ба мардуми Тоҷикистон дар натиҷаи саъю талоши шабонарӯзии фарзандони огоҳу бедордили миллат, музокироти бисёр мушкилу тӯлонӣ ва ҳамзамон бо ин, бар ивази ҷони ҳазорон нафар ҷавонмардони содиқу ватандӯст муяссар гардидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бори дигар бо ифтихор иброз менамоям, ки таъмини сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ хизмати бузургу таърихии халқи тоҷик аст ва қаҳрамони сулҳу ваҳдати миллӣ низ танҳо халқи Тоҷикистон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳоло Тоҷикистони азизи мо дар фазои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ба сӯи фардои боз ҳам ободу осуда қадамҳои устувор мегузорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Агар дар мамлакат сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, сарҷамъии миллат ва ваҳдати миллӣ ҳукмфармо бошад, тамоми нияту ҳадафҳои нек ва нақшаву барномаҳо ичро мегарданд ва ҳамаи масъалаву мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ батадриҷ бартараф карда мешаванд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Воқеан, сулҳ неъмати бебаҳо буда, хусусан, барои сокинони Тоҷикистон арзиши бузург дорад. Зеро мардуми мо сулҳу оромӣ ва суботи сиёсиро бо баҳои ниҳоят гарон ва бо таҳаммул кардани машаққату маҳрумиятҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба даст оварданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Насли наврас ва ҷавонони имрӯза бояд аз сабақи гузашта омӯзанд ва барои таҳкими сулҳу субот дар кишвар талош намуда, дар ҳифзу устувории давлатдории миллӣ саҳми бевоситаи хешро гузоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Рисолати аслии устодону омӯзгорон ва падару модарон дар ин самт аз он иборат аст, ки ба насли наврас ва ҷавонони имрӯза таърихи фоҷиабор ва таҷрибаи талхи миллатро омӯзонанд ва онҳоро барои ҳифзу пойдории сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва боз ҳам мустаҳкам намудани давлати озоду соҳибистиқлоламон омода созанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу оромӣ шарти муҳимтарини устуворӣ ва пойдории давлат, осоиши ҷомеа ва амалӣ шудани нияту орзуҳои ҳар як фард мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо бояд ба қадри сулҳу оромӣ расем ва аҳаммияти онро дар миёни аҳли ҷомеа, алалхусус, ба наврасону ҷавонон боз ҳам бештар тарғиб намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дарси сулҳ ба маънои дигар дарси ватандӯстӣ ва шинохти сабақҳои таърих ба хотири фардои ободи Тоҷикистони азиз мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми тоҷик аз давраҳои бостон то ба имрӯз баробари таҳкими дӯстиву рафоқат ва сулҳу субот ба қадри илму дониш ва мактабу маориф низ

мерасанд ва ба ин манбаи ташаккулдиҳандаи арзишҳои маънавии ҳаёти инсон арҷ мегузоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар шароити имрӯза амнияти миллии кишварҳо аслан аз тариқи баланд бардоштани фаъолияти илмиву технологии тамоми соҳаҳо, рушди сармояи зеҳнӣ ва сатҳи баланди рақобатнокӣ таъмин карда мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Роҳбарону масъулони ноҳия, ҷамоатҳои деҳот, фаъолон ва аҳли зиё бояд корро дар байни аҳолӣ доир ба аҳаммият ва нақши истиқлолу озодӣ дар ҳаёти ҳар як инсон, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, расидан ба қадри Ватан, миллат ва арзишҳои неки миллӣ ҷоннок намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва риояи қонунияту тартибот дар саросари кишвар, яъне таъмин будани волоияти қонун шарти муҳимтарини рушди минбаъдаи кишвар мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Хизматчиёни ҳарбии гвардия паҳлу ба паҳлу бо дигар сохторҳои низомии мамлакат дар барқарор намудани сохти конститутсионӣ, таъмини сулҳу субот ва ҳаёти осоиштаи мардуми Тоҷикистон саҳми арзишманд гузоштаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар шароите, ки сокинони сайёра ва минтақаҳои алоҳидаи он таҳти таъсири гурӯҳу ҳаракатҳои террористиву ифротгаро, радикализми динӣ, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ, аз ҷумла қочоқ ва муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, силоҳ ва ҷиноятҳои дигар торафт нооором шуда истодааст, ҳар як хизматчии ҳарбӣ–аз сарбози қаторӣ то афсари баландрутба вазифадор аст, ки барои ҳимояи истиқлолу озодии Ватан, амнияти давлат ва ҷомеа, таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҷамъиятӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ҳамеша ҳушёру омода бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сабақи дигари даврони соҳибистиқлолӣ ин аст, ки нияту орзуҳои ҳар як фарди ҷомеа ва нақшаву барномаҳои созандаи Ҳукумати мамлакат танҳо дар сурати соҳиби Ватани озоду соҳибихтиёр, давлати неруманду устувор будани мо, инчунин, дар шароити сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ амалӣ мегарданд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳар як шаҳрванди худогоҳи кишвар бояд то чӣ андоза муҳим будани истиқлолу озодӣ, давлати миллӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро амиқан дарк намояд ва барои таҳкиму тақвият бахшидани низоми давлатдории демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ, ки бо майлу иродаи халқи Тоҷикистон интихоб шудааст, саҳми ватандӯстонаи хешро гузорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо мақсади ҳифзи амнияти давлат ва ҷомеа Артиши миллӣ ва дигар сохтору мақомоти босалоҳият, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои ҳокимияти иҷроияро таъсис додем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар таранnуми ғояҳои меҳанпарастӣ, худшиносии миллӣ, шукргузорӣ аз соҳибистиқлолии Ватан ва пойдории сулҳу ваҳдати миллӣ бояд пешсаф бошед.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонӣ, бахусус дар пасманзари афзоиши таҳдиду хатарҳои глобалӣ сабақҳои талхи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳар яки моро ҳушдор медиҳанд, ки барои ҳифзи сулҳи пойдор, суботу оромӣ ва зиндагии осудаи инсоният ҳамеша омода ва муттаҳид бошем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо дарназардошти таҷрибаи дар роҳи мубориза алайҳи терроризм, ифротгароӣ, маводи мухаддир андӯхтаи кишвар ва бо мақсади муаррифии таҷрибаи сулҳи тоҷикон мо ният дорем номзадии Тоҷикистонро ба узвияти ғайридоимӣ дар Шӯрои Амнияти Созмон барои солҳои 2028-2029 пешбарӣ намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Чӣ тавре мо борҳо таъкид намудаем, қазияи Афғонистон роҳи ҳалли низомӣ надорад ва Тоҷикистон аз равандҳои музокироти сулҳофарӣ ва ҳар иқдоме, ки ба ҳалли буҳрони сиёсӣ дар Афғонистон нигаронида шудааст, комилан ҷонибдорӣ менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Таъкид менамоям, ки омили асоситарини ҳалли ҳамаи мушкилоти мавҷуда муттаҳидиву сарҷамъии сокинон, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсии мамлакат мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми шарифи Тоҷикистон ҷасорату ҷоннисориҳои ҷавонмардони далеру ғаюри шаҳри Кӯлобро ба хотири барқарорсозии сохти конститутсионӣ ва сулҳу оромӣ ҳаргиз фаромӯш намекунанд ва хизмати воқеан таърихии онҳоро ҳамеша ба некӣ ба ёд меоранд. Бовар дорам, ки мардуми ватандӯсти шаҳр дар оянда низ дар ҳифзи истиқлолу озодии Ватани аҷдодӣ, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва пешрафти давлати озоди тоҷикон дар сафи пеш қарор хоҳанд дошт.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Натиҷаи ҳамин хислатҳои нек, инчунин, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мебошад, ки мо дар бисту нуҳ соли соҳибистиқлолӣ давлати худро хеле неруманд ва Ватанамонро ободу зебо гардонидем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳар яки моро зарур аст, ки ин неъмати бебаҳо, яъне истиқлолу озодӣ ва сулҳу оромии кишварро минбаъд низ азизу муқаддас донем, барои ҳифзу таҳкими суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ саъю талош намоем ва ҳамеша дар андешаи боз ҳам ободу зебо гардонидани сарзамини аҷдодиамон, тақвияти пояҳои давлати озоду соҳибихтиёрамон ва пешрафти Ватани маҳбубамон бошем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, кормандони ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ, яъне хизматчиёни давлатӣ ва фаъолон дар марҳалаи кунунии рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба корҳои созандагиву

ободкорӣ, ҳифзи бузургтарин дастоварди халқамон, яъне истиқлолу озодӣ, таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ҷалб кардану ҳидоят намудани мардум мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Имрӯз хуб дарк мекунам, ки ихлосу эътимоди мардум масъулияти маро барои ба ҷо овардани рисолати бузурги давлатдорӣ, яъне роҳбарӣ кардани давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, ҳифзи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, таъмин намудани фаъолияти муназзаму босамари рукнҳои давлатдорӣ, амнияти ҷомеа ва давлат, волоияти қонун, рушди бомароми иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва муҳимтар аз ҳама, боз ҳам беҳтар гардонидани шароити зиндагиву рӯзгори сокинони мамлакат бамаротиб меафзояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, амнияти давлат ва ҷомеа, риояи қонунияту тартиботи ҷамъиятӣ рисолати касбӣ ва вазифаи ҷонии хизматчиёни ҳарбии сохторҳои низомӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Сулҳи босубот ва амният дар фазои СҲШ гарави рушди муваффақонаи мо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо идома додани кори муштараки мақсаднокро дар мубориза бо таҳдидҳои ҷаҳонӣ ва чолишҳои амниятӣ зарур мешуморем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Дар пасманзари вазъи тезутунди имрӯза дар ҷаҳон аҳаммияти тақвият бахшидан ба иқтидори СААД ҷиҳати муқовимати самарабахш ба хатару таҳдидҳои амниятӣ дучанд меафзояд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Баргузор гардидани ду чорабинии бисёр муҳимми сиёсӣ – интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва интихоботи Президенти мамлакат далели возеҳи пойдории сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, тавсеа ёфтани фарҳанги сиёсиву ҳуқуқии шаҳрвандони кишварамон ва умуман, дастоварди бузурги низоми сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе ба даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯйи таъмини амният ворид гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Идомаи муаррифии шоистаи нақшаҳои бунёдкорона, иқдомҳои сулҳҷӯёна ва азму ниятҳои неку созандаи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ, ҳамчунин, ҳузури фаъоли кишвари мо дар раванди ҳаллу фасли мушкилоти олами муосир аз ҷумлаи ҳадафҳое мебошанд, ки барои расидан ба онҳо минбаъд низ кӯшиш ба харҷ хоҳем дод.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Вазифаи аз ҳама муҳим – ҳимояи марзу буми давлат, таъмини амнияти давлату миллат ва ҳифзи суботу оромии ҷомеа, пешгирӣ ва бартараф кардани ҳама гуна таҳдиду хатарҳои берунӣ, таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҷамъиятӣ ба зиммаи Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вогузор гардидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба ҳайси кишвари пешбар дар ҳалли масоили мубрами амниятӣ, обу экология ва тағйирёбии иқлим эътироф гардидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳифзи сулҳу субот ва таъмини амнияти пойдор дар минтақаи Осиёи Марказӣ, тавре ки борҳо таъкид карда будам, дар сархати авлавиятҳои калидии сиёсати хориҷии давлати мо қарор дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Пӯшида нест, ки Тоҷикистон дар хатти пеши мубориза бар зидди таҳдиду хатарҳои замони муосир қарор дошта, дар таъмини амнияти минтақа нақши муҳим дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо минбаъд низ бо кишварҳои минтақа ва ҳамҷавор, аз ҷумла бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва дигар шарикони худ ҳамкории зичу судмандро дар соҳаи амният идома хоҳем дод.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо итминон дорем, ки ба суботу амнияти пойдор дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон метавон танҳо аз тариқи раванди сулҳе расид, ки аз ҷониби Ҳукумати Афғонистон ва мардуми он идора, назорат ва пеш бурда мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳифзи сулҳу субот ва таъмини амнияти пойдор дар минтақаи Осиёи Марказӣ, тавре ки борҳо таъкид карда будам, дар сархатти авлавиятҳои калидии сиёсати хориҷии давлати мо қарор дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мо итминон дорем, ки ба суботу амнияти пойдор дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон метавон танҳо аз тариқи раванди сулҳе расид, ки аз ҷониби Ҳукумати Афғонистон ва мардуми он идора, назорат ва пеш бурда мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Бо қаноатмандиву сипос хотирнишон месозам, ки ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳимояи истиқлолу озодии Ватан ва дастовардҳои таърихии он – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявии Тоҷикистон, ҳифзи марзу буми сарзамини аҷдодӣ, таъмини амнияти давлат ва осоиши ҷомеа саҳми басо арзишманд доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Мардуми шарифи Тоҷикистон хизматҳои таърихии фарзандони далеру шуҷои худро ҳамеша пос медоранд ва хотираи ҷавонмардонеро, ки барои барқарор намудани сохти конститутсионӣ, пойдории сулҳу субот, ҳимояи марзу буми Ватан ва ҳифзи зиндагии орому осудаи сокинони мамлакат ҷони худро нисор кардаанд, ҳаргиз фаромӯш намекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ҳоло аз ҷониби Ҳукумати мамлакат дар назди Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобаста ба ҳифзи истиқлолу озодии Ватани маҳбубамон, ҳимояи сулҳу субот, манфиатҳои миллӣ, таъмин намудани амнияти давлату ҷомеа ва волоияти қонун вазифаҳои бисёр пурмасъулият гузошта шудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Ба ҳамаи шумо дар ҷодаи ҳифзи Ватани азизамон, таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, зиндагии орому осудаи мардуми Тоҷикистон рӯҳи қавӣ, иродаи матин ва барору комёбиҳо орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Итминони комил дорам, ки ҳар фарди бонангу номуси миллат минбаъд низ ба хотири ободиву пешрафти Ватани азизамон, ҳаёти осоиштаи мардум, таҳкими сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва истиқболи арзандаи ҷашни сисолагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистони маҳбубамон саъю талош хоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон

**МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Бахшида ба 25-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ**
**ва 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# СУЛҲ ВА АМНИЯТ

## ДАР СУХАНРОНИҲОИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН